**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ**

**АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ**

**ТДУ: 372.811.21/.22(575.3)**
**ТБК: 81(2Т)**
**Б - 76**

*Ба ҳуқуқи дастнавис*

**БОЗОРОВ ХУШВАХТ**

# АСОСҲОИ МЕТОДИИ ТАШАККУЛИ МАЛАКАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ МУСТАҚИЛОНАИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ МОДАРӢ ВА ИНКИШОФИ ЗЕҲНИИ ТАЛАБАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

**Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии**
**доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси**
**13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия**
**(13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ**
**(тахсилоти миёнаи умумӣ))**

**Мушовири илмӣ:**
Шарифзода Файзулло, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

**КӮЛОБ – 2024**

## МУНДАРИҶА


| | |
|---|---|
| Муқаддима | 4 |
| Боби I. Рушди ақидаи ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи таълимии талабагони хурдсол дар таҳқиқоти равоншиносию педагогӣ | 20 |
| 1.1. Муқаррароти назариявии рушди зеҳнӣ ва нутқӣ – мақсади асосии фаъолияти мустақилонаи таълимии талабагони синфҳои ибтидоӣ | 20 |
| 1.2. Имконияти зеҳнии талабагони хурдсол дар раванди ташкили фаъолияти мустақилонаи таълимии онҳо дар асарҳои методӣ | 46 |
| 1.3. Таҳлил ва баҳодиҳӣ ба сифати нақша ва барномаҳои таълим, китобҳои дарсӣ, дастур ва маводи дидактикӣ оид ба таълими забони модарӣ (мазмуни таълим) вобаста ба фаъолияти мустақилонаи таълимии талабагони хурдсол | 57 |
| 1.4. Сатҳи салоҳиятмандии кадрҳои педагогӣ ва фаъолияти ташаккулдиҳандаи мустақилонаи таълимӣ дар робита бо имконоти зеҳнию нутқии талабагони синфҳои ибтидоӣ | 81 |
| 1.5. Вазъи ташкили фаъолияти мустақилонаи таълимии талабагони синфҳои ибтидоӣ дар машғулиятҳои забони модарӣ | 92 |
| Хулосаи боби якум | 107 |
| Боби II. Фаъолияти мустақилонаи таълимӣ омили ҳалкунандаи рушди зеҳнию нутқии талабагони синфҳои ибтидоӣ дар машғулиятҳои забони модарӣ | 109 |
| 2.1. Мақсад ва вазифаҳои фаъолияти мустақилонаи таълимӣ дар раванди таълими забони модарии синфҳои ибтидоӣ | 109 |
| 2.2. Тарҳи мазмун ва намудҳои фаъолияти мустақилонаи таълимӣ дар рушди зеҳнию нутқии талабагони синфҳои ибтидоӣ | 142 |
| 2.3.Ҷанбаи талаботию ҳавасмандона анҷом додани фаъолияти муста- қилонаи талабагони синфҳои ибтидоӣ дар рушди зеҳнию нутқии онҳо | 171 |
| 2.4. Вусъати фаъолияти мустақилонаи таълимӣ дар робитаи мутақобила бо рушди зеҳнию нутқии талабагони синфҳои ибтидоӣ | 190 |
| Хулосаи боби дуюм | 220 |

Боби III.Таъмини технологии робитаи мутақобилаи фаъолияти мустақилонаи таълимӣ ба рушди зеҳнию нутқии талабагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои забони модарӣ 226
3.1.Методикаи ибтикории ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи таълимӣ дар рушди зеҳнию нутқии талабагон дар дарсҳои забони модарӣ 226
3.2. Ташкили шаклҳои таълими беруназсинфӣ ва фаъолияти мустақилонаи таълимӣ аз забони модарӣ дар рушди нутқи талабагони синфҳои ибтидоӣ 255
3.3. Методикаи ибтикории ташкили фаъолияти таълимии мустақилонаи хонагӣ дар рушди зеҳнию забонии талабагони хурдсол 271
Хулосаи боби сеюм 286
Боби IV. Сатҳи ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи таълимӣ дар робита ба рушди зеҳнию нутқии талабагон дар дарсҳои забони модарӣ 288
4.1.Асосмандии методии интихоби шаклҳо, мазмун ва намудҳои фаъолияти таълимии мустақилона дар раванди омӯзиши забони модарии синфҳои ибтидоӣ 288
4.2. Иҷрои бошууронаи фаъолияти мустақилонаи кӯдакон дар омӯзиши забони модарӣ 313
4.3.Самарабахшии технологияи ташаккули малакаи фаъолияти таълимии мустақилона ва рушди зеҳнию забонии талабагони синфҳои ибтидоӣ 334
Хулосаи боби 4 341
Хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳо 344
Адабиёти истифодашуда 351

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар ҷаҳони муосири зудтағйирёбанда ва пур аз тазодҳо шаҳрвандон бояд дорои сифатҳои ташаббускорӣ, навоварӣ, татбиқсозӣ, тағйирпазирӣ, уҳдабарой, масъулиятшиносӣ ва созандагию эҷодӣ бошанд.

Дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ, бахусус, дар дарсҳои забони модарӣ барои муваффақ шудан ба ин сифатҳо фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ба хотири рушди зеҳн ва нутқи хонандагон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Таҷрибаи байналмилалӣ ва шароити кунунии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки имрӯз танҳо бо дониш мусаллаҳ будан кифоя нест. Вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва инкишофи босуръати муносибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дониш, маҳорат ва малакаи худро дар амал истифода карда тавонистан яке аз омилҳои ба замони муосир мутобиқгардонии талабагон ба шумор меравад.

Пешрафти ҷомеаи муосир ба дастовардҳои сатҳи ҷаҳонии рушди бомароми соҳаи маориф пайванд буда, беҳтар ба роҳ мондани сифати таҳсилот ба инкишофи ҳамаҷонибаи соҳа вобаста мебошад.

Айни замон, беҳтар ба роҳ мондани сатҳу сифати таълим ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, барои таъмини пешрафти соҳаҳои илму маориф ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ аз тамоми имконият истифода карда, ба рушди соҳа аҳаммияти аввалиндараҷа дода истодааст. Яке аз тадбирҳои басо муҳимми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим мебошад.

Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №526 тасдиқ шудааст) талаб менамояд, ки ба рушди малакаҳои амалӣ (ҳаётӣ, воқеӣ) диққати асосӣ дода шавад. Ҳангоми ба

таълим муносибати босалоҳият намудан, аз саволҳои “Хонанда чӣ кор карда метавонад?”, “Хонанда кадом амалҳоро иҷро карда метавонад?” истифода бурдан лозим аст. Дар муносибати босалоҳият ба таълим дониш ҷузъи таркибии малака маҳсуб ёфта, барои санҷидан, муқоиса кардан (бо намуна) ва ислоҳи ғалатҳо истифода мешавад. Ҳангоми иҷрои кори мустақилона диққати асосӣ ба ҷиҳати амалии азхудкунии дониш, малака ва маҳорат равона шуда, мақсад омода кардани талабагон ба ҳаёти мустақилона мебошад. Барои ин ба назар гирифтани донишҳои заминавии хонанда зарур аст. Машқи амалӣ ва кори мустақилона ба сатҳи дониш ва қобилияти хонанда бояд мувофиқ бошад. Иҷрои кори мустақилона дар хонанда ҳавасмандиро ба вуҷуд оварад. Яъне, раванди дарсҳои забони модарӣ ба рушди бомароми зеҳнию нутқӣ мусоидат карда, талабагон барои аз худ намудани асосҳои дониш масъул бошанд. Онҳо худро ҳамчун шахси арзанда ва аъзои коллективи синф ҳис кунанд.

Талабагон бояд мақсаднок ва ба таври мушаххас хонанд, нависанд, дар иҷрои кори мустақилона ба ҷустуҷӯ, кунҷковӣ ва эҷодкорӣ рағбат пайдо кунанд. Барои мустақилона омӯхтан ҳавасманд бошанд ва дар фаъолиятҳои таълимӣ, масалан, хондан, навишатан ва фаъолиятҳои дигари таълимӣ фаъол бошанд, аз варақаҳои машқу мисолҳо пайваста истифода баранд. Баъзан ба талабагон имконият дода шавад, ки барои хондан ва таҳлили китоби хондаашон омода бошанд. Дар таҳияи лоиҳавии китоби бадеӣ иштирок карда, китоби бадеиро барои хондан ва навиштан интихоб намуда, муносибати шахсии худро нисбат ба мазмуни он пешгӯйӣ карда тавонанд. Саволҳо таҳия намуда, дараҷаи фаҳмиши худро тавассути варақаҳои таҳлилӣ баланд бардоранд. Дар таҳлил ва муҳокимаи асари бадеӣ фаъолона иштирок намуда, андеша ва ақидаи худро ҳимоя намоянд.

Масъалаи ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ба хотири рушди зеҳнию нутқии талабагони синфҳои

ибтидоӣ яке аз вазифаҳои асосии мактаби муосир буд ва мебошад.

Н.К. Крупская ба кори мустақилона одат кунонидани талабагонро яке аз вазифаҳои муҳимми кори таълим дар мактаб шуморида, таъкид кардааст, ки «Одаме, ки худаш хонда наметавонад ва танҳо чизҳои омӯзгор гуфтаро аз худ мекунад, ноуҳдабарост ва лозим аст, ки насли наврасро тавре таълим диҳем, ки худаш мустақилона бо донишҳо мусаллаҳ гардад. Ин яке аз он вазифаҳоест, ки бояд мактаб ҳал кунад» [136, с. 103].

Сабаби ҳамчун мавзуи таҳқиқотӣ интихоб гардидани масъалаҳои ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ба хотири рушди зеҳнию нутқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ он аст, ки ҳоло дар раванди дарс омӯзгорон ба кори мустақилонаи талабагон камтар диққат медиҳанд. Таҷриба ва мушоҳидаи фаъолияти ҳаррӯзаи омӯзгорон собит сохт, ки омӯзгорон барои иҷрои кори мустақилона вақти зарурӣ ҷудо намекунанд, ҳангоми иҷрои супоришҳо ниёзмандии хонандагон ба назар гирифта намешавад.

Илмҳои педагогика ва психология исбот намудааст, ки агар ба хонанда имконияти интихоб намудан дода шавад, шавқу ҳаваси ӯ нисбат ба хондан, навиштан ва иҷрои фаъолияти дигари таълимӣ меафзояд, онҳо аз таҷрибаи бадастовардаашон руҳбаланд мегарданд.

Барои мустақилона хондан ва навиштан ба хонандагон вақт додан лозим аст. Агар дар раванди таълим барои амалӣ намудани қисматҳои дарс: ба хотир овардани мавзуи дарси гузашта, алоқаманд намудани дарси гузашта бо мавзуи нав, иҷрои кори мустақилона, натиҷагирӣ, хулоса ва ҷамъбасти дарс вақти зарурӣ ҷудо карда нашавад, натиҷаи хуб ба даст оварда намешавад.

Барои самаранок гардонидани раванди азхудкунии малакаҳои хондану навиштан дар як рӯз на камтар аз ду соат лозим аст. Дар ин лаҳза барои азхудкунии малакаҳо (ҳангоми иҷрои кори мустақилона)

вазифаҳои таълимӣ ва дастурдиҳӣ лозиманд, то ки хонанда мустақилона фаъолият намуда, зери роҳбарии омӯзгор  супоришҳоро дилпурона иҷро намояд.

**Сатҳи коркард ва омӯзиши мавзуъ.** Баъзе ҷанбаҳои тақвияти ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ба хотири рушди зеҳнию нутқии талабагони синфҳои ибтидоӣ аз ҷониби олимони шинохтаи ватанӣ ва хориҷӣ, аз қабили Саидрасул Сайдазизов, Мирзо Ҷаъфар, Мирзосаид Абдусалом, Муҳаммад Расулӣ, Саид Аҳмади Васлӣ, Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, Ҳоҷимуин Шукруллозода, Исматулло Раҳматуллозода, Садриддин Айнӣ, А.Эшонҷонов, М.Шукуров, М.Раҳмонов, Ҳилол Каримов, М. Лутфуллоев, Ф.Шарифзода, И.Абдуллоев ва дигарон мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар аҳди Шуравӣ назарияи дидактика ба таври боэътимод рушд ёфта буд. Олимони намоёни давр П.П. Блонский, С.П.Шатский, Л.С.Виготский, Н.А.Менчинская, Л.В.Занков, В.В. Давидов, Д.Б.Элконин, Н.С.Рождественский, Ш.А.Амонашвили, М.Н. Скаткин, В.В.Караевский, Ю.К.Бабанский, Н.И.Болдирев, М.И.Махмутов, В.С.Леднев ва аз ҷумлаи олимони тоҷик М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, Б.Раҳимов, Х.Буйдоқов, У.Зубайдов, Қ.Қодиров, Ш.Шарофов, Х.Сабуров, А.Нуров, Ҷ.Шарифов  ҳар яке ба қадри имкон ҷанбаҳои гуногуни мазмуни таҳсилотро дар самти фаъолияти мустақилона ҳамчун омили рушди зеҳн ва нутқи хонандагони хурдсол таҳқиқ намудаанд.

Аз ҷумла, муҳаққиқ Б.Т.Лихачев ҳамгиройии фанҳои таълимиро ҳамчун принсипи умумиметодологии ташаккули мазмуни таҳсилоти миёна шинохта, мегӯяд, ки “моҳияти хамгироии фанҳои мактабӣ аз он иборат аст, ки дар онҳо мазмунҳо, ақидаҳо ва омилҳои нисбатан калони илмҳои хешу наздик ба як фанни таълимӣ муттаҳид карда мешаванд.” [161, с. 224].

Солҳои 1932-1934 мактабҳои шуравӣ кори омӯхтани саводро аз рӯйи алифбои А.В.Янковский, ки дар асоси методи овозии аналитикӣ-синтетикӣ тартиб дода шуда буд, ба роҳ монданд ва ин метод соли 1936 шакли расмӣ гирифт.

“Аз солҳои 1933- то солҳои1985- китоби “Алифбо”-и Ҳ.Каримов ва аз солҳои 1986-2003 китоби “Алифбо”-и М.Лутфуллоев дар раванди таълиму тарбия истифода гардида, аз соли 2004 то имрӯз китоби “Алифбо”-и М.Лутфуллоев ,Ф.Шарифзода, И.Абдуллоев дар асоси ҳамгиросозии хониш ва машқи хат мураттаб гардида, дар хизмати навомӯзони тоҷик мебошад.” [179, с. 45].

Омӯзиш ва таҳлилҳо нишон доданд, ки иҷрои кори мустақилона талабаро барои зиндагии мустақилона омода менамояд. Аммо ташкил ва гузаронидани фаъолияти мустақилонаи хонандагон барои расидан ба ин ҳадаф басанда набуда, дар баъзе самтҳои ташкили фаъолияти мустақилонаи хонандагон норасоиҳо ҷой дорад.

Омӯзишу таҳлилҳо собит сохтаанд, ки барои рафъи норасоиҳо дар самти ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ба хотири рушди зеҳнию нутқии талабагони синфҳои ибтидоӣ баррасии масъалаҳои зерин муҳимманд:

- таҳлил ва арзёбии сифати нақша ва барномаҳои таълим, китобҳои дарсӣ, дастур ва маводи дидактикӣ оид ба таълими забони модарӣ;

- дар робита ба имконоти зеҳнию нутқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҷустуҷӯйи роҳҳои баланд бардоштани сатҳи салоҳиятмандии кадрҳои педагогӣ бо мақсади ташаккули фаъолияти мустақилона;

- тайёрии кадрҳои педагогӣ дар муассисаҳои олии касбӣ, дастовард ва камбудиҳо;

- ҷустуҷӯ ва дарёфти сабабҳои камбудиҳои мавҷуда ва роҳҳои рафъи онҳо;

- муайян кардани мақсад ва вазифаҳои фаъолияти мустақилонаи

омӯзишӣ дар раванди таълими забони модарии синфҳои ибтидоӣ;

- рушди малакаҳои тафаккури мустақилонаи омӯзишӣ;

- бедорсозии шавқу рағбати забондонӣ;

- инкишофи нутқи бошуурона;

- фикр карда хондан, навиштан, гӯш кардану фаҳмидан ва фаҳмида гуфтан, яъне дарку фаҳми маънии матн аз гуфтори дигарон;

-асоснокии методии интихоби шакл, мазмун ва намудҳои фаъолияти омӯзишии мустақилона дар раванди омӯзиши забони модарии синфҳои ибтидоӣ.

**Робитаи таҳқиқот бо бароноmain ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими фанҳои факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ барои солҳои 2019-2023 дар мавзуи “Асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ” ва муқаррароти асосии “Барномаи таълим”-и барои солҳои 2020-2025 иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Муайянсозӣ ва рушди асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ ва одат кунонидани онҳо ба кори мустақилона мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**

1. Омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ оид ба фаъолияти мустақилонаи омӯзишии афкори педагогон-методистони рус ва тоҷик.

2. Таҳлили назариявии адабиёти фалсафӣ, педагогӣ-психологӣ ва методӣ оид ба мавзуи пажуҳиш.

3. Омӯзиш ва таҳлили сифати нақша ва барномаҳои таълим,

китобҳои дарсӣ, дастуру маводи дидактикӣ оид ба таълими забони модарӣ вобаста ба фаъолияти мустақилонаи хонандагони хурдсол.

4. Ба эътибор гирифтани имконияти зеҳнии хонандагони хурдсол дар раванди ташкили фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ.

5. Муайян намудани талабот ва ҷанбаҳои педагогии малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

6. Таҳлили вазъи кунунии фаъолияти мустақилонаи омӯзишии дарсҳои забони модарии синфҳои ибтидоӣ ба хотири рушди зеҳн ва нутқи хонандагон.

7. Ҷустуҷӯйи роҳҳои афзун намудани самараи фаъолияти мустақилонаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

8. Дар асоси таҷрибаи озмоишӣ асоснок кардани зарурати фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар дарсҳои забони модарӣ ба хотири рушди зеҳнию нутқӣ.

9. Коркарди шаклҳои инноватсионии фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

10. Дар асоси натиҷаҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ-ҷустуҷӯйӣ таҳияи дастурҳои илмӣ-методӣ барои омӯзгорон оид ба самаранокии фаъолияти мустақилона дар дарсҳои забони модарии синфҳои ибтидоӣ.

**Объекти таҳқиқот -** раванди ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ.

**Мавзуи таҳқиқот -** иқтидор ва имкониятҳои малакаи фаъолияти мустақилонаи талабагони синфҳои ибтидоӣ ҳангоми омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнию нутқии онҳо.

**Фарзияи таҳқиқот -** раванди ташаккули малакаи фаъолияти

мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ самаранок мегардад, **агар:**

а) омӯзгорон ба санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи маориф, махсусан стандарт, барнома, нақшаи таълимӣ ва китобҳои дарсӣ аҳмияти бештар диҳанд;

б) ба таҷрибаи хонандагон такя карда шавад, ки он на танҳо таҷрибаи фаъолияти донишомӯзию азхудкуниро якҷоя мекунад, балки таҷрибаи гуногуни танзими муносибатҳои иҷтимоиро дар ҷараёни таҳсилот ғун медорад;

в) фаҳмиши амиқи ҳодисаҳо ва воқеияти ҳаётӣ бо роҳи истифодаи технологияҳои муосири таълим дар дарсҳои забони модарӣ ба назар гирифта шавад;

г) воқеияти педагогию психологии фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва ташаккули зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба эътибор гирифта шавад;

ғ) дар раванди иҷрои фаъолиятҳои гуногуни таълимӣ ба хусусиятҳои фардию шахсӣ ва синнусолии хонандагони хурдсол аҳамият дода шавад;

д) сабабҳо ва сарчашмаҳои пайдоиши садду монеаҳо, ки ба самаранокии фаъолияти мустақилонаи омӯзишии хонандагон таъсир мерасонанд, муайян карда шавад;

е) хонанда бидуни вайрон кардани мазмун мустақилона ва мантиқан дуруст матнро тағйир дода тавонад.

**Марҳилаҳои асосии таҳқиқот**. Таҳқиқот дар се марҳила гузаронида шуд.

**Марҳаилаи якум (солҳои 2019-2020).** Дар ин марҳила заминаи омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ-таҳқиқотӣ муайян карда шуд, адабиёти фалсафӣ, психологӣ-педагогӣ, методӣ оид ба масоили ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва

инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифт, асосҳои методологӣ ва дастгоҳи мафҳумии пажуҳиш муайян карда шуданд.

**Марҳилаи дуюм (солҳои 2020-2021)** давраи таҷрибавӣ-ҷустуҷӯйӣ буда, санҷиши фарзияро дар бар мегирифт, ки дар ҷараёни он маҷмуи роҳҳои ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ таҳқиқ карда шуд. Дар ин замина озмоиши намудҳои гуногуни фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ муайян гардиданд.

Дар **марҳилаи сеюм (солҳои 2021-2022)** маълумоти дар ҷараёни озмоиш бадастомада коркард шуда, натиҷаҳои таҳқиқот дар амалия татбиқ гардид, инчунин, таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот ва барасмиятдарории натиҷаҳо анҷом дода шуд. Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада ва коркарди онҳо тавассути усулҳои оморӣ-математикӣ амалӣ карда шуд. Маводи пажуҳиш дар шакли мақолаҳо омода гардида, дар нашрияҳои соҳавӣ ба табъ расонда шуданд. Тавсияҳои методӣ барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ коркард ва дар амал ҷорӣ карда шуданд, таҳияи кори диссертатсионӣ ба анҷом расонида шуд.

**Асосҳои назариявию методологии таҳқиқот**. Дар ҷараёни таҳқиқот мо ба принсипҳо ва омилҳои гуногуни **методологӣ** диққат додем. Аз ҷумла, нуқтаи назари педагог-методистони машҳури замони шуравӣ Н.Н. Шепетова, С.П. Редозубов, А.И. Воскресенская, А.В. Янковская, Н.Н. Каноникин, Н.А. Шербаков, Е.А. Адамович ва дигарон, ки бо асару мақолаҳои ҷудогонаи худ роҳу воситаҳои омӯзиши мустақилонаи забони модариро дар муассисаҳои таълимии ибтидоӣ муайян кардаанд, мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтанд. Назарияи якпорчагӣ (тамомият)-и ҷараёни педагогӣ дар асарҳои педагогӣ, психологӣ ва методии Ю.К. Бабанский, М.А. Данилов, В.И. Загвязинский ва дигарон,

назарияи фаъолияти таълимӣ дар таҳқиқоти Д.Б. Элконин, В.В. Давидов, В.В. Репкин, ғояи муносибати вазифавӣ дар таълимоти И.Я. Лернер, таҳқиқи масъалаҳои марбут ба ташаккули шахсият дар осори В.П. Беспалко, А.С.Виготский, А.Н. Леотев таҳлил ёфтаанд. Асосҳои фалсафии гуманизатсиясиякунонии таълимотро муҳаққиқон Б.С. Гершунский, В.С. Шубинский, И.Х.Каримова ва дигарон, асосҳои дидактикию методологии таълимоти хонандагони хурдсолро М.Лутфуллоев, Ф.Шарифзода, И.Абдуллоев, Ф.Икромов, Р.Давлатова, Р.Мирзоев, Р.Довудов ва дигарон ба риштаи таҳқиқ кашидаанд. Ҳамчунин, ақидаю консепсияҳои олимону мутафаккирони Шарқ – А. Рӯдакӣ, А.Фирдавсӣ, Ибни Сино, А.Берунӣ, У.Кайковус ва дигарон низ мавриди таваҷҷуҳи мо қарор гирифтанд.

Масъалаи асосҳои методии ташаккули малакаи мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ олимону педагогҳои ватаниро ҳам бетараф намондааст. Дар корҳои таҳқиқотии худ олимони пашқадами ватанӣ, аз ҷумла, Х. Бӯйдоқов, И.Х. Каримова, М. Лутфуллоев, Ф.Шарифзода, И.Абдуллоев, Х. Сабуров, Р.Давлатова, Р.Мирзоев, Р.Довудов ва дигарон баъзе паҳлуҳои ин масъаларо дида баромадаанд. Махсусан, онҳо масъалаҳои фаъолнокии азхудкунӣ ва фаъолияти мустақилонаи омӯзишии хонандагони синну соли гуногунро дар ҷараёни таълиму тарбия мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор доданад.

**Методҳои таҳқиқ.** Барои ҳалли вазифаҳои гузошташуда ва санҷиши фарзияи илмӣ методҳои зерини таҳқиқот истифода шудаанд:

- ташхиси адабиёти илмӣ, илмию методологӣ ва психологию педагогӣ;

- ҷамъбаст ва танзими маълумоти илмӣ;

- мушоҳидаи фаъолияти омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва талабагон;

- таҷрибаи педагогӣ;

-пурсишномаҳо, гузаронидани пурсиш, мусоҳиба ва ғайра.

**Сарчашмаҳои маълумот.** Дар таҳқиқот асарҳои олимони муосири Ғарб, муҳаққиқони русу тоҷик оид ба масъалаи ташаккули фаъолияти мустақилонаи хонандагони хурдсол, таҳқиқоти бунёдии педагогҳо, психологҳо, методистон ва таҷрибаи омӯзгорони пешқадами ҷумҳурӣ, ҳамчунин қонунҳо ва асноди меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳсилот, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» [11], «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” [7], баррасӣ ва таҳлил гардиданд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаи эмпирикии таҳқиқотро муносибати амалии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо объекти таҳқиқшаванда: омӯзиши адабиёти илмӣ-методӣ вобаста ба мавзуъ, омӯзиши адабиёти умумӣ-дидакикӣ ва назариявӣ оид ба методикаи таълими забони модарӣ, омӯхтан ва истифода кардани таҷрибаи пешқадами педагогӣ, ба мушоҳида гирифтани раванди таълим дар синфҳои ибтидоӣ тавассути истифодаи методҳои эмпирикӣ, таҳлили ҳуҷҷатҳои дастурӣ, таҳлили фаъолияти хонандагон, омӯзиши фаъолияти педагогии омӯзгорон, маҷмуи усулҳои гуногуни таълим, ташкил ва гузаронидани озмоишҳои муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда, таҳлилу ҷамъбасти далелу маълумоти дар ҷараёни озмоиш бадастомада ва таҳлилу арзёбии муқоисавии натиҷаҳои онҳо, мушоҳидаи педагогӣ, мубоҳисаҳо, усулҳои хударзёбӣ ва арзёбии ташхисӣ дар асоси маълумоти бадастомада, ташаккули далелҳои илмие, ки дар натиҷаи истифодаи нишондодҳои сифатӣ ва миқдорӣ ба даст омадаанд, ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Корҳои омӯзишиву таҳқиқотӣ ва таҷрибавию озмоишӣ аз моҳи сентябри соли 2019 то нимсолаи аввали соли таҳсили 2022- 2023 дар Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони минтақаи

Кӯлоби вилояти Хатлон, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№1, 9, 53-и шаҳри Кӯлоб, №1, 2, Гимназияи давлатии “Ҳиммат”-и Муъминобод, №1, 2, 3-и ноҳияи Шамсиддин Шоҳин гузаронида шуд. Дар кори таҷрибавию озмоишӣ зиёда аз 740 нафар талабагони хурдсоли синни аз 8 то 10-сола сафарбар карда шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зуҳур меёбад, ки:

- роҳҳои самараноки ташкили фаъолияти мустақилона ба хотири рушди зеҳн ва нутқ муайян ва дар амал татбиқ карда шудаанд;

- усулҳои муосири ташаккули фаъолияти мустақилонаи талабагон ба хотири рушди зеҳн ва нутқи онҳо муайян карда шуданд;

- талабот ва ҷанбаҳои педагогии малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ муайян карда шуд;

- вазъи кунунии фаъолияти мустақилонаи омӯзишии дарсҳои забони модарии синфҳои ибтидоӣ ба хотири рушди зеҳн ва нутқи талабагон муайян карда шуд;

- амсилаи фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар дарсҳои забони модарӣ ба хотири рушди зеҳнию нутқӣ тахия гардид;

- шаклҳои инноватсионии фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ коркард гардиданд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

**-** технологияи ба кори мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ одат кунонидани талабагон;

- роҳҳои муайянсозии имкониятҳои ақлии талабагон;

- моҳияти омӯзандагӣ, ташакулдиҳандагӣ ва тарбиявии матнҳо ба талабагон;

- тарзҳои ташкили муколама, баҳсу мубоҳисаҳои гуногуни натиҷаи

фаъолияти мустақилонаи омӯзишии талабагон бо иштироки худи онҳо;

- нақши бозиҳои дидктикӣ дар иҷрои фаъолияти мустақилона;

- методикаи ибтикории фаъолияти мустақилона ҳамчун методикаи рушддиҳандаи зеҳни хонанда;

- фаъолияти тарафайни омӯзгорон ва волидайн дар ташкили фаъолияти омӯзишии мустақилонаи талабагон;

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар такмили назарияи методика ифода ёфта, аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бармеояд, ки нуктаҳои зерин муаррифии он аст:

- фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ба болоравии сатҳи дониши талабагон мусоидат намуда, ба зеҳн ва нутқи онҳо рушд бахшид;

- ташкили дурусти кори мустақилона маҳорати касбии омӯзгоронро рушд бахшида, дар самти дуруст аз худ намудани асосҳои дониш ба талабагон ёрӣ расонд;

- ташкили дурусти кори мустақилона боиси болоравии сатҳи дониш ва маҳорату малакаи талабагон гардид;

- роҳҳои хубтару беҳтар ташкил кардани кори мустақилона ҷустуҷӯ ва дарёфт карда шуд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар мулоҳизаҳои зерин ифода меёбад:

- ҷанбаҳои педагогӣ ва методии ташкили фаъолияти мустақилонаи талабагони синфҳои ибтидоӣ ҳангоми омӯзиши забони модарӣ муайян гардид;

- пайдарпайии роҳу пешниҳодҳои дар рисола истифодашуда ба болоравии сатҳи дониш мусоидат намуда, имконият дод, ки ҳангоми иҷрои кори мустақилона қобилияти зеҳнию нутқии талабагон рушд ёфта, дониши назариявии андӯхтаашонро дар амалия татбиқ кунанд;

- истифодаи намудҳои гуногуни фаъолияти мустақилона имконият дод, ки дар талабагон қобилияти мустақилона фикр кардан, интихоб

намудан, малакаю маҳорати ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилот рушд ёбад;

- тавассути фаъолияти мустақилона омилҳои рушди қобилияти зеҳнию нутқии талабагон муайян карда шуданд;

- оид ба ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ба хотири рушди зеҳнию нутқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ маълумоти зарурӣ ба даст оварда шуд;

- маълумоти бадастомада оид ба фаъолияти мустақилона ба хотири рушди қобилияти зеҳнию нутқии талабагон минбаъд истифода мешавад;

- натиҷаҳои бадастомада дар амалияи корҳои таълимию тарбиявии ҳамаи муассисаҳои таълимӣ ва курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоии минтақаи Кӯлоб роҳандозӣ шудааст;

- истифодаи маҷмуи усулҳои ҳамкорӣ (интерактивӣ)-и ба мавзуъ ва масъалаҳои пажуҳиш дахлдор дар фаъолияти мустақилонаи хонандагони шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Муъминобод ва Шамсиддин Шоҳин татбиқ шудааст;

- истифодаи такрории натиҷаҳо дар кори таҷрибавӣ-ҷустуҷӯйӣ, исботи фарзияи пажӯҳиш, иштироки шахсии муаллифи рисола дар кори таҷрибавӣ-ҷустуҷӯйӣ, ҳамчунин, таҳлили хушсифати маълумоти бадастомада оид ба фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ба хотири рушди зеҳн ва нутқи хонандагон таъмин гардидааст;

- тавсия ва дастурҳои методӣ оид ба фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод гардиданд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дурустӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо асоснокӣ ва саҳеҳии усули методологӣ ва назариявӣ, маҷмуи усулҳои ба ҳам вобастаи таҳқиқоти илмӣ, ки ба мавзуъ ва вазифаҳои таҳқиқот комилан мутобиқанд,

мувофиқати муқаррароту хулосаҳои назариявӣ, кофӣ будани сарчашмаҳои истифодашудаи илмӣ, асоснокии истифодаи усулҳои озмойишӣ ва маълумоти дар натиҷаи таҳқиқоти озмоишӣ бадастомада таъмин мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарй (тахсилоти миёнаи умумй)) мувофиқат мекунад: Банди 1. Назария ва методикаи омӯзиш. 1.1. Методологияи фанҳои мушаххас: робитаи мутақобилаи методҳои маърифати илмӣ ва таълимӣ; 1.2. Арзиш ва ҳадафҳои омӯзиш: ташаккули ҳавасмандии мусбати таълимот, ҷаҳонбинӣ ва манзараи илмии олам дар зери субъектҳои раванди таҳсилот. 1.3. Муҳтавои омӯзиш: арзёбии самаранокии барномаҳои омӯзишӣ. 1.4. Таъминоти методӣ ва технологияҳои омӯзиш, сифати омӯзиш: таъминоти методии кори мустақилона. Банди 2. Назария ва методикаи парвариши хонандагон ва ҷавонони донишҷӯ: коркарди назария ва методикаи таҳсилот ва парвариши беруназмактабӣ, роҳбарӣ ба эҷодкории мустақилона.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаб дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъала, дар омезиши дурусти таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада; дар истифодаи мазмуни усулҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти озмоишӣ, тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар раванди таҳлили мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва дар коркарди таҳкиқоти диссертатсионӣ зуҳур меёбад.

**Тасвиб ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот.** Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои кори илмӣ  солҳои 2019-2022 дар конференсияҳои илмӣ-

амалӣ, семинарҳои илмӣ-методӣ ва мизҳои мудаввар баррасӣ ва арзёбӣ гардидаанд. Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№ 1, 9, 53-и шаҳри Кӯлоб, №1, 2,Гимназияи давлатии “Ҳиммат”-и н. Муъминобод, № 1,2, 3-и ноҳияи Шамсиддин Шоҳин (солҳои 2019-2022) сурат гирифта, самаранокии худро собит сохтанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои донишгоҳию ҷумҳуриявӣ, семинарҳои илмӣ-методӣ ва дар ФДҶТИБКСМ дар гурӯҳи ноҳияҳои тобеи шаҳри Кӯлоб иҷро ва баррасӣ шуда, дар 33 номгӯй мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла, 22 номгӯйи онҳо дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, монографияҳо, дастурҳои таълимӣ- тарбиявӣ ва методӣ, 2 мақола дар дигар нашрияҳо, 11 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расида, инъикоси худро ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия:** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, 4 боб, 15 зербоб, хулосаҳо ва феҳрасти адабиёт таркиб ёфта, ҳаҷми он 387 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад. Феҳрасти сарчашмаҳои истифодашуда 400 иборат буда, муҳтавои асосии диссертатсия 350 саҳифаро дар бар мегирад. Дар рисола 18 ҷадвал, 6 диаграмма, 8 расм истифода шудааст.

# БОБИ 1. РУШДИ АҚИДАИ ТАШАККУЛИ МАЛАКАИ ФАЪОЛИЯТИ МУСТАҚИЛОНА ТАЪЛИМИИ ТАЛАБАГОНИ ХУРДСОЛ ДАР ТАҲҚИҚОТИ РАВОНШИНОСИЮ ПЕДАГОГӢ

## 1.1. Муқаррароти назариявии рушди зеҳнӣ ва нутқӣ – мақсади асосии фаъолияти мустақилонаи таълимии талабагони синфҳои ибтидоӣ

“Сифатҳои нисбатан барҷастаи зеҳни шахсият инҳоянд: кунҷковӣ, ҷӯяндагӣ ва амиқии ақл, муҳаррикӣ, мантиқӣ ва исботкунандагӣ” [309, с.7].

Ҳар як фанни таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, бахусус, синфҳои ибтидоӣ душвориҳои махсуси худро дорад. Аз ин ҷост, ки ба ҳар як омӯзгор лозим аст, ки илова ба методҳои тахассусӣ методҳои умумии фанҳои гуногунро низ хуб донад, чунки донистани методҳои гуногун ба омӯзгор имконият медиҳад, ки барои аз худ намудани донишҳо ва дар ҳаёт татбиқ намудани онҳо саҳмгузор бошад. Таълим ҳамон вақт самарабаш мешавад, ки фаъолияти мустақилона дар робитаи мутақобилаи байни омӯзгор ва хонанда қарор дошта бошад.

Ба ин хотир омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бо шогирдони худ фаъолиятҳои мушкилу зарурии хондан, навиштан, баёни маънӣ (гуфтор), ба хотир гирифтан (аз ёд кардан), ҳисоб кардан (ҳалли мисолу масъала), расм кашидану суруд хондан ва иҷрои машқу ҳаракатҳои ҷисмониро маҳз дар заминаи ташаккули зеҳн ва тафаккури бедор ташкил намоянд. Зеро асрори рушди шахсияти мустақил ва ҷӯяндаи кӯдак, асосан, дар низоми фикрӣ, яъне дар “кашфи” маънӣ нуҳуфтааст:

Ин сухан пӯст асту маънӣ мағзи он,
Ин сухан чун нақшу маънӣ ҳамчу ҷон [304, с. 418].

Сайри таърихӣ ба сарчашмаҳои афкори педагогӣ оид ба фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ бозгӯйи онанд, ки дар Юнони қадим бачаҳо аз синни 7 то 13-14-солагӣ ба мактаб қабул карда мешуданд.

Дар мактабҳои куҳнаи тоҷикӣ бошад, падару модар фарзандони

худро аз синни 6 солагӣ ба мактаб мебурданд. "Дар мактабҳои кухнаи Осиёи Миёна аз ҷумла дар мактабҳои кухнаи тоҷикӣ аз ҳам ҷудо будани хонишу хат, ки мувофиқи анъанаи асримиёнагӣ ва майлу хоҳиши ҳомиёни дин давом карда меомад, яке аз сабабҳои асосии бемуваффақиятии проссеси таълим ва бесаводии аксарияти хонандагон буд." [248, с.73].

Ба ақидаи Арасту се хели ҷон мавҷуд аст: ҷони наботот, ҷони ҳайвонот, ҷони ақлӣ, ки илова бар хосиятҳои ҷони набототӣ ва ҳайвонӣ хислати тафаккур ва фикр карданро низ дорад. Мувофиқи таълимоти ӯ ба ин се навъи ҷон аз давраи хурдсолӣ се хел тарбия: тарбияи ҷисмонӣ, тарбияи ахлоқӣ, тарбияи ақлӣ зарур аст.

Я.А. Коменский аз давраи хурдсолӣ бо кори хоҷагидорӣ ва меҳнат одат кунонидани бачагон ва барои ин кор бо асбобҳои рӯзгор ва тарзи истифодаи онҳо шинос намудани онҳоро маслиҳат медиҳад. Ба ақидаи Я.А.Коменский, "тарбияи ахлоқии бачагони синни томактабӣ аз тарбияи тозагӣ, меҳнатдӯстӣ, ҳурмату эҳтиром кардани калонсолон, росткорӣ, боадолатӣ ва фазилати аз ҳама муҳим – ба одамон муҳаббат доштан мебошад" [124, с. 38-39].

Хизмати шоистаи Я.А.Коменский аз он иборат аст, ки вай аввалин шуда доир ба тарбияи томактабӣ бо номи "Мактаби модарӣ" раҳнамо тартиб додааст. Ба ақидаи ӯ дар мактаб муддати омӯзиши забони модарӣ бояд шаш сол бошад. Дар он замон муҳлати таҳсил дар мактаби ибтидоӣ ду-се сол буд ва он бо ёд додани талими хат, хондан ва ҳисоби одӣ маҳдуд мегардид. Хизмати Я.А.Коменский аз он иборат буд, ки вай аҳаммияти мактаби ибтидоиро ҳамчун мактаби забони модарӣ баланд бардошт, дар он давомнокии курси таълимро муайян кард. Дар мактабҳои ибтидоӣ мазмуни таълимро донишҳо оид ба фанни география, геометрия, табиатшиносӣ бо дохил кардани таълими суруд ва меҳнати дастӣ ташкил медод.

Я.А. Коменский талаб мекард, ки хонандагон баъди омӯхтани забон (грамматика) ба омӯхтани илмҳои воқеии – табиатшиносӣ, математика, фалсафа (этика ва диалектика) гузашта, тамоми курс бо омӯхтани риторика (ровигӣ) анҷом дода шавад. Чунки хонандагон дар натиҷаи омӯхтани пайдарпайи фанҳо ба зебоии нутқ, мазмуннокӣ ва амиқии он муваффақ хоҳанд шуд.

Я.А. Коменский аввалин касе буд, ки принсипи аёниятро аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кард. Вай аёниятро на фақат ҳамчун воситаи тамошо (биниш), балки ҳамчун воситае медонист, ки барои беҳтар ва равшан дарк кардани чизҳо ва ҳодисаҳо ҷалб намудани тамоми ҳиссиётро таъмин мекунад. “Ҳар он чизе ки имкон дорад, барои дарки эҳсосот пешниҳод карда шавад: ба воситаи узвҳои биноӣ, бӯёӣ, шунавоӣ, чашовӣ, ломиса. Агар ягон ашёро бо чанд ҳиссиёт эҳсос кардан мумкин бошад, бигузор барои дарки он якбора чанд узви ҳиссиёт ба кор андохта шавад” [125, с.40].

Я.А. Коменский китоби дарсии худ – “Дари кушодаи забонҳо ва тамоми илмҳо”-ро (-1631) мувофиқи принсипҳои дидактикӣ таҳия карда, як қатор ҷумлаҳои тадриҷан аз ҷиҳати грамматикӣ мураккабшавандаро интихоб намуда, ба ин васила онро аз китоби дарсии сирф забон ба китоби дарсие, ки кӯдакро бо донишҳои соҳаҳои гуногуни барояшон фаҳмо шинос мекунад, мубаддал гардонд.

Дидактикаи Жан-Жак Руссо ба он асос ёфтааст, ки дар заминаи инкишофи мустақилият, малакаҳои мушоҳидакорӣ ва хушфаҳмӣ дар кӯдак ташаккул меёбад. “Ҳама чиз барои дарк кардан ба дараҷаи аёнияти васеъ ба ихтиёри бача гузошта шавад” [132, с.59].

Дар ҳар як давраи нави таърихӣ, вобаста ба ташаккули ҷамъияти инсонӣ шумораи одамони босавод зиёд шудан мегирад, талаботи маданию маърифатии одамон меафзояд. Дар одамон кӯшиши мустақилона омӯхтани савод, ёд гирифтани касбу ҳунар рӯ ба афзоиш

меорад. Масалан, қариб 200 сол пеш дар мактабҳои Аврупои Ғарбӣ зарурати мустақилона омӯхтани савод ва ҳунар ба вуҷуд омада буд. Асосгузорони чунин ақидаҳо дар Аврупо Шерр Рюг Грезер, Дистервег ва Фогел, дар мактабҳои Россия олим-педагоги барҷастаи рус К.Д.Ушинский буд. Онҳо барои рушди зеҳн ва нутқи хонандагон муҳим будани фаъолияти мустақилонаро асос мешумориданд [164, с.110].

Раванди мантиқии грамматика дар омӯхтани забон дар нимаҳои асри XVIII аз тарафи олими машҳури рус М.В.Ломоносов тартиб дода шуд, ки он аввалин грамматикаи забони русӣ буда, қоидаҳои дурустнависиро дар бар мегирифт. Грамматикаи Ломоносов дар байни одамони босаводи асри XVIII оид ба мустақилона омӯхтани забони русӣ шавқу завқи забономӯзии одамонро зиёд намуд.

“Дар аввалҳои асри XIX дар асоси грамматикаи М.В.Ломоносов аз тарафи Востоков ва Грача грамматикаи нав тартиб дода мешавад.” [336, с.155].

Педагоги машҳури рус Буслаев соли 1844 “О преподавании отечественного языка” асаре навишта, системаи грамматикаи мантиқиро сахт танқид карда буд. Мувофиқи методикаи Буслаев грамматика бояд бо хониш, инкишофи нутқ, услуби ҷумлабандӣ ва таърихи адабиёт якҷоя ва дар алоқаманди таълим дода шавад.”

Дар афкори методистони рус дар робита ба фаъолияти мустақилонаи кӯдак солҳои 70-уми асри XIX доир ба методикаи хониш як раванди дигар ба вуҷуд омад, ки онро хониши *“калимаэзоҳдиҳӣ”* меномиданд ва ин метод принсипҳои аз тарафи Ушинский коркардшудаи хониши эзоҳиро халалдор мекард.

Тарафдорони хониши “ калимаэзоҳдиҳӣ” худи хонишро қариб аз дарс берун карда, аз аввал то охири дарс вақтро барои эзоҳи калимаҳо сарф мекарданд. Масалан, барои фаҳмидани калимаи “шабнам” чунин саволҳо дода мешуд: *Шумо ҳеҷ дидаед, ки дар зимистон тиреза арақ кунад? Агар кордро дар буғи самовор гузорем дар рӯйи он чӣ ҳосил мешавад?*

*Буғи самовор гармтар аст ё корд? Буғи самовор аз чӣ ҳосил мешавад? Барои чӣ буғи самовор ба корд расида, ба қатраи об мубаддал мешавад? Гармие, ки дар замин ҳаст, аз чӣ ба вуҷуд омадааст? Чаро шаб нисбат ба рӯз салқинтар аст? Ҳамаи ашёи гарм баробар хунук мешаванд ё не? Агар буғи аз об ҳосил шудагӣ ба ашёи хунук расад, чӣ ҳодиса рӯй медиҳад?*

Албатта, кӯдак ба ин қадар саволҳо ҷавоб дода наметавонад ва аз маълумоте, ки омӯзгор дар бораи калима баён мекунад, чизе дар хотири хонанда боқӣ намемонад. Дар натиҷа фаъолияти мустақилонаи кӯдак дар дарси хониш аҳаммияти донишдиҳӣ ва тарбиявиашро гум карда, дар хонанда хеҷ гуна малакаи рушд ёфтани суръати хониш ҳосил намегардад.

Пайравони К.Д.Ушинский – В.Я.Стоюнин, В.П.Шереметевский, Н.Ф.Бунаков ба муқобили ин гуна вайронкуниҳои методикаи хониш мубориза мебурданд. Аз ҷумла, Н.Ф.Бунаков Ушинскийро ҳимоя карда, таъкид мекард, ки фаъолияти мустақилонаи кӯдак бо суҳбати аёнӣ баробар гузаронида шавад. Аммо дарси забони модариро ба дарси суҳбате, ки дар атрофи як калимаи алоҳида гузаронида мешавад, мубаддал кардан мумкин нест. Суҳбат чунон ташкил карда шавад, ки барои хонда фаҳмидани мақолаҳои илмии оммафаҳм ва асарҳои бадеие, ки “дар бораи табиат, ватан, гузаштаи он” тавассути фаъолияти мустақилона маълумоти муайян медиҳанд, воситаи асосӣ шуда тавонад.

Забоншиноси машҳури рус Буслаев алоқамандии таълими грамматикаро бо хониш, инкишофи тафаккури мантиқӣ ва нутқ пешниҳод мекунад. Интихоби усули таълимро Буслаев ба маводи мавриди омӯзиш вобаста мешуморад. На қолибҳои грамматикӣ, на кодекси қоидаҳои ашёи таълимӣ, балки далелҳои забон, ки барои хулосабарорӣ маводи зарурӣ медиҳанд, бояд дар маркази диққат гузошта шаванд.

Тибқи методикаи Буслаев, грамматика бояд ба хониш, инкишофи

нутқ, услуби ҷумлабандӣ ва таърихи адабиёт якҷоя ва дар алоқамандӣ омӯзонда шавад. Ӯ ба қори аз ёд кардани қоидаҳо ва ба таври механикӣ омӯзонидани грамматика роҳ намедод. Як қатор масъалаҳое, ки Буслаев дар назди грамматикаи худ гузошта буд, бешубҳа, дар грамматикаи забони тоҷикӣ ҳам масъалаҳои муҳим ҳисоб мешаванд ва дар таълими грамматикаи забон аҳаммияти калон доранд. Онҳо масъалаҳои умумии алоқаи забон ва тафаккур, аз рӯйи маънои категорияҳои нутқ кор кардан, алоқаманд будани шакл ва мазмун, ба ҳодисаҳои забон аз нуқтаи назари таърих нигоҳ кардан, забонро ба таври механикӣ не, балки бошуурона омӯхтан, ба адабиёт алоқаманд кардани забон мебошанд, ки барои ҳамаи забонҳо хос аст.

Яке аз ҳамасрони Буслаев, педагоги машҳури рус К.Д.Ушинский аз хатоҳои пайравони Буслаев даст кашида, низоми грамматикаи ӯро тағйир дод.

Дар нимаи асри XIX дар Аврупои Ғарбӣ ва Россия оид ба масъалаи саводомӯзӣ низоми наве ба вуҷуд меояд, ки асоси онро методи аналитикӣ-синтетикӣ (таҳлил ва таркиб)-и овозӣ ташкил медиҳад. Яке аз хусусиятҳои хуби ин метод дар асоси таҳлил ва таркиби овозӣ омӯзонидани савод мебошад. Мувофиқи ин метод калимаҳо ба ҳиҷоҳо ва ҳиҷоҳо ба овозҳо ҷудо карда шуда, аз ҳамин овозу ҳарфҳо ва ҳиҷоҳо боз калимаҳо тартиб дода мешавад. Ин метод (таҳлил ва таркиб) дар байни педагогҳои он давр шуҳрати калон пайдо кард ва барои дар мактабҳо татбиқ намудани он шавқу ҳаваси зиёд ба вуҷуд омада, дар тамоми мактабҳои Аврупои Ғарбӣ ва Россия ба зудӣ паҳн шуд. Фаъолияти саводомӯзӣ дар асоси ҳамин метод аз нав дар ин мактабҳо ба тартиб даромад.

Чӣ тавре ки К.Д.Ушинский тавсия медиҳад, “машғулиятҳои саводомӯзӣ бояд аз таҳлили овозҳо сар шуда, калимаҳоро ба овозҳо

(аввал садонокҳо, пас аз он ҳамсадоҳо) ҷудо карда, дар охир бо ҳамон овозҳои омӯхташуда машқҳои синтетикӣ гузаронда шавад” [336, с.28].

Методҳои зарурие, ки барои таълими савод ба омӯзгор лозим аст, инҳоянд: дар калимаҳои додашуда фаҳмида тавонистани овозҳо, аз овозҳои додашуда тартиб додани калима, ба ҳиҷо ва овозҳо ҷудо кардани калима, аз ҳарфҳо тартиб додани калима, инчунин, дар якчанд калима кор фармудани як овоз (бар, сар, пар, ҷар, хар, тар, пур, сур).

Машғулиятҳои саводомӯзиро ба қисмҳои зерин ҷудо кардан лозим аст: а) таҳлили овозӣ; б) хат; в) хондани чизи навишташуда; г) аз алифбои чопӣ хонда тавонистани ҳамон калима ва ҷумла; ғ) аз алифбои чопӣ хондан ва навишта гирифтани калима ва ҷумлаҳои нав; д) аз ягон ҳикоя ҳарф ва ҳиҷои маълумро ёфта гирифтан; е) аз алифбои чопӣ тартиб додани калима.

Пайравон ва шогирдони К.Д.Ушинский – Бунаков, Тихомиров, Вахтёров, Флёров принсип ва усулҳои Ушинскийро дар назар дошта, методи овозиро қисман нав карда, ба он эзоҳоти муфассал доданд. Аз тарафи дигар, ба алифбои бурида низ аҳаммият дода, тарафдори он буданд, ки аз аввали саводомӯзӣ сар карда, хондану навиштан ба бачагон баробар омӯзонда шавад.

То солҳои 50-60-уми асри XIX дар мактабҳои русӣ як методикаи муайяне вуҷуд надошт. Усули асосии мактабҳои куҳна азёдкунии қоригӣ буд. Аммо ҳаракати умумии демократӣ, ки аз солҳои 60-ум сар шуда буд, ба соҳаи маориф низ бетаъсир намонд. Қатъи назар аз он ки табақаи иртиҷопарасти ҳукмрон барои аз илму дониш дур шудани омма кӯшиш мекард, пешқадамтарин шахсони доираҳои демократӣ барои дар мактаби ибтидоӣ дохил кардани унсурҳои дониши умумӣ ба ҷустуҷӯ кардани усулҳои беҳтарини таълим сар карданд. Дар натиҷа дарси хониши мактаби ибтидоӣ низ дар маркази диққат ҷой гирифт.

Дар ҳамин давра педагоги бузурги рус К.Д. Ушинский ба тараф-

дории хониши эзоҳӣ баромад, бар хилофи хониши механикӣ, қориёна аз ёд кардан, ки дар мактабҳои Россия ҳукмрон буд, Ушинский хониши бошуурона, мустақилона фаҳмида хондан ва методи суҳбатро ташвиқ мекард. Дар пешниҳодҳо ва дарсҳои таҳиякардаи К.Д.Ушинский масъалаи омӯхтани бойгарии забони модарӣ, инкишофи тафаккур ва нутқ мавкеи асосиро ишғол мекард. Барои он ки кӯдакон ба воситаи хониши бошуурона ва сухбат аз фанҳои гуногун дониши ибтидоӣ гиранд, вай дар китобҳои худ “Родное слово” (Каломи модарӣ) ва “Детский мир” (Ҷаҳони кӯдакон) матнҳои табиатшиносӣ, география, астраномия, таърихи Россия, афсона, зарбулмасал, шеър, тасвири табиат ва дигар намунаҳоро дохил карда, роҳҳои таълими онҳоро муфассал эзоҳ дода буд.

Методист Балталон бо унвони “Хониши тарбиявӣ” асаре таълиф намуд ва пешниҳод кард, ки дар мактаб ба ҷойи хониши эзоҳӣ хониши тарбиявӣ ҷорӣ карда шавад. Ӯ вазифаҳои хонишро ба таври зерин муайян кард: “1. Муносибати бошуурона ва зинда ба чизи хонадшуда; 2. Бедор намудани ҳиссиёти маънавӣ ва эстетикӣ; 3. Ошноӣ бо манзараҳои табиат ва муҳит” [336, с.93].

Н.П. Канонькин ва Н.А.Шербакова оид ба вазифаҳои дарсҳои забони модарӣ менависанд: “Якум, забони модарӣ бояд чун востаи муҳимми тарбиявӣ ба хонандагон таъсир кунад; дуюм, вай бояд доираи фаҳмиши хонандагонро васеъ ва амиқ намуда, дониш ва эҳсосоти онҳоро бой гардонад; сеюм, забони модарӣ бояд дар шогирдон маҳорати мустақилона хонда тавонистан ва гирифтани донишро тарбия намояд; чорум, забони модарӣ бояд нутқи хонандагонро ғанӣ ва инкишоф диҳад. Дар баробари ҳалли ин вазифаҳо дар шогирдон хониши дуруст, шуурона, ифоданоку равон ба таври мунтазам тарбия карда шавад” [129, с.131-132].

Яке аз принсипҳои асосии тартиб додани китобҳои дарсӣ ба забони

равону возеҳи оммафаҳм навишта шудани онҳо мебошад. Муаллифон вазифадоранд, ки дар матни китобҳо аз дохил намудани калимаҳои душворфаҳм худдорӣ намоянд. Агар чунин калимаҳо дучор оянд, дар поварақ шарҳ дода шаванд. Ғайр аз ин, омӯзгор барои шарҳ додани калимаҳо тарзҳои гуногунро истифода барад. Масалан, методистон Н.П.Кононикова ва Н.А.Шербакова тарзҳои зеринро нишон доданд:

1. Нишон додани асли ашё ё ҳаракати он (дар сурати имкон);
2. Нишон додани расмҳо;
3. Овардани муродифи калимаҳо;
4. Шарҳи калимаҳои номафҳум тавассути ибора ё ҷумла;
5. Шарҳи калима ба воситаи гурӯҳи калимаҳо;
6. Таҳлили таркиби калима [129, с.134].

Ушинский тарафдори таълими аёнӣ буд, вай таъкид мекард ва мегуфт: "Таълими аёниро аз таълими забони модарӣ ҷудо кардан тамоман хатост, чунки, агар хонанда дар бораи ашё тасаввуроти амиқ надошта бошад, дар бораи он фикр ҳам карда наметавонад, моҳияташро низ намефаҳмад" [336, с.91].

Аз ин ҷиҳат вай ба адабиёти бадеӣ аҳаммияти калон медод. "Ба ҳар кадоми ин гуна асарҳои бадеӣ, чун ба оинае назар кунем, ки ба воситаи он ба кӯдакон ягон тарафи ҳаёти халқро нишон дода тавонем. Вале ин гуна асарҳоро фақат фаҳмидани кӯдакон кифоя нест, лозим аст, ки онро ҳис ҳам кунанд," – гуфтааст Ушинский [336, с.92].

Бинобар ин, Ушинский ба масал, шеър, афсона ва зарбулмасалҳо аҳаммияти калон дода, ба омӯзгорон роҳҳои гуногуни таълими онҳоро пешниҳод мекард. Вай суҳбатро воситаи беҳтари аз худ кардани матни барои хониш пешниҳодшуда, беҳтарин воситаи таъсиррасонӣ бар эҳсосоти кӯдакон медонист. Ӯ дарси хонишро бе суҳбат тасаввур карда наметавонист: матни хониш бояд бо суҳбат эзоҳ дода шавад, хонанда бояд чизи аз суҳбат гирифтаашро бо донишҳои заминавии худ мустаҳкам

намояд, асари бадеӣ ба воситаи суҳбат ба хонанда наздик карда шавад. Суҳбат аз худ кардани асарро осон мекунад. Ҳангоми суҳбат аз саволҳои одӣ оҳиста-оҳиста ба саволҳои мураккаби ҷамъбасткунанда гузаштан беҳтар аст. Аз саволҳои зиёдатӣ ва эзоҳои барзиёд худдори кардан лозим аст. “Методҳои хониш бояд ба қолаби якранга мубадал нашаванд”- таъкид мекунад ӯ [336, с.92].

Афкори методистони аврупоӣ оид ба фаъолияти мустакилонаи омӯзишӣ чунин буд: дар вақти хондани асарҳои бадеӣ як хел рафтор кардан мумкин нест, ҳам барои хондани мақолаҳои илмии оммафаҳм ва ҳам барои адабиёти бадеӣ як усулро пеш гирифтан мувофиқи мақсад нест, вобаста ба мазмун ва хусусиятҳои онҳо малакаи хониш ҳам бояд дигар шавад. Ин ақидаҳоро В.Я.Стоюнин, Н.Ф. Бунаков, В.П. Шереметевский ва дигарон инкишоф доданд.

Методистони рус Н.С.Рождественский ва В.А.Кустараева тарзҳои дигари шарҳи калимаҳоро дар фаъолияти мустақилонаи хонандагон қайд кардаанд:

1. Нисбат додани калима ба аслу насаб ва хусусиятҳои табиияш (паланг – ҳайвони даранда);
2. Фарқи ашёи ҳамҷинс аз якдигар;
3. Тасвири мухтасари ашё, яъне номбар кардани аломат ва нишонаҳои хоси он;
4. Овардани мисолҳо;
5. Муқоисаи ашё, ҳодиса ва воқеа бо чизҳои дигар [178, с.63].

Методист Т.Ф. Завадская методикаи омӯзгоронро дар масъалаи ташкили хониши ифоданок зери танқид гирифта қайд мекунад, ки омӯзгор диққати бачаҳоро «на ба мазмуни матн, балки ба тарзи хониши он ҷалб мекунад, ки… ин гуна таълим рӯякист» [178, с.66].

Ин эроди Т.Ф.Завадскаяро методистон Н.С.Рождественский ва В.А.Кустараева ҳақ шуморида, дар навбати худ таъкид мекунанд, ки

“…барои хониши ифоданок муҳим он аст, ки бачаҳо матнро шуурона бихонанд» [178, с.66].

Кисми зиёди матнҳои бадеии китобҳои забони модариро ҳикоя ташкил медиҳад. Чун ҳикоя сюжет ва қаҳрамони муайян дорад, бачаҳо нақл кардани мазмуни онро дӯст медоранд. «Масъалаи асосӣ, - менависанд методистон Н.С.Рождественский ва В.А.Кустараева, дар хониши эзоҳии мактабҳои ибтидоӣ, шарҳу эзоҳи мазмуни матн, луғатомӯзӣ ва такроран нақл кардани мазмун мебошад.» [178, с.76].

Яке аз давомдиҳандагони кори К.Д.Ушинский – Н.А.Корф дар китобҳояш «Русская начальная школа» (Мактаби ибтидоии русӣ) ва «Первоначальное правописание» (Машқҳои нахустини имло) бештар ба дикта диққат додааст. Хусусан, нақши диктаи омӯзгорро баланд мебардорад. Бо ёрии дикта дар муддати ду зимистон хонанда чунон босаводона навиштанро ёд мегирад, ки хатти ӯро бе ягон душворӣ хондан мумкин мегардад.

Методист В.Г.Яковлева ҳамаи асарҳои илмӣ ва раванди дарсҳои зиёдеро омӯхтаю ҷамъбаст намуда, ба хулосаи зерин меояд:

«Зоҳиран, вақти он расидааст, ки дар бораи методи ягонаи таълими грамматика ва имло дар синфҳои ибтидоӣ - методи аналитикӣ-синтетикӣ ҳамчун методи асосии дарккунии фаъолияти хонандагон сухан ронем ва ба кор карда баромадани он шуруъ намоем» [343, с.355].

Афкори методистони тоҷик оид ба фаъолияти мустақилонаи омӯзишии кӯдак низ қобили таваҷҷуҳ аст. Гузаштагони халқи тоҷик то истилои араб хат ва алифбои худро доштанд, ки намунаи он алифбои оромӣ “арамейский” ва хатти мехӣ буд. Бори аввал оятҳои дини зардуштӣ – “Авесто” дар давраи Сосониҳо (дар асри III эраи мо) бо алифбои оромӣ сабт гардида, дертар барои он алифбои авестоӣ (дар асри I эраи мо) ихтироъ карда шуд. Баъдтар бо таъсири хатти оромӣ хатти суғдӣ пайдо шудааст. Чӣ тавре ки шарқшиноси машҳур В. В.

Бартолд қайд мекунад, “Хизмати суғдиҳо дар кори паҳн намудани алифбо... ба онҳо ҳуқуқ медиҳад, ки дар таърих аз ҷиҳати мавқеъ дар қатори финикиҳо истанд” [248, с.2].

Таъсиси мактабу мадрасаҳо пас аз истилои арабҳо шуруъ мешавад, ки онҳо тарҳ (характер)-и динӣ доштанд. Воситаи саводомӯзӣ дар ин мактабҳо «Ҳафтяк», «Пораи Бағдодӣ», «Чаҳоркитоб» ва «Муфрадот» буд.

Баъдтар, вақте ки мактабҳои русӣ-маҳаллӣ ва мактабҳои усули нав арзи вуҷуд мекунанд, мавқеи забони модарӣ… ҳамчун фанни таълимӣ муайян мегардад.

Дар натиҷаи заҳмати пайвастаи олимони ватанӣ доир ба ташаккул ва инкишофи забон маводи қобили назар, аз ҷумла, китобҳои дарсии «Устоди аввал»-и Саидрасул Саидазизов, «Муаллими сонӣ», «Аввали илм», «Бидон», «Қонуни қудусӣ» (Грамматикаи мухтасари забони форсӣ)-и Аббосқули Мирзомуҳаммадхон», «Сарф ва наҳви форсӣ ба русӣ»-и Мирзо Ҷаъфар, «Роҳбари форсӣ» ва «Қироати форсӣ»-и Муҳаммад Расулӣ, «Алифбои забони тоҷикӣ («Баён-ул-ҳуруф»)-и Саид Аҳмади Васлӣ, «Асбоби савод»-и Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, «Роҳбари мактаб»-и Исматулло Раҳматуллозода, «Таҳзиб-ус-сибён»-и Садриддин Айнӣ ва ғайра таҳия ва нашр шуданд. Ин китобҳо байни солҳои 1880-1920 таълиф гардидаанд. Дар ин солҳо кӯшишҳои таълифи асарҳои методӣ ҳам мушоҳида карда мешавад, ки мо метавонем китобҳои Исматулло Раҳмутуллозода «Роҳбари мактаб» (Таълими Алифбо) ва Мирзоғиёс «Методикаи таълими фонетикаи забони тоҷикӣ-форсӣ»-ро номбар намоем.

То Инқилоби Кабири Сотсиалистии Октябр мактабҳое, ки дар сарзамини тоҷикон фаъолият мекарданд, моликияти ҳомиёни ислом ҳисоб мешуданд, ки мақсади асосии онҳо дар ҷаҳолат нигоҳ дотани халқ

буд. Аз ҳамин сабаб дар ин мактабҳо хеҷ гуна методикаи илмии хониш мавҷуд набуд, дарс бо усули схоластикии асримиёнагӣ давом мекард.

Мактабҳои куҳна зеҳни одами ҷавонро бо дониши бошуурона таъмин карда наметавонист.

Хулосаи таҳлил ва арзёбӣ ба афкори педагогии мутафаккирони тоҷику форс оид ба равобити рушди зеҳнӣ ва фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ дар мактабҳои куҳнаи тоинқилобӣ ҳамин аст, ки омӯзгорони мактабҳои куҳна бедории фикр, босавод шудани фарзандони халқи меҳнаткашро намехостанд, аз ин рӯ, ба шогирдон маълумоти қисман куҳнашудаи нодаркорро таълим медоданд.

Дар мактабҳои тоинқилобии тоҷикӣ ягона усули хониш ёдкунии механикӣ, ёдкунии қориёна буд. "Хондан, асосан, аз давраи "Чоркитоб"-хонӣ (баъд аз алифбо, абҷад ва ҳафтяк) сар мешуд. " Чоркитоб" аз чор қисм иборат буда, асосан, мазмуни динӣ дошт ва онро Мавлоно Шарофиддини Бухороӣ ҷамъ овардааст" [336, с.94].

Методи хониш аз он иборат буд, ки мактаббача китобро дар даст нигоҳ медошт, домулло (омӯзгор) китобро сатр ба сатр мехонд, хонанда, бе он ки баъзан дар куҷои сатр будани чизҳои хондашудаи омӯзгорро донад, гуфтаҳои домуллоро такрор мекард. Ба ҳамин тариқ, домулло сабақи якрӯзаи шогирдро муайян мекард ва бача як рӯзи дароз (баъзеҳо ҳатто чанд рӯз) сабақи худро бо овози баланд такрор мекарданд. Ин такрори хонанда то аз ёд шудани сабақаш давом мекард ва баъд ба ӯ сабақи дигар дода мешуд.

Бар хилофи дарсдиҳии домуллоҳои мактаби куҳна, баъзе мударрисони пешқадамтар, ки саводи кофӣ доштанд ва шеърро мефаҳмиданд, то андозае ба хониши бошууронаи мактаббачагон диққат мекарданд ва маънои чизи хондаашонро аз онҳо мепурсиданд. Ин гуна мударрисон ниҳоят кам буда, аксари мактабдорон муллоҳои ҷоҳил ва бесавод буданд, ташаккули ҷаҳони маънавӣ ва саводнок шудани бачаро

намехостанд, ба фаҳмида хондани ӯ қатъиян аҳаммият намедоданд.

Тафсири ин гуна усули таълим дар асарҳои устод С.Айнӣ борҳо оварда шудааст. С.Айнӣ мегӯяд: “Ман мактабро тамом кардам, лекин ҳанӯз савод надоштам. Чизҳое, ки дар мактаб хонда будам ва аз ҳамон китобе, ки аз вай хонда будам, хонда метавонистам, аммо китоби нохондаамро ва ҷизҳои хондаамро аз китоби дигар хонда наметавонистам.” [336, с.94-95].

Маводи хониш дар мактабҳои куҳна, асосан, динӣ буд. Аз Ҳофиз ва Бедил ҳам бештар он порчаҳое гирифта мешуданд, ки ё мазмуни динӣ доштанд, ё онро ба фоидаи ягон ҷиҳати дини ислом ё тасаввуф маънидод кардан мумкин буд. Дар бораи шоирон ва мутафаккирони бузург дар мактаббачагон тасаввуроти тамоман нодуруст ҳосил мешуд.

Чӣ тавре муҳаққиқ Қодир Рустамов менависад, дар мактабҳои куҳнаи тоҷикӣ оид ба мавқеи забони модарӣ маълумоти даркориро дастрас кардан душвор аст, зеро олимоне, ки доир ба ин масъала қалам кашидаанд, ба ҷуз камбудӣ ва сарзанишу маломат чизи дигаре нагуфтаанд. Масалан: “1. Дар мактабҳои куҳнаи тоҷикӣ… омӯхтани алифбои арабӣ бо мавод ва методҳои хатою бемантиқ давом меёфт. 2. Ҳарфҳои алифбои арабӣ ёд дода шаванд ҳам, машқи хат гузаронда намешуд. Бинобар ин бисёр хонандагон мактабро хатм мекарданду аммо навишта наметавонистанд» [164, с.18].

Китобҳои хониш ҳам дар ҳама ҷо як хел набуд. Дар баъзе ҷойҳо аз адабиёти бадеӣ фақат девони Ҳофиз ва Бедил хононда шавад, дар баъзе ҷойҳои дигар, масалан дар Бухоро, Самарқанд ва Хуҷанд баъзе мударрисон саводи ӯзбекии хонандагонро ҳам баровараданӣ шуда, девони мунтахаби Навоӣ ва Фузулиро низ мехононданд.

Хушбахтона, дар ибтидои асри XX аз байни халқи тоҷик шахсони пешқадам баромада буданд, ки мазмуни фаъолияти маорифпарваронаи онҳо аз ҷадидон фарқ мекард. С.Айнӣ аз ҷумлаи чунин шахсҳо буд.

С.Айнӣ пас аз инқилоби соли 1905 фаъолияти маорифпарварии худро ривоҷ дода, дар кушодани мактаби нав, навиштани китоби дарсӣ, ба таълим ҷалб намудани фарзандони камбағалон фаъолона иштирок менамояд. Дар соли 1908 вай ҳамроҳи Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим дар Бухоро мактаби нав кушода, барои ин мактаб бо номи "Таҳзиб- ус сибён" (Тарбияи кӯдакон) китоби дарсӣ менависад ва он соли 1909 аз чоп мебарояд.

"Таҳзиб-ус-сибён", асосан, китоби хониш буд. Азбаски китоби мазкур таҷрибаи нахустини муаллиф буд, бешубҳа, аз камбудиҳо орӣ набуд. Бо вуҷуди камбудию норасоиҳои мавҷуда, С.Айнӣ роҳу усулҳои таълимро дар мактаб бо роҳандозии усулҳои нав ба рӯйи хонандагон боз намуд. Таълиму тарбия бо усулҳои нисбатан ҷадид тарҳрезию корбандӣ мегардад. Пеш аз ҳама, ҳамин чиз ҷолиби диққат аст, ки ӯ дар назди мактаби нав чунин вазифае мегузорад, ки ба воситаи илму техникаи нав муҳтоҷонро аз эҳтиёҷ бароварда, халқро осудаҳол кардан лозим аст:

Чанд нишинӣ ба эҳтиёҷу зарурат,
Гавҳари ноёб ёб аз дари мактаб...
Бар илми кимиёву фанни саноат,
Хок шавад мушки ноб аз дари мактаб [336, с.97].

Аксарияти маводе, ки дар ин китоб барои дарсҳои хониш гирд оварда шудаанд, кӯдаконро дар рӯҳи илмдӯстӣ, бофарҳангӣ, баодобӣ, ҳаётдӯстӣ, зиндадилӣ ва, аз ҳама муҳим, дар рӯҳи ватандӯстӣ тарбия менамоянд. С.Айнӣ ба воситаи мактаб тарбия кардани ватандӯстиро аз забони модаре, ки ба фарзандаш мактуб менависад, баён мекунад. Дар «Таҳзиб-ус-сибён» тасвир шудааст: «Муҳаммадфарид ном ҷавон дар шаҳр мехонд ва модараш аз қишлоқ ба ӯ мактуб навишта, чунин мегӯяд: «Нури дидаи ман! Аз ту танҳо як хоҳиш дорам, ки ин аст: дар роҳи хондан сай кун, ғайрат кун! Одам шав! Баъд аз он ба қадре ки метавонӣ, ба ватан ва аҳли ватани худ хизмат намо! Ба ман ҳамон шараф бас аст,

ки дар дунё як ходими ватан, донишманд ёдгор гузорам.» [336, с.97].

Забони тоҷикӣ аз ҷиҳати сохти грамматикӣ ва лексика дар гурӯҳи забонҳои эронӣ яке аз забонҳои бой ба шумор меравад. Забони адабии тоҷикӣ сохти грамматикии ба худ хос дошта, ҳанӯз дар асри X бо назокат ва фасоҳати худ шуҳрат пайдо карда буд. Классискони адабиёти форсу тоҷик, устодон Абуабдуллоҳ Ҷаъфар Муҳаммади Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Носири Хусрав, Низомии Ганҷавӣ, Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Камолиддин Биноӣ ва дигарон оид ба равобити рушди зеҳнӣ ва фаъолияти мустақилонаи инсон иброз намудаанд, ки хирад ва дониш ба ҳамдигар тавъам мебошанд ва барои беҳтар намудани ҳаёти инсон, дар фарозу шеби зиндагӣ мунаввар намудани роҳи он хизмат мекунад. Аз ин рӯ, ҳар касе, ки соҳиби ақлу хирад аст, барои ба даст овардани илму дониш, ки ганҷинаи бебаҳост, мустақилона саъю кӯшиш ва ғайрат менамояд. Илму донишро рӯшноии дил, чароғи ақлу хирад донистаанд. Ба ақидаи мутафаккирони тоҷику форс аз давраи пайдоиши ҷамъияти инсонӣ одамон ба илму дониш эҳтиёҷ доштанд ва ҳеҷ фард аз илмомӯзӣ, доништалабӣ то кунун пушаймон нашудааст. “Инсоният, - мегӯяд Рӯдакӣ, - дар давоми таърихи худ ҳар куҷо ва дар ҳар гуна шароит ҷиҳду ҷаҳд намудааст, ки бо ҳар забоне, ки бошад, дониш омӯхта, дар зиндагии рӯзмарраи худ пирӯз гардад:

Ҳар кӣ н-омухт аз гузашти рӯзгор,
Низ н-омӯзад зи ҳеч омӯзгор...
То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,
Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.
Мардумони бихрад андар ҳар замон,
Роҳи донишро ба ҳар гуна забон.
Гирд карданду гиромӣ доштанд,
То ба санг - андар ҳаме бингоштанд.

Дониш андар дил чароғи равшан аст,

В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.[27, с.29].

Абулқосим Фирдавсӣ илму донишро гиромӣ дошта, илми беамалро намеписандад. Ӯ инсонро даъват намудааст, ки илму донишро дар зиндагии ҳаррӯза истифода бурда, кӯшиш намояд, ки илму дониши худро такмил диҳад. Ба ақидаи Фирдавсӣ, касе, ки дар зиндагӣ илму дониши мукаммал гирифтааст, кори ӯ пешрав ва рафтору гуфтори ӯ шоистатар хоҳад буд:

Касе к-ӯ ба дониш тавонгар бувад,

Зи гуфтору кирдор беҳтар бувад [27, с.32].

Абуалӣ ибни Сино ба заковат, қувваи ақлӣ ва қобилияти инсон боварии комил дошт. Ба ақидаи Ибни Сино, муроди инсон аз омӯхтани илм фақат ғизои рӯҳӣ набуда, балки дар ҳаёт аз он истифода бурдан аст. Илова бар ин, ӯ омӯхтани илмро барои инкишофи тафаккур муҳим мешуморид. Одами бомаърифат далер, нотарс ва шуҷоатнок аст. Барои ҳамин омӯхтани илмро барои ҳар як фарди ҷомеа зарур мешуморид [27, с.43].

Носири Хусрав донишро гавҳари дил ва мушкилкушои инсонҳо мешуморад. Ба ақидаи ӯ, касе, ки бо илму дониш мусаллаҳ аст, дар зиндагӣ ҳамеша пирӯзӣ ёраш аст:

Тан ба ҷон зинда аст, ҷон зинда ба илм,

Дониш андар кони ҷонат гавҳар аст.

Носири Хусрав ақлу хирадро беҳтарин фазилати инсону донишро ганҷинаи ақлу хирад дониста, тамоми бойгарӣ ва муваффақияти корҳои инсониро дар он мебинад:

Хирад беҳтар бувад аз зар, ки дорӣ,

Ки дар зар кас начинад ҳушёрӣ [27, с.50].

Низомии Ганҷавӣ мисли мутафаккирони гузашта ба нақши илму дониш, ақлу хирад баҳои сазовор дода, ба қуввају қудрати онҳо дар

тарбияи инсон боварии комил дошт. Ба ақидаи ӯ, омӯхтани илму дониш аз ҷавонон меҳру муҳаббатро талаб мекунад:

Дониш талабу бузургӣ омӯз,

То беҳ нигаранд рӯзат аз рӯз.

Саъдии Шерозӣ омӯхтани илму донишро дар алоқамандӣ ба амалия ва ҳаёт тавсия менамуд. Ба ақидаи ӯ, қимати илм дар амал ва самараи дониш дар кӯшиши ҳар як инсон аст, зеро ки манзур аз хондан амал кардан аст:

Илм, чандон ки беҳтар хонӣ,

Чун амал дар ту нест, нодонӣ [27, с.80].

Ҳофизи Шерозӣ устодро чароғи ҳидоят хонда, гуфтааст, ки ӯ инсонро таълим дода, ба сарчашмаи ҳаёт мерасонад. Ҳофиз омӯзгорро дар ашъори худ бо истилоҳоти “Хизр”, “Аҳли дин”, “Мурғи Сулаймон”, “Далели роҳ” ном бурда гуфтааст:

Саъй нокарда дар ин роҳ ба ҷое нарасӣ,

Музд агар металабӣ, тоати устод бибар [27, с.91].

Абдураҳмони Ҷомӣ омӯхтани илмро барои инкишофи фикр муҳим мешуморад. Ба ақидаи ӯ, одами бомаърифат ба камолоти олии фикрӣ мерасад, оқилу ҳунарманд ва пурзӯру тавоно мегардад:

Шунав панду дониш, ба он ёр кун,

Чу донистӣ, он гаҳ ба он кор кун [27, с.96].

Камолиддин Биноӣ шахси беилму донишро ҷисми беҷон ва нақши девор меномад. Ӯ барои баланд бардоштани мартабаи илму дониш дар ҳаёти инсон одамони бехираду бедонишро мисли як қолаби ҷаҳл ва як шахси бесубот шуморидааст:

Марди беилм чист? Ҳайвоне.

Ҷисми беҷон чун нақши айвоне [27, с.96].

Ба ақидаи Биноӣ илму дониш дар натиҷаи машаққату ранҷ ба даст меояд. Ранҷе, ки одам барои ба даст овардани илму дониш мекашад,

асосан, ранҷ не, балки ганҷи безавол аст. Илму дониш сарвати бебаҳост, ки дар роҳи ба камол расидани шахс мадад расонида, қувваи рӯҳию дониши ӯро такмил медиҳад.

Баъд аз Инқилоби Октябр вазъият дигар шуд. Намояндагони низоми нав -А.В.Луначарский ва Н.К.Крупская педагогҳою методистонро, ки дилашон барои фарзандони меҳнаткашон месӯхт, ба комиссариати маорифи халқ даъват намуда, масъалаи беҳтар намудани сифати китобҳои дарсӣ ва дарсҳои ҳамаи фанҳо, аз ҷумла, хонишро ба миён гузоштанд. Як зумра маорифпарварон барои навишштани китобҳои дарсӣ камар бастанд. Аз ҷумла, соли 1924 китоби дарсии устод Садриддин Айнӣ «Духтарбача ё ки Холида» аз чоп баромад. Устод дар хусуси навиштани китоб таҷриба дошт. Китоби дарсии нахустини устод «Таҳсиб-ус-сибиён» соли 1908 чоп шуда буд.

Соли 1922 Н. К. Крупская дар мақолаи барномавии худ «Вазифаҳои мактаби дараҷаи якум» навишта буд: “Мактаб бояд, пеш аз ҳама, дар кӯдак кунҷкобӣ, ҳозирҷавобӣ ва нисбат ба муҳити атроф фаъолиятнокиро бедор намояд.

Вазифаи дуюми тарбиявӣ дар мактабҳои дараҷаи аввал ин аст, ки муҳаббати кӯдаконро нисбат ба китоб, илму фан, ҷустуҷӯ ва дарёфтани ҷавоб ба ҳар савол бедор намояд.

Вазифаи сеюм, ки он ҳам аз аҳаммият холӣ нест, дар кӯдакон тарбия намудани коллективона хондан, зиндагӣ ва кор карда тавонистан аст.

Ғайр аз ин вазифаи тарбиявӣ дар назди мактаб, вазифаи ба кӯдакон додани маҷмуи муайяни дониш ва маҳорат меистад» [178].

Дар Тоҷикистони Шуравӣ шумораи муассисаҳои таълимии ибтидоӣ, миёна ва олӣ сол то сол афзудан гирифт, дар зеҳни одамон масъалаи мустақилона омӯхтани хатту савод рӯз аз рӯз афзоиш ёфт.

Айни замон гуфтан мумкин аст, ки дар мамлакат одаме нест, ки китобу рӯзнома хонда натавонад.

Заминаи устувори фикрӣ, ҳам ояндаи донишомӯзӣ ва ҳам ояндаи ҳаёти шахсияти насли созандаро муайян хоҳад кард. Аз ин ҷо бармеояд, ки “агар омӯзгор сатҳи баланди касбият надошта бошад, мо ҳеҷ гоҳ ва ба ягон восита сифати таълиму тарбияро беҳтар карда наметавонем.” [305, с.6].

Аз ин лиҳоз, кори мустақилона яке аз воситаҳои ба худомӯзӣ майл кардани ҷавонон гардид. Саводбарорӣ, яъне аз худ кардани ҳарфҳо, биниши аломатҳои шартии овозҳо, ки калимаҳои забон аз онҳо иборатанд, дар дили ҳар як навомӯз шуълаи умедро фурӯзон намуд.

Мустақилона омӯхтани савод кори хеле муҳим ва ҷиддӣ ҳисобида шуд. Худи омӯхтани савод – хондану навиштанро ба хонандагон ёд додан асос шуморида шуд. Дарси саводомӯзӣ танҳо аз хондан ва навиштан иборат набуда, балки ба кори рушди тафаккур, нутқ, луғатомӯзӣ ва зиёд намудани малакаҳои ибтидоии имло вобаста аст, онро тадриҷан ва ба таври мунтазам гузаронидан лозим аст.

Дар раванди машғулиятҳои саводомӯзӣ кори мустақилона хеле муҳим ва ҳалкунанда буда, вазифаи омӯзгор дар ин самт ба мустақилият ҳидоят намудани хонандагон мебошад. Тараққиёт ва муваффақияти минбаъдаи хонандагон дар роҳи мустақилона аз худ намудани дониш, аз ҷумла, омӯхтани забони модарӣ ва дигар фанҳо ба саводнокии хонандагон вобаста мебошад. Дар ҳар кадом давраи саводомӯзӣ омӯзгор бояд ҳаминро дар назар дошта бошад, ки тавассути кори мустақилона ӯ асосҳои фанни забони тоҷикӣ, малакаҳои хат ва нутқро дар шуури бачагон тарбия ва ҷойгир намояд. Бинобар ин, вай бояд ба он кӯшад, ки хонандагон маводи супоридашударо ба осонӣ ва мустақилона кор карда тавонанд. Хонандагон дар давраи саводомӯзӣ бояд малака ва донишҳои зеринро ба даст оранд:

- мустақилона сохти нутқро аз худ намуда, ҷумла, ҳиҷо, овоз, ҳарф, хусусиятҳои ҳар як овози нутқ ва дар хат ифода шудани онҳоро амалан омӯзанд;

- тарзи сохта шудани ҳиҷо ва калимаҳои гуногунро ёд гирифта, маънои калимаҳои кор фармудаашонро ҳартарафа муайян намуда, захираи луғавии худро зиёд кунанд;

- бо меъёри забони адабии тоҷик, тарзи нутқ кардан ва ҷумлабандӣ дар амал ошно шуда, аз он дуруст истифода баранд.

Дар китоби муқаддаси ориёиҳо «Авасто» омадааст, ки мардуми ориёӣ умре дар талоши накукорӣ, озодандешӣ, ободии кишвар, донишандӯзӣ, созандагӣ, зебоипарастӣ зиндагӣ кардаанд. Муҳаққиқони соҳаи илму маориф, аз қабили Забеҳуллои Сафо, Муҳаммад Рашод, Ю. Абдуллоев, М.Шукуров, М.Орифов, Қ.Рустамов, А.Эшонҷонов, Р.И. Ҳоҷимуҳаммадова, М.Қозиҷонов, М.Лутфуллоев, Ф.Шарифзода, Қ.Қодиров, Б. Раҳимов, Х.Афзалов ва дигарон дар асарҳои худ собит намудаанд, ки “тоҷикон яке аз қадимтарин халқҳои ҷаҳон буда, аслу насабашон ба ориёиҳо мепайвандад. Онҳо ҳанӯз дар аҳди тамаддуни ориёӣ мактабҳо доштанд ва фарзандони онҳо ба мактаб мерафтанд.” [194, с.16-17].

Дар адабиёти методии солҳои мухталиф муҳаққиқони соҳаи илм ба фаъолияти мустақилонаи омузишӣ назари гуногун доштанд. Масалан, дар барномаи солҳои нахустини мактабҳои Шуравӣ инкишофи нутқро “машқи даҳанакӣ ва хаттӣ” меномиданд.

Дар китоби Икром Хоҷаев «Методикаи мухтасари забони тоҷикӣ» (1945), ки яке аз корҳои методии аввалин дар адабиёти методии замони шуравии тоҷик ба шумор меравад, «Маданияти нутқ» номида шудааст. Муаллиф дар ин асари худ таъкид мекунад, ки «…дар дарси забони модарӣ маданияти нутқ ҷой ва мавқеи махсусро мегирад». Бинобар ин, ӯ омӯзгоронро даъват менамояд, ки «ба бачагон бурро ва сареҳ,боадабо-

на гап заданро омӯзонанд» [178, с.195].

Соли 1947 асари методии дигар бо номи «Китоби муаллим» аз чоп мебарояд. Китоб аз тарафи ходимони Институти давлатии тадқиқотӣ-илмии мактабҳо ба нашр тайёр гардида, асосан, ба ёрии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ навишта шудааст. Дар он бисёр масъалаҳои таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ шарҳ дода шудааст. Масалан, дар боби V дар бораи «Ташкил кардан ва гузаронидани дарс дар мактаби ибтидоӣ” чунин навишта шудааст: Саволҳо бояд мазмуни ҷавобро пешакӣ хабар надиҳанд. Чунин савол додан дуруст нест. Масалан:

«Омӯзгор: – Канӣ бачаҳо, гӯетон чӣ: бо поезд тез рафтан мумкин аст, ё бо асп?

Бачагон: (ҳама якҷоя): – Бо поезд.

Омӯзгор: – Бо мошин кор кардан назар ба кори дастӣ осонтар аст, ё мушкилтар?

Бачагон: – Бо мошин осонтар аст» [75, с.113].

Ин гуна саволҳои додашуда саволҳои аз мазмуни ҷавоб пешакӣ хабардиҳанда мебошанд. Ҷавобҳое, ки хонандагон ба ин саволҳо додаанд, дониши онҳоро зиёд намекунад. Чунин саволҳо ба фикр кардани бачагон имконият намедиҳад.

Саволро тавре гузоштан лозим аст, ки барои бачагон як қадар душворӣ пеш орад ва бачаҳо вазифадор шаванд, ки барои ҳал кардани он фикр кунанд. Барои ба чунин савол ҷавоб додан дониши худро ба кор бурдан зарур шуморида мешавад.

Боби IV китоб ба қалами педагог ва методисти тоҷик Ш.Ниёзӣ тааллуқ дошта, ба масъалаи таълими забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар ҳамин боб доир ба ҳалли масъалаҳои таълими грамматика изҳори ақида намуда, андешаҳои худро дар бораи «Давраи тайёрӣ ба таълими савод» изҳор намудааст.

Ин китоб, яъне «Китоби муаллим» соли 1969 аз нав аз чоп мебарояд. Дар ин китоб дар қатори дигар масъалаҳои таълим ва тарбия, дар хусуси кори мустақилонаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ чунин гуфта шудааст: «Дар синф дуруст ташкил кардани кори мустақилона ба хонандаҳо имконият медиҳад, ки асосҳои донишро чуқуртар омӯзанд, ба қувваи худ бовар кунанд, дар иҷрои ҳар як супориш ё машқ қодир бошанд, нақшаи иҷрои ин ё он вазифаро мустақил тартиб диҳанд, роҳҳои ҳалли онро пешакӣ муайян карда, дар дарс эҷодкорона рафтор кунанд.» [218, с.94].

Соли 1951 асари М. Шукуров ва А. Эшонҷонов «Методикаи забони тоҷикӣ» (барои омӯзишгоҳҳои педагогӣ) аз чоп мебарояд. Бартарии ин асар аз ҳамин иборат аст, ки дар он маводи методӣ ба тартиби муайян дароварда шуда, бо забони сода ва равон навишта шудааст.

Ҳамин китоб бо номи «Методикаи таълими забони тоҷикӣ дар мактабҳои ибтидоӣ» бори дуюм соли 1956 ва бори сеюм соли 1964 аз чоп мебарояд. Дар ду нашри охир ба муаллифони пештара М.Раҳмонов ҳамроҳ  шуда, дар нашрҳои минбаъда дар бораи таълими грамматика дар мактабҳои камнуфус низ маълумот пешниҳод мекунад. Аз ҷумла, омадааст: «Муаллим дар як вақт бо ду, се синф машғулият мегузаронанд. Кори ин гуна омӯзгорон душвор буда, хусусиятҳои худро дорад. Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи таълим дар синфҳои камнуфус ташкили кори мустақилона мебошад. Кори мустақилона дар ин гуна синфҳо на танҳо ҳамчун тарзи мустаҳкам намудани дониш, ҳосил кардани маҳорату малакаҳо, инчунин методи таълим ба шумор меравад. Хонандагони чунин синфҳо маълумоти заруриро маҳз дар натиҷаи дуруст ба роҳ мондани кори мустақилона мегиранд.» [178, с.46].

Дар соли 1958 китобчаи методист А.Эшонҷонов «Баъзе масъалаҳои таълими забони модарӣ дар мактабҳои ибтидоӣ» аз чоп мебарояд. Китобча аз ду ҷузъи чопӣ иборат буда, бисёр масъалаҳои муҳимми

таълими забони тоҷикӣ, аз ҷумла, таълими грамматика ва имлоро дар бар мегирад.

Асоси таълими забони модариро дар синфҳои ибтидоӣ инкишофи нутқи хонандагон ташкил менамояд, ки ба таври амалӣ аз худ кардани меъёрҳои забони адабӣ, ташаккули малакаи хондану навиштан ва такмили маданияти нутқ аз муҳимтарин вазифаҳои он аст.

Солҳои баъд дар соҳаи таълими ибтидоӣ тағйироти ҷиддӣ ба амал омад. Мазмун ва мундариҷаи таълими ибтидоии забони модарӣ, аз ҷумла, қисми грамматика ва имло хеле дигар шуда, ба пешрафти имрӯзаи забоншиносӣ, психология ва дидактика мувофиқ кунонида мешавад. Ин дигаргунӣ ба методикаи таълими грамматика ва имло бетаъсир намонд. Агар пештар бо ёрии методҳои таълим хонандагон танҳо дониш гирифта, маҳорату малака пайдо карда бошанд, акнун дар назди методика илова бар он вазифаи дигаре меистод, ки ин рушди ҳаматарафаи насли наврас, инкишофи қобилият ва вусъати шавқи маърифатҷӯии ҳар як фард мебошад.

Маълум аст, ки усули таълим як хел намеистад, тарзҳои нави методӣ доим дар инкишофанду усулҳои нав ба нави таълим ба вучуд омадан мегирад. Методикаи забони тоҷикӣ ҳам дар асоси мушоҳида, омӯхтани таҷриба ва усулҳои нави методӣ боз ҳам инкишоф ёфта, беҳтарин таҷрибаҳоро аз худ инъикос карда меистад.

Дар давоми солҳои 60-80-уми асри XX дар таълими забони модарии синфҳои ибтидоӣ дар ҷумҳурӣ баъзе корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва дастурҳои методӣ ба анҷом расонда шуданд. Аз ҷумла, “Баъзе масъалаҳои таълими алифбо” соли 1966 ба табъ расид. Дар ин китоб нақшаи дарсҳои хониши таълими савод, равиши пурраи дарсҳои алоҳида (хондану навиштан) ва баъзе дигар маслиҳатҳо дода шудаанд. Соли 1971 нақшаи Р.И. Бибарсова оид ба таълими савод чоп шуд. Соли 1977 нашриёти “Маориф” ду дастури М.Маҳмудоваро дастраси омӯзгорон

гардонид, ки яке “Таълими савод дар синф 1”, дигаре “Нақшаҳо оид ба ҳарфҳои бурида ва ҳиҷо” мебошад. Дастурҳои М.Маҳмудова оид ба “Сармашқ” ё “Дафтари машқ” низ аҳаммияти калони амалӣ доштанд.

Дастури тавсиявии устод М. Лутфуллоев «Баъзе масъалаҳои таълими «Алифбо» соли 1969 аз чоп мебарояд. Дар ин дастур масъалаҳои таълими алифбо мувофиқи методи аналитикӣ-синтетикии овозӣ баён карда шудааст. Доир ба омӯзиши ҳарфҳо, нақшаи дарс, инчунин, барои омӯхтани алифбо дастурҳои методӣ тавсия шудаанд. Дар дастур омадааст: «Омӯхтани савод хондан ва навиштанро ба хонандагон ёд додан аст. Вале вазифаи саводомӯзӣ фақат аз хондан ва навиштан иборат набуда, баробари ин ба кори тараққӣ додани тафаккур ва нутқи бачаҳо, бой намудани захираи луғавӣ ва пайдо кардани малакаҳои ибтидоии дурустнависӣ вобаста аст.» [184, с.5].

Ғайр аз ин, масъалаи таълими савод дар китобҳои “Таълими савод дар синфи 1”, “Методикаи таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ” (М.Лутфуллоев, соли 1986) низ баррасӣ шудаанд.

Соли 1986 китоби «Методикаи таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ» (М. Лутфуллоев) ва «Нишондодҳои методӣ оид ба китоби «Алифбо» (М.Лутфуллоев, Р.Довудов, И.Абдуллоев) аз чоп мебарояд ва дастраси кулли омӯзгорон, методистон ва донишҷуён мегардад. Илова бар ин, дар давоми солҳои 80-уми асри XX оид ба таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ чор дастури методии дигар – Забони модарӣ дар синфҳои 1,2,3,4 ва маҷмуаи имло ва нақли хаттӣ, маводи дидактикӣ, асбобҳои аёнӣ ва чанд маҷмуаи методии дигар оид ба таълими грамматика, имло ва инкишофи нутқ аз чоп мебароянд.

Дастури методии «Нишондодҳои методӣ оид ба китоби «Алифбо» ҳамкории омӯзгору хонандаи синфи 1-умро фарогир буда, дар он чунин таъкид шудааст: «Агар муаллим дар ҷараёни марҳилаи таркиб то андозае ба китоби «Алифбо» бештар сару кор дошта бошад, ҳиҷо,

калима, ҷумла ва матнҳои китобро ҳамроҳи хонандагон мехонад, дар рафти марҳилаи таҳлил асосан озодона амал менамояд. Ӯ, пеш аз он ки овоз ва ҳарфи навро биомӯзонад, аввал замина муҳайё мекунад.

Масалан, барои омӯзонидани овоз ва ҳарфи «Х» тарзҳои зерин истифода мешавад:

**1. Суҳбати одии омӯзгор бо хонандагон**

Омӯзгор: – Бачаҳо, шумо баъди дарс ба куҷо меравед?

Хонандагон: – Ба **хона.**

Омӯзгор: – Шодӣ, **хонаи** шумо дар кадом кӯча воқеъ гардидааст? Шодӣ: – **Хонаи** мо дар кӯчаи Ш.Шоҳин воқеъ гардидааст.

**2. Суҳбат аз рӯйи расм**

Омӯзгор расми **хона**еро нишон дода (мумкин аст аз расми китоб истифода барад), суҳбатро бо чунин саволҳо оғоз мекунад:

Омӯзгор: – Шумо дар ин ҷо расми чиро мебинед?

Бачаҳо: – Мо дар ин ҷо расми **хонаро** мебинем.

Омӯзгор: – **Хона** аз кадом қисмҳо иборат аст?

Бачаҳо: – **Хона** аз дар, тиреза, бом, девор иборат аст.

Омӯзгор: – Дар назди **хона** чӣ ҳаст?

Бачаҳо: – Дар назди **хона** дарахт ҳаст.

**3. Чистон.** Омӯзгор ба тахтаи синф расми харбузаеро овехта, чистони зеринро мегӯяд:

Ширин асту бомаза,

Бе алав мепаза (д)…» [181, с.6].

Бо ҳимин усул овоз ва ҳарфи «Х» ба хонандагон омӯзонида мешавад.

## 1.2. Имконияти зеҳнии талабагони хурдсол дар раванди ташкили фаъолияти мустақилонаи таълимии онҳо дар асарҳои методӣ

Дар охирҳои солҳои 20-ум ва аввалҳои солҳои 30-юм Н.К. Крупская ба муқобили вайрон кардани шаклу методҳои лоиҳаи Далтон баромад карда, ошкор намуд, ки хонандагон на дар раванди таълими ба мақсад мувофиқ, на дар раванди омӯхтани асосҳои илм, балки бевосита дар фаъолияти амалӣ бояд соҳиби дониш шаванд. Вай дар яке аз мактубҳои худ навишта буд, ки ӯро он беназмие ба ташвиш овардааст, ки вай дар сурати мавҷуд будани методи лоиҳаҳо ба амал меоянд. Аз он бисёр чизҳо афтида мемонанд, зеро ҳама гуна меҳвар, ҳама гуна таҳқиқот гум шуда меравад.

Н.К. Крупская қисми омӯзгоронеро дар назар дошт, ки ба шароити он давра нигоҳ накарда, усулҳои буржуазии таълимро ба таври механикӣ татбиқ мекарданд. Ӯ ба муқобили универсалӣ гардонидани методи таҳқиқотӣ баромад карда, аҳаммияти усули даҳонакӣ ва айниро дар таълим таъкид менамуд.

Мутобиқ ба вазъияти фанни забоншиносӣ, педагогика, психология дар давраҳои гуногуни таърихӣ доир ба методи таълими савод ва методи таълими грамматика назарияҳои гуногуни методӣ ба вуҷуд омаданд. Омӯзгорону методистон бо мақсади беҳтар намудани сифати таълими савод методҳои гуногунро истифода мебурданд.

Аввалин асарҳои методистони тоҷик баъди солҳои 20-уми асри XX таҳия гардида, сол то сол рӯ ба инкишоф ниҳоданд. Ба аввалин таълифоти муҳаққиқони тоҷик оид ба методикаи таълими асарҳои Мирзо Муҳаммадзода Собит «Мифтҳои таълим» (1922), «Сарфу наҳви забони тоҷикӣ барои синфҳои V-VI» (1927), “Таҷрибаи аввалин аз сарф” (1930), «Сарфу наҳв» (1930), Муфрадот-маа- мураккаботи сархат» (1932), Нисор Муҳаммад “Алифбои забони тоҷикӣ» (1924) ва ғайраро дихил кардан мумкин аст.

“Аз солҳои 1933-1985 китоби “Алифбо”-и Ҳилол Каримов ва солҳои 1986-2003 китоби “Алифбо”-и М.Лутфуллоев таҳия гардидаанд. Аз соли 2004 то имрӯз китоби “Алифбо”-и М.Лутфуллоев, Ф.Шариф зода,И.Абдуллоев дар асоси ҳамгиросозии хониш ва машқи хат мутаттабгардида , дар хизмати навомӯзони тоҷик мебошад.” [179, с.45].

Пас аз солҳои 90-уми асри XX таълими ҳамгиро руйи кор меояд. Ба ин муносибат китобҳои педагог – методист Ф. Шарифзода “Таълими муштарак –асоси инкишоф ва тарбия”, “Таълими ҳамгиро: “проблема, таҳқиқ ва андешаҳо” (қисми 2), “Назария ва амалияи таълими ҳамгиро” ба табъ мерасад.

Соли 2007 китоби устод М.Лутфуллоев «Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ» нашр мешавад, ки он нусхаи нисбатан мукаммали китоби пештара буда, дар он хелҳои корҳои мустақилона батафсил пешниҳод гардидаанд:

Аз ҷумла, такмил карда хондани калима ва ҷумлаҳо. Ин намуди кори мустақилона хоси давраи таълими савод буда, хонандагон ба ҷойи калимаҳо расмҳои мувофиқ гузошта, ҷумла тартиб медиҳанд. Масалан, ҷумлаи Сафар ба  дон дод. Хонандагон бо супориши омӯзгор номи парандагон ва ҳайвонотро гирифта ҷумларо мехонанд. Дар ин кори мустақилона фаъолияти эҷодии хонанда рушд ёфта, ӯ метавонад ба ҷойи як расм аз чанд расми дигар истифода намуда, ҷумлаҳои гуногунмазмун тартиб диҳад. Масалан:

Шокир ба , ,,  ва  дон дод.

Шодӣ ба  (об), алаф дод.

Хонандагон ҳар қадар калимаҳои нав ва зиёдро хонанд, ҳамон қадар ба нафъи хониши онҳост.

Навъи нисбатан мушкили ин кор аз калимаҳо ва расмҳои зиёд интихоб намудани калимаи зарурист, ки онро машқҳои мантиқӣ низ меноманд. Масалан,рӯйи мизи омӯзгор расмҳои гуногун: себ, шер, анор,










рӯбоҳ, мурғ, харгӯш, ангур, асп, , , ,,, , ва ғайра ба сурати махлут гузошта шудаанд. Хонанда бояд расмҳои мувофиқро интиҳоб намуда, ҷумлаи «Дар боғи мо ,  ва  мерӯяд”-ро таҳия намоянд ва онро хонанд.

Соли 2014 бо қалами муаллифон Ф. Шарифзода, М.Лутфуллоев, Б.Ғаниева, С.Қуйбекова «Методикаи таълими забони модарӣ дар синфи 2» аз чоп баромад ва дастраси омӯзгорону методистони соҳа гардид.

Муаллифон ба мақсаду вазифаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва рушд диққати асоси дода, таъкид ба он доранд, ки дар қисми болои тахтаи синф ситораи дурахшоне гузошта шавад ва омӯзгор  дар ҳар дарсу соат кӯшиш намоянд, ки қадам ба қадам сӯйи ситора ҳаракат карда, тадриҷан онро ба даст оранд. Дар фатҳи ин қулла омӯзгор на танҳо ҳамроҳи хонандаҳост, балки яке аз онҳост. «Ҳамроҳ мехонем, ҳамроҳ менависем, ҳамроҳ фикр мекунем, ҳамроҳ қадам мегузорем.» [302, с.4].

Дар ҷараёни дарсҳо аз усулҳои фаъолгардонии раванди таълим, аз қабили нақшофарӣ, шиддати фикр, худназоратӣ, худсанҷию худбаҳодиҳӣ, тасвири ҳаёлию қаламӣ, саволу пурсишномаҳои

муқаррарию тестӣ, диаграммаҳо, ребусҳо, кластерҳо, бозиҳои дамгирию таълимӣ, ки мустақилона иҷро гардида, ба рушди зеҳн ва нутқи хонандагон мусоидат мекунанд, истифода кардан лозим аст.

Бо мақсади рушди зеҳнии хонандагон китоби муаллифон Ф. Шарифзода, Х.М. Сабурӣ, О.Э. Қаюмова «Ҳадафи фикр кашфи асрор аст» соли 2021 аз чоп баромад. Дар китоб омадааст: «Мо амалҳои хондану навиштан ва гуфторро, хусусан, устуворсозии хотираро, ки дар ҳаёти инсон нақши арзанда дорад, ҳаргиз сарфи назар карданӣ нестем. Мушкилоти мактаби имрӯза дар он зоҳир мегардад, ки баъзе мавридҳо муҳиммияти хотир аз рушди тафаккур ҳам болотар гузошта мешавад, ки ин аслан дуруст нест. Солиёни тулонист, ки ба ин мақсаду вазифаи муҳимтарини таълиму тарбия: бедорӣ ва рушди зеҳну тафаккури таҳлилии кӯдакон, ки дар илми педагогика заминаи устувори фаъолияти мустақилона, ҷӯёй ва эҷодӣ шинохта шудааст, хеле кам ва сатҳӣ аҳаммият дода мешавад.

Барои он ки одам фикри худро босамар бедор намуда, рушд диҳад ва қавию тавоно намояд, бояд пайваста доништалаб ва донишомӯз шавад, яъне кӯшиши «ҳамаро донистан» кунад ва ҳама чизи пурасрор, арзишманд ва зарури то ҳол нафаҳмидаашро маърифат намояд. Донишҳои ҳосилкардаашро дар амал бисанҷад ва натиҷаҳо ба даст оварад, бифаҳмад, ки донишҳо ва асрори олам нопайдоканор аст, вале донисташаванда буда, агар одам мунтазам заҳмати омӯзиш бикашад, донишманду тавоно хоҳад шуд. Тавре ки Фирдавсии бузургвор фармудааст:

Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад,
Ба дониш дили пир барно бувад.

Аз ин лиҳоз, дар хонавода, кӯдакистон ва синфҳои ибтидоӣ пайваста гузаронидани фаъолиятҳои зеҳнӣ, ҳалли масъалаҳои шавқовар,

ҷустуҷӯйӣ ва таҳлилию эҷодӣ имконият медиҳад, ки тафаккури хонандагон давра ба давра рушд ёфта, дар онҳо ҷуръати мустақилона ҳал кардани масъалаҳои ҳаётӣ пайдо шавад.

Олимон ва муҳаққиқони зиёде: Атахонов Р [354], Агапова Г. Х., [397], Хуторрский А. В. [400], Байдельдинова Г.К. [30], Бабанский Ю. А. [28],Богоявленский Д.Н. [51], Борисов П.П. [55], Байденко А.,[31], Безруков В.С [43], Белянкова Н.М., [44, 45], Берулаева М.Н. [46], БлаугерВ.И. [48], Бидолф Стив. [47], Выготский Л.С. [58-66], Гершунский Б. С. [73], Гуревич К.М. [76], ГальперинП.Я. [67], Гвоздев А.Н. [71], Глязер С.В. [74], ГеоргеИ.В. [72], Ғаффоров А. [68,69,70], Димитриева Е.Д. [88], Дьюи Дж. [91,92], Ерастов Н.П. [93], ЗимняяИ.А. [100,101,102], Збровский Г.Е. [95], Зубайдов У.З. [104,105,106], Икромова Ф., [107-114],Иматзода Лутфия Маҳмадулло[356], Исмоилов Ш [115,358], Крупская Н.К. [135,136, Коменский Я.А [124,125, 126,], Кононыкин Н.П[129,130,131], Ушинский К.Д.. [285,286,287, 288,289,], Кустараев В.А. [144], Кон И.С. [128], Каримов А. [ 118,119,120], Камолов Н.[116], Колесов В.В. [123], Кошкина И.В. [360], Капинос В.И. [117], Қаюмова О.Э. [145,146], Қурбонов М. [137- 142], Қозиҷонов М [122], Лутфуллоев М.[163-194. ...], Луначарский А. В. [162], Лернер И.Я. [154-157], Леснафт П. Ф.[158], Мирзоев Р [204,205,206], Мединцева И.П. [203], Масъуми Н [200], Макарова В.Н. [196,197], Пиаже Ж [221], Пуйлова М.А. [398],Подьяков М.Н. [224], Пидкасистый П.И. [222,223], Поташник М.М. [225], Рустамов Қ. [244-248], Редозубов С.П. [231-234,], РождественскийН.С.[235- 239], Рамзаева Т.Г. [227,228], Рыбинкова М.А. [250], Рустамов Ш. [249], Рахманкулова Н.Ф. [230], Ревен Дж. [226], Раҳимов А. [229], Раҷабов Қ.[377], Скаткин М.Н. [267], Суворова Г.Ф. [275], Селевко Г.К. [263], СангиновИ. [258], Сорокина А.И. [270], Спенсер Г. [271],Славина Л.С. [268], Сластенин В.А. [269], Срезневский И.И. [272], Стрекозин В.П. [273,274], Соколов А.А. [384], СеврюковаИ.О. [399], Серебреников Б.А. [264], Скаткин Л.П. [266], Сангов Қ [259,260,

380,381,382,383],Саидов И. [252],ТализинаН.Ф. [278,279], Троянская С.Л. [283], Текучев В.А. [281], Фред З. [292], Файзуллоева М.М. [290], Хуторский А.В. [296,400], Холиқназаров Ҷ. [293], Ҳомидов Ҷ., [375], Ҳамидова А. [376], Ҳоҷиев С. [295], Чередов И.М. [297],Шербоев С [326,327], Шарифзода Ф. [300- 316.,393,394], Шукурова М.Ш. [328], Шарифов Ҷ [310], Шарифов Э. [299, 317-325],Ҷумаева Ҳ [298] , Щукина Г.И. [329], Якиманская И.С. [ 339,340, 341], Якобсон П.М. [342],Янг М.,Мирзораҳмадов Ф. [344],Янковский М.Г. [345],Ярошевский М.Г. [346],ЯрославцеваЕ.Ю. [347], ба майдони илми методикаи таълими забони модарӣ омада, чи дар синфҳои ибтидоӣ ва чи дар синфҳои болоӣ саҳми муносиби худро гузоштаанд. Бартарии қисме аз ин методистон аз он иборат аст, ки онҳо айни замон муаллифони китобҳои дарсии забони модарӣ мебошанд. Илми методикаи таълими забони модарӣ аз муаллифон- методистон М. Лутфуллоев, Ф. Шарифзода, С.Аминов, С. Шербоев, А. Байзоев, Р. Мирзоев, И. Абдуллоев, Б. Боронов ва дигарон умеди калон дорад. Ин ва дигар педагог-методистон, ба андешаи мо, ба ҳалли масъалаҳое машғул шудаанд, ки ҷомеаи имрӯзаи мо ба он ниёз дорад.

Дар ин давра дастурҳои қобили назари методӣ низ таълиф ёфтанд. Ба таври намуна асарҳои “Таърихи методикаи таълими забони тоҷикӣ дар мактаб” (Қ. Рустамов, 2001), “Талими савод дар мактаби куҳна” (М.Қозиҷонов), “Рушд ва такмили усулҳои савод дар мактабҳои Тоҷикистон” (А.Алиев), “Мавқеи бозиҳои таълимӣ дар давраи саводомӯзӣ” (М.Лутфуллоев, И.Абдуллоев, 2008) ва дигаронро қайд кардан мумкин аст.

Соли 2012 барои синфҳои ибтидоӣ китобҳои дарсии нав таълиф ёфтанд:

- Алифбо (барои синфи якум), муаллифон – М.Лутфуллоев, Ф.Шарифзода, И.Абдуллоев.

- Забони модарӣ барои синфи якум, муаллифон – А.Байзоев, Г.Машокирова, Ҷ.Зубайдова, А.Аҳмадбекова, Ҷ.Абдуллоев.

- Забони модарӣ барои синфи дуюм, муаллифон – Ф.Шарифзода, М.Лутфуллоев, Б, Ғаниева, С.Куйбекова.

- Забони модарӣ барои синфи сеюм, муаллифон – И.Абдуллоев, З.Абдуллоев, Б.Боронов, З.Дорғабеков.

- Забони модарӣ барои синфи чорум, муаллифон – М.Зиёев, Ӯ.Эрматова, Ф.Олимова, Б.Зоолшоева,

Китобҳои дарсии мазкур, бо дарназардошти имконоти зеҳнии хонандагони хурдсол дар раванди ташкили фаъолияти мустақилонаи омӯзишии онҳо руйи кор омаданд.

Бо вуҷуди ин, дар раванди ташкили фаъолияти мустақилонаи таълими грамматика вобаста ба синну сол ва қобилияти фикрию ҷисмонӣ ба эътибор гирифтани имконияти зеҳнии хонандагони хурдсол назарияҳои гуногуни методӣ вуҷуд дошт. Қатъи назар аз он ки дар таълим як низоми муайян дида намешуд, омӯзгорон ва методистон бо мақсади беҳтар намудани сифати таълим методҳои гуногунро кор фармуда, фаъолияти мустақилонаи хонандагонро аз омӯзиши овозҳо сар карда, ба ҳиҷо ё калимаҳои бутун анҷом медоданд (методи синтетикӣ). Гурӯҳи дигари методистон имконият ва қобилияти зеҳнии хонандагони хурдсолро дар раванди ташкили фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ба эътибор гирифта, таълимро аз ҳиссаҳои бутун (аз ҷумла, калима) сар карда, бо ҷузъҳои хурд (овозу ҳарфҳо) анҷом медоданд (методи аналитикӣ). Гурӯҳи сеюми омӯзгорону методистон дар методи худ аз унсурҳои ду методи аввала истифода бурда, як методи муштаракро бо номи "Методи таҳлил ва таркиб" ба вуҷуд оварданд (методи аналитикӣ-синтетикӣ).

Дар раванди ташкили фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ба эътибор гирифтани имконоти зеҳнии хонандагони хурдсол ба сода ё

мураккаб будани маводи омӯзиш вобаста буда, вобаста ба дастрасӣ ба маводи таълимӣ методҳои мувофиқ интихоб карда мешавад. Масалан, дар методи аналитикӣ чунин вариантҳо дида мешавад: а) методи аналитикии овозӣ, б) методи аналитикии ҳарфӣ, в) методи аналитикии ҳарфӣ-овозӣ.

Таҷрибаҳо дар раванди таълими савод ошкор сохтанд, ки истифодаи самараноки методи аналитикӣ-синтетикии овозӣ (яъне, методи таҳлил ва таркиби овозӣ) ҳангоми иҷрои фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ба қобилияти зеҳнию нутқии хонандагон рушд бахшида, самаранокии ин усул бештар ба назар мерасад. Чунки қобилияти зеҳнии хонандагони хурдсол дар раванди ташкили фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ба эътибор гирифта мешавад. Аз рӯйи ин метод роҳҳои таҳлили калима ва таркиби унсурҳои он дар маркази диққат меистад, ки он аз таҳлилу таркиб намудани ҷиҳатҳои овозии калима иборат аст. Аз тарафи дигар, аз рӯйи ин метод на фақат ҷиҳати овозии калима, балки дар раванди саводомӯзӣ бо роҳбарии омӯзгор бо кадом аломатҳои шартӣ ифода ёфтан ва сурат гирифтани калимаҳо низ омӯхта мешавад. Яъне, вобаста ба қобилияти зеҳнии хонандагон калимаҳоро ба қисмҳои алоҳида ҷудо карда, аз кадом унсурҳо таркиб ёфтани онҳо муқаррар карда мешавад. Ҳангоми иҷрои чунин фаъолияти мустақилона дар раванди таълим на танҳо қобилияти фикрию зеҳнӣ, балки қувваҳои сомеа ва босира ҳам инкишоф меёбанд.

Аз нуқтаи назари Н.С. Леттес аз ҳама муҳим барои тафаккури инсон "...ошкор сохтани муносибату алоқаҳои қонунии олами атроф мебошад: дигаргуниҳои дар пеш истодаро пешбинӣ мекунад, имконияти иваз кардани ҳақиқати ҳолро медиҳад. Талаботи шахсии ақл аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Фаъолияти ақлонӣ-хусусияти хосӣ айёми кӯдакӣ мебошад. Вай на танҳо дар ҳодисаҳои беруна, балки бо намудҳои ҷараёнҳои дохилӣ ҳам дида мешавад." [159, с.303].

Ба эътибор гирифтани қобилияти зеҳнии хонандагони хурдсол дар раванди ташкили фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ имконият медиҳад, ки хонандагон ба муҳимтарин асосҳои методи аналитикӣ-синтетикӣ-овозӣ дастрасӣ дошта бошанд:

1. Ҳангоми ҷумларо ба калимаҳо ҷудо кардан;

2. Калимаҳоро даҳонакӣ ба ҳиҷоҳо ҷудо карда, аз ҳамон ҳиҷоҳо боз калима тартиб додан;

3. Калимаҳоро шифоҳӣ ба ҳиҷоҳо, баъд ба овозҳо ҷудо карда, аз ҳамаи ҳиҷоҳо ва ё аз ҳиҷоҳои алоҳида калима тартиб додан;

4. Калимаҳоро шифоҳӣ ба ҳиҷоҳо ҷудо карда, ифодаи хаттии онҳо – ҳарфҳоро нишон додан;

5. Ба хонандагон ёд додани аломати овоз-ҳарф;

6. Ба воситаи хат- ҳарф, тартиб додани ҳиҷо ва калимаҳо.

Бо назардошти қобилияти зеҳнии хонандагони хурдсол фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ, аз рӯйи методи таҳлил ва таркиб якҷоя гузаронда мешавад. Аҳаммияти истифодаи самараноки ин метод дар ин аст, ки он хусусиятҳои овозии нутқамонро муайян карда, барои бошуурона аз худ кардани савод ёрӣ мерасонад.

Маводи аналитикӣ-синтетикии овозӣ дар вақти овоз ва ҳарфҳоро ёд гирифтани бачагон намудҳои корро ба таври зер нишон медиҳад.

Марҳилаи таҳлил:

1. Аз нутқ ҷумларо ҷудо кардан.

2. Тақсими ҷумла ба калимаҳо.

3. Ба ҳиҷо ва овозҳо ҷудо кардани калима.

4. Ҷудо кардан ва омӯхтани овози нав.

5. Нишон додани ҳарфи чопӣ.

Марҳилаи таркиб:

6. Тартиб додани калима аз алифбои бурида.

7. Хондани калимаи тартибдодашуда.

8. Хондани калимаи нав аз алифбо.

9. Хондани ҷумаҳо аз алифбо.

10. Нишон додан ва навиштани унсур ва худи ҳарфҳои дастнавис, навиштани калимаҳо (баъдтар – ҷумла) бо ҳарфҳи нав. Масалан, раванди омӯхтани овози «Г»-ро нишон додан мумкин аст (Ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1.**

**Раванди омӯхтани овози «Г»**

| Ҷумла | Калима | ҳиҷо | овозҳо | ҳарф |
|---|---|---|---|---|
| Гули гулдон хушрӯй аст. | гул, гудлон, хушрӯй, аст. | гу-ли | г-у-л-и | Г |

1. *Гули гулдон хушрӯй аст.* – ҷумла аз нутқ;

2. *Гули, гулдон, хушрӯй, аст.* – калимаҳо

3. *Гу-ли* – ҳиҷо

4. *Г-у-л* – овозҳо

5. *Г* – ҳарф

6. *Гули* – калима барои хондан

7. *Гу-ли* – ҳиҷо тартиб додан

8. *Гу-ли* – хондани калима

9. *Гули гулдони хушрӯй аст.* – ҷумла барои хондан

10. *Г*- нишон додани ҳарфи дастнавис

11. Унсурҳои хат – ҳарфи *Г (калон),* г *(хурд)*

12. Тарзи навиштани ҳарф дар калима : – гул, дугона, гург.

Аз рӯйи ин нақша диққати хонандагон, аввалан ба овозҳои калима нигаронида шуда, пас аз он шаклҳои хаттии он нишон дода мешавад, ки дар натиҷа онҳо таркиби овозии ҳар як калимаро бошуурона аз худ намуда, тарзи таҳлилу таркиби калима ва ҳиҷоҳоро пурра ва равшан фаҳмида, инчунин, аз алифбои бурида ҳиҷо ва  калимаҳо тартиб дода, хонда метавонистагӣ мешаванд.

Вазифаи асосии омӯзгор дар ин давра аз он иборат аст, ки ба хонандагон аввал ҳиҷоҳои кушодаро омӯзонад. Масалан, *мо, шо, ма, хо, со, ло, ра, ма, на.* Дар хондани ҳамин гуна ҳиҷоҳои кушода дар хонандагон то андозае методи овозӣ ёрӣ мерасонад. Дар қадамҳои аввал ёд додани хониши алоқаноки ҳиҷо ва калимаҳо танҳо бо таҳлили онҳо (ҳиҷо ва калимаҳо) ба даст оварда мешавад. Пас аз ин, овози навро ҷудо карда, аз алифбои бурида калима тартиб дода, он калимаҳоро мехонанд. Аз ин ҷиҳат, раванди омӯхтани овоз барои пайдо намудани малакаҳои хониши бурроъю ифоданок ёрӣ мерасонад.

Барои рушди забономӯзии хонандагон, пеш аз ҳама, қувва ва фаҳмиши бачаҳоро дар синфҳои ибтидоӣ ба назар гирифтан лозим аст. Хонандагон дар натиҷаи машғулиятҳои калимасозӣ, иборасозӣ, навиштани бандҳои шеърӣ, рӯйнавис кардани намунаи ашъори шоирон, қиссаҳои халқӣ, навиштани мактубҳо, ҳуҷҷатҳои расмӣ ва ғайра бо меъёрҳои забони модарӣ дар амал шинос мешаванд.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ маориф соҳаи афзалиятнок эълон шуд. Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар аксар суханрониҳои худ, бахусус, дар паёмҳои ҳамасола ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муваффақият ва камбудиҳои соҳаи маорифро ошкоро хотиррасон ва таҳлил мекунанд ва барои беҳбуди фаъолияти масъулони соҳа, олимон, мураббиён омӯзгорон маслиҳат ва дастурҳои арзишмандро пешниҳод менамоянд: “Мо, пеш аз ҳама, бояд барои рушди қобилияти зеҳнии кӯдакон шароити мусоид фароҳам созем” [17].

Калиди рафъи ҳама гуна камбудиҳои омӯзиш, камсифатӣ ва рӯякӣ будани он, маҳз дар ҳалли ҳамин масъалаи “назарногир,” яъне дар ташкили раванди фикр ва рушди тафаккур ниҳон аст. Мутаасифона, бояд иқрор шуд, ки дар фаъолияти амалии муассисаҳои таълимӣ ва аксарияти омӯзгорон солиёни дароз ба ташкили фаъолияти фикрии хонандагон ва донишҷӯён кам андар кам рӯ оварда мешавад.

### 1.3. Таҳлил ва баҳодиҳӣ ба сифати нақша ва барномаҳои таълим, китобҳои дарсӣ, дастур ва маводи дидактикӣ оид ба таълими забони модарӣ (мазмуни таълим) вобаста ба фаъолияти мустақилонаи таълимии талабагони хурдсол

Барномаи забони модарӣ, ҳамчун дигар барномаҳо, яке аз муҳимтарин ҳуҷҷатҳои давалатӣ буда, дар он ҳаҷми дониши ҳар як хонандаи синфи мактаби ибтидоӣ муқаррар карда шудааст.

Барнома ва китоби дарси бояд мусовӣ маводи таълимиро барои ҳар як синфи (1-4) пешниҳод намояд.

Соли 1951 бо супориши Вазорати маорифи халқи РСС Тоҷикистон китоби "Методикаи забони тоҷикӣ" барои донишҷӯёни омӯзишгоҳҳои педагогӣ ҳамчун таҷрибаи аввалин тартиб дода шуда буд. Нашри дуюми ин китоб (соли 1956) дар натиҷаи ғун намудани таҷрибаи муаллимони пешқадам бо ислоҳу тағйирот аз сари нав кор карда шуда буд, ки дар ин муддат дар соҳаи таълими забон бисёр усулҳои нав ва таҷрибаҳои муҳим ба миён омадаанд.

Пас аз тағйир ёфтани барномаи забони тоҷикии синфҳои I-IV китоби "Методикаи забони тоҷикӣ" ҳам аз баъзе ҷиҳатҳо ба талаботи рӯзафзуни оммаи донишҷӯён, муаллимон ва таҷрибаомӯзон ба таври бояду шояд ҷавоб дода наметавонист.

Аз ҳамин нуқтаи назар Вазорати маорифи халқ ва нашрити "Ирфон" аз сари нав кор карда баромадани китоби "Методикаи забони тоҷикӣ"-ро яке аз вазифаҳои системаи таълими забони модарӣ ҳисоб намуданд. Дар натиҷа, асоси Қонун, барнома ва китобҳои дарсӣ ба куллӣ тағйир дода шуд.

Дар рафти аз сари нав кор карда баромадани китоб, инчунин тақриз ва мақолаҳои доир ба методикаи забон навишташуда, таҷрибаи беҳтарин муаллимони забони мактабҳои тоҷикӣ ва русӣ, аз ҷумла, таҷрибаи муаллимони забони русии вилояти Липеск ба назар гирифта шуд.

“Методикаи таълими забони тоҷикӣ” аз V боб иборат буда, муқаддима, бобҳои методикаи саводомӯзӣ, омӯхтани хат ва тозанависӣ, грамматика ва имло, ба нақша даровардани дарси забони тоҷикӣ аз тарафи А.Эшонҷонов, боби методикаи хониши эзоҳӣ, инкишофи нутқи даҳанакӣ ва хаттӣ аз тарафи М. Шукуров ва боби таълими забони тоҷикӣ дар синфҳои дукомплектӣ аз тарафи М.Раҳмонов навишта шуда, соли 1964 аз чоп баромад.

Барномаҳои таълимии солҳои 1976-2002 чунин аст:

Маълум аст, ки усули таълим як хел намеистад, тарзҳои нави методӣ доим дар инкишофанду усулҳои нав ба нави таълим ба вуҷуд омадан мегиранд. Методикаи таълими забони тоҷикӣ ҳам дар асоси мушоҳида, омӯхтани таҷриба ва усулҳои нави методӣ боз ҳам инкишоф ёфта, беҳтарин таҷрибаҳоро дар худ инъикос карда меистад.

Нақшаи №1..Нақша ва барномаи таълимӣ барои синфҳои ибтидоӣ соли 1976 (1-3) [ 35]

| **№** | **Фанҳои таълим** | **Синфҳо** | | | **Ҳамагӣ** |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 1 | 2 | 3 | |
| 1 | Таълими савод | 204 | - | - | 240 |
| 2 | Забони модарӣ | | 140 | 140 | 280 |

Нақшаи №2.Нақша ва барномаҳои таълимӣ барои синфҳои ибтидоӣ соли 1980 (1-3) [37 ]

| **№** | **Фанҳои таълим** | **Синфҳо** | | | **Ҳамагӣ** |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 1 | 2 | 3 | |
| 1 | Таълими савод | 169 | - | - | 169 |
| | Грамматика ва имло | 126 | | | 126 |
| 2 | Грамматика ва имло | | 140 | 140 | 280 |

Нақшаи №3.Нақша ва барномаҳои таълимӣ барои синфҳои ибтидоӣ соли 1986 (1-3) [ 38]

| № | Фанҳои таълим | Синфҳо | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 1 | 2 | 3 | |
| 1 | Таълими савод | 169 | - | - | 169 |
| | Грамматика ва имло | 126 | | | 126 |
| 2 | Грамматика ва имло | | 140 | 140 | 280 |

Нақшаи №4.Нақша ва барномаҳои таълимӣ барои синфҳои ибтидоӣ соли 1989 (1-4). [42]

| №<br>М | Фанҳои таълим | Синфҳо | | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1 | 2 | 3 | 4 | |
| 1 А | Таълими савод ва инкишофи нутқ | 224 | | - | - | 224 |
| | Грамматика ва имло | | 136 | 136 | 102 | 374 |

Масалан, вақте ки соли 1968 зинаи ибтидоии чорсола ба ибтидоии сесола табдил дода шуд, барномаи забони модарии синфи IV ба синфи III, синфи III-ро ба синфи II ва синфи II-ро ба синфи I айнан кӯчонида монданд” [365, с. 43-46].

Аз ин сабаб умри барномаи таълимии синфҳои ибтидоии сесола хеле кӯтоҳ шуд. Баъди як сол барномаи забон барои синфҳои ибтидоӣ бо иловаю ислоҳ аз нав чоп шуд. Он вақт лозим буд, ки барномаи чорсоларо ба се соли таҳсил тақсим кунем. Вале ин чунин маъно надорад, ки мо боз ба барномаи пештараи чорсолаи соли 1968 баргардем. Бо мақсади роҳ надодан ба хатоҳо, пеш аз ҳама, тавсияҳои қарори Пленуми апрелии соли 1984 КМ ҲКИШ-ро сармашқи кори худ намуда, ба барномаи таҷрибавии 5-рӯзаи таълим гузашта, барномаи мавҷудаи таълимро асос кардан лозим буд.

Ислоҳот, мисли пештара, мавзуи хондану навиштанро дар мадди назари аввал мегузорад. Ба ин маънӣ, мо вазифадорем, ки барномаи ин фанро ҳамаҷониба фикр карда мураттаб намоем. Барои ин маводи зарурӣ дорем. Мо метавонем ба барномаҳои муддати 60 сол амалкарда, таҷрибаи таълими ибтидоии забони модарӣ дар мактабҳои ҷумҳурӣ ва натиҷаи таҷрибаҳое, ки гузаронидаему гузаронида истодаем, такя намоем.

Барнома бояд мақсаду вазифаҳо, мундариҷаи дониш, маҳорат ва малакаҳои хонандагон, шаклҳои ташкили таълим, метод, тарзу воситаҳои омӯзиши забони модариро ба тариқи мухтасар, вале равшану возеҳ ифода намояд.

Унсурҳои асосии нутқ: ҷумла, калима, овоз ва ҳарф барномаи забони модарии синфҳои ибтидоиро ташкил мекунад. Алоқа ва робитаи ин унсурҳо дар барнома ва китобҳои дарсӣ ва дар ҷараёни дарс бояд ба назар гирифта шавад.

Омӯзиши "**Овоз ва ҳарфҳо**" мавзуи асосии синфи 1 (-7солаҳо) аст. Дар синфҳои II-III бошад, он характери такрорӣ дорад. Дар барномаи нав ин мавзуъ дар синф II таълим дода мешавад. Вале тарзи пешниҳоди он чи дар барнома ва чи дар китобҳои дарсӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Аввал ин ки мо ин мавзуъро ба синфи II гузаронида, алоқаи онро аз мавзуъҳои синфи 1 (шашсолаҳо) ҷудо намекунем. Дар синфи I хонандагон баъди таълими савод ҳам қариб ҳамаи ҳарфҳоро (хурду калон) аз ҷиҳати техникиашон машқ мекунанд. Ин имконият медиҳад, ки мо машқи хатро дар давраи таълими савод (соати дуюм) гузаронида, давом диҳем ва алоқамандии як марҳилаи корро бо марҳилаи дигари таълим таъмин намоем. Дар синф II баробари машқи ҷиҳати техникии ҳарфҳо, ҷиҳати дурустнависӣ ба эътибор гирифта мешавад. Яъне, имлои онҳо дар калима ба назар гирифта мешавад. Ҳамаи ҳарфҳои забонамон аз ҷиҳати техникӣ (ҳусни хат) машқ карда шавад ҳам, ба он ҳарфҳое, ки

характери имлоӣ доранд (и, ӣ, у, ӯ, д, т, ҳ, қ, ю, я, й...) бештар диққат додан лозим аст. Масалан, яке аз ин ҳарфҳо ду хел машқро талаб мекунад: яке машқи хат ва дигаре машқи имлояшон дар калима, ки ҳар ду дар алоқамадии якдигар мегузаранд. Тадриҷан машқи техникии ҳарф аз байн меравад, вале машқи имло давом мекунад ва дар синфҳои боло идома меёбад. Аз ҳамин ҷиҳат таълими " Овоз ва ҳарфҳо" дар синфи II ба поён намерасад, балки дар синфи III идома меёбад. Дар синфи IV ин мавзуъ пешниҳод карда намешавад, вале машқи калимаҳои душворнавис бо баъзе ҳарфҳо, ки дар ҳар қадам вомехӯранд, мунтазам таъкиду пешгирӣ карда мешаванд.

**Калима.** Мазмун ва доираи таълими мавзуи "Калима" дар синфҳои ибтидоӣ хеле васеъ аст. Вақте ки мо калима мегӯем, ҳам воҳиди лексикӣ-луғавӣ ва ҳам воҳиди грамматикии онро дар назар дорем. Тавре ки дар барнома дида мешавад, (1986) барои таълими воҳиди луғавӣ-лексикии калима дар синфҳои ибтидоӣ ягон соати алоҳида ҷудро карда намешавад. Кори луғавӣ-лексикӣ вазифаи ҳаррӯза, ҳарсоатаи омӯзгор буд ва мемонад. Фарқ дар он аст, ки солҳои охир ба туфайли баъзе таҳқиқоти носуфтаю нобехта кори лексикӣ нисбат ба луғатомӯзӣ бартарӣ пайдо намуд, ки ин хатои маҳз буд ва бори бачаҳо вазнин шуд. Барномаи оянда бояд онро ба назар гирад  ва таъкид намояд, ки кори асосӣ дар ин соҳа кори луғатомӯзӣ мебошад. Корҳои лексикӣ бояд дар заминаи луғатомӯзӣ ташкил карда шаванд.

Агар аз бачаҳо пурсем, ки сифат ва аломати "пахта"-ро номбар кунед, онҳо ҷавоб медиҳанд: *сафед, мулоим, маҳин, сабук.* Ин кори луғатомӯзӣ аст ва агар корро давом дода пурсем, ки калимаҳои муқобили "сафед" ва "сабук" кадомҳоянд, ҷавоб медиҳанд, ки *сиёҳ, дурушт, вазнин.* Ин кори лексикӣ мебошад. Ҳамин тавр, вазифаи луғатомӯзӣ зиёд ва фаъол намудани захираи луғати бачаҳо бошад, вазифаи корҳои лексикӣ, ки аз корҳои луғатомӯзӣ бармеояд, бар замми

зиёд намудани захираи луғат васеъ ва муайяну равшантар кардани маънои калима аст.

Махсусан, ба он қоидаҳои имлоие бештар диққат дод, ки хонандагон пеш аз навиштан ё ҳангоми навиштани ин ё он кори хаттӣ онҳоро ба хотир оварда истанд ва ба онҳо такя намоянд.

**Синфи I.** (шашсолаҳо) Саволҳои *Кӣ? Чӣ? Киҳо? Чиҳо? Чӣ кор кард? Чӣ кор мекунад?* Ба гурӯҳҳо ҷудо кардани ашё. Машқҳои мантикӣ оид ба ашё. Калимаҳои асосӣ ва муҳим, наздик, азиз, меҳрубон ва навозиш. Фосила дар байни калимаҳо.

**Синфи II.** Муқоисаи калимаҳои ҷудогона ва калимаҳои алоқаманд. Ҷумларо ташкил намудани калимаҳои алоқаманд. Тақсими калимаҳо аз рӯйи саволҳои *Кӣ? Чӣ? Киҳо? Чиҳо? Чӣ кор мекунад? Чӣ кор кард? Чӣ мешавад? Чӣ хел? Кадом?*

Номи ашё ва ба кор бурдани саволҳои *кӣ? киҳо?* Ному насаби одамон, падару модар, хешу табор. Бо ҳарфи калон навиштани аввали ному насаби одамон.

Номи ашё ва саволҳои *чӣ? чиҳо?* Синф, мактаб, кӯча, хона, асбобҳои рӯзгор, асбобҳои деҳқонӣ, асбобҳои чӯпонӣ, мӯзадӯзӣ, ферма, номи техникаи кишоварзӣ. Номи ашёи заводу корхонаҳо, почта, мағозаи хӯрок, номи гулҳо. Бо вергул ҷудо кардани ашё.

Номи деҳаҳо, дарёҳо ва кӯҳҳо, шаҳрҳо ва кӯчаҳо. Бо ҳарфи калон навиштани аввали номи деҳаҳо, дарёҳо, шаҳрҳо, кӯчаҳо.

Ҳайвонҳои ваҳшӣ ва хонагӣ. Бо ҳарфи калон навиштани лақаби ҳайвонҳо.

Машқҳои мантиқӣ. Ҳар як ашё ҷойи худро дорад.

Ҳаракати предметҳо. Саволҳои *чӣ кор кард? чӣ кор мекунад? чӣ шуд? чӣ мешавад?* Ҳаракати гуногуни ашё бо вергул чудо кардани ҳаракати онҳо. Ҳар як ашё ҳаракати худро дорад. Машқҳои амалӣ доир ба истифодаи ҳаракати ашё нисбат ба худи онҳо.

Бо истифодаи ашё ва ҳаракати он сохтани ҷумлаҳо. (Офтоб баромад. Шодӣ омад.)

Аломати ашё. Саволҳои *чӣ хел? кадом?* Аҳаммияти истифода бурдани аломати ашё дар ҷумла. Аломат ва нишонаҳои фарққунандаи фаслҳои сол. Рангҳо ва номи онҳо.

**Синфи III.** Реша ҳамчун қисми маънодори калима. Калимаҳои ҳамреша ё хешу табор. Аз байни калимаҳои зиёд ҷудо карда тавонистани калимаҳои ҳамреша.

**Исм.** Аҳаммияти исм ва саволҳои он. Исми хос, ҷамъбандии исмҳо. Пасвандҳои исмсози *-чӣ, -гар, -зор.* Интихоби калимаҳои ҳаммаъно, муқобилмаъно.

**Сифат** ва саволҳои он. Аҳаммияти сифат дар нутқ. Алоқаи сифат бо исм. Бандаки изофии **-и.** Калимаҳои ҳаммаъно, муқобилмаъно.

**Феъл** ва аҳаммияти он дар нутқ. Саволҳои феъл. Замонҳои феъл: ҳозира, гузашта, оянда. Дар нутқ истифода бурдани феълҳои ҳаммаъно ва муқобилмаъно.

Пешояндҳои *ба, аз, дар, бо ва аз* калимаҳои дигар ҷудо навиштани онҳо.

Мувофиқи саволҳо ба ҳиссаҳои нутқ (исм, сифат ва феъл) ҷудо карда тавонистани калимаҳо.

**Синфи IV**. Машқҳои амалӣ оид ба ҳиссаҳои нутқ (исм, сифат, феъл аз рӯйи саволҳо). Маълумоти умумӣ дар бораи ҳиссаҳои нутқ: исм, сифат феъл, пешояндҳо ва ғайра.

**Исм ва таърифи он.** Саволҳои исм. Исми хос ва имлои онҳо. Исмҳои танҳо ва ҷамъ. Пасвандҳои ҷамъсози *-ҳо, -он, (-гон, -ён).* Исмҳои сода. Ҳамсадоҳои *д,т* дар охири исмҳои сода. Исмҳои сохта. Пасвандҳои *-чӣ, -гар, -зор, -сор.* Имлои исмҳои сохта.

**Сифат ва таърифи он.** Саволҳои сифат. Аҳаммияти сифат дар нутқ, Алоқаи сифат бо исм. Ҳамсадоҳои *д, т,* дар охири сифатҳо. Пасванди -*тар* ва имлои сифатҳое, ки бо ин пасванд сохта мешаванд.

**Феъл ва таърифи он.** Саволҳои феъл. Замонҳои феъл: ҳозира, гузашта ва оянда. Ҳамсадоҳои *д,т,* дар охири феълҳо.

Пешояндҳои *ба, аз, дар, бо, барои* ва имлои онҳо.

Пайвандаки *ва*, вазифа ва имлои он.

Ҷумла муҳимтарин унсури нутқ мебошад. Мазмун ва доираи таълими он низ хеле васеъ аст. Дар давраҳои аввал хонандагон ба ҷумла бо роҳи машқҳои амалӣ шинос мешаванд, баъдтар ба онҳо маълумоти назариявӣ ҳам медиҳем.

**Синфи I.** Аз нутқ ҷудо намудани ҷумла ва нишон додани аломати шартии он.

Бо ҳарфи калон сар кардани ҷумла ва гузоштани нуқта дар охири он.

**Синфи II**. Машқҳои амалӣ бо матнҳои алоқанок ва ҷумлаҳои ҷудогона. Аз матнҳо ҷудо кардани ҷумлаҳо. Ба ду ҳисса тақсим намудани ҷумла: дар ҳиссаи якум сухан дар бораи кӣ ё чӣ меравад ва дар ҳиссаи дуюм дар хусуси ҳамон кӣ ё чӣ ягон чиз гуфта шудааст.

Нақшаи ҷумла ва нақшҳои амалӣ аз рӯйи он: Нишон додани ҷумлаи хабарӣ ва саволӣ дар нақша. Ҳарфи калон дар аввали ҷумла, нуқта ва савол дар охири он. Пас аз нуқта ва ё савол бо ҳарфи калон сар кардани ҷумлаи дигар.

**Синфи III.** Таърифи ҷумла. Хелҳои ҷумла: ҷумлаи хабарӣ, саволӣ ва хитобӣ. Нишон додани аломатҳои шартии хелҳои ҷумла (.,?, !)

**Синфи IV.** Таърифи ҷумла (такрор). Сараъзоҳои (климаҳои асосӣ) ҷумла. Мубтадо ва хабар. Мувофиқати хабар бо мубтадо. Аъзоҳои пайрави ҷумла (онҳоро ба хелҳо ҷудо накарда). Ҷумлаҳои чидааъзо ва ба кор бурдани вергул дар онҳо. Пайвандаки *ва* дар ҷумлаҳои чидааъзо.

Ин буд мазмуну мундариҷаи тахминии забони модарӣ дар синфҳои I-IV.

Ба андешаи устод М.Лутфуллоев "яке аз корҳои асосӣ ва муҳим дар ин соҳа мураттаб сохтани нусхаҳои гуногуни нақшаҳои таълим мебошад. Мо чунин мешуморем, ки таълими муштарак маҳз дар ҳамин нақшаҳо ифода меёбад. Азбаски нақшаи таълим дар ин маврид дар синфҳои ҷудогона фарқ мекунад, мо онҳоро алоҳида меорем. Инак, чанд нусхаи онро дар синфҳои ибтидоӣ баррасӣ мекунем." [365, с.51-56].

Нақшаи таълими мактаби чорсола (панҷрӯза). Нусхаи 1

| **№** | **Фанҳои таълим** | **Синфҳо** | | | | **Ҳамагӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1 | 2 | 3 | 4 | |
| 1 | Забони модарӣ | 10 | 8 | 8 | 8 | 34 |

Нақшаи таълими мактаби чорсола (панҷрӯза). Нусхаи 2

| **№** | **Фанҳои таълим** | **Синфҳо** | | | | **Ҳамагӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1 | 2 | 3 | 4 | |
| | Забони модарӣ | 10 | 9 | 9 | 9 | 37 |

Нақшаи таълими мактаби чорсола (панҷрӯза). Нусхаи 3

| **№** | **Фанҳои таълим** | **Синфҳо** | | | | **Ҳамагӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1 | 2 | 3 | 4 | |
| 1 | Забони модарӣ | 10 | 10 | 10 | 10 | 40 |

"Забони модарӣ" як фан аст, вале мебинем, ки онро бо номҳои таълими савод, хониш, грамматика ва имло, ҳусни хат, хониши беруназсинфӣ дар ҷадвал дарс мегузоранд ва мехонанд" [ 365, с.51-56].

Фанни забони модарӣ, ки мақсаду вазифаи ягона ва умумӣ дорад, ба фанҳои гуногун ҷудо шуда, аз рӯйи барномаю китобҳои дарсии ҷудогона дарс дода мешавад. Оё мумкин нест, ки ҳамаи инро "Забони

модарӣ” гӯему дар як барномаю китоби дарсӣ муттаҳид намоем. Ин фанҳо табиатану таърихан яканд, вале мо худамон имрӯз дар бораи алоқаи онҳо гап мезанем. Ҳангоме ки ин қисмҳо бо номи умумии як фан муштарак дарс дода мешаванд, мақсаду вазифаҳои дидактикӣ ва тарбиявии он дучанд зиёд мешавад. Дар ҳар як дарси забони модарӣ ҳамаи унсурҳо (хониш, грамматикаю имло, машқи хат, инкишофи нутқ) мавҷуданд.

Таҳлил ва баҳодиҳӣ ба сифати нақша ва барномаҳои таълим, китобҳои дарсӣ, дастур ва маводи дидактикӣ оид ба таълими забони модарӣ собит сохтанд, ки дар мактаб фанҳое таълим дода мешаванд, ки чанд сол қабл боб ё фасли ягон фанни таълимӣ буданд. Ин вазъият теъдоди фанҳои мактабӣ ва сарбории хонандагонро афзуд ва мушкил мекард. Масалан, академик М.Луфуллозода дар мақолааш “Тадриси муштараки фанҳо” дар ин бора чунин андешаро пешниҳод намудааст: “Нақшаҳои таълимии имрӯза барои гузаштан ба ҳафтаи 5-рӯзаи таълим имконият намедиҳанд. Таваҷҷуҳ фармоед: хонандаҳои синфҳои 2-юм ва 3-юм ҳафтае (6-рӯзаи таълим) 27-28 соат дарс мехонанд, ки 4 рӯз 5-соатӣ ва 2 рӯз 4-соатӣ рост меояд. Агар ин миқдори соатҳоро ба ҳафтаи 5-рӯзаи таълим гузаронем, он гоҳ хонандаҳои хурдсоли 8-9-сола рӯзе 5-6 соат дарс мехонанд, ки ин тамоман мумкин нест” [190, с.51].

Дар ин бора махсус бояд таъкид кард, ки тоқатфарсо кардани сарбории зеҳнии кӯдакон возеҳан зараровар буда, ба саломатӣ ва сифати азхудкунии онҳо садамаи ислоҳнопазир ворид месозад.

“Вале, вақте ки таълими муштараки фанҳоро пеш мегирем, масъалаи 5- рӯзаи таълим худ аз худ ҳал мешавад” [190, с.51].

Нақшаи таълими мактаб низ хеле сербор аст. Возеҳан, зарурати вокеӣ ба миён омадааст, ки ба стандартҳои нави таҳсилот, ки ба маҷрои талаботи ҷомеаи ҷаҳонӣ мувофиқ бошанд, рӯ оварем, то ки ҳаҷми буҷаи

таълимии хонандагон аз ҷиҳати илмӣ асоснок бошад ва ба ҳалли босамари вазифаҳои таълимию тарбиявӣ мусоидат намояд.

Асоснокӣ ва махсусияти пешниҳоди мазмуни фанҳои ҳамгироигаштаи таълимӣ ба таълимот (қонуният)-и фалсафӣ-диалектикӣ такя мезанад, ки дар табиат ва ҷомеа тамоми чизҳо (ашё), ҳодисот ва равандҳо дар робитаи мутақобила арзи вуҷуд доранд. Ва маҳз ҳамин қонунияти фалсафӣ бояд бунёди боэътимоди мазмуни таҳсилоти мактаби муосирро ташкил намояд. Вагарна дар ҷаҳонфаҳмии насли наврас, дар зеҳну тафаккури ӯ табиат ва ҷомеа на ҳамчун воқеияти ягонаву яклухт, ҳамгиро ва дониши мураттабу бонизом, балки ҳамчун мафҳумҳои пароканда, ахбори алоҳидаву маҳдуд ташаккул меёбад. Дар натиҷа хонандагон ашхоси номустақил, маҳдудназар, беташаббус ба воя расида, аз уҳдаи ҳалли мустақилона ва эҷодкоронаи вазифаҳои ҳаётӣ баромада наметавонанд. Дар гузаштаи начандон дур эътибор нагирифтани қонунияти фалсафӣ, баробари дигар камбудиҳо сабаби асосии афзудани ҳаҷми умумии мазмуни таҳсилот ва тоқатнофарсоии сарбории хонандагон гардида буд, зеро қабл аз ҳама, принсипи илмият ва дастрасии таълим риоя нашуда буд. Заифии тафаккури мантиқӣ ва эҷодии хонандагон, фоизбозӣ дар фаъолияти мактаб ҳамчун рӯйдоди номатлуб аз ин саҳлназарӣ ва беэътиноӣ ба таълимоти фалсафӣ, педагогӣ ва методӣ сарчашма гирифта буд.

Ба ақидаи педагог-методистон: Мирзоев Р., Ҳомидов Ҳ. “барои такмили мазмуни таълим зарур аст: мундариҷа ва ҳаҷми маводи фанҳои омӯхташавандаро аниқ бояд кард, барномаҳои таълимию китобҳои дарсиро субуктар намуда, аз онҳо маводи аз ҳад зиёд мураккабу дуюмдараҷаро хориҷ бояд кард.” [206, с.3].

Ба синфи I бачаҳо аз оилаҳои гуногун омада, ҳар яке дорои характер, рафтор, кирдор, психологияи худ мебошанд. Худи ҳамин вазифаҳои омӯзгорро муайян мекунад: “Муҳимтарин вазифаи ӯ дар

ҳафтаи аввал дар коллективи ягона муттаҳид намудани бачагон, муайян намудани ҷойи ҳар як бача дар синф, ҷамъ намудани маълумот дар бораи дониш, инкишофи нутқ ва ба хондану навиштан омода сохтани хонандаҳо мебошад.Муаллим дар охири моҳи август анкета тартиб дода, дар бораи ҳар як шогирдиояндааш маълумот гирд меорад” [178, с.23].

Омӯзгор аз синфи I сар карда, ба инкишоф додани малака ва маҳорати хониши хонандагон диққат медиҳад. Саъй мекунад, ки хонандагони синфи I мазмуни асарҳои хондаашонро дуруст ва бошуурона фаҳманд. Ҷумлаҳоро вайрон накарда, калима ё ҳиҷоро такрор накарда, дар хондан дарнамонда ва дар айни замон маънои чизи хондаашонро пурра фаҳмида хонанд. Ҳангоми хондан ба риоя кардани оҳанги нуқта ва аломати савол одат кунад. Дар вақти хондан саросема нашуда, бо суръати муқаррарӣ хонданро ёд гирад.

Машқҳои бошуурона ва бурро хондан бояд баробар давом кунад. Ба саволҳо аз рӯйи матн ҷавоб додан, ба нақшҳо тақсим карда хондан, тартиб додани нақша, аз ёд кардани шеърҳо ва ғайра суръати зарурии хониши хонандаи синфи якумро таъмин менамояд.

Мазмун ва мундариҷаи барномаи синфҳои I-II, асосан, характери тайёрӣ доранд, ки иборат аз хондану навишта тавонистан аст. Барномаи забони тоҷикӣ дар синфи I ба ду қисм ҷудо мешавад. Қисми якум давраи тайёрии таълими савод аст, ки чунин масъалаҳои марбут ба кори мустақилонаро дар бар мегирад:

а) инкишофи нутқи шифоҳии хонандагон ва аз рӯйи расму шакл ва контураҳои дар алифбо буда шифоҳӣ тартиб додани ҷумла ва ҳикоячаҳо, тайёрӣ ба навиштан ва ба расмҳои мазмунноки алифбо шифоҳӣ савол гузоштани хонандагон;

б) амалӣ шинос шудан бо ҷумла, калима, аз ҷумла ҷудо карда тавонистани калима ва сарфаҳм рафтани фарқи ҷумлаю калима;

в) аз калима ҷудо карда тавонстани ҳиҷо, пайхас карда тавонистани овозҳои дар ҳиҷо буда ва талаффузи овозҳои фарқ кардашуда;

г) аз калима ва ҳиҷоҳо ҷудо карда тавонистани овозҳои садоноку ҳамсадо;

д) машқҳои содаи хатнависӣ ва навишта тавонистани унсурҳои асосии ҳарфҳо.

Қисми дуюми барнома давраи алифбост, ки чунин масъалаҳои марбут ба фаъолияти мустақилонаи таълимиро дар бар мегирад:

1. Хониш ва инкишофи нутқ муҳимтарин ва масъулиятноктарин давраи таълими савод мебошад. Дар ин давра доираи кори аз нутқ ҷудо кардани ҷумла ва ҷумларо ба калимаҳо, калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ва овозҳо ҷудо карда тавонистан, амалӣ омӯхтани овозҳои садоноку ҳамсадо васеъ гардида, ҳарфҳо аз рӯйи мушкилӣ ва осонии худ ба як тартиби муайян омӯхта мешаванд. Аз ҳарфҳо ҳиҷоҳо тартиб дода калима сохтан, аз калима сохтани ҷумлаҳои сода, хондани ҳиҷоҳои кушода ва баста (ҳа, ана, мана, хон, хом), хондани калимаҳои бо ду ҳамсадо тамом шудагӣ ва хондани калимаҳои бо ду ҳамсадо саршаванда дар маказu диққат меистад: асп, шарм, трактор ва ғайра.

2. Мувофиқи талаботи барномаи синфҳои ибтидоӣ (соли 1989) раванди хондану навиштан ҳар ду баробар торафт мураккаб шудан мегирад: бачагон чизи хондаашонро бояд фаҳманд; матнҳои ҳаҷман хурди содаро бояд фаҳмо, равон ва буррою дуруст хонда тавонанд; ба талаффузи калимаҳои аломати сактадор (ъ) эътибор диҳанд; аломатҳои китобатро риоя карда тавонанд; ба саволҳо оид ба ҷумла, матнҳои хондашуда ва расми додашуда ҷавобҳои аниқ ва равшан дода тавонанд. Дар ин давра гузаронидани бозиҳои шавқовар, аз қабили “Бозии хомӯшона”, “Аз ҳиҷоҳои бутун сохтани калима”, монанди пар (та, тав, воз, во); хуш (рӯ, мӯ, бӯ, гӯ, рафтор); о (на, лу, ҳу, ру, бид, дил, лим); “Ба

ҳиҷоҳои додашуда ҳамроҳ кардани ҳиҷоҳои мувофиқ”, “Садонокро иваз карда, калимаи нав сохтан”, “Бозии хаткашон”, “Бозии сохтмончиён”, “Бозии варзишгари ҷасур”, “Кор бо ребус”,” Кор бо чайнворд”, “Зинача” ва монанди инҳо суръат ва сифати дарсҳои саводомӯзиро беҳтару шавқовар гардонида, оид ба маводи омӯзиш дар хонандагон шавқмандиро бедор намуда, дар онҳо ҳисси кунҷковӣ, ҳозирҷавобӣ ва эҷодкориро тарбия мекунад. Масалан, бозии “Зинача” [175, с.30].




**Расми №1. Бозии “Зинача**

Баъди суҳбати муқаддимавӣ доир ба сабзавот, меваҳо ва намудҳои ашёҳои рӯзгор бозии “Зинача” оғоз меёбад. Омӯзгор варақчаҳоеро, ки дар онҳо номи меваҳо, сабзавот ва асбобҳои рӯзгор навишта шудааст, ба болои миз гузошта аз се қатор се хонандаро даъват мекунаду супориш медиҳад, ки хонандаи якум номи меваҳо, хонандаи дуюм номи сабзавот ва хонандаи сеюм номи асбобҳои рӯзгорро ёфта, ба зинаҳо гузоранд. Ҳамон хонандае дар бозӣ ғолиб дониста мешавад, ки ба тезӣ “давида”, ба баландӣ барояду парчамро гирад.

Дар ҳамин давра бачагон бояд ҳикояҳои ҳачман хурди ҳаётӣ ва порчаҳои назмии бачагонаро аз ёд карда, мазмунашонро аз рӯйи саволҳои омӯзгор нақл карда тавонанд. Фаҳмиш ва дарк карда тавонистани хонандагони синфи якум ба раванди дурусти таълими савод

ва хониш вобаста аст. Бе хато ва бе такрори ҳиҷою калимаҳо бо овози баланд хондани матнҳо гарави фаҳмиши хонандагон буда, шифоҳӣ нақл кардани мазмуни асари хондашуда ба он вобаста аст.

3. Ёд додани хат аз рӯзҳои аввали омухтани ҳарфҳо сар шуда, тадриҷан мураккаб мегардад. Мувофиқи талаботи барнома хонандагони синфи якум аз рӯйи диктаи омӯзгор бояд ҷумлаҳо ва калимаҳоро беғалат навишта тавонанд ва аз китобу тахтаи синф тарзи рӯбардор кардани ҷумлаҳо, калимаҳо ва ҳарфҳои дастнавису чопиро ёд гиранд, ки ин тадриҷан мураккаб шудан мегирад.

4. Мувофиқи боби III, қисми II барнома (соли 1989) хонандагони синфҳои якум доир ба грамматика, имло ва овозҳои нутқ бояд мустақилона чунин малакаҳоро ҳосил ва иҷро намоянд: нутқ, аз нутқ ҷудо кардани ҷумла, саволҳои кӣ, чӣ, нуқта, ҳарфи калон дар аввали ҷумла; савол гузоштан ба калимаҳо; чӣ кор мекунад?, чӣ хел?, чӣ гуна?, ҳарфи калон дар аввали номҳои хос, тарзи аз як сатр ба сатри дигар кӯчонидани ҳиссаи калима, фарқ карда тавонистани овозҳои садоноку ҳамсадо; малакаҳои зарурӣ оид ба талаффуз ва имлои овозҳои *у-ӯ, и-ӣ, е-э, ё, ю, я, й* ва ғайра. Ҳамин тариқ, маводи дар синфи якум нишон додашуда барои хонандагони ин синф дониш ва малакаҳои асосӣ ҳисоб меёбад.

Дар синфи дуюм ифоданок хондани ҳикояҳо, порчаҳои назму наср, гуфта додани мазмуни асари хондашуда ва ба саволҳои омӯзгор ҷавоби пурра додани хонандагон дар маркази диққат меистад. Аз ёд ифоданок хондани порчаҳои назмии ҳаҷман хурд, нақл карда додани мазмуни асари хондашуда, аз рӯйи суратҳои мазмундор нақл карда тавонистан таълим дода мешавад. Дар синфи II тибқи барномаи забон (1989) ба таълими грамматика, имло, инкишофи нутқ ва машқҳои амалӣ 136 соат дода шудааст.

Мувофиқи талаботи барнома хонандагони синфи II доир ба фарқи овоз ва ҳарф, тартиби ҳарфҳо дар алифбо, фарқ карда тавонистани ҳамсадоҳои ҷарангдору беҷаранг, ҳамсадоҳои шаддадор ва имлои онҳо маълумот ва малакаҳои зарурӣ ҳосил менамоянд, доир ба аломати сакта (ъ) машқҳо иҷро мекунанд. Аз грамматика ва инкишофи нутқ хонандагони синфи II бояд чунин дониш ва малакаҳо ҳосил намоянд: калима, номи ашё, ба калимаҳо гузоштани саволҳои *кӣ?, чӣ?, чӣ гуна?, чӣ хел?, чӣ кор мекунад?* ва ғайра; тарзи кор фармудани ҳарфи калон дар аввали номҳо, пешояндҳо ва ҷудо навиштани онҳо, ҷумла, мубтадо, хабар, нуқта ва аломати савол дар охири ҷумла; аз рӯйи саволҳои *чӣ?, бо чӣ?, бо кӣ?, ба кӣ?, ба чӣ?* тартиб додани ҷумлаҳои тафсилӣ; аз рӯйи расм ва саволҳои омӯзгор навиштани нақл, дар бораи муҳити мактаб, оила ва меҳнат нақли шифоҳӣ тартиб додан, навиштани ҳикояҳои ҳаҷман хурд ва ғайра.

Дар синфи III хонандагон ҳамаи маводи синфи II-ро муфассал такрор намуда, маводеро, ки аз хотир фаромӯш кардаанд, аз нав барқарор менамоянд ва омӯхтани грамматикаро давом медиҳанд. Мувофиқи талаботи барнома, ба хонандагони синфи III дар бораи таркиби калима, реша, пасванд, пешванд, асос ва бандак, инчунин дар бораи калимаҳои мураккаб, имлои онҳо, калимаҳои ҳамреша, имлои ҳамсадоҳои ҷарангдору беҷаранг ва талаффузнашаванда маълумоти зарурӣ дода мешавад.

Пас аз ин хонандагон ҳиссаҳои нутқ: исм, сифат, шумора ва саволҳои онҳо, ҷонишинҳои шахсӣ, феъл, инчунин, пасванду пешвандҳои исмсозу сифатсоз ва пасвандҳои ҷамъбандиро омӯхта, имлои онҳоро ёд мегиранд; дар бораи калимаҳои ёридиҳанда (пешояндҳо ва пасоянди -ро), ҷумла, сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумла, ҷумлаи хуллас ва тафсилӣ ва ғайра маълумот дода мешавад. Ба ин восита дониш ва малакаҳои грамматикию имлоии хонандагон боз ҳам мустаҳкамтар карда мешавад.

Бо мақсади тараққӣ додани малакаи хониши баланд ва хомӯшона дар ин синф машғулиятҳо оид ба хониши синфӣ ва хониши берун аз синф зиёдтар ва ба тарзи муттасил гузаронида шуда, дар хонандагон маҳорати хаттӣ ва даҳанакӣ баён карда тавонистани фикр ташаккул дода мешавад.

Дар барномаи синфҳои ибтидоӣ (соли 2012) барои синфи I ҳафтае як соат аз нимсолаи 2-юм) ва барои синфи II аз аввали соли таҳсил як соат барои машқи хат ва аз сармашқҳо дуруст истифода бурдан, вақт муқаррар карда шудааст ва он як қисми таркибии таълими забон мебошад. Дар синфҳои 3-4 дар ҳар як дарси забони модарӣ 10 дақиқа барои машқи хат ҷудо карда шудааст. Ҳусни хат ва тарзи таълими хат асоси саводнокии хонандагон мебошад, ки беш аз пеш машқ кардану гузаронидани корҳои хаттии гуногунро талаб мекунад.

Дар синфи IV курси ибтидоии грамматикаи забони тоҷикӣ таълим дода мешавад; дар ин синф дар раванди таълими грамматика, имло, инкишофи нутқ ва луғат, корҳои хаттӣ, машқҳои амалӣ ва корҳои мустақилона боз ҳам мураккабтар мешавад. Хонандагони синфҳои IV маводи омӯхтаи синфи III-ро такрор мекунанд ва беғалат хондану навиштанро комилан ёд мегиранд. Дар синфи IV омӯхтани ҳиссаҳои нутқ давом мекунад, маълумоти хонандагон оид ба хелҳои исми хос, пайсвандҳои ҷамъбандии исм, пасванду пешвандҳои исмсоз, сифат ва хелҳои сифат, дараҷаҳои сифат, пасванду пешвандҳои сифатсоз васеътар мешавад. Хонандагони синфи IV доир ба шумора, хелҳои он, саволҳои он, хелҳои нумератив, ҷонишинҳои шахсӣ, бандакҷонишинҳои соҳибӣ, феъл, замонҳои феъл, шахсу шумора дар феълҳо, бандакҳои феълию хабарӣ дониш ва малакаҳои зарурӣ ҳосил менамоянд. Хонандагон дар бораи ҷумла, ҷумлаҳои ҳикоягӣ, саволӣ, амрӣ, аломатҳои китобат (нуқта, савол, хитоб, вергул), ба воситаи саволҳои *кӣ?, чӣ?, киро?, чиро?, ба кӣ?, ба чӣ?, чӣ гуна?, кадом?, дар куҷо?, кай?* ва ғайра маълумоти зарурииро аз бар менамоянд.

“Дар барномаи синфи IV, асосан, асарҳое тавсия мешуданд, ки ба масъалаҳои тарбияи меҳнатӣ, эҳтироми одамони меҳнаткаш, муносибати эҳтиёткорона ба моликияти ҷамъиятӣ, хислатҳои ахлоқи ҳамида, ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва ғайра бахшида шудаанд” [336, с.89].

Дар барномаи синфҳои I-IV эҷодиёти халқ мавқеи калон дорад. Хонандагон аз синфи I сар карда, то синфи IV бо афсона, зарбулмасал, чистон, таронаю суруд ва дигар намудҳои эҷодиёти халқ шинос мешаванд.

Ислоҳоти мактаб ба мазмуни таҳсилоти мактабӣ, тағйирот ворид намуда, проблемаи таълими ҳамгиро ҳамчун як рукни ин ислоҳот аз ҷиҳати назария ва амалия таҳқиқ карда, дар мисоли таълими ҳамгирои “Забони модарӣ”, “Санъат ва меҳнат” дар фаъолияти синфҳои ибтидоӣ татбиқ гардид. Ин рӯйдод то андозае имкон фароҳам овард, ки майлу рағбати донишандӯзии кӯдакон қонеъ гардид, мустақилият ва қобилиятҳои онҳо рушд ёфт, ҷаҳонбинӣ ва олами ботинии онҳо ғанитар гардид. Рушди тафаккури мустақилонаи таҳлили бошуурона ва мантиқии кӯдакон таъмин гардад. Барбари ин ҳама хотир, тахайюлот, нутқи хаттӣ, шифоҳӣ, хониши ифоданоку бошуурона ва дигар равандҳои маърифатӣ фаъолтар шуданд. Инчунин, таълими ҳамгиро заминаи воқеии рафъи тоқатфарсоии сарбории таълимии кӯдаконро дар мазмуни таҳсилот муҳайё сохт, ки ба саломатии беғаши онҳо мусоидат кард.

Сабабҳои асосии ҷорӣ намудани таълими ҳамгиро он буд, ки дар гузашта шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давраҳои гуногуни инкишоф собит намуд, ки низоми синфӣ-дарсӣ ва шарҳи аёнӣ ба қуллаҳоаи баланди худ расид, чунки шароити иҷтимоӣ ва фарҳангиву маърифатии одамон, арзишҳову дастовардҳои илму техника дар сатҳи дигар қарор дошт. Аксари корҳо ба таври дастӣ иҷро карда мешуд, нақлиёт ва алоқа кам рушд карда буд, сарчашмаҳои ахбор хеле маҳдуд

буданд. Шахси босавод шахсеро ҳисоб мекарданд, ки ахбори зиёдро медонад.

Мундариҷа ва фаъолияти таълим ба гузашта нигаронида шуда, маълумот ва қоидаҳое, ки хонанда аз китобҳои дарсӣ, дастур ва маводи дидактикӣ меомӯзад, бо ҳаёти воқеӣ алоқаи ночиз дошт. Ин боиси он мегардад, ки таълимгирандагон мавқеи худро дар чаҳорчӯбаи замон муайян карда наметавонанд. Ин сатҳи ҳавасмандии хонандагонро ба таълим хеле паст мегардонад. Чунки аксари таҷриба ва намунаҳои пешниҳодшуда тахайюлӣ буда, ба хонандагон имкони таҳлилу баррасии проблемаҳоро фароҳам оварда наметавонад, зеро рафтору ҳодисаҳо, қоидаву қонунҳо ба ҳаёти имрӯза мувофиқат намекунад.

Дар доираи таълими ҳамгиро принсипҳо, низоми дидактикӣ ва мазмуни таҳсилоти он муайян карда шудааст, ки ба асосҳои назариявӣ ва меъёрҳои дидактикӣ такя намуда, дар нақша ва барномаҳои таълим инъикос гардидааст. Дар асоси як қатор санадҳои меъёрии мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикстон китобҳои дарсии ҳамгиро таҳия ва нашр гардида, дар фаъолияти муассисаҳои таълимӣ истифода мешавад. Китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва маводи дидактикии нав шароит фароҳам меоранд, ки принсипи ягонагии донишҳо, вазифаҳои маърифатӣ, инкишофдиҳандагӣ ва тарбиявии раванди таълим риоя карда шавад. Ҳамзамон бояд таъкид кард, ки дар шароити таълими ҳамгиро рушди тафаккури хонандагон мақсад ва ақидаи пешбрандаи раванди омӯзиш бояд бошад. Аз ҷумла, дар таълими “Забони модарӣ” амалҳои хондан, навиштан, гуфтан, шунидан, азёд кардан, иқтибос кардан, ки барои пешрафти хонанда хеле муҳим аст, анҷом дода мешавад. Агар ин амалҳои таълимӣ дар заминаи фикри бошуурона, таҳлилӣ ва мантиқӣ анҷом дода шаванд, устувор хоҳанд буд ва дар шароити тағйирёбандаи ҳаёт бо мақсад ва фаъолона истифода хоҳанд шуд. Баръакси ҳол, донишҳои бидуни фаъолии фикрӣ

бадастомада рӯякӣ буда, зуд аз хотир зудуда хоҳад шуд. Маълум мешавад, ки ҳамаи амалҳои таълимӣ бояд дар заминаи фикри бошиддату мустақилона, барои паси сар кардани масъалаҳои душвори фикрӣ анҷом дода шаванд, зеро "инкишоф дар минтақаи наздиктарини мушкилот" муяссар мегардад. Таҷрибаҳо собит сохтаанд, ки дар ҳаёти инсон фаъолияти фикрӣ аз ҳама дигар фаъолиятҳо мушкилтарин аст ва агар мо аз рӯзҳои аввали ҳаёт ба кӯдак фикр карданро наомӯзем, вай дар ҳаёти шахсӣ бебарор ва ҳаросон мешавад.

" Олимони соҳаи си фати таҳсилот ба мафҳуми сифати таҳсилоти шахс  аҳамияти бештар медиҳанд. Аз ҷумла, В.А.Болотов  зери мафҳуми сифати таҳсилот майли ҳамгироии низоми таҳсилотро медонад, ки он то чӣ андоза ба тарттиботи меъёрӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ ҷавобгӯ мебошад" [304.С- 384].

Сифати таълиму дониш гуфта, дониши амиқу устуворро дар назар дорем, ки дар раванди тадрис бо неру ва шиддати фикрӣ аз худ карда шудаанд, яъне фаъолияти фикрии шогирдонро ба таҳлилу таҳқиқ сафарбар кардааст, на бахотиргирии бефикрона.

Дар асоси  Қарори мушовараи ғайринавбатии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикстон аз "07" 07 соли 2010, №11/20, барномаҳои таълимии забони модарӣ ва математика дар синфҳои ибтидоӣ (1-4) бори дуюм бо тағйироту иловаҳо соли 2012 аз чоп баромад. Дар консепсияи таълими ибтидоии он омадааст: "Таълими ибтидоӣ заминаи муҳимтарини ташаккули шахсият ва таҳкурсии устувори минбаъдаи омӯзиш буда, ҳамчун баёнгари самти дастовардҳои мактабиёни хурдсол дар фаъолияти ояндаи онҳо нақши муҳим мебозад"[39, с.5]

Мактабиён дар ин давра натанҳо хондан, навиштан ва ҳисоб карданро меомӯзанд, ба ҳодисаҳои табиат шинос мешаванд ва аз мафҳуми зебоипарастӣ бохабар мегарданд, балки шавқу ҳаваси онҳо ба мактаб, таълим, омӯзгор ва китоб ҳамчун яке аз сарчашмаҳои маърифат

меафзояд. Вазифаи ин давра танҳо дар доираи хондан, навиштан ва ҳисоб кардан маҳдуд набуда, балки нисбатан фаррох, доманадор, муҳим ва мушкил аст.

Дар давраи ибтидоии таълим масъалаҳои зерин муҳимманд:

➢ Дарёфтан, ё " кашф" кардани мазмун ва мантиқ (на азёд ё фаро гирифтани мазмуни чизи хондашуда);

➢ Фикр кардан ва самараи фикри худро навиштан, яъне нутқро инкишоф додан;

➢ Дар навиштани матн ё ҷумлаҳо (ҳатто ҳангоми рӯйнавис кардан) ба маънои грамматикӣ ва бадеияти он сарфаҳм рафтан;

Иҷрои ин вазифаҳо саҳл нест, зеро таҳсил фаъолияти мушкилтарини инсон аст ва барои осон намудани мушкилот нигаронида мешавад, вагарна рушду нумуи зеҳнӣ, ақлӣ ва завқи зебоипарастӣ таъмин нахоҳад шуд.

Дар барнома дар хусуси мавқеи муаллим дар тарбияи маънавии хонандагон чунин омадааст ".муаллими синфҳои ибтидоӣ дар ҳаёти мактабиёни хурдсол нақши бузурги ҳидоятӣ- ҳамкорӣ мебозад ва захираҳои зеҳнию фарҳангии шогирдонро барангехта, ба ҳаракат меорад, ки хизматест шоиста ва мувофиқи масъулятҳои тахассусӣ ва ҷамъиятии ҳар як муаллим" [39, с.9].

Талабот ба шахсияти омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ

Омӯзгор, пеш аз ҳама, шахсияти созанда, бунёдкор ва раҳнамоест, ки бояд амалҳои мустақилонаи фикрии фаҳмидан, ҷустуҷӯ ва дарёфтани маънию мантиқро омӯзонад ва роҳҳои самарабахштари донишу таҷрибаомӯзӣ, асроркушоии мустақилонаро нишон диҳад.

**Ҷадвали №2.**

**Нақшаи таълим аз фанни забони модарӣ**

| № | Фанни таълимӣ | Синфҳо ва соатҳои ҳафтаина | | | | Ҷамъ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | I | I I | II | IV | |
| | Бахши давлатӣ | | | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Забони модарӣ | 10 | **10** | **8** | **8** | **36** |

Миқдори соатҳои таълимӣ тибқи нақшаи таълимӣ дар барномаи таълими забони модарӣ барои синфҳои ибтидоӣ I-IV ба тарзи зайл пешниҳод гардидааст Масалан, барои хонандагони синфҳои I-II дар давоми ҳафта 10 соат ва барои хонандагони синфҳои III-IV, ки малакаҳои гуфтан, шунидан, хондану навиштан дар онҳо инкишоф ёфта, мустақилона фаъолият карда метавонанд, 8 соат дода шудааст.

**Консепсияи таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ:**

- ➢ забони модарӣ ва хониш дар синфҳои 1-4 ҳамгиро таълим дода мешавад;
- ➢ забони модарӣ тавассути маводи таълиму тарбиявӣ бояд ба:

- идроки муҳити атроф ва муносибати эҳтиёткорона ба табиат ва боигариҳои он;
- фароҳам овардани имконият баҳри инкишофи шавқу ҳаваси маърифатӣ;
- фаҳмидани маводи шунида ё хонда, риояи меъёрҳои навишт, рушди маданияти сухангӯйӣ;
- ташаккули шахсият ва тарбияи сифатҳои шаҳрвандӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ, шиносоӣ бо арзишҳои миллию умумибашарӣ;
- тадриҷан ташаккул ёфтани мафкураи аҷдодию миллӣ – пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек мусоидат намояд [39, с.14].

**Вазифаҳои таълими забони модарӣ**

Тавре ки медонем, забони модарӣ фанни ҳатмии синфҳои ибтидоӣ буда, самараи тамоми ҷараёни таҳсил ба таълими он вобаста аст. Он аз саводомӯзӣ, хониш, грамматика, имло, хат ва инкишофи нутқ иборат аст, ки дар ҳамгироӣ тадрис мешавад” [39, с.14].

Мувофиқи муносибатҳои наву замонавӣ ба таълими забони модарӣ бо назардошти таҳаввулоти сиёсӣ, фарҳангӣ, иқтисодию иҷтимоии ҷомеа ва эҳтиёҷи хонанда муроҷиат карда мешавад. Ин гуна муносибат имконият фароҳам меоварад, ки раванди таълими забони модарӣ, ки хусусияти муҷаррад (абстрактӣ) дорад, зинда ва мушаххасу шавқангез, яъне ба фаҳмиши бача наздик ва ҳаётӣ шавад.

Саводомӯзӣ, инкишофи нутқи шифоҳию хаттӣ, фикр карда тавонистан ва зуҳуроти он дар забон ва амал, ташаккули фарҳанги муошират ба забони адабӣ вазифаи асосии фан аст. Омӯзиши забони модарӣ барои дарки амиқ, шарҳи илмию мантиқӣ, истифодаи амалии забони адабӣ, хусусияти грамматикӣ ва тобишҳои услубии он, ошноӣ бо осори адабӣ, илмию фарҳангии миллӣ, ташаккули маданияти суханварӣ замина мегузорад.

Забони модарӣ дар синфи 1 ду марҳиларо фаро мегирад:

1. Марҳилаи таълими савод ва инкишофи нутқ, ки дар навбати худ ба ду давра ҷудо мешавад:

- Давраи тоалифбо (омодагӣ) – 30 соат.
- Давраи алифбо ва баъди алифбо (120+20) – 140соат.

2. Марҳалаи таълими забони модарӣ (хониш ва унсурҳои грамматика, имло, машқи хат ва инкишофи нутқ) – 170 соат.

Бори дуюм барномаи таълими фанни “Забони тоҷикӣ” барои синфҳои 1-4-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз “30” июни соли 2022 таҳти №9/7 нашр шудааст [256, с.13-14].

Қайд кардан ба маврид аст, ки дарсҳои хониш ва забони тоҷикӣ пайваста якдигарро пурра мекунанд. Дар дарсҳои забон таваҷҷуҳи хонандагон бештар ба сайқал додани маҳорати навиштан ва луғатомӯзии мураттаб ҷалб гардида, дар дарсҳои хониш хонандагон маҳорати хондан, шунидан, суҳбат кардан, фикр кардан ва нақл карданро рушд медиҳанд. Аз ин рӯ, дар китоб ҷумлаҳо ва матнҳои хурд

(чистонҳо, афсонаҳо, ҳикояҳо, порчаҳои хурди шеърӣ, матнҳои муколамавӣ, расмҳо ва кор бо онҳо) оварда мешавад.

**Ҷадвали №3.**

**Ҷадвали тақсимоти мавзуии микдори соатҳо тибқи барономаи нави соли 2022**

| **Фаслҳо, мавзуъҳо** | **Барнома и корӣ** | Барнома вобаста ба синф | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | синфи 1 | синфи 2 | синфи 3 | синфи 4 |
| Таълими савод | 85соат | 80 | | | |
| Давраи тоалифбо | 10соат | | | | |
| Давраи алифбо | 65соат | | | | |
| Давраи баъди алифбо | 10соат | | | | |
| Захира | | | | | |
| Забони тоҷикӣ, синфҳои 1-4 | 540соат | 85 | 170 | 136 | 136 |
| Дарси муқаддимаавӣ (шиносоӣ бо системаи рамзҳо) | 4 соат | 1 | 1 | 1 | 1 |
| Овоз, Ҳарф. Ҳиҷо | 25соат | 10 | 5 | 10 | |
| Имло | 35 соат | 15 | 20 | | |
| Калима.Таркиби калима | 45 | 25 | 10 | 10 | |
| Ҷумла | 30 | 15 | 15 | | |
| Калима. Ибора. Ҷумла. | 40 | | | 28 | 12 |
| Матн ва эҷоди матн | 65 | 10 | 15 | 20 | 20 |
| Калимаҳои ифодакунандаи ном | 25 | | 25 | | |
| Калимаҳои ифодакунандаи амал ва ҳаракат | 40 | | 40 | | |
| Калимаҳои ифодакунандаи аломат | 30 | | 30 | | |
| Исм | 50 | | | 20 | 30 |
| Феъл | 52 | | | 20 | 32 |
| Сифат | 50 | | | 22 | 28 |
| Ҷонишин | 6 | | | | 6 |
| Дарсҳои арзёбӣ | 28 | 4 | 8 | 8 | 8 |
| Ҷамъбаст ва такрор | 16 | 5 | 6 | 2 | 3 |
| **Ҷамъ:** | **540 соат** | **165 соат** | **170 соат** | **136 соат** | **136 соат** |

## 1.4. Сатҳи салоҳиятмандии кадрҳои педагогӣ ва фаъолияти ташаккулдиҳандаи мустақилонаи таълимӣ дар робита бо имконоти зеҳнию нутқии талабагони синфҳои ибтидоӣ

*“Зеҳни инсон (шахс) ҳамчун неруи маърифаткунанда дар такя ба чунин қобилиятҳо ташаккул меёбад ва омилҳои зеринро ҳал менамояд: банизомдарории донишҳо, таҳлил ва тавсифи онҳо, ёфтани робитаҳо, қонуният, ки ҳама тавассути фикр, фикри бедор, солим, мантиқӣ, мустақилона ва эҷодӣ анҷом дода мешавад”* [309, с.7].

Истилоҳи «салоҳият» (ба русӣ компетенция) аз ҷониби педагог психолог Н.Хомский бо истифодаи илмӣ ворид карда шудааст ва аз ҷониби дигар олимони дунё ба таври муфассал ва эътимодбахш асоснок гардидааст. Дар адабиёти психологию педагогӣ салоҳият (competentia) вожаи лотинӣ буда, «як навъ зуҳури нави ботинӣ, имконоти захиравӣ ва ниҳонию равонии шахсият, тасаввурот, барномаҳо, амалҳо, низоми арзишҳо ва муносибат аст ва дар тавонмандӣ ва салоҳиятмандии одам ҳувайдо мешавад” [304, с.383].

Сатҳи салоҳиятмандии кадрҳои педагогӣ оид ба фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ дар робита бо имконияти зеҳнию нутқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маротиб боло рафта истодааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди ин зинаи таҳсилот диққати махсус дода, барои ҳалли мушкилоти он тадбирҳои иловагӣ меандешад. Аввалин иқдоми давлат ва ҳукумат аз он иборат буд, ки ба хотири баланд бардоштани мақоми муассисаҳои олии касбӣ дар кишвар қисми зиёди донишкадаҳои омӯзгориро ба донишгоҳҳои давлатӣ табдил дод. Соли 1992 дар шаҳри Хоруғ донишгоҳи давлатӣ таъсис дода шуд, ки ин барои васеъ шудани фаъолияти муассисаҳо шароит фароҳам овард.

Дар ин давра, инчунин, дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа (ҳозира

Бохтар) ба номи Носири Хусрав ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Тайи солҳои 2006-2011 дар ҳаёт ва фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тағйироти куллӣ ба вуқуъ пайваст. Маҳз дар ҳамин давра дар ҷумҳурӣ 6 донишкада ва 5 филиал таъсис дода шуд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ, (аз 03.05.2006, №211), филиали Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қ.Ҷӯраев ( ҳоло ба номи СадриддинАйнӣ), дар ноҳияи Рашт таъсис дода шуд,ки дар ҳамон давра ба хотири тайёр кардани кадрҳо чунин иқдом сривақтӣ ва зарурӣ буд.

Ба хотири танзими муассисаҳои таълимӣ дар ин давра фаъолияти як қатор муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ғайридарвлатию давлатӣ, аз қабили филиалҳои Донишгоҳи омӯзгорӣ дар шаҳраки Ғарм. Ин чорабиниҳои давлату ҳукумат оид ба зинаи таҳсилоти олии касбӣ барои ба низом даровардани онҳо таъсири зиёде расонид.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти истилоҳоти соҳа ва талабот ба мутахассисон дар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон таълими ихтисосҳои навро ба роҳ монда, дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд аспирантура ва шуъбаи ғоибонаро таъсис дод.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи салоҳиятмандии кадрҳои педагогӣ тайи ин солҳо таҳия ва мавриди татбиқ қарор ёфтани ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ аз муваффақиятҳои даврони истиқлолият мебошад. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» бо тағйироту иловаҳо аз нав таҳия ва ба тасдиқ расид (2013). Барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот қонунҳои алоҳидаи соҳавӣ таҳия гардиданд. Аз ҷумла, барои ба танзим даровардани фаъолияти муассисаҳои таълимии олии касбӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии

Тоҷикистон» ва як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигари зинаи таҳсилоти олии касбӣ таҷдиди назар, таҳия ва тасдиқ гардиданд. Нақши ин санадҳо дар гузаштани донишкадаю донишгоҳҳои ҷумҳурӣ ба низоми бисёрзинагии таълим хеле бузург аст.

Бо мақсади татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, пешгӯйиҳои иҷтимоӣ, банақшагирӣ ва танзими номгӯйи ихтисосҳо, миқдори мутахассисон ва сифати тайёр намудани онҳо мувофиқи талаботи ҷомеа ва бозори меҳнат «Таснифоти давлатии равия ва ихтисосҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардида, ба тасвиб расидааст.

Барои баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот дар солҳои аввали истиқлолият нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (ихтисосҳои омӯзгорӣ, техникӣ, технологӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқшиносӣ, тиббӣ, кишоварзӣ, соҳибкорӣ ва ғ.) аз нав таҳия ва тасдиқ шуданд. Онҳо ба замони нав ва муҳити муосир мутобиқ гардонида шуданд. Олими шинохта И.А.Зимняя дар асарҳояш қайд мекунад, ки "тағйироти ҷаҳонӣ бо исрор талаб мекунад, ки таҳсилоти нисбатан мукаммал ба манфиати шахсият майлдошта ва ба иҷтимоъ ҳамгирошаванда бояд ба насли нав дода шавад, то ин гуна таҳсилот воридшавии инсонро ба ҳаёти иҷтимоӣ, мутобиқшавии босамари ӯро ба ин олами глобалӣ таъмин намояд" [304, с.386].

Бо ин мақсад, бахри муайян намудани самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмию техникӣ, технологӣ, инноватсионӣ ва рушди минбаъдаи онҳо дар муассисаҳо, паркҳои технологӣ, марказҳои илмие, ки дар сохтори муассисаҳои таълимӣ фаъолият доранд, инчунин, дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ корҳои зиёде ба анҷом расонида шуданд:

- таҷдиди назар ба мазмуну мундариҷаи таълим;
- муайян намудани самтҳои афзалиятноки илмӣ;
- созмони технопаркҳо;
- таъсиси корхонаҳои хурди илмию истеҳсолӣ;

- такмили ихтисоси кормандон ва устодон;

- ривоҷу равнақ додани робитаҳои байналмилалӣ дар асоси

табодули донишҷӯён, кормандони илмӣ, омӯзгорон ва ғайра.

Барои тақвияти ҷараёни таълиму тарбияи мутахассисони варзидаи муосир дар назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ коллеҷҳо ва литсейҳо таъсис дода шуданд.

Ҷавобан ба ин ғамхориҳо аз оғози даврони соҳибистиқлолӣ то ба имрӯз дар вилояти Хатлон 49-мактаби типи нав аз ҷумла 23 гимназияи давлатӣ, 2 гимназияи ғайридавлатӣ, 21 литсейи давлатӣ ва се мактаби президентӣ фаъолият доранд. Дар онҳо 17 324 нафар хонанда таҳсил дорад,ки аз ин шумора 4516 нафарашонро духтарон ташкил медиҳанд.Аз рӯйи равияҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ ва табии- математикӣ 787синф амал намуда,1233 нафар омӯзгор дар онҳо ба шогирдон дарс медиҳанд.

Дар мактабҳои типи нав ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ аҳамияти махсус дода мешавад.Ҳоло таълим дар 7 синфи литсейи давлатии№1-и шаҳри Қурғонтеппа ва чор синфи гимназияи давлатии №1 –и ноҳияи Фархор таълим ба забони русӣ мебошад. Дар синфи 7 –уми Мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқати шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб,Бохтар ва Данғра таълими фанҳои дақиқ пурра ба забони англисӣ ба роҳ монда шуда,дар 26 синфи муассисаҳои давлатии “Литсей барои хонандагони болаёқат”-и шаҳри Қурғонтеппа ва шаҳри Кӯлоб низ таълим бо забони англисӣ идома дорад.

Ҳалли масъалаҳои иҷтимоии соҳаҳои маориф ҳамеш дар меҳвари сиёсати давлату Ҳукумти мамлакат карор доранд.

Соли гузашта (2022) дар кишвар 157 муассиси таҳсилоти миёнаи умумӣ,ибтидоӣ,миёнаи касбӣ ва синфхонаҳои иловгӣ барои 63000 ҷойи нишаст бунёд ва ба истифода супорида шуданд.

Умумн, аз соли 1991 то ба имрӯз дар мамлакат 3020 иншооти соҳаи маориф ва зиёда аз 1миллиону 300 ҳазор ҷойи нишаст сохта ба исифода супорида шуданд.

Мо барои беҳтар кардани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бояд шароити заруриро муҳайё карда, дар ин раванд масъулияти падру модар, аҳли ҷомеа ва омӯзгоронро боз ҳам баланд бардорем.

31 соли истиқлолият барои мо имконияти воқеӣ фароҳм оврд, ки имрӯзу ояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи кишиври аазизамонро ба сӯйи ҷомеаи демократӣ,ҳуқуқбунёд ва дунявӣ интихоб намоем.

Имрӯз мо шукургузорӣ аз ватани ободу озоди худ намуда, дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат,Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар роҳи шукуфоӣ,ободу бунёдкории кишвари азизамон ба роҳбарӣ гирифта, баҳри ватани маҳбубамон пайвста меҳнат мекунем.

Натиҷаи чунин ғамхориҳост,ки солҳои соҳибистиқлолӣ сохтмони муассисаҳои таълимӣ ба маротиб афзуд.Шароити таълимӣ ва сифати таълиму тарбия беҳтар гардид.Далели ин гуфтаҳо сол аз сол зиёд гардидани хонандагони фаъол,иштироки онҳо дар олимпиадаҳои фаннӣ ва озмунҳои ихтирокорорни наврасу ҷавон, ки дар сатҳи минтақавию ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ мегузаранд, мебошад.

Кадрҳои педагогӣ дар ҷалб намудан ва гузаронидани фаъолияти мустақилонаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ,дар “рушди қобилияти зеҳнӣ” ва ташаккулёбии инсони комил, соҳиби тафаккури таҳлилӣ ва эҷодӣ будани онҳо,заминагузори асосӣ мебошанд. Онҳо тавассути фаъолияти мустақилона ба хонандагон хондан, навиштан,баёни маънӣ,ба хотир гирифтан,ҳисоб кардан,расм кашидану суруд хондан ва машқу ҳаракатҳои ҷисмониро дар заминаи ташаккули зеҳн ва тафвккури бедор,меомӯзонанд.

Омӯзгор дар таълиму тарбияи кӯдакон ба хотири рушди зеҳн ва нутқ мавқеи калиди дошта, ҳамеша кӯшиш мекунад, ки талабагонро ба фикру андеша кардан ҳидоят кунад.

Ҳамаи ин саъю кӯшишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри баланд бардоштани сатҳи салоҳиятмандии кадрҳои педагогӣ барои

ташаккули фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ дар робита бо имконияти зеҳнии талабагону донишҷӯён сурат гирифта, соҳаи таҳсилоти умумӣ ва олии касбӣ зери парчами Истиқлолият рушд карда, симои худро ба куллӣ тағйир дод ва низоми муайянеро ба даст овард. "Ҳамаи ин аз баракати соҳибистиқлолӣ ва сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи маориф сарчашма мегирад" [253, с. 63].

Бо максади баланд бардоштани сатҳи салоҳиятмандии кадрҳои педагогӣ муассисаҳои такмили ихтисос ҳамасола 20-25 ҳазор нафар кормадони соҳаи маорифро ба курсҳои такмили ихтисос фаро мегирад. Соли 2019 дар муассисаҳои такмили ихтисос тибқи нақша 24308 нафар аз курсҳои баланд бардоштани маҳорати касбӣ гузаронида шуданд.

Ҷадвали фарогирии омӯзгорону кормандони соҳа ба курсҳои такмили ихтисоси донишкадаву филиалҳо дар давоми соли 2019 чунин аст:

**Ҷадвали №4**

| № | Номи муассиса | Теъдоди курсҳо | | Фарогирӣ | | Бо фоиз |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | нақша | Иҷро | Нақша | иҷро | 93 |
| 1. | ДҶТИБКСМ | 195 | 199 | 4875 | 4531 | 93 |
| 2. | Филиали дониш. дар ш.Бохтар | 180 | 183 | 4500 | 4601 | 102,2 |
| 3. | Филиали дониш. дар ш.Кӯлоб | 123 | 129 | 2995 | 3105 | 103,6 |
| 4. | Филиали дониш. дар ш.Хоруғ | 106 | 106 | 2359 | 2114 | 89,6 |
| 5. | Филиали дон. дар ш.Хуҷанд | 291 | 306 | 7275 | 7900 | 108,5 |
| 6. | Филиали дон. дар ш.Душанбе | 83 | 97 | 2075 | 2085 | 99,1 |
| | Ҳамагӣ | 978 | 1020 | 24079 | 24305 | 101 |

Теъдоди умумии фарогирии омӯзгорон дар курсҳои такмили ихисоси курсҳои нақшавӣ, омӯзиши муносибати босалоҳият ба таълим ва дар доираи ҳамкорӣ бо лоиҳаҳои ҳамкорони рушд дар соли 2019 чунин аст:

**Ҷадвали №5**

| № | Донишкадаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳои соҳаи маориф | Курс | Фарогир |
|---|---|---|---|
| 1 | ДҶТИБКСМ | 309 | 7732 |
| 2 | Филиали донишкада дар ш.Бохтар | 345 | 8826 |
| 3 | Филиали донишкада дар ш.Кӯлоб | 264 | 6383 |
| 4 | Филиали донишкада дар ш.Хоруғ | 186 | 3678 |
| 5 | Филиали донишкада дар ш.Хуҷанд | 561 | 14348 |
| 6 | Филиали донишкада дар ш.Душанбе | 135 | 3175 |
| | Ҳамагӣ | 1800 | 44142 |

Бо мақсади муайян намудани дараҷаи тахассус, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ, таъмини ҳифзи иҷтимоӣ, мувофиқати омӯзгор ба вазифаи ишғолнамуда ва баланд бардоштани масъулияти шахсии омӯзгор барои беҳтар гардидани сифати таълим Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи низомномаи тартиби гузаронидани аттестатсияи коркунони педагогии муассисаҳои таълимӣ, муассисаҳои низоми такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» қарор қабул намуд. Ҳар сол дар ин замина 20%-и кормандони соҳаи маориф аз аттестатсия гузаронида мешаванд.

То солҳои 2015 аксари курсҳо ба таври сайёр дар ноҳияҳо гузаронда мешуданд. Аз соли таҳсили 2016 курсҳои такмили ихтисос дар ДҶТИБКСМ ва филиалҳои он гузаронида мешаванд. Шароитҳои гузаронидани курсҳо хуб ба роҳ монда шудааст. Шунавандагон бо ҷойи хоб таъмин карда мешаванд. Донишкадаҳои такмили ихтисос дорои кафедра ва кабинетҳои фаннии бо таҷҳизоти ҳозиразамон муҷаҳҳаз мебошанд.

Истиқлолияти давлатӣ дар рушду нумуи соҳаи маориф, пеш аз ҳама, дар инкишофи такмили ихтисоси омӯзгорон такони ҷиддиеро ба амал овард. Дар зарфи 32 соли истиқлолият фаъолияти Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф куллан тағйир ёфта, дар ҳамаи самтҳои фаъолияти донишкада пешравиҳо ба вуқуъ пайваст.

Дар Донишкада ва филиалҳои он мунтазам омӯзгорону кормандони соҳаи маориф аз рӯйи 40 ихтисос такмили тахассус менамоянд. Агар дар соли 1991 дар ҷумҳурӣ 12464 нафар ба курсҳо ҷалб гардида бошанд, ин нишондод дар соли 2015 ба 23760 нафар расид.

Нақша ва барномаҳои таълим аз рӯйи 58 ихтисос, ки бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷиикстон аз 28.11.2013, № 19\16 тасдиқ гардидаанд, аз 01.01.2014 дар ҳамаи филиалҳои донишкада мавриди амал қарор дода шуданд. Нақша ва барномаҳои нави таълмии КТИ ҷавобгӯйи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф буда, ба муносибатҳои нави иқтисодию иҷтимоӣ, инкишофи босуръати техникаю технология, фазои муттасил вусъатёбандаи иттилоотӣ, ба низоми таҳсилоту стандартҳои байналмилалии таҳсилот наздик шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон, суръат бахшидан ба самтҳои асосии ислоҳоти соҳаи маориф нигаронида шудаанд.

«Барномаи давлатии рушди такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021» бо дастгирии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикстон тасдиқ карда шуд. Барнома ҷиҳати беҳтар кардани мазмун ва мундариҷаи такмили ихтисос, гузаштан ба низоми сесолаи аз курс гузаштани омӯзгорону кормандони соҳаи маориф имконият фароҳам оварад; Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба роҳ мондани бозомӯзии омӯзгорон бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳури Тоҷикистон

«Диплом»-и намунаи давлатӣ ва «Низомнома барои тартиби бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маориф», 16 барномаи таълимии курсҳои озмойишии бозомӯзии тахассусҳои «Ҳуқуқи инсон», «Суруд ва мусиқӣ», «Тарбияи ҷисмонӣ” таҳия ва аз ҷониби ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд.

Барои гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва баргузории курсҳои такмили ихтисос дар Донишкада ва филиалҳои он дар шаҳрҳои Кӯлоб, Хуҷанд ва Душанбе озмойишгоҳи илмӣ-таълимии муҷаҳҳаз бо асбобу таҷҳизоти замонавӣ (химия, физика, биология, синфҳои ибтидоӣ, таҳсилоти томактабӣ, баландбардории маҳорати педагогӣ, коркарди чӯб, коркарди оҳан, коркарди пластмасса, дӯзандагӣ ва пухтупаз) мавриди истифода қарор дода шуд.

Самти муҳимми фаъолияти Донишкада ташкили корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва инноватсионӣ мебошад. Рушди ҳамаҷонибаи таҳқиқоти илмӣ вазифаи ҳатмии устодони Донишкада аст, чунки бе фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ тайёр кардани кадрҳои илмӣ-педагогӣ ва баланд бардоштани дараҷаи тахассусии онҳо имконнопазир аст. Самт ва масоили илмии Донишкада ва мавзуъҳои илмии кафедраҳо бо қарори Шурои олимон аз 01.10.2013, №8\6 тасдиқ гардида, дар ҳамаи кафедраҳо ва филиалҳои Донишкада мавриди амал қарор дода шудаанд.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2014, №345 «Дар бораи муттаҳид намудани муассисаҳои давлатии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» донишкадаҳои минтақавӣ (Хоруғ, Бохтар, Кӯлоб, Хуҷанд) ва Маркази такмили ихтисоси раёсати маорифи шаҳри Душанбе дар заминаи Муассисаи давлатии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф муттаҳид карда шуданд, ки ин ба болоравии сатҳи салоҳиятмандии кадрҳои педагогӣ дар самти иҷрои фаъолияти

мустақилонаи таълимӣ дар робита бо имконияти зеҳнию нутқии хонандагон рушд мебахшад.

Фаъолияти эҷодии кормандони Донишкада хеле фарох буда, паҳлуҳои гуногуни ҷараёни таълиму тарбияро дар мактабҳо тавассути омӯзгорони хатмкардаи курсҳои такмили ихтисос ё омӯзгорони ба курсҳои минбаъда номнависшуда, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, кормандони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо фаро мегирад.

Бо мақсади тақвияти раванди таҳқиқоти илмӣ дар Донишкада таҳқиқи мавзуи илмӣ (фармоишӣ) «Дарёфти роҳҳои баландбардории маҳорати касбӣ дар асоси истифодаи технологияи ҳозиразамон барои солҳои 2013-2017» татбиқ шуд.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи салоҳиятмандии кадрҳои педагогӣ оид ба рушди фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ дар робита бо имконияти зеҳнию нутқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар шуъбаи магистратура ва арспирантура доир ба илмҳои педагогӣ ва методикаи таълими фанҳои мухталиф мутахассис тайёр мекунад. Шаш нафар корманди донишкада ба ҳайси унвонҷӯ таҳсилашонро идома дода, дар самтҳои мухталифи методикаи таълими фан корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бурда истодаанд.

Шумораи кормандони унвони илмидошта низ пайваста афзуда, ҳоло шумораи онҳо ба 22 нафар мерасад. Ҳамасола 5-6 конференсияи илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ, семинарҳои мақсаднок, ҷамъомадҳо ва баромадҳои кормандону омӯзгорони донишкадаҳо оид ба сатҳи салоҳиятмандии кадрҳои педагогӣ оид ба рушди фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ дар робита бо имконияти зеҳнию нутқии хонандагон доир мегардад.

Китобхонаи Донишкада дорои 14960 нусха китоби таълимӣ, бадеӣ, техникӣ ва ғайра мебошад. Фонди китобхона бо китобҳои навчопи

дарсӣ, дастурҳои илмию методии навин пурра мегардад. Соли 2009 дар Донишкада китобхонаи электронӣ ба кор оғоз кард.

Дар Донишкада озмойишгоҳи илмӣ-тадқиқотии «Таълими маҳорати педагогӣ» созмон дода шудааст, ки дар пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотии масъалаҳои такмили ихтисос саҳмгузор аст.

Аз ҷониби ҳайати омӯзгорону кормандони Донишкада ва филиалҳои он танҳо дар соли 2015 беш аз 188 мақолаи илмӣ-методӣ ва оммавӣ, 5 китоби дарсӣ, дар ҳаммуаллифӣ 3 китоби дарсӣ, 16 дастури методӣ таълиф гардида, 21 конференсия, 42 мизи мудаввар гузаронида шуд ва ҳамчунин 36 тақриз таҳия ва пешниҳод шудаанд. Дар маҷмуъ, аз ҷониби омӯзгорону кормандони Донишкада ва филиалҳои он дар даврони соҳибистиқлолӣ (1991-2015) зиёда аз 627 мақолаи илмӣ-методӣ ва оммавӣ, 65 китоби дарсӣ ва тавсияҳои методӣ, 229 дастури методӣ таҳия ва нашр шуда, 233 конференсия, 98 мизи мудаввар гузаронида шуд ва 86 тақриз таҳия ва пешниҳод карда шудааст.

Дар доираи ҳамкориҳо бо фонди глобалии шарики таҳсилот (ГПО-4) то охири соли 2016 3600 нафар омӯзгори синфҳои ибтидоӣ, дар доираи ду модули таълимӣ – «Методикаи таълими стандарти фанҳои забони модарӣ ва математика» ва «Арзёбӣ дар низоми таълими салоҳиятнок» омӯзгорони синфҳои ибтидоиро пурра аз такмили ихтисос гузаронд.

Вазифаҳои асосии минбаъдаи муассисаҳои такмили ихтисос чунинанд:

- таҳия ва татбиқи барномаҳои таълими замонавӣ ва ба роҳ мондани раванди бозомӯзии омӯзгорони фанни ғайритахассус амалкунанда;

- бунёди пояи муосири техникӣ ва технологии такмили ихтисос ва бозомӯзӣ;

- коркарди механизми ба бахши такмили ихтисос ва бозомӯзии ҳарчи бештар ҷалб намудани мутахассисони варзида ва унвони илмидошта;

- такмили пояи илмию методии раванди такмили ихтисос ва бозомӯзӣ;

- гузаштан ба сикли 3-солаи такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф;

- бунёди инфраструктураи ба талаботи такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ҷавобгӯй;

- гузаштан ба маблағгузории сарикасии такмили ихтисос;

- коркард ва ҷорӣ намудани низоми музди кори ҳавасмандкунанда;

- гузаштан ба низоми супориши давлатӣ ва такмили ихтисос;

- ҷорӣ намудани шаклҳои муосири такмили ихтисос (кредитӣ, фосилавӣ ва модулӣ);

- коркард ва ҷорӣ намудани барномаҳои таълими алтернативӣ (гуногунроҳ) дар такмили ихтисос;

- беҳтар намудани нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии такмили ихтисос;

- коркарди механизими дарёфт, омӯзиш ва тарғиби таҷрибаи пешқадами педагогӣ ва роҳбарӣ.

## 1.5. Вазъи ташкили фаъолияти мустақилонаи таълимии талабагони синфҳои ибтидоӣ дар машғулиятҳои забони модарӣ

Ташкили фаъолияти мустақилонаи омӯзишии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба фаолияти мустақилонаи шуур вобаста мебошад. Фаъолияти мақсаднок бунёдгузори раванди фикр, амал, муайянкунанда ва идоракунандаи самтҳои фикр ё қобилияти фикрронӣ аст.

Дар назди худ гузошатани мақсадҳои наҷиб ва арзишманди ҳаётӣ ва азми заҳмати ба даст оввардани онҳо ба рушду нумуи фикр таъсири амиқ ва мусбат марасонад. Агар инсон фикру андешаи худро пайгирона ва фаъолона рушд доданӣ шавад, бояд пеши худ мақсадҳои олӣ, арзишманд ва мураккабтар гузорад, барои расидан ба фаҳмишу донишҳои асоснок оид ба мавзуъ ва масъалаҳои таълимӣ, рӯйдод, ҳодисаю воқеоти олами ҳастиро дақиқона мушоҳида ва муқоиса кунад, оид ба онҳо сарчашмаҳои муътамад (мувофиқи синну сол) ва дастрасро қироат ва таҳлил кунад, хулоса барорад, нақшасозӣ кунад, амалҳои ҳадафманд анҷом диҳад, монеаҳои фикрталабро бартараф созад, хатоҳои содиркардаашро дарёфта ислоҳ кунад, саъю кӯшишҳои наву такрорӣ анҷом диҳад, то ки ба мақсади арзишманди гузоштааш бирасад. Зеро «шараф ва шарафмандии инсон аз илм аст, илме ки на сарсарӣ ва рӯякӣ, балки бо заҳмату фаросат омӯхта мешавад» [305, с.15].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои самаранок гардондани раванди таълим тадбирҳои зиёдеро андешида, ба мақсади таъмин намудани шароити мувофиқ дар доираи Барномаи ҳамкории глобалӣ дар соҳаи маориф (ГПО-4) силсилаи модулҳои таълимиро таҳия намуда, омӯзгорони синфҳои ибтидоиро тавассути курсҳои такмили ихтисос ба омӯзиш ва татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим омода намуд. Мақсад аз омӯхтани силсиламодулҳо равшанӣ андохтан ба зарурати гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим ва таҳлили омилҳои номувофиқатии низоми таълими анъанавӣ мебошад.

Коршиносону омӯзгорон тавассути мустақилона омӯхтан ё дар машғулиятҳои курси такмили ихтисос иштирок кардан, низоми таълими анъанавиро таҳлилу баррасӣ карда, зарурати такмил додани низоми таълими анъанавӣ ва гузаштан бо муносибати босалоҳият ба таълимро зарур шумориданд.

Барои сабаби ворид намудани тағйирот ба низоми таҳсилотро донистан, бояд таърихи инкишофи педагогикаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пеши назар овард. Таърихи инкишофи илми педагогикаи муосир дар ҷумҳурии мо ба даврони Шуравӣ алоқаи хеле зич дорад. Барои ин таҳқиқи инкишофи илми педагогикаи Шуравӣ, ки заминаи асосии назариявӣ ва амалии низоми таълими кунуниро ташкил медиҳад, мувофиқи мақсад аст.

Низоми анъанавии таълим аз назарияи таълими Я.А.Коменский сарчашма мегирад. Низоми мазкур аз ҷиҳати ташкили раванди таълим низоми синфӣ-дарсӣ буда, мазмуну мундариҷа тавассути методҳои шарҳӣ-аёнӣ амалӣ карда мешавад. Назарияи мазкур ҳанӯз дар асри XVII дар асоси принсипҳои дидактика ташаккул ёфтааст.

Низоми синфӣ-дарсӣ хусусиятҳои хоси худро дорад:

- синф аз хонандагони синну сол ва омодагии якхела иборат буда, дар тамоми раванди таҳсилоти мактабӣ дар ҳамин ҳайат боқӣ мемонад;

- ҳайати синф дар асоси як нақшаи солона ва барномаи таълим мувофиқи ҷадвали дарсҳо таълим дода мешавад. Хонандагон бояд дар як вақти муайян, фасли муайян ба муассисаи таълимӣ ҳозир шаванд;

- дарс воҳиди асосии таълим ба шумор меравад;

- дарс ба як фан, мавзуъ бахшида шуда, тамоми хонандагони синф аз рӯйи як мавод кор мекунанд;

- фаъолияти хонандагонро дар раванди дарс омӯзгор идора мекунад: ӯ натиҷаҳои таълими фанни худро арзёбӣ карда, дараҷаи азхудкунии ҳар як хонандаро дар алоҳидагӣ санҷида, дар охири соли таҳсил оид ба гузаронидан ё нагузаронидани хонанда ба синфи оянда қарор қабул мекунад;

- китобҳои дарсӣ асосан барои вазифаи хонагӣ истифода мешаванд.

«Соли таҳсил, рӯзи дарсӣ, ҷадвали дарсҳо, таътил, танаффуси байни дарсҳо нишондиҳандаҳои низоми синфӣ-дарсӣ мебошанд» [213, с.6].

Дар низоми синфӣ-дарсӣ, асосан, методҳои шарҳӣ-аёнӣ истифода мешавад. Чунин тарзи таълим имконият медиҳад, ки дар вақти кӯтоҳ миқдори зиёди ахбор интиқол дода шавад.

Дар таълими шарҳӣ-аёнӣ омӯзгор дониш (маълумот)-ро дар шакли тайёр пешниҳод менамояд, хонандагон онро қабул ва бозгӯйӣ мекунанд. Мундариҷаи таълим дар ин навъи таълим ботартиб ва алоқанок пешниҳод карда мешавад.

Фаъолияти омӯзгор, асосан, барои ба таври шифоҳӣ фаҳмонда додани мавзуъ ва истифодаи аёният равона мегардад. Ин навъи таълим ба анъана ва одат табдил ёфтааст.

Дар таълими шарҳӣ-аёнӣ диққати асосӣ ба инкишофи хотир равона шуда, хонанда пас аз шунидан (ё хондан)-и маълумот онро бояд дар хотир гирад, дертар ба хотир орад ва бозгӯйӣ карда тавонад. Раванд ва натиҷаи таълим ба андозаи донише, ки хонанда аз суханони омӯзгор ё китоби дарсиву дигар маводи таълим дар хотир гирифтааст, маҳдуд мегардад. Хонандагон дониши азхудкардаашонро ба таври гуногун пешниҳод мекунанд: нақл, бозгӯйӣ, нақли хаттӣ, иншо, корҳои санҷишӣ ва амсоли инҳо.

Барномаҳои таълим дар низоми мазкур маводи таълимро бо тартиби мушаххас пайиҳам пешниҳод карда, барои аз худ кардани мавзуъҳо миқдори муайяни вақтро аниқ месозад. Барои ҳар як фан барномаи таълими алоҳида таҳия карда мешавад ва онро ба муҳлати 5 то 10 сол истифода мебаранд. Дар асоси барномаҳои таълим китоби дарсӣ таҳия мешавад. Омӯзгор дар асоси барнома ва китоби дарсӣ нақшаи тақвимӣ-мавзуӣ таҳия карда, дар асоси он раванди таълими фанро ба роҳ мемонад. Дар низоми мазкур нисбат ба хонанда омӯзгор бештар дар дарс фаъолият мекунад.

Ҳангоми арзёбии фаъолияти омӯзгор санҷишгар ба саволҳои *Чӣ тавр омӯзгор дарсро ташкил кард? Ҳангоми пурсиши вазифаи хонагӣ чӣ қадар вақт сарф кард? Чанд хонандаро пурсид? Мавзуи навро чӣ тавр баён кард? Мустаҳкамкуниро гузаронд ё не? Баҳоро эълон кард ё не?* ва ғайра бештар диққат медод. Инчунин, ҳангоми санҷишҳо мувофиқати нақшаи тақвимӣ ба мавзуи дарсӣ, китоби дарсӣ ва дафтари синф сахт назорат карда мешуд.

Аз худ накардани барномаи таълим аз тарафи хонанда маънои мавзуъҳои таълимро нафаҳмидани ӯ арзёбӣ мешуд.

Кадом омилҳо ин навъи таълимро устувор ва доимӣ гардондааст? Асосан, ба таври пайдарҳамӣ пешниҳод ва аз худ кардани дониш, фарогирии миқдори зиёди хонандагон ва тартиботи камхарҷи додани дониш омилҳои асосии устувории ин навъи таълим буда метавонанд.

Дарсҳо дар таълими шарҳӣ-аёнӣ мувофиқи қолабҳои мушаххас ба нақша гирифта шуда, вазъи ташкили фаъолияти мустақилонаи омӯзишии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар машғулиятҳои забони модарӣ (озмойиши муайянсозандаи пешакӣ) дуруст ба нақша гирифта нашуда, фаъолияти омӯзгору хонандагон дар он мушаххас дарҷ намешаванд. Вазифаҳои асосии таълим дар низоми мазкур, асосан, ҷудо кардан, хат кашидан, дар хотир гирифтан, нақл кардан, дар асоси намуна ҳал кардани мисолу масъалаҳо, тартиб додани ибора, ҷумла мебошад. Ҷараёни таълимиву маърифатӣ дар хонандагон услуби тазаккурӣ будани таълимро ташаккул медиҳад. Яъне, хонандагон шунидан, хондан ва бозгӯйӣ, ё дар асоси намунаҳо, қоидаҳо иҷро кардани мисолу масъаларо ҳамчун фаъолияти асосии маърифатӣ ҳисоб мекунанд.

Дар хусуси фаъолияти маърифатӣ, устод Ф. Шарифзода дар мақолааш «Ташаккули маданияти зеҳнӣ ва рушди тафаккури хонандагон» чунин андеша дорад. «Барои он ки одам тафаккури худро

босамар инкишоф диҳад, вай бояд донишомӯз (толибилм) шавад, яъне кӯшиши «ҳамаро донистан» кунад, кӯшиш кунад, ки ҳама чизи заруриро фаҳмад, кӯшад, ки донишҳои гирифтаашро дар ҳаёт бисанҷад ва натиҷаҳои даркориро ба даст оварад. Бифаҳмад, ки ҳаҷми донишҳо нопайдоканор аст» [393, с.173].

Аз ин ҷо саволе ба миён меояд: Чӣ зарурат пеш омад, ки низоми таълими кунунӣ/анъанавӣ бояд тағйир дода шавад?

Барои ба ин савол ҷавоб додан, бояд, шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давраҳои гуногуни инкишофи ҷомеаи башарӣ ба ҳисоб гирифта шавад. Дар давраҳое, ки низоми синфӣ-дарсӣ ва шарҳӣ-аёнӣ ташаккул ёфта, ба қуллаҳои баланди худ расида буд, шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангиву маърифатии одамон, арзишҳову дастовардҳои илму техника дар сатҳи дигар қарор дошт. Масалан, аксари корҳо (истеҳсолот) ба таври дастӣ сурат мегирифт, нақлиёт ва алоқа кам рушд карда буд, сарчашмаҳои ахбор хеле маҳдуд буданд, китобҳо намерасиданд. Зиёда аз он, шахси босавод гуфта, шахсеро мешумориданд, ки ахбори зиёдро медонад.

Мо аз сарчашмаҳои гуногун ақидаҳоро оид ба номувофиқатии низоми таълими мазкур ба шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии муосир аз нигоҳи психолог-педагогҳо оид ба вазъи ташкили фаъолияти мустақилонаи омӯзишии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар машғулиятҳои забони модарӣ(озмойиши муайянсозандаи пешакӣ) баррасӣ менамоем:

1. Ба ақидаи педагог-психолог Р.Аткинсон, «яке аз норасоиҳои низоми мазкур дар он аст, ки диққати асосӣ ба хотира равона мешавад, на ба инкишофи тафаккур. Он ба ташаккули қобилияти эҷодӣ, мустақилӣ, фаъолнокии хонандагон таъсири кам дорад. Илова бар ин, миқдори ахбору маълумоти пешниҳодшаванда нисбат ба қобилият ва равандҳои азхудкунии хонанда зиёд мебошад» [213, с.8].

2) Олимони соҳа Болотов В.А.,Сериков В.В., [53], Борисов П.П., [55], Байденко А., [31], Бобизода Ғ. [49], Георге И.В., [72], Дубова М.В., [90], Зимняя И.А., [102], Мединцева И.П., [203], Реван Дж., [226], Троянская С.Л., [283], Хуторский А.В., [296,400], Пуйлова Марина Алексеевна, [398], Шарифзода Ф., Сабури Х.М., Қаюмова О.Э., [306], Якиманская И.С., [339,340,341], дар мақолаҳои илмии худ оид ба муносибати босалоҳият ба таълим андешаҳои ҷолиб пешниҳод намудаанд.

Соли 2016 “Маҷмӯи модулҳо оид ба муносибати босалоҳият_ба таълим” таҳия гардид, ки дар он якчанд номувофиқатии низоми анъанавиро ошкр сохтаанд: “Мундариҷа ва фаъолияти таълим ба гузашта нигаронида шудааст. Яъне, ахбор, маълумот, қоидаҳое, ки дар раванди таълим аз худ карда мешаванд, ба ҳаёти воқеӣ алоқаи ночиз доранд. Илова бар ин, намуна, таҷриба ва ақидаҳои пешниҳодшаванда порчаи алоҳидаи замонро ифода мекунад. Ин боис мегардад, ки таълимгирандагон мавқеи худро дар чаҳорчӯбаи замон муайян карда наметавонанд ва мавқеи таълим паст мегардад. Ин сатҳи ҳавасмандии хонандагонро ба таълим хеле паст мегардонад. Яъне онҳо намедонанд, ки барои чӣ, кай ва дар куҷо ин ё он донишро истифода баранд. Аксари таҷриба ва намунаҳои пешниҳодшаванда тахайюлӣ буда, ба хонандагон имконияти таҳлилу баррасии проблемаҳоро фароҳам оварда наметавонанд, зеро рафтору ҳодисаҳо, қоидаву қонунҳо ба ҳаёти ҳозира мувофиқат намекунанд” [213, с.8].

В.А. Болотов ва В.В.Сериков якчанд омилро нисбат ба камнуфуз шудани низоми пешинаи таълим мавриди баррасӣ қарор додаанд. Ба ақидаи онҳо “тағйирот дар соҳаҳои иҷтимоӣ, иттилоотиву технологӣ боиси пайдо шудани фарҳангу маданияти нав гашта, дар он таҳсилоте, ки танҳо ба андӯхтани дониш нигаронида шудааст, самаранокӣ ва мақсаднокиашро аз даст додааст. Айни замон бо боварии том гуфтан мумкин аст, ки низоми таълими ба дониш нигаронидашуда ба буҳрони

амиқ рӯ ба рӯ шудааст. Бухрони мазкур якчанд сабаб дорад. Яке аз сабабҳо ба тағйир ёфтани моҳияти дониш ва таҷрибаи ҷомеа вобастагӣ дорад: айни замон ба даст овардани ахбор соҳаи муҳимми фаъолияти касбии инсон гашта, асоси ҳама гуна истеҳсолоти муосирро ташкил медиҳад. Суръати нав шудани донишҳо бо тағйир ёфтану ислоҳоти дастгоҳҳои истеҳсолӣ баробар шудааст. Маҷрои бузурги ахборро, ки то мактабро хатм кардани хонанда куҳна мешавад, акнун дар чаҳорчӯбаи барномаи таълим ҷо додан ғайриимкон аст. Таълим додани "маълумоти дақиқ" муҳим аст, аммо агар имконияти сари вақт иваз кардани унсурҳои он фароҳам оварда нашавад, он гоҳ мо наметавонем хонандаро ба ҳаёт омода намоем. Сабаби дигари буҳрони низоми таълими ба дониш нигаронидашуда дар он аст, ки зарурати пур кардани хотираи кӯдакон бо ахбори барзиёд аз байн рафтааст, зеро маъхазҳои дигари нигоҳ доштани ахбор мавҷуданд,монанди почтаи электронӣ, интернет, флешкарта, компютер. Ба хонандагон бояд тарзи истифодаи ин маъхазҳо омӯзонда шавад" [213, с.8].

Дониши муайян аз сарчашмаҳои аниқ (санҷидашуда, илман асоснок) тавассути омӯзгор (ё китоби дарсӣ) ба хонандагон пешниҳод карда мешавад. Роҳҳои пешниҳоди дониш гуногун буда, вобаста ба эҷодкорӣ ва таҷрибаи омӯзгор, хонандагон метавонанд дониш (қолаб)-и муайянро аз худ ва бозгӯй кунанд (ё дар асоси қолаби пешниҳодшуда амалеро иҷро кунанд). Натиҷаи таълим тавассути андоза ва сифати бозгӯйӣ ё то кадом андоза ба намунаи додашуда дуруст иҷро кардани мазмуни матн арзёбӣ карда мешавад.

Барои фикр кардан вақти муайян дода намешавад, бенақшагӣ, набудани тадбирҳои ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ, додани донишҳои тайёр, набудани ҷустуҷӯйи мустақилонаи донишҳо ба мушоҳида мерасад. Хонанда натиҷаи корашро арзёбӣ ва таҳлил карда, ғалатҳои худро муайян намекунад, сабаби содир кардани

ғалатро мустақилона, бо ёрии ҳамсинфон ё омӯзгор аниқ намесозад. Корашро дар асоси нишондиҳандаҳо такмил намедиҳад.

Дар раванди низоми таълими ба дониш асосёфта (анъанавӣ) ба ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзишии хонандагон диққати ҷиддӣ дода намешуд.

Дар низоми таълими ба дониш асосёфта чунин раванд мувофиқ аст:




Расми 1.

Мушкилоти мактаби имрӯза дар он аст, ки баъзеҳо муҳиммияти хотираро аз рушди тафаккур болотар мегузоранд, ки ин дуруст нест.

Солҳост, ки (аз замони Шуравӣ то имрӯз) ба ин мақсаду вазифаи муҳимтарини таълиму тарбия – бедории рушди зеҳну тафаккури таҳлилии кӯдакон, ки дар илми педагогика заминаи устувори фаъолияти мустақилона,ҷӯёӣ ва эҷодӣ шинохта мешавад, хеле кам ва рӯякӣ аҳаммият дода мешавад. Ҳол он ки маҳз ҳамин заминаи устувори фикрӣ чи ояндаи донишандӯзӣ ва чи ояндаи ҳаётии шахсияти насли созандаро муайян хоҳад кард. Пас маълум мешавад, ки «агар омӯзгор сатҳи баланди касбият надошта бошад, мо ҳеҷ гоҳ ва ба ягон восита сифати таълиму тарбияро беҳтар карда наметавонем» [305, с.6].

Яке аз сабабҳои асосии тағйири низоми таълим (мундариҷа ва раванди таълим) талабот ва нақшаҳои Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №526 тасдиқ шудааст) талаб менамояд, ки “Низоми нави маориф, ки мутобиқи тамоюлоти ҷаҳони муосир на ба дониш, балки ба салоҳиятнокӣ асос

ёфтааст, бояд ба хонандагон имконияти аз худ намудани салоҳияту малакаҳои асосии иҷтимоиро, ба монанди қабули масъулиятнокии қарорҳо ва банақшагирии пешравӣ дар касб, илмомӯзӣ дар давоми тамоми ҳаёт, салоҳияти алоқадорӣ, тайёрии касбии дар бозори меҳнат талаботдошта, донишу малакаи барои худтакмилдиҳӣ зарур, малакаи тарзи ҳаёти солим, арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмин намояд” [213, с. 8].

Стратегияи миллии рушди маориф (СТРМ-2012-2020 ва то 2030) самтҳои тағйироти низоми таълимро мушаххас карда, гузаришро аз низоми анъанавӣ (ба дониш асосёфта) ба низоми муносибати босалоҳият ба таълим ба нақша гирифтааст. Қарори мазкур дар асоси таҳқиқоту мушоҳидаҳои назаривию амалӣ бароварда шудааст. Низоми таълими ба дониш асосёфта ба талаботи соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, иттилоотӣ ва маърифатии ҷомеаи муосир мувофиқат намекунад.

Сабабҳои номувофиқатии ин низом аз ҷониби олимони соҳа ва сарчашмаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ шарҳ дода шудаанд. Гузариш ба низоми нав боиси ба ҳаёт ва талаботи муосири соҳаҳои гуногун наздик шудани мундариҷаи таҳсилот мебошад.

Мафҳуми салоҳият дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ **лоиқ будан, сазовор будан, шоистагӣ, сазоворӣ** тафсир дода шудааст.

Дар стандартҳои фаннии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ мафҳуми “салоҳият” чунин шарҳ дода шудааст: Салоҳият – маҷмуи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайванде, ки ба мақсади ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ), маърифатӣ ва касбӣ равона карда мешаванд.

Дар баъзе адабиёти илмӣ мафҳумҳои салоҳият, қобилият, малака ва маҳорат баробар истифода мешаванд.

Аз тафсири баррасигардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки шахси салоҳиятманд аз уҳдаи қобилона ва боэътимодона иҷро кардани

амале баромада метавонад. Муносибати босалоҳият ба таълим низомест, ки дар он диққати асосӣ ба ташаккули малакаҳои амалӣ (ҳаётӣ, ҳақиқӣ, функсионалӣ)-и хонанда равона гардидааст. Муносибати босалоҳият ба таълим ба саволҳои “Хонанда чӣ кор карда метавонад?”, “Хонанда кадом амалҳоро иҷро карда метавонад?” ва ғайра посух медиҳад. Донистан ё дониш дар муносибати босалоҳият ба таълим ҷузъи таркибии малака ҳисоб шуда, барои санҷидан, муқоиса кардан бо намуна, барои ислоҳи ғалатҳо истифода мешавад.

Салоҳиятро таълим намедиҳанд, салоҳият дар натиҷаи аз худ кардани дониш, малака ва маҳоратҳо ташаккул меёбад” [213, с.9].

Салоҳият натиҷаи амалии дониш, малака ва маҳорат аст. Муқоисаи натиҷаҳои таълим аз рӯи китоби дарсии “Забони модарӣ” барои синфи 4. Душанбе, 2021 дар ҷадвали № 4 оварда шудааст.

Чуноне аз ҷадвал маълум мегардад, унсурҳои таълими салоҳиятмандӣ, махсусан, зинаи дониш (донистан) дар низоми таълими ба дониш асосёфта низ вуҷуд дорад. Фарқ дар он аст, ки дар низоми таълими босалоҳият диққати асосӣ ба фаъолияти хонанда дода мешавад. Яъне, фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳни хонандагони синфҳои ибтидоӣ равона карда мешавад. Дар низоми таълими ба дониш асосёфта тартиби мантиқӣ, пайдарҳамии мавзуъҳо дуруст пешниҳод шуда бошанд ҳам, раванди таълим ва натиҷаҳои он барои хонанда дар доираи вақт маҳдуд инъикос меёбанд. Яъне, вақти зиёд сарфи фаъолияти омӯзгор буда, ба фаъолияти мустақилонаи хонанда вақти кам дода мешавад, ки ин барои фаъолияти эҷодӣ ва рушди тафаккури хонанда таъсири манфӣ дорад.

Ба ақидаи В.Н.Липник «омӯзгор дар ҷараёни фаъолияти педагогӣ бояд чизеро хабардор созад, ки роҳату манфиатро нишон диҳад, бояд ба дарсҳо бозиҳоро ворид намояд, ки машқҳои фикронӣ ба шавқу ҳавас ва бозӣ мубаддал гарданд» [160, с.31].

Ба эътибор гирифтани имконияти ақлии хонандагон гуногун буда, методҳои таълим ва воситаҳою тадбирҳои таълим дар низоми муносибати босалоҳият ба таълим хусусиятҳои ба худ хос дорад.

**Ҷадвали 6.**

**Муқоисаи натиҷаҳои таълим**
**Китоби дарсии “Забони модарӣ” барои синфи 4. Душанбе, 2021**

| Низоми таълими ба дониш асосёфта | Низоми таълими ба салоҳият асосёфта |
|---|---|
| Хонанда таърифи исм, сифат, феъл ва ғайраро медонад. Хонанда аз матн (ҷумла) калимаҳои ифода- кунандаи исм, сифат, феъл ва ғайраро муайян карда метавонад.<br>Хонанда калимаҳоро аз рӯйи хусусияташон (ҳиссаи нутқ) ба гурӯҳҳо ҷудо карда метавонад. Бо исмҳо ҷумла сохта метавонад. Исми хос аз ҷинсро фарқ мекунад. Сифатро аз феъл, ҷумлаи содаро аз ҷумлаи мураккаб фарқ мекунад. | Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзуъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матни хатии ҳаҷман калонтари сохтораш гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, элон, дастурамал) эҷод мекунад. |
| Матнро равону бурро ва бо овози баланд мехонад. Шеърро бурро ва ифоданок мехонад.<br>Мазмуни матни хондаашро нақл мекунад. Дар як дақиқа ... калима мехонад. Ба саволҳои матн ҷавоб гуфта метавонад. | Қоидаҳои хондан (риояи задаи мантиқӣ, пайдарпайии калимаҳо)-ро медонад ва риоя мекунад. Стратегияи мувофикро истифода бурда матнҳои ношиносро мехонад.<br>Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосиро муайян мекунад. |
| Дар бораи фасли баҳор нақл мекунад. Доир ба мавзуъҳои модар, Наврӯз ва ғайра нақл мекунад. Аз рӯйи расм ҳикоя мекунад. Дар мавзуи ... муколама тартиб медиҳад. | Ахбори шунидаро дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ (саволу ҷавоб, муҳокимаҳои умумӣ, нақли муфассал, мухтасар ва интихобӣ) ва хаттӣ (имло, навиштани пайдарпайии воқеаҳои шунида, нақли хаттӣ, навиштани хулоса) истифода мебарад<br>Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)-ро ки ба синну сол мувофиқ аст муайян карда, муносибати худро баён мекунад. Дар вазъиятҳои гуногун қоидаҳои маъмули сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад ва аҳаммияти риоя кардани ин қоидаҳоро шарҳ дода, |

| | |
|---|---|
| | дигаронро ба риояи онҳо даъват мекунад. Статегия (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад. |

Хусусиятҳои мазкур муносибати хонандаро ба таълим, нақши омӯзгорро дар раванди таълим, муносибати омӯзгору хонандагон, хонандагону маводи таълим ва муносибати байниҳамии онҳоро муайян мекунанд. Донистан ва дар амал татбиқ кардани ин хусусиятҳо ба омӯзгор имконият медиҳад, ки сатҳи донишазхудкунии хонандагонро баланд бардошта, ҳамзамон, барои ташаккули чунин қобилияти маърифатии онҳо мусоидат кунад:

- «Тағйирпазирии нақшаҳо.
- Кам шудани нақли омӯзгор ва зиёд шудани фаъолияти хонандагон.
- Саволгузорӣ аз ҷониби хонанда (на танҳо ҷавоб додан).
- Дар раванди дарс ташкил намудани муколама ва посух додани хонанда ба анҷом расонидани он.
- Хонандагонро ба омӯзиш ҷалб карда тавонистани фазои таълимии дарс.
- Хонандагонро ба фаъолияти мустақилона таҳқиқ кардани омӯзиш ҳидоят намудан.
- Фароҳам овардани фазои мусоиди омӯзиш.” [215, с.45]

Дар низоми таълими босалоҳият раванди ташаккули салоҳиятҳо вақт ва муносибати мураккабро талаб мекунад. Дар муқоиса бо низоми таълими ба дониш асосёфта, ки хусусияти тазаккурӣ дорад, низоми нав иҷрои амалҳои дараҷаҳои гуногуни мураккабӣ ва давомнокии мухталифро талаб мекунад.

**Ҷадвали №7.**

## Муқоисаи низоми таълими анъанавӣ ва муносибати босалоҳиятба таълим: [213.С-11-12]

| Унсурҳо | Низоми таълими анъанавӣ | Низоми таълими босалоҳият |
|---|---|---|
| Мақсади таълим | Пешниҳод/аз худ кардани маҷмуи донишҳои назариявӣ. Асосан, маҷмуи дониш, малака ва маҳорате, ки мундариҷаи таълимро ташкил медиҳад. | Диққати асосӣ ба ҷиҳати амалии дониш, малака ва маҳорат равона шуда, хонандагонро барои дар ҳаёт муваффақ шудан омода менамояд |
| Формулаи асосии натиҷаҳои таълим | Чиро медонам? | Кадом амалро иҷро карда метавонам? |
| Хусусияти асосии раванди таълим | Тазаккурӣ | Сермаҳсулӣ |
| Омили пешбарандаи раванди таълим | Назорат. | Машқи амалӣ ва корҳои мустақилона |
| Хусусиятҳои раванди арзёбӣ | Усулҳои омории арзёбии натиҷаҳои таълим | Арзёбии умумии натиҷаҳои таълим (масалан, портфолиои дастовардҳои таълимии хонанда) |
| Барномаҳои таълим | Тартиби муайяни азхудкунии донишҳоро фаро мегирад. Омӯзгорон имконияти тағйир додани мавзуъҳои барномаро надоранд. | Мавзуъ ва мундариҷаи таълим барои ташаккули салоҳиятҳо ҳамчун восита хизмат мекунанд. Омӯзгорон имконияти иваз кардани мавзуъ ва мундариҷаро доранд. |
| Маводи таълим | Маводи асосии таълим китоби дарсӣ шинохта мешавад. | Сарчашмаҳои гуногун ҳамчун маводи таълим истифода мешавад: китобҳои дарсӣ, китобҳои бадеӣ, донишномаҳо, рӯзномаву маҷаллаҳо, маводи интернет, таҷрибаи хонанда ва ғайра. |
| Фаъолияти омӯзгор дар раванди таълим. | Додани дониш дар асоси барнома ва китобҳои дарсӣ. Назорати раванди азхудкунии донишҳо. | Роҳнамоии хонандагон. Намоиш додани малака ва маҳорат. Мушоҳидаи дараҷаи азхудкунии до- ниш малака ва маҳорат. Расонидани ёрӣ дар марҳалаҳои гуногуни ташаккули салоҳиятҳо. |
| Фаъолияти маърифатии | Аз худ кардани дониш- | Таҳқиқу таҳлили ахбору |

| | | |
|---|---|---|
| хонанда | ҳои пешниҳодшуда, бозгӯйии маълумот ва ахбори пешниҳодшуда. | маълумоти пешниҳодшуда, иштирок дар таҳлилу баррасии масъалаҳо, иш- тироки фаъол, гузаронидани таҷрибаҳо ва амсоли инҳо. |

Масалан, олимони соҳаи педагогика ва методика:_Лутфуллозода М., Бобизода Ғ. [49 ], Равен Дж.[226], Троянская С.Л. [283], Хуторской А.В. [296,400] дар асарҳояшон дар хусуси хонанда бояд оид ба сохтори матн (мактуб, ҳикоя, гузориш, мақола ва амсоли он), сарфу наҳви забони тоҷикӣ дониши мукаммал дошта, тарзи баёни ақидаи худро дар сохтори муайяни матн машқ кунад, мустақилона нависад, матни эҷодкардаашро арзёбӣ кунад ва таҳриру такмил диҳад.баён намудаанд. Оё ин салоҳиятро ҳамаи хонандагони синф дар як вақт аз худ мекунанд? Маҳз барои ҳамин дар низоми таълими босалоҳият раванди таълим усул, муносибат ва воситаҳои гуногунро тақозо мекунад.

Раванди таълим дар муносибати босалоҳият ба таълим мураккаб гардида, вақт ва неруи бештарро талаб мекунад.

Агар чунин муқоиса кардан раво бошад, муносибати босалоҳиятро ба таълими касбӣ, аз ҷумла, **дузандагӣ, рассомӣ, кандакорӣ, кулолгарӣ, ошпазӣ, сартарошӣ, меъморӣ** ва амсоли онҳо монанд кардан мумкин аст.

Барои татбиқи низоми мазкур омӯзгорон бояд якчанд назарияҳои асосии таълимоти муосирро донанд ва ба таври самаранок дар амал татбиқ карда тавонанд. Назарияҳои таълимии мазкур аз фан вобаста набуда, раванди таълим гирифтан, малакаву маҳорат ҳосил карданро инъикос мекунад. Назарияҳои мазкур метавонанд барои ташаккули методологияи фанҳои гуногун замина гузоранд.

# ХУЛОСАИ БОБИ ЯКУМ

Таҳлили ҷараёни рушди ақидаҳои ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзишии хонандагони хурдсол дар таҳқиқоти равоншиносию педагогӣ оид ба назарияи рушди зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, инчунин, дар сайри таърихӣ ба сарчашмаҳои афкори педагогӣ нисбат ба фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ (афкори фалсафӣ, равоншиносону педагогҳои аврупоӣ, Россия, Шуравӣ ва мутафаккирони тоҷик) баёнгари он аст, ки онҳо оид ба равобити рушди зеҳнӣ ва фаъолияти мустақилонаи омӯзишии хонандагон андешаҳои ҷолиб пешниҳод намудаанд.

Онҳо дар андешаҳояшон ба эътибор гирифтани имконоти зеҳнии хонандагони хурдсолро таъкид намуда, дар раванди ташаккули фаъолияти мустақилонаи омӯзишии хонандагон саҳми асарҳои методии методистони солҳои 20-50-уми асри XX-ро баланд арзёбӣ намудаанд, дар муқоиса асарҳои солҳои 60-80-ум офаридаи методистону олимони соҳаро арзишмандарин меҳисобанд. Дар ин солҳо асарҳои олимон ва методистон тоҷик И.Хоҷаев, А.Эшонҷонов, М.Шукуров, А.Раҳмонов дар пешрафти соҳаи илми методикаи таълими забони модарӣ нақши босазо гузошта буданд. Солҳои 80-90-уми асри XX олимони соҳаи методикаи таълими забони модарии синфҳои ибтидоӣ М,Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, И.Абдуллоев ва дигарон дар асарҳои методиашон вазъи методикаи таълими фанро таҳлил ва баҳодиҳӣ намуда, ба сифати нақша, барномаҳои таълим, китобхои дарсӣ, маводи дидактикӣ, фаъолияти мустақилонаи хонандагон ба хотири рушди зеҳн ва нутқ дар таълими забони модарӣ диққати асосӣ дода, дар ин самт ба комёбиҳои назаррас ноил гардидаанд.

Аз соли таҳсили 2016 дар Тоҷикистон хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба муносибати босалоҳият ба таълим гузаштанд, сатҳи салоҳиятмандии кадрҳои педагогӣ ташаккул дода шуд ва дар таълими

забони модарӣ ба фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ, имконияти зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардид. Ба тайёрии касбии кадрҳои педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ диққат дода шуд. Вобаста ба таҳлили ин дастовард ва камбудиҳои он давра ба чунин хулоса омадем:

1. Дар таълими анъанавӣ набудани тадбирҳои ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ, додани донишҳои тайёр, набудани ҷустуҷӯи мустақилонаи донишҳо, хонандагонро ба фориғболӣ, андеша накардан, мустақилона амал накардан бурда мерасонад.

2. Азбаркунии бешуурона (қоидаҳо) бидуни маънидод ва шарҳи донишҳои азбарнамуда раванди таълими забони модариро душвор намуд.

3. Омӯзгорон дар раванди дарсҳо аксар вақт масъулиятро бар души худ мегирифтанд ва ба кори мустақилонаи хонандагон чандон аҳаммияти ҷиддӣ намедоданд.

4. Дар таълими анъанавӣ бештар диққати асосӣ ба таълими назариявӣ нигаронида шуда буд, аз ин лиҳоз, мустақилияти хонандагон чандон равшан ба назар намерасид.

5. Айни замон фаъолияти эҷодии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ рушд ёфта, сатҳу сифати дониши хонандагон рӯз аз рӯз беҳтар гардида истодааст.

6. Вазъи ташкили фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ва инкишофи зеҳнӣ ва нутқи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар машғулиятҳои забони модарӣ рӯ ба беҳбудӣ овард.

7. Истифодаи методҳои гуногун, воситаҳо ва маводи дидактикӣ ба рушди зеҳн ва нутқи хонандагон таъсири мусбат расонид.

# БОБИ 2. ФАЪОЛИЯТИ МУСТАҚИЛОНАИ ТАЪЛИМӢ ОМИЛИ ҲАЛКУНАНДАИ РУШДИ ЗЕҲНИЮ НУТҚИИ ТАЛАБАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР МАШҒУЛИЯТҲОИ ЗАБОНИ МОДАРӢ

## 2.1. Мақсад ва вазифаҳои фаъолияти мустақилонаи таълимӣ дар раванди таълими забони модари дар синфҳои ибтидоӣ

Тарбияи зеҳнии шахсият ба кӯдак ҳуқуқ ва имкон медиҳад, ки доно бошад. Шикастани ин ҳуқуқ ҳам барои кӯдак ва ҳам барои ҷомеа дар оянда хеле гарон меафтад. Бинобар ин, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар мавриди ташкил ва интихоби мазмуни таълим ва машғулиятҳои таълимӣ бояд муносибати босалоҳият зоҳир намуда, махсусан, инкишофи ҳаматарафаи кӯдакон ва ба талаботи даврони муосир ҷавобгӯ будани донишу фаҳмиши онҳоро таъмин намоянд. Маданияти зеҳнии кӯдаконро ташаккул дода, вазифаҳои таълим ва низоми амалҳои таҳқиқотӣ-ҷустуҷӯйии онҳоро бояд риоя намуд, ки барои таҳлили мустақилонаи ашё, ҳодисаю воқеаҳои олам, табиат, маҳорати муқоиса, тасниф, умумият додан ва гурӯҳбандии онҳо заруранд ва ин амалҳо, асосан, муваффақияти ояндаи хонандагонро дар таҳсил ва ҳаёт таъмин хоҳад кард.

Роҷеъ ба ин масъала академик Шарифзода Ф. қайд мекунад: “Дар раванди ҳалли масъалаи инкишофи зеҳнию фикрии кӯдакон машғулиятҳо бояд мазмуни мушаххас ва дастрас дошта бошанд. Ҳалли ин масъала имконият фароҳам меоварад, ки тадриҷан маҳорати зеҳни рушдёфтаи хонандагон на танҳо дар рафти машғулиятҳои умумӣ, балки дар раванди фаъолияти рӯзмарраи инфиродӣ ва мустақилонаи хонандагон ташаккул дода шавад, яъне ба шароите, ки онҳо имконияти “кашф кардан”-ро доранд. Дар ин ҳолат омӯзгор ноаён нақши иштирокдорони “кашфиёт”-и кӯдаконро мебозад, яъне ӯ роҳҳои ҳалли масъала ё мушкилотро нишон намедиҳад, балки дар ҷустуҷӯйи

мустақилонаи роҳҳои ҳалли масъалаҳо кӯдаконро дастгирӣ мекунад" [393, с.171].

Ташкил ва доир кардани чунин машғулиятҳо аз омӯзгор муносибати махсуси ибтикорӣ (иноватсионӣ)-ро, тақозо менамояд. Ҳамзамон ташаккули пайдарҳам ва бонизоми маҳоратҳои одитарини зеҳнӣ барои рушди минбаъдаи тафаккур, аз худ кардани мафҳумҳои нисбатан мураккаб замина мегузорад, яъне аз ҷониби омӯзгорон фаҳмидани муҳиммияти инкишофи зеҳнии кӯдакон ба тайёрии онҳо барои аз худ кардани донишҳо бидуни садама ба саломатӣ, ба рушди онҳо мусоидат хоҳад кард. Ҳамчунин, ба он мусоидат менамояд, ки шавқу рағбати маърифатии кӯдакон барои зинаҳои баъдинаи таҳсилот осеб набинад, балки афзоиш ёбад.

Маданияти зеҳнӣ ва тафаккури ташаккулёбанда, ки нерубахши якдигаранд, ҳамзамон рукни эҷодӣ ва омили бакорандозии қобилияти ҳамаи иштирокдорони раванди педагогӣ буда, кӯдак дар он арзишҳои зеҳнӣ ва фикриро азхудкунон қобилияту истеъдодҳои фардии худро ривоҷ медиҳад, қувва ва сифатҳои табииашро ба кор меандозад ва ба раванди ривоҷу такмили зеҳну тафаккури худ ворид мешавад, ба иҷрои фаъолияти таълимиаш идома медиҳад.

«Тафаккури кӯдак дар давраи гузариши инкишофӣ қарор ёфтааст. Дар ин давра гузариш аз нигоҳи симоӣ ба калимавию мантиқӣ, ба тафаккури дарккунӣ ба амал меояд, ки фаъолияти фикронии кӯдак хусусияти дутарафа пайдо мекунад. Фикри амиқ, ки бо ҳақиқати ҳол пайвастааст ва бо мушоҳидаи бевосита аллакай ба принсипҳои мантиқӣ итоат мекунад, лекин муҳокимаҳои расман мантиқӣ ба кӯдакон муяссар нест. Инчунин, бо инкишофи тафаккур пайдошавии навовариҳои муҳимми давраи хурдсолӣ алоқаманд мебошанд: ташхиси нақшаи фаъолияти дохилии рефлексия. Ин навовариҳо дар хонандагони хурдсол дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ ташаккул меёбанд» [60, с.134.].

Малакаҳои тафаккури мустақилонаи омӯзишии хонандагон дар натиҷаи захираҳои табиӣ ақл, зеҳн ва шуур, хотир ва унсурҳои қобилияти азалии фаҳмиш, омӯзиш, мушоҳида, муқоиса, таҳлил, кашфи робитаҳо, фарқият ва монандии ашё, ҳодисаю воқеоти олам (табиат, ҷамъият) ва баровардани хулосаҳои одитарини мантиқӣ рушд ва ташаккул меёбад.

Барои муайян кардани мақсад ва вазифаҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ дар раванди таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ ба бедорӣ ва рушду ташаккули фикрии кӯдак, пеш аз ҳама, волидайн метавонанд саҳмгузор бошанд. Онҳо тавассути бошуурона ташкил намудани бозиҳои фикрӣ, аз ҷумла, парвози ҳаёл, расмкашӣ, суробсозӣ, эҷоди лоначаҳо (барои парандагон), бофтани афсонаҳо, давом додани афсонаҳои нотамом, амалҳои қаҳрамонони ҳикояҳо, филмҳои тасвирӣ, бадеӣ ва монанди инҳо метавонанд ба зеҳн ва тафаккури эҷодии кӯдак рушд бахшанд.

Чуноне ки академик Ф.Шарифзода қайд кардааст, “...рушди қобилияти зеҳнӣ дар навбати аввал дар мактаби ибтидоӣ пешоҳанг, заминагузор ва масъул мебошад, зеро “Хишти аввал”-ро дар ташаккули инсони комил ва соҳиби тафаккури мустақилона, интиқодӣ,таҳлилӣ ва эҷодӣ маҳз мактаби ибтидоӣ мегузарад.” [305, с.4].

Муҳимтарин роҳҳои ташаккули маҳоратҳо дар кӯдакон чунин аст:

- мушоҳида, муқоиса ва шинохти рангҳо, садоҳо, бӯй, мазза, хунукӣ, равшанӣ, торикӣ, наздикӣ, дурӣ, нармӣ, сахтӣ, меҳрубонӣ, дағалӣ, зебоӣ, безебӣ, худӣ, бегона ва монанди инҳо.

- мушоҳида ва муқоисаи сифату хислатҳои ашё, ҳайвоноти хонагӣ, ваҳшӣ, ҳодисоти табиат: шамол, борон, барф, офтоб, моҳтоб, ситорагон, гармӣ, хунукӣ, рӯз, шаб, вақт, абр, раъду барқ, рангинкамон...

- сайру саёҳатҳои мақсаднок ба табиат ва мушоҳидаи ҷӯй, наҳр, руд, дарёҳои кишвар, дарахтон, сабзазорҳо, зироат, парандаҳо,

ҳайвонот, кӯҳсору саҳроҳо, талу тепа ва адирҳо, муқоисаи онҳо, ёфтани монандӣ ва фарқ, қайд кардани зебоиҳои чизҳои мушоҳидашуда, таҳлил ва хулосаҳои одитарни мантиқӣ...;

- ба корҳои тасвирӣ ҳавасманд кардани фарзандон дар хонавода, суробсозӣ ва расмкашии тахминии баргу гулҳо, меваҳо ҳайвоноти хонагӣ, парандаҳо ва ҳатто расмҳои тахминии бобою бибӣ, падару модар, хоҳару додар, суробсозӣ дар ин мазмунҳо ва ғайра, ки ҷавобгӯйи талаботи зебопарастӣ, бакорандозӣ ва бедории фикри кӯдак аст;

- қисм-қисм хондан ва шавқманд кардани фарзандон ба китобхонӣ: ҳикоя ва афсонаҳои кӯдаконаи хурду шавқовар, хондани қиссаҳо рӯзона ва, хусусан, пеш аз хоби кӯдак;

- тамошои намоиш, саҳначаҳо, филмҳои тасвирӣ, саволу ҷавоб бо кӯдакон оид ба мазмун ва моҳияти онҳо;

- ҷалб ва ҳавасмандии кӯдак ба корҳои одитарини ҳавлӣ ва хона, анҷом додани ин корҳо мувофиқи имконият ва мароқи кӯдак;

- гузаронидани бозиҳои зеҳнӣ (масъалагузорӣ) бо кӯдакон дар вақти муайян, аз ҷумла байтбаракҳо;

- намунаи ибрат будани волидайн дар риояи одоби таом хӯрдан ва нишастан дар сари дастархон, қабулу пазироии меҳмон, талабу риояи ин одоб аз ҷониби кӯдакон;

- ёрӣ хостан аз кӯдакон барои ташкили тозагии хонадон ва роҳҳои омода намудани таомҳо ва монанди инҳо;

- иваз кардани ҳарфҳо дар калимаҳо: нон, ҷон, хон, дон, гуфт, руфт, ҷуфт, муфт, хона, шона, дона ва ғ.

Силсилаи ин ва дигар тадбирҳои одитарини таҷрибавӣ, чи аз ҷониби волидайн ва чи аз ҷониби омӯзгорон ва мураббиён, дар ибтидо боиси бедории фикрӣ ва манбаъ тадриҷан асосии рушди фикрӣ таҳлили бошуурона, мустақилона, муназзам ва эҷодӣ хоҳад шуд. Зеро “шуури

кӯдак ҳамчун низоми назарҳо ва боварӣ, қабл аз ҳама дар натиҷаи аз худкунии донишҳои одитарин ташаккул меёбад" [193, с.126].

Мақсад ва вазифаҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ дар раванди таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ дар рушди тафаккури мустақилонаи омӯзишии хонандагон дар раванди амалҳо, бозиҳои гунгуни зеҳнӣ, хаёлӣ ва дидактикӣ, тавассути бедории бомароми фикр ва тафаккури мустақилона инкишоф меёбад. "Яъне, фикр ва зеҳни инсон ҳамеша дар раванди на фаъолияти якрангу якнавохт, балки маҳз дар раванди фаъолиятҳои гуногун, монеадор ба ҳам тавъам, решапайванд гардида, рушду нуму меёбад. Ин ҳодиса асрори рушди ташаккули инсон аст ва, хусусан, дар синфҳои ибтидоӣ бо авҷу босуръат зуҳур мекунад" [305, с.12].

Дар инкишофи тафаккур нақши зеҳн асосӣ буда, рушди унсурҳои тафаккур ба зеҳни инсон вобаста аст. Агар таълиму тарбия фаъолияти худро дар асоси риояи " рушди зеҳн ва фикри комил" анҷом диҳад, насли навини ояндасози мо дар бозори ҷаҳонии меҳнат рақобатпазир гардида, дар рушди устувори Ватани азизамон даҳчанд саҳмгузор хоҳад буд.

Фаъолияти мустақилонаи омӯзишии хонанда на танҳо ба воситаи маводи шавқовари таълим ва методҳои гуногуне, ки хонандагон ҳангоми иҷрои он ҳавасманд карда мешавад, балки бо хусусияти муносибатҳо, ки омӯзгор дар ҷараёни таълим муқаррар мекунад, пешниҳод намояд. Дар шароити фазои некӣ, эътимод, ҳамдардӣ ва ҳурмату иззат, хонанда осон ва бо шавқу ҳавас вазифаи таълимию маънавиро қабул ва аз худ мекунад. «Ҳамаи мушкилиҳои ташкили ҳавасмандкуниҳо дар он ифода ёфтааст, ки вай ҷаҳони ботинии хонанда мебошад ва бо ангезаву ҳавасҳои вай муайян мешавад ва омӯзгор танҳо ба онҳо таъсир мерасонад, заминаҳоро ташкил мекунад, ки дар асоси онҳо манфиатҳои шахсии вай дар фаъолият пайдо мешавад» [99, с.31].

Мақсади асосии назароти педагогии ҷараёни таълиму тарбия аз тарафи омӯзгорон дар дарсҳои забони модарӣ таъмин намудани инкишофи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳоии ибтидоӣ буда, ба ташаккулёбии шахсияти фаъолу эҷодкор равона шудааст. Илова бар ин, фаъолкунии хонандагон дар шароити ҳозира масъалаи асосии фаъолияти омӯзгор мебошад.

Ҳар як омӯзгор оид ба ташаккули мақсадноки ақлонии хонандагон аз намуду методҳои гуногуни ташаккулёбии ҷаҳони маърифатӣ бо мақсади рушди тафаккури фардӣ истифода мебарад. Вай, пеш аз ҳама, азхудкунии маводи таълимиро аз тарафи хонандагони қафомондаи сусттар таъмин месозад ва дар онҳо мафҳуми ноуҳдабароро нест мекунад.

Имрӯз методҳои нави роҳбарӣ ва роҳҳои дигари таълим вуҷуд доранд, ки ба инкишофи фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ равона шудаанд, ки имконияти осонгардонӣ ва ҷараёни омӯзишро боз ҳам самаранок ва шавқовар мегардонанд.

Дар чаҳорчӯбаи таълимоти технологии Б. Блум, соли 1956 якумин таснифоти мақсадҳои педагогӣ (маҷмуи алоқамандонаи иерархӣ) сохта шуда буд [213, с.18].

Б. Блум ва Д. Кратвол бо назардошти инкишофи маҳоратҳо мақсади таълимро ба се давра тақсим карданд: когнитивӣ, психикӣ, самаранок (эмотсионалию арзишӣ). “Таксономия” аз забони юнонӣ taxis (мавқеъ, сохт, тартиб ва homos-қонун) гирифта шуда, назарияи таснифот ва ба танзими доираҳои мушкили фаъолияти ташкилшуда мебошад, ки сохти иерархӣ доранд.

Б.Блум сатҳи инкишофи маҳоратҳоро ҷудо кардааст: дониш, фаҳмиш, истифодабарӣ, ташхис, якҷоякунонӣ ва баҳогузорӣ. Ҳар як сатҳи оянда барои ташаккули худ азхудкунии хуби пештараро талаб

мекунад, лекин бар замми ин мумкин аст байни онҳо сарҳади муайяне гузошта шавад, чунки бисёре аз масъалаҳо яку якбора якчанд дараҷаю сатҳоро воқеӣ мекунад. Лекин ин чунин маъно надорад, ки дар фаъолият бо хонандагон ягон намуди сатҳро воқеӣ кардан, ба таври автоматӣ дигар сатҳоро ҳам воқеӣ мекунад. Ба таксономияи Блум ва, инчунин, ба натиҷаҳои таҳқиқотамон такя карда, мо метавонем, муқаррар кунем, ки омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ метавонанд ҷараёни таълимро оид ба ташаккулёбии фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ роҳбарӣ карда, ҳар як ҷараёни фаъолиятҳои хонандагонро мушоҳида кунанд.

Таксономияи Б. Блум ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ имконият медиҳад, ки ба ташаккули технологияи педагогии худ мусоидат кунанд, ки метавонад хонандаро ба худтакмилдиҳии боз ҳам дараҷаи баланди донишандӯзӣ водор ва равона кунанд.

Истифодаи чунин роҳ дар синфҳои озмойишӣ дар ҷараёни таълими забони модарӣ ба интихоби мазмуни маводи таълимӣ вобаста буда, боиси ба дигаргуниҳои ҷиддӣ муваффақ шудани омӯзгорону хонандагон мегардад.

Яке аз омилҳои муҳимми инкишофи хонандагон маҷмуи фаъолияти омӯзгор ва истеъдоди вай мебошад. Омӯзгорон баҳри шавқовар ва ҷолиб намудани фаъолият ва татбиқи мақсадҳои педагогӣ имконияти ҳавасманд кардани хонандагонро доранд. И.Я.Лернер марбут ба ин масъала зикр намудааст: «Омӯзгор шахси мутасаддии ҷомеа барои тарбияи фарзандони мо мебошад. Омӯзгорони боистеъдодро маҳорати пешкаш кардани вазифаҳои таълимии муназзаме, ки хонанда ҳангоми ҳалли онҳо ба мақсадаш расад, яъне фанни дарсиро ё ин ки ягон намуди фаъолияти муайянро аз худ кунанд, фарқ мекунонад» [154, с.12].

Пештар диққати асосии омӯзгорон ба донишандӯзии хонандагон равона шуда, ба фаъолияти мустақилонаи онҳо камтар диққат дода мешуд. Дар натиҷа дар синфҳои ибтидоӣ ҷараёни таълим хусусияти пешкаш кардани донишҳои тайёрро дошт. Дар ин давра самти асосии илм ва таҷрибаи педагогӣ ба хусусияти фаъолияти хонандагон равона буд, ки мувофиқи вай маҷмуи методу қоидаҳои таълим коркард карда шуда буд ва инкишофи хотираи хонандагон, мусаллаҳгардонии хонандагон бо асосҳои илмӣ, ки аз тарафи кӯдакон «бо тарзи тайёр» азхуд карда мешуданд, таъмин мегардид. То вақти муайян чунин намуди таълим иҷрои вазифаҳои дар мактаб гузошташударо таъмин мекард.

Дар шароити ҳозира дар таълимоти мактаби ибтидоӣ роҳҳои дигар низ вуҷуд доранд, ки вобаста ба онҳо гузоришҳои пештара дигаргун ва иваз карда мешаванд, камбудиҳои таълимӣ, расмию шифоҳӣ ошкор шудаанд, ки хусусияти тазаккурии фаъолияти хонандагонро дорад.

Аз диди мо, камбудии ҷиддӣ дар фаъолияти мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ин самт фаъолияти сусти ҷараёни таълим марбут ба роҳҳо ё унсурҳои азхудкунии фаъоли донишҳо мебошад.

Нақши омӯзгорро дар ташкили ҷараёни таълиму тарбия бо истифодаи роҳҳои интерактивӣ махсус қайд кардан мумкин аст, аз ҷумла, кор дар гурӯҳҳо, ки ҳоло камтар дар синфҳои ибтидоии ҷумҳурии мо истифода мешаванд. Бар замми ин, кор бо гурӯҳҳо ба ташаккули ҳавасмандкунии хонандагон мусоидат мекунад. Ғайр аз ин, фаъолияти гурӯҳиро хусусияти ҳамкориҳо байни хонандагон ва фаъолияти якҷояи онҳо ташкил медиҳад. Айни замон чунин фаъолияти якҷояи хонандагон ҳангоми кори гурӯҳӣ ва фардӣ вуҷуд надорад.

Фаъолияти гурӯҳӣ бо ду мақсад гузаронида мешавад: ягона ва бо тафовут. Фаъолияти ягонаи гурӯҳӣ он аст, ки ҳамаи гурӯҳҳо якхела корро иҷро мекунанд, дар фаъолияти тафовутӣ, гурӯҳҳои гуногун

вазифаҳои гуногунро дар чаҳорчӯбаи мавзуи умумии дарс иҷро мекунанд (бар хилофи методи лабораторӣ-коллективии солҳои 20-30-юми асри XX).

Ҳангоми омӯзиши маводи нав дар бисёр ҳолатҳо кори тафриқавии гурӯҳӣ истифода бурда мешавад. Дар ҷараёни таълим ҳангоми фаъолияти гурӯҳӣ дар байни хонандагон алоқаи гардиши иттиллот ва арзишҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд (ёрӣ ба ҳамдигар, шинохтан ва ғайра). Дар фаъолияти гурӯҳӣ ҳар як иштирокчӣ метавонад нақши «интиқолдиҳанда" ва ё "қабулкунанда"-ро иҷро кунад. Дар баъзе ҳолатҳо фаъолияти гурӯҳӣ ҳангоми ташкили гурӯҳҳо метавонад таъсири ҷиддие ба инкишофи маҳоратҳои гуногуни хонандагон расонад. Зимни фаъолияти яякҷоя хонандагон метавонанд пурра маҳорату истеъдодҳои худро истифода баранд.

Ба ақидаи И. М. Чередов, "фаъолияти коллективии хонандагон дар гурӯҳҳо ба муқарраршавии ҷараёни таълим мусоидат карда, фаъолнокии хонандагонро баланд мекунад, сифатҳои мустақилиятро тарбия мекунад, ба хонандагон якҷоя дарёфт кардани донишҳоро меомӯзад, имкон медиҳад, ки байни худ алоқа кунанд, дар сари вақт ба ёрии якдигар оянд, якҷоя назорат кунанд» [297, с.121].

Ҳангоми ташкили фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагон ҳар як омӯзгор (дар синфҳои озмойишӣ) маводи зиёдеро оид ба маҳоратҳои гуногун ҷамъоварӣ мекунад. Ин мавод ба омӯзгорон имконият медиҳад, ки хусусиятҳои психологии хонандагонро муайян карда, он садду монеаҳоро, ки ба инкишофи маҳоратҳои азхудкунии хонандагон таъсир мерасонанд, бартараф созанд.

Ҳангоми истифодаи намуди фаъолияти мустақилона дар яке аз синфҳои озмойишӣ мо ба хонандагон бо саволҳои «Оё ба шумо фаъолияти гурӯҳӣ маъқул аст? Агар ҳа, барои чӣ? ва агар не, чаро?"

муроҷиат кардем. Натиҷаҳои ин пурсиш (бо фоизҳо) дар ҷадвали №6 оварда шудааст.

Натиҷаи озмойиш нишон медиҳад, ки аксари хонандагон (59, 45%) фаъолияти гурӯҳиро меписанданд. 11,28%-и хонандагон чунин ҳисоб мекунанд, ки ҳангоми истифодаи намуди фаъолияти гурӯҳӣ натиҷаи ҳалли якҷоя назар ба фаъолияти мустақилона хубтар мешавад. Ба миқдори ками хонандагон – 7,71% ин намуди фаъолият барои он маъқул аст, ки имконият медиҳад аз дигарон қафо намонанд.

**Ҷадвали №8.**

**Натиҷаҳои таҳлили муносибатҳои хонандагони синфҳои озмойишӣ оид ба фаъолияти гӯруҳӣ**

| **Мазмуни ҷавобҳо** | **Нишондодҳо бо %** |
|---|---|
| Ҳангоми муҳокимарониҳо бо ҳамсинфон метавонем ҳалли вазифаҳоро хубтар фаҳмем | 59, 45 |
| Барои фаҳмидани ҳалли вазифа хоҳишмандем | 6, 57 |
| Барои аз дигарон қафо намондан кумак мекунад | 7, 71 |
| Шарикдарсон ба ҳамдигар кумак мерасонанд | 11, 42 |
| Ҳангоми қарорҳои якҷоя баровардан хатоҳои рӯйдода хубтар дарк карда мешаванд | 11, 28 |

Вазифаи ҳар як омӯзгор дар он ифода ёфтааст, ки дар асоси маводи муайяни таълимӣ, методҳои таълим ва мазмуни вай ба пайдошавию инкишофи бефосила дар ҳар як хонанда хоҳиши донишандӯзӣ, боварӣ ба худ ва қувваи худ мусоидат кунад.

Барои ташаккул ва инкишофи фаъолияти мустақилонаи хонандагон ба фаъолияти мустақилона одат кунонидани онҳо нақши калидӣ дорад. Ташкили фаъолияти мустақилонаи хонандагон истифодаи методҳои гуногунро талаб мекунад.

Ба ақидаи мо, яке аз омилҳои муҳимми раванди педагогӣ дар таълими забони модарӣ санҷиши проблемавии дониш, маҳорат ва фаъолияти мустақилонаи хонандагон маҳсуб меёбад.

Санҷиши проблемавии донишҳо «аввал имконият медиҳад, ки муносибат ва вазифаҳои гуногуни таълимӣ дар мадди аввал истад, на вазифаҳои назоратии вай, чунки мақсад санҷиши проблемавии зинаи махсуси ҷараёни ташаккули донишҳо буда, хонандагонро ба фаъолияти мустақили эҷодӣ бедор ва равона кардан аст. Дуюм, санҷиши проблемавии донишҳо имконияти муайян кардани сатҳи дарки маводи таълимӣ, ҳаҷми донишҳо, ҳамчунин, сатҳи шуурнокии азхудкуниро нишон медиҳад. Сеюм, санҷиши проблемавӣ (масъалавӣ) барои ташкили кори фардӣ бо хонандагон хеле муҳим аст» [315, с.140].

Дар яке аз синфҳои озмойишӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ мо якчанд вазифаҳоро тайёр кардем, ки ба чунин меъёрҳо ҷавобгӯй мебошанд:

- маҳорати хулосабарорӣ аз нишондодҳои пешниҳодшуда;

- маҳорати асоснок кардани хулосаҳо;

- батартибандозии нишондодҳои муайян;

- маҳорати ошкор кардани мафҳуми масъала ва хулосаҳои зарурӣ баровардан;

- маҳорати ошкор кардани мафҳуми масъала ва хулосаҳои зарурӣ баровардан;

- далелҳои партофташударо пешкаш кардан;

- маҳорати дарк кардани масъала, ташаккул ва ҳалли он.

Хусусияти ин вазифаҳо дар он ифода ёфтааст, ки онҳо бо назардошти меъёрҳо сохта шудаанд: донишҳо, фаҳмишҳо, истифода, ташхис, якҷоякунӣ ва баҳогузорӣ, ки ба талаботи таксономияи Б. Блум ҷавобгӯй мебошанд.

**Ҷадвали №9.**

**Пешниҳоди вазифаҳо ва меъёрҳо тибқи таксономияи Б.Блум**

| Дар шакли тайёр ба хонандагон пешниҳод шудаанд | Саволҳое, ки ба онҳо хонандагон мустақилона ҷавоб мекобанд | Натиҷаҳои кори мустақилонаи хонандагон |
|---|---|---|
| Далелҳо | Онҳо оид ба чӣ баҳс мекунанд? Ин чӣ маъно дорад? | Хулосаҳои мустақилона баровардашуда |
| Хулосаҳо | Оё онҳо дурустанд? Кадом далелҳо инро тасдиқ мекунанд? Барои чӣ? | Далелҳои асоснок кардашуда бо пешниҳоди маводи аниқ |
| Саволҳо (масъалаҳо) | Мазмуни он дар чист? | Далелҳои асоснок кардашудаи ҳодисаи номаълум (мазмуни он) |

Ҳамин тариқ, метавонем хулоса барорем, ки педагогҳо бояд намудҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзиширо вобаста ба шароит пайдо карда, мавқеи онҳоро дар байни дигар намудҳои ташаккули ҷараёни таълим, аз ҷумла ҷустуҷӯ ва эҷоди одитарини забонӣ, аниқ муайян кунанд.

Фаъолияти роҳбарикунанда ва тамоюлдоштаи омӯзгор ҳангоми дуруст дарк кардани вай на танҳо фаъолнокию мустақилияти хонандагонро, балки шароитҳои мусоиди фаъолияти эҷодӣ ва инкишофи сифатҳои маърифатии онҳоро таъмин мекунад. Бар замми ин, ташаккули фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагон бо он алоқаманд аст, ки ҳар як кӯдак роҳи инкишофи худро ёфта, хусусиятҳои гуногуни шахсии фаъолияти психологиро аз худ мекунад. Роҳи фардӣ имкониятҳои мусоиди инкишофи қувваҳои дарккунанда, маҳорату одатҳои фаъолнокии ҳар як хонандаро фароҳам месозад.

Ҳамин тариқ, дар хонандагони хурдсол фикр карда хондан, навиштан, гӯш кардану фаҳмидан ва фаҳмида гуфтан, яъне дарку фаҳми маънии матн нисбат ба гуфтори дигарон инкишоф ёфта, шавқу рағбати забондонӣ ва инкишофи нутқи бошууронаашон рушд меёбад.

Дар ҷараёни таълим омӯзгор, албатта, бояд хусусиятҳои синнусолии хонандаро ба назар гирад. Дар синну соли мактабӣ фаъолияти асосии кӯдак бозиҳо мебошад.

Бояд ба назар гирифт, ки вақт зудгузар аст ва кӯдак афзоиш ёфта истодааст, вай хонанда мешавад. Дар айёми хонандагӣ фаъолияти асосӣ таълим мебошад. Бинобар ин, барои хубтар мутобиқшавии кӯдак ба ҳаёти мактабӣ, гузариши бомаром аз як фаъолият ба дигар фаъолият бояд таъмин шаванд. Барои ин, дар дарсҳо омӯзгор методҳои гуногун, аз ҷумла, бозиҳои инкишофдиҳандаро истифода мебарад. Вай метавонад онҳоро ҳам дар фаъолияти дарсӣ ва ҳам берун аз дарс истифода барад. Дар ин ҷо бозиҳо бояд хусусияти инкишофӣ ва ё дарккунандагӣ дошта бошанд.

Бозиҳо, новобаста ба он ки онҳо чӣ гуна мавқеъро дар ҳаёт, тарбия ва таълим иҷро мекунанд, аз ҳамдигар бо мазмун, хусусиятҳои хос, тафовут доранд. Нақшҳои сужавиро худи кӯдакон бо роҳбарии омӯзгор иҷро мекунанд. Баъзе вақтҳо чунин бозиҳоро бозиҳои эҷодию сужавӣ меноманд, ки кӯдакон ҳангоми иҷро кардан ин ё он ҳаракатҳоро на танҳо нусхабардорӣ мекунанд, балки эҷодкорона онҳоро дарк мекунанд ва дар симоҳои гуногун бозӣ мекунанд.

Дар таҷрибаи тарбиявӣ бозиҳо бо қоидаҳое, ки аз тарафи калонсолон, барои кӯдакон таҳия гардида, гузаронида мешаванд. Бозиҳои қоидавӣ-дидактикӣ, ҳаракатӣ, шавқоварӣ намудҳои дигари бозиҳо ба ҳисоб мераванд. Асоси онҳоро мазмуни бaрономавӣ, вазифаҳои дидактикии мақсадноки таълим ташкил медиҳанд.

Худфаъолии кӯдакон дар ин ҷо ҳам вуҷуд дорад, лекин вай, асосан, бо роҳбарии омӯзгор роҳандозӣ мегардад. Ҳангоми аз худ кардани таҷрибаи бозӣ, инкишофи маҳорат кӯдакон ин бозиҳоро мустақилона мегузаронанд. Дар ин айёми синну сол муҳим он аст, ки хонандаи хурдсол бо бозиҳои миқдоран зиёди инкишофдиҳӣ дар мактаб ва дар хона таъмин бошад ва вақти гузаронидани онҳоро дошта бошад. Бозиҳо дар ин синну сол мавқеи дуюмро баъди фаъолияти таълими асосӣ ишғол мекунанд ва ҷиддан ба инкишофи кӯдакон таъсир мерасонанд.

«Бозӣ - ин талаботи ҷисми инкишофёфтаи кӯдак мебошад. Дар бозӣ қувват, ҷисм, диққатнокӣ, дарк, ҳушёрӣ ва маҳсулиятнокии кӯдак инкишоф меёбанд» [25, с.73].

Бозиро набояд бо шавқ баробар кард. Бигузор баъзе бозиҳо шавқовар бошад, методи вақтгузаронӣ бошад, лекин дараҷаи самаранокии бисёре аз бозиҳо ҳамчун омили инкишоф ба методика ва техникаи ташкилии онҳо ва, асосан, ба хусусияту мақсади онҳо вобаста аст.

Ба намуди дуюми бозиҳо онҳое дохил мешаванд, ки дар асоси хаёлоти ҳаётӣ ва ё бадеӣ озод ва мустақили муносибатҳои иҷтимоӣ ва объектҳои моддӣ таҳия мешаванд. Асосан, чунин намуди бозиҳо вуҷуд доранд: бозиҳои ҳаракатии гуногун бо мазмун, қоида ва хусусияти ҳаракатҳои иҷрошуда. Онҳо ба мустаҳкам кардани завқи бадеӣ, ташаккули афкор ва саломатии кӯдакон, инкишофи ҳаракатҳо мусоидат мекунанд. Кӯдакон бозиҳои ҳаракатиро дӯст медоранд, бо шавқ мусиқиро гӯш мекунанд, зери садои мусиқӣ ҳаракат мекунанд.

Бозиҳои сохтмонӣ, ки дар кӯдакон маҳоратҳои муҳандисиро инкишоф медиҳанд ва дар оянда ба тайёр шудани азхудкунии маҳорату истеъдодҳои корӣ мусоидат мекунанд, инчунин, бозиҳои дидактикии махсус барои кӯдакон тартиб дода шудаанд.

Масалан, лото барои ғанӣ гардонидани донишҳои илмӣ, инкишофи ин ё он сифату хусусиятҳои психикӣ (диққатнокӣ, хотира, мушоҳида) боис мегардад. Инчунин, бозиҳои сужавию нақшавӣ, ки дар онҳо кӯдакон ба фаъолияти иҷтимоӣ, моддию касбии калонсолон тақлид мекунанд, дорои аҳаммияти таълимию тарбиявианд.

Масалан, бозиҳо оид ба мактаб, духтар-модар, мағоза, роҳи оҳан ва ғайра аз қабили чунин бозиҳоянд. Бозиҳои нақшӣ масъулиятнокӣ, эҷодиёт, мушоҳидакорӣ ва ҷаҳони ақлонию зеҳнии хонандагонро инкишоф медиҳанд.

Бозиҳои ақлонию - эҷодӣ барои хонандагони хурдсол бозиҳои самаранок мебошанд. Масалан, тарҳрезию корбасти бозиҳои адабӣ шавқу ҳаваси хонандагонро ба хондан зиёд намуда, дар ташаккули ҷаҳони мааънавии онҳо нақши арзанда дорад. Хонандагон тавассути мутолиаи ин ё он китоб (албатта, тавассути тавсияи омӯзгор вобаста ба синну соли онҳо) супориши вазифаи хонагиро иҷро мекунанд ва ба ин восита бозӣ хусусияти ташаккул додани қобилияти ақлонӣ, эҷодӣ ва ҳаракатиро дар бар мегирад. Мақсади чунин бозиҳо аз инкишофи маҳоратҳои фардӣ, азхудкунии маҳорати фаъолияти коллективӣ, ташаккулёбии сифатҳои маърифатӣ, ки онҳо тавассути фаъолияти мустақилонаи таълимӣ иҷро мешаванд, иборат мебошад.

Хусусияти бозиҳои дидактикӣ он аст, ки онҳо ҷузъи кори таълим буда, дар он ҳамаи қисмҳои таркибии хоси фаъолияти бозии кӯдак вуҷуд дорад: вазифа, мазмун, ҳаракатҳои бозигӣ, қоидаҳо ва натиҷа. Лекин онҳо дар дигар намуд ошкор мешаванд ва бо нақши махсуси бозии дидактикӣ дар таълиму тарбияи кӯдакони синни томактабӣ асоснок карда шудаанд.

Дар синни 6-7-солагӣ дар кӯдак давраи ивазшавии намуди асосии фаъолият – гузариш аз бозиҳо ба таълими бефосила сар мешавад. Аз ин рӯ, ба ақидаи мо, барои ташкили реҷаи рӯз ва фаъолияти омӯзишии

хонандагони хурдсол шароитҳоеро бояд ташкил кард, ки ба гузариши устувори аз як намуди фаъолият ба намуди дигари фаъолият мусоидат намояд.

Дар кӯдакони синни хурди мактабӣ шавқу ҳавас ба бозиҳои рӯйимизӣ дида мешавад. Дар онҳо чунин унсурҳои фаъолият вуҷуд доранд: вазифаи бозигӣ, омилҳои бозигӣ, ҳалли вазифаҳои таълимӣ.

Бозиҳои дидактикӣ метавонанд барои баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагони синфҳои ибтидоӣ истифода шаванд.

Ҳамин тариқ, аҳаммияти мусбати бозиҳоро барои инкишофи ҳаматарафаи хонандаи хурдсол дар назар гирифта, ҳангоми ташкил додани реҷаи рӯзи вай вақти муайянеро барои гузаронидани бозиҳо ҷудо кард, ки хурсандии зиёде ба кӯдак меоварад.

Бозии боақлонаи педагогии ташкилкарда имконияти ақлонӣ, маҳорати худинтизомнокӣ, хурсандии кӯдак аз фаъолияти якҷоя ба бор меояд. Инкишофи қобилияти ақлонӣ бо ҳамаи фанҳои дарсии таълими ибтидоӣ зич алоқаманд аст. Чунончи, инкишофи бефосилаи тафаккури хонандагон ба хуб фаҳмидан ва таҳлили чуқури матнҳои хондашуда вобастагӣ дорад.

Ба ҷараёни таълими фаъол дохил кардани бозиҳои ақлонӣ яке аз вазифаҳои муҳимми омӯзгор мебошад.

Аз нуқтаи назари Н.С.Леттес [159, с.208], аз ҳама муҳим барои тафаккури инсон он аст, ки «вай имконият медиҳад муносибату алоқаҳои қонунии олами атрофро ошкор кунад: дигаргуниҳои дар пеш истодаро пешбинӣ кунад, имконияти иваз кардани ҳақиқати ҳолро диҳад, инчунин, ҷараёнҳои ақлонии худро аз худ кунад ва ба онҳо таъсир расонад (рефлексия ва танзимкунанда). "Фикри кӯдак ба шарофати захираҳои табии ақл,зеҳн ва шуур, хотир ва унсурҳои қобилияти азалии фаҳмиш, мушоҳида, муқоиса, таҳлил, кашфи робитаҳо,фарқият ва

монандии ашё, ҳодисоту воқеоти олам ва баровардани хулосаҳои оддитарни мантиқӣ рушд ва аташккул меёбад.” [305, с.6-7].

Аз қадим дар илми психология муҳиммияти фаъолнокӣ дар инкишофи ақлонӣ қайд карда мешуд. Аз тарафи мо, таҳқиқоти озмоишӣ дар муассисаҳои таълимии № 1,2,3-и н. Шамсиддин Шоҳин, №1,2, Гимназияи давлатии “Ҳиммат”-и н. Муъминобод ва №1,9,53-и ш. Кӯлоб гузаронида шуд. Дар ҷараёни таҳқиқот бозиҳои дидактикии махсус коркард карда шудаанд, ки ба ташаккули фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ба хотири рушд бахшидан ба зеҳн ва нутқ дар хонандагони хурдсол ҳангоми омӯзиши забони модарӣ (тоҷикӣ) равона карда шуда буданд.

Вазифаҳои асосии қисми таҷрибавии таҳқиқот чунин буданд:

1. Бозиҳои ақлониеро пайдо кардан лозим аст, ки ба инкишофи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофии зеҳнии хонандагон кумак расонанд.

2. Дар кори мустақилонаи хонандагон истифода намудани бозиҳои ақлонӣ.

3. Натиҷаҳои кори иҷрошударо баҳо гузоштан.

Методҳои таҳқиқот:

1. Тестгузаронӣ аз рӯйи методикаи Мюнстенберг;

2. Ташхиси бозигӣ;

3. Методҳои коркарди маводи дар таълими забони модарӣ ҷамъшуда.

Хусусияти синф.

Дар таҳқиқоти мо, хонандагони синфи 2 В, синну соли аз 8 то 9-сола аз муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №№1,9,53 –ш Кӯлоб, 97нафар хонанда иштирок карданд. Сатҳи инкишофи маҳорат ва қобилияти умумитаълимии хонандагон чандон ба талабот ҷавобгӯ набуд, чунки бо кӯдакон дар дарсҳои забони модарӣ фаъолиятҳои

мустақилонаи омӯзишӣ ва инкишофи зеҳнӣ гузаронида нашуда буданд. Барои ҳамин ҳангоми иштирок дар бозиҳои ақлонӣ дар хонандагон мушкилиҳо пайдо шуданд.

**Диаграммаи 1.**

**Натиҷаи таҳқиқоти пешакӣ оид ба сатҳи инкишофи тафаккур, тавассути бозиҳои ақлонӣ ва инкишофи зеҳнӣ**




Дар зинаи тайёрӣ ба мо лозим омад, ки сатҳи инкишофи тафаккур ва диққатнокии хонандагони синфҳои 2 В- муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №1,9,53-и ш.Кулобро муайян кунем ва бо назардошти ин як қатор бозиҳои ақлониро ҷудо созем.

Давраи асосӣ: гузаронидани бозиҳои ақлонӣ бо кӯдакон.

Давраи хулосавӣ:

- гузаронидани ташхиси такрорӣ, ки ба арзёбии сатҳи инкишофи фаъолияти мустақилонаи омӯзишии забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони хурдсол равона карда шудааст;

- натиҷаҳои кори иҷрошударо баҳо гузоштан ва хулосаҳои зарурӣ баровардан.

Барои ташаккули фаъолияти мустақилонаи омӯзишии синфҳои дуюм, мо чунин фаъолиятҳоро истифода бурдем:

- пайдарпайии мантиқӣ, вазифаҳои мантиқӣ, бозиҳои фикрронӣ ва дигар бозиҳое, ки имконияти комбинатсияҳои аз нав сохтани таҷҳизот, қисмҳо ва ашёро дошт;

- бозиҳои нақшофарӣ, муколама, диалог, ки ба ташаккули маҳорати банақшагирии ҳаракатҳои фосилавӣ барои дастрас кардани ягон намуди ҳадаф равона шудаанд.

- маҳоратҳои банақшагирӣ он вақт амалӣ мешаванд, ки агар хонандагон имконияти муайян кардани онро, ки кадом амалро тезтар иҷро кунанд ва кадомашро дертар, дошта бошанд;

- бозиҳои ба ташаккули маҳорати ташхис равонашуда: ҷуфташро ёбед, зиёдатиро ёбед, ҷавоби чистонро ёбед, қаторро давом диҳед, ҷадвалҳои мавқеӣ – маҳорати якҷоя кардани предметҳои гуногун ба як гурӯҳ бо номи умумӣ, хусусиятҳои умумии ашёро ошкор кардан, маҳорати нишон додани предмет аз рӯйи «аз чӣ иборат аст, чӣ кор карда истодааст?» ва ғайра.

Ба фикри мо, маводи эҷодию ҷустуҷӯйӣ, ки мазмуни ғайритаълимиро дорад, шароити мусоидро барои дар кӯдакон тарбия кардани маданияти тафаккур, ки хусусиятҳои имконияти мустақилона назорат кардани фаъолияти фикриро дорад, фароҳам месозад. Дар давоми 5 ҳафта дар дарсҳои забони модарӣ бо хонандагони хурдсол бозӣ ва машғулиятҳои гуногун гузаронида шуданд, ки фаъолияти мустақилонаи хонандагонро талаб мекарданд. Сипас, бо истифода аз «чӣ зиёдатист?»-и методикаи Монестенберг  бо кӯдакон амалиёти ташхиси дубора тариқи тест гузаронида шуд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар диаграммаи №2 оварда шудаанд.

**Диаграммаи №2.**

**Натиҷаҳои тафриқавии назоратии нишондодҳо («Чӣ зиёдатист?»)**



Дар асоси натиҷаи ташхиси гузаронидашуда хулоса баровардан мумкин аст, ки натиҷаҳои аз тарафи кӯдакон нишондодашуда, асосан, баланд шудаанд, маҳорати пайдо кардани аломатҳои муайяни ашё, фарқкунанда ва таҳрир кардан ташаккул ёфтанд. Баъди гузаронидани бозиҳои зеҳнӣ мо мебинем, ки қисми зиёди кӯдакон сатҳи миёнаи инкишофи тафаккурро доранд, ҳатто 27,8%-и хонандагон сатҳи инкишофи тафаккури баландтар аз миёнаро доранд, ки дар ибтидои гузаронидани ташхис мушоҳида намешуд.

**Хулосаҳо ва пешниҳодҳо:** таҳқиқоти гузаронидашударо таҳлил карда, метавонем оид ба самарнокии фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди истифодаи бозиҳои ақлонӣ дар асоси инкишофи ҷараёнҳои психикӣ, оид ба масъалаҳои диққатнокӣ ва тафаккур дар хонандагони хурдсол сухан ронем.

Натиҷаҳои бадастомадаи мо оид ба таҳлили дар боло зикршуда чунин аст:

- диққатнокӣ афзоиш ёфта, устувор шудааст;
- маҳоратҳои дарёфт кардани аломатҳои ашё пайдо шудаанд;
- маҳоратҳои мустақилона фаъолият намудани онҳо баланд гардидааст.

Дар хонандагон ташаккул ва инкишофи намудҳои шуурнокӣ ва худназораткунӣ қувват гирифта, нестшавии тарс аз хатогиҳо бартараф гардид.

Аз ин лиҳоз, мо фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоиро дар раванди машғулиятҳо ва фаъолона майл намудани хонандагонро дар гузаронидани бозиҳои ақлонӣ мувофиқи мақсад меҳисобем.

Дигаршавии усулҳои таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истифодаи ҳамаи имкониятҳою сарчашмаҳои мавҷударо барои

баланд бардоштани фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагон фароҳам месозад.

На ҳама сарчашмаҳои педагогӣ дар доираи тарбия ва инкишофи кӯдак истифода мешаванд. Дар солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон такмили ҳаматарафаи ҳозиразамонкунонии соҳаи маориф вусъат ёфта истодааст, ки яке аз самтҳои вай дохил кардани методу усулҳои гуногуни таълими забони модарӣ мебошад. Ин ақидаҳо, асосан, дар курсҳои баланд бардоштани сатҳи касбии омӯзгорон ва дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ истифода мешаванд.

Нақши вазифаҳои таълимиро дар фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳни хонандагони хурдсол таҳқиқ карда, педагог И.Я.Лернер қайд мекунад, ки «байни аломатҳои асосии вазифаҳои таълимӣ самти аз ҳама муҳимми он дарёфт кардани донишҳои нав ва ё намуди нави ҳалли вай мебошад, ки бо инкишофи тафаккури эҷодӣ ва нитиҷаи он муайян карда мешавад» [154, с.12-14].

Барои рушди бомароми тафаккури хонандагон маводи дидактикӣ ба таври амалӣ ёрӣ расонда, тавассути маводи грамматикӣ хонандагон қоидаҳои грамматика ва имлоро аз худ намуда, мувофиқи супориш аз рӯйи расм ба саволҳо мустақилона ҷавоб менависанд, ҳикоя тартиб медиҳанд, ба он сарлавҳа мегузоранд. Ребусҳоро хонда калимаҳо тартиб медиҳанд ва чӣ хел калима будани онро муайян мекунанд.

Маводи дидактикӣ ба рушди тафаккури эҷодӣ, инкишофи нутқ ва кори мустақилонаи хонандагон ёрӣ расонда, хонандагонро ба мустақилона фаъолият кардан ҳидоят мекунад. Аҳаммияти маводи дидактикӣ дар раванди таълим аз он иборат аст, ки ҳамаи бачагони синф ба кори мустақилона машғул мешаванд.

И.Я.Лернер чунин меҳисобад, ки дар асоси методи проблемавии таълим «мақсадҳои дидактикии сифатҳои маърифатии хонандагони хурдсолро ба воситаи фаъолкунии фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ

бедор намоянд» [154, с.145]. Ба воситаи маводи дидактикӣ хонандагон мавзуъҳои гузаштаро такрор намуда, мавзуи навро мустаҳкам мекунанд.

Бо мақсади рушди тафаккури мустақилонаи омӯзишии хонандагон, омӯзгорон Р.Давлатова ва Р.Мирзоев, М.Маҳмудова, маводи дидактикӣ омода намудаанд [80,81,82, 83,208]. Дар раванди таҳқиқот мо аз онҳо истифода намудем.

Намуна:

**Ребусҳо**. Хонандагон ребусҳоро хонда, калимаҳои нави **сохта** ва **мураккаб** месозанд. Ба таги реша ва пасванд хат мекашанд.

1.1. Ребусро хонда, калимаҳо созед ва ба дафтар нависед. Ба таги реша як хат, ба таги пасванд ду хат кашед. Реша чист?




тракторчӣ, рубобчӣ, нағорачӣ; гулзор, дарахтзор, пахтазор

1.2. Ребусро хонед, аввал калимаҳои мураккаб ва баъд калимаҳои сохтаро ба дафтар нависед. Боз 3-4 калимаҳои сода фикр карда нависед.



6.3. Ребусро хонда калимаҳо тартиб диҳед ва ба дафтар нависед.




гулбарг, гулмоҳӣ, гулмоҳ, китобхона, ошхона, чойхона

1.4. Ребусро хонда, калимаҳо тартиб диҳед ва ба дафтар нависед. Ба зери пасвандҳо хат кашед.




гул-дон, гул-зор, гул-истон, кӯҳ-ӣ, кӯҳ-сор, кӯҳ-истон,

1.5. Ребусро хонед. Калимаҳо тартиб диҳед. Баъд ба ҳар яки он ҷумла тартиб дода, ба дафтар нависед.




**Машқҳо барои имлои калимаҳо**. Аз рӯйи расмҳо навиштани номи ашёи гуногун, ба онҳо савол гузоштан.

Ин намуди кор хонандагонро бо ашёи гуногун шинос менамояд. Зеҳн ва тафаккури эҷодии хонандагонро рушд бахшида, захираи луғавии онҳоро бой мегардонад.

Намунаҳо:1. Калимаҳоро нависед. Ба зери ҳамсадоҳое, ки паиҳам такрор омадаанд, хат кашед. Худатон ҳам ҳамин хел калимаҳо ёфта нависед.

Иҷро: *пилла, ҷуворимакка, қурбоққа, акка, арра, барра, хаттӣ.*

2. Калимаҳоро ба дафтар нависед. Ба таги ду ҳамсадо, ки дар аввал калима омадаанд, хат кашед. Бо яке аз он калимаҳо ҷумла тартиб дода нависед.

Намуна: *трактор*, Ёдгор, анор, Акобир, иҷро, уқоб.

**Акобир** дар синфи дуюм мехонад.

3. Ба расмҳо бо диққат нигоҳ карда, номи онҳоро аз рӯйи тартиби ҳарфҳои алифбо нависед, гӯед, ки ин ашё ба кадом саволҳо ҷавоб мешаванд?

Чӣ? -харбуза, чӣ? -помидор, чӣ?- олу, чи?-себ...

а).Чӣ?-  ,чӣ?-  ,чӣ?  ,чӣ?-  …

4. Номи ашёро ба дафтар нависед. Ба зери ҳарфи "ӣ" хат кашед. Боз якчанд калимаҳои ӣ доштаро фикр карда, ба дафтар нависед. Намуна: *моҳӣ, тӯтӣ, қайчӣ, шолӣ, сабзӣ,* ....

5. Номи ин ашёҳоро ба дафтар нависед. Ба болои ҳар кадоми онҳо савол гузоред. Гӯед, калимаҳое, ки ба саволи чӣ? кӣ? чиҳо? киҳо? Ҷавоб мешавад, чӣ меноманд?

Намуна: *чӣ?-қалам, кӣ?-Насим, чӣ?- дафтар, киҳо?-коргарон, чӣ?-ручка, чӣ?-қаламдон, кӣ?-духтур, чӣ?-ҷузвдон, чӣ?-китоб, киҳо?-хонандагон.*

*Намуна:Исмҳои ифодакунандаи номи шахс ба саволи Кӣ?, киҳо? ва боқимонда ашёҳо ба саволи Чӣ?, чиҳо? ҷавоб мешаванд.*

7. Калимҳоро ҷуфт-ҷуфт ба дафтар нависед. Фарқи онҳоро муайян кунед.

Намуна: *Мурғобӣ ва муғобича ,мурғ ва чуҷа, саг ва сагча, гӯсфанд ва барра, гурба ва гурбача, буз ва бузича.*

Намуна:Мурғобӣ (калон)

Мурғобича (хурд)

**Машқҳо барои такрори қоидаҳои грамматикӣ**. Ба исмҳо сифатҳои мувофиқ ёфта тартиб додани ибора. Бо пасвандҳои *-ин, -ӣ* сохтани калимаҳои нав. Тавассути ин усул мавзуъҳои исму сифат такрор мешаванд.

1. Сифати ашёи зеринро ёбед. Баъд исмҳоро ба сифатҳои ёфтаатон алоқаманд карда, ба дафтар нависед. Ба зери *и-и изофӣ* хат кашед.

Намуна: *вазифаи хонагӣ, гулҳои баҳорӣ, мурғи даштӣ, ҳайвони хонагӣ, куртаи шоҳӣ*

*2.* Аввал номи мева ва баъд сабзавотро ба дафтаратон нависед.

Намуна: 1. мева: *олу, себ, нок, лимон, анор, ангур.*

2. сабзавот: *пиёз, картошка, сабзӣ, шалғам, помидор, бодиринг, карам, қаланфур.*

3.Номи ашёро нависед. Ба ҳар яки он пасвандҳои мувофиқ ҳамроҳ карда, калимаҳои ҳамреша созед. Хона, тӯб, қошуқ, китоб, табақ, дафтар. Намуна: *хона –хонача,...*

4. Номи ашёро ба дафтар нависед. Нақл кунед, ки онҳоро якҷоя чӣ меноманд? Онҳо ба кадом савол ҷавоб мешаванд?

Намуна: чӣ ҳел табар? *табари тез, чӣ хел корд? корди калон, чӣ гуна қошуқ? қошуқи чӯбин, чӣ гуна коса? косаи гулдор.*

*Инҳоро асбобҳои рӯзгор меноманд.*

5. Ба ин ашё сифатҳое ҳамроҳ кунед, ки пасвандҳои *-ӣ, -ин, -гӣ* дошта бошанд. Ибораҳоро нависед: *хонаи хиштин, кишти баҳорӣ, косаи*

*сафолин,вазифаи хонагӣ.*

6. Ба исмҳои додашуда сифат ҳамроҳ намуда, ибора тартиб диҳед ва ба дафтар нависед. Сифат чист? Намуна: *ангури ширин, хонаи зебо, бачаи фаъол, барфи баланд, оби хунук.*

Маводҳои пешниҳодшуда хонандагонро ба фикр кардан водор сохта, ҳангоми иҷрои супоришҳои дар боло қайд гардида, нутқи шифоҳӣ ва хаттии онҳо инкишоф дода мешавд.

“Талабагон бо ёрии маводҳои дидактикӣ ба гурӯҳҳо ҷудо кардани материалҳо, фарқият ва аз кадом ҷиҳат алоқаманд будани онҳоро фаҳмида мегиранд ва доир ба онҳо ҷамъбаст кардан ва хулоса баровcovarданро ёд мегиранд.” [80, с.4].

Аз ин рӯ, дар асоси маводи дидактикӣ доир ба грамматика, имло ва инкишофи нутқ омӯзгорон метавонанд нутқи даҳанакию хаттии хонандагонро рушд бахшанд, қобилияти фикрии онҳоро бедор намоянд.

Рағбати хонандагони хурдсол дар муносибати эҳсосӣ нисбат ба дониш ва фаъолияти донишандӯзӣ зоҳир мегардад, ки ин ҳама аз бисёрҷабҳа ва гуногунпаҳлу будани рағбати онҳо хурдсол шаҳодат медиҳад. Нутқи пурмазмун ва бошууронаи хонандагон, ки асоси таълими забони модариро дар синфҳои ибтидоӣ ташкил менамояд, пеш аз ҳама, ба шавқу рағабати донишандӯзии онҳо вобаста буда, дар назди хонандагон вазифа мегузорад, ки ба таври амалӣ ва мустақилона меъёрҳои забони адабиро аз худ намоянд.

Муаллифи китоби “Методикаи мухтасари забони тоҷикӣ” (1945) И.Хоҷаев таъкид мекунад: “... дар дарси забони модарӣ маданияти нутқ ҷой ва мавқеи махсусро мегирад”. Бинобар он, ӯ омӯзгоронро даъват менамуд, ки “...ба бачагон бурро, сареҳ ва боадабона гап заданро омӯзонанд.” [178, с.195].

Дар барномаи солҳои 1985-1990 ин камбудӣ ислоҳ карда шуд. Акнун он бо дигар қисмҳои забони модарии синфҳои ибтидоӣ “Саводомӯзӣ ва инкишофи нутқ”, “Хониши эзоҳӣ ва инкишофи нутқ”,

“Грамматика, имло ва инкишофи нутқ” якҷоя таълим дода шуда, барнома инкишофи нутқи хонандагонро принсипи асосии таълими забони модарӣ мешуморад.

Мазмуни кори омӯзгор оид ба инкишофи нутқи бошуурона хеле васеъ аст. Дарсе нест, ки омӯзгор дар он роҷеъ ба талаффузи дуруст, интихоби калимаҳо, ҷумласозӣ, алоқаи калимаҳо дар ҷумла ва алоқаи байни ҷумлаҳо фикр баён накунад ва ба фаъолияти мустақилонаи хонандагон эътибор надиҳад.

Дар ҳамбастагӣ бо вазифаҳои таълимию тарбиявии забони модарӣ маҷмуи корҳои дар боло зикргардида бо мақсади рушди инкишофи нутқи бошуурона тавассути фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ гузаронда мешаванд.

Тибқи муқаррароти муносибати босалоҳият ба таълим заҳмат ва ҷиҳду ҷаҳди омӯзгор дар раванди дарсҳои забони модарӣ барои муваффақ шудан ба фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ бобати фикр карда хондан, навиштан ва гӯш кардану фаҳмидан, яъне, дарку фаҳми маънии матн аз гуфтори дигарон нигаронида шудааст.

Дониши шуурона ва мустақилонаи хонандагон доир ба қоидаҳои грамматикаю имло дар вақти навиштан санҷида мешавад. Бача қоидаи имлои ин ё он мавзуъро донаду онро навишта натавонад, ин аз сустӣ ва ноустувории дониши ӯ гувоҳӣ медиҳад. Д.Н.Богоявленский оид ба асоси илмии таълими имло таҳқиқот гузаронида, ба хулосаи зерин меояд: “Масъалаи асосӣ дар таълим роҳи шуурона аз худ намудани имлост” [51, с.63].

Дар раванди муносибати босалоҳият ба таълим маҷмуи маводи таълимию методии зарурӣ аз фанни “Забони модарӣ” аз инҳо иборат аст: 1) Стандарти фанни “ Забони модарӣ”, 2. Барномаи таълим, 3. Китоби дарсӣ, 4. Роҳнамои омӯзгор. Ҳар яки онҳо мақсад ва вазифаҳои мушаххаси худро доранд. Асосан, диққати омӯзгорон ба салоҳиятҳои

фаннӣ ва нишондиҳандаҳои онҳо, роҳҳои ба даст овардани ин салоҳиятҳо равона мегардад.

Салоҳиятҳои фанни “Забони модарӣ” мувофиқи самтҳои таълими фан аз гуфтан, гӯш кардан, хондан ва навиштан иборат аст.

Дар навбати худ ҳар як самт ба се категория ҷудо карда мешавад:

1. Қоидаҳо, 2. Стратегияҳо, 3. Дарки мазмун.

1) Қоидаҳо – қоидаҳои сухан гуфтан, гӯш кардан, хондан ва навиштан.

2) Стратегияҳо – сухан гуфтан, гӯш кардан, хондан ва навиштан.

3) Дарки мазмун – мувофиқи мақсад сухан гуфтан, дарки мазмуни чизи шунида, дарки мазмуни матни хонда ва мувофиқи мақсад навиштан (офаридани матн).

Ҷадвали муносибати босалоҳият ба таълим оид ба фанни “Забони модарӣ” дар “Маҷмуи модулҳо оид ба низоми таълими босалоҳият” (Дастур барои омӯзгор) ба таври муфассал оварда шудааст. [213, с.44]

Омӯхатан ва аз худ кардани маънои ҳар як калима ҳамон вақт аҳаммият пайдо мекунад, ки агар дар хонанда рушди зеҳн шуруъ шуда, нақши тафаккур пешбаранда бошад. Хонанда рӯ ба ҷустуҷӯ ва эҷодкорӣ оварда, дар ӯ малака ва маҳорати мустақилона тартиб додани ҷумла пайдо мешавад.

Кор бо ҷумлаҳо воситаи асосиест, ки хонандагонро ба нутқи алоқанок, нақл ва иншонависӣ тайёр мекунад. Ин ҳама ба рушди зеҳн, ба равандҳои равонӣ (психикӣ)-и ҳис, дарк, хотир, хаёл, тасаввур ва нутқ вобаста буда, дар натиҷа имкон медиҳад, ки хонандагон тарзи аз матн ҷудо кардани ҷумлаҳоро омӯхта, онҳоро ба калимаҳо ҷудо намоянд. Дар охири ҷумла аломати нуқтаро дида мефаҳманд, ки ҷумла ба охир расидааст. Худи хонандагон тартиб додани ҷумлаҳоро мустақилона машқ мекунанд. Ба ҳамин васила дониши нав мегиранд. Аз давраи саводомӯзӣ хонандагон ба унсурҳои нутқ шинос мешаванд. Аз ин рӯ,

омили асосии инкишофи нутқи хонандагон мустақилона тартиб додани ҷумлаҳо мебошад.

Масалан, омӯзгор дар раванди дарс чунин фаъолиятҳоро мустақилона бо хонандагон иҷро мекунад:

а) ҷудо кардани ҷумлаҳои ҷудогонаи нутқи алоқанок;

б) тартиб додани ҷумлаҳои алоҳида;

в) аз худ намудани истилоҳи “ҷумла”.

Барои расидан ба ин мақсад усулҳои зерин ба омӯзгор ёрӣ мерасонад:

1. ***Суҳбати аёнӣ. Ин усул тавассути фаъолияти мустақилона иҷро карда мешавад.*** Омӯзгор ягон хонандаро назди тахтаи синфӣ даъват намуда, мефармояд, ки тахтаи синфро тоза кунад, бӯрро гирад, хат кашад, аз ягон порчаи шеърӣ интихобан ду-се байт аз ёд гуфта диҳад. Омӯзгор ба аҳли синф савол медиҳад. “Раҳим ҳозир чӣ кор кард?” Хонандае ҷавоб медиҳад: “Раҳим тахтаро тоза кард, бӯрро гирифт, хат кашид, шеър гуфт.” Чунин тартиби кор маҳорату малакаи ҷустуҷӯ ва эҷодкорию забондонии шогирдонро рушд мебахшад.

***2. Истифодаи расми мазмундор.*** Ин усул низ тавассути фаъолияти мустақилона иҷро мешавад.

Масалан, омӯзгор расмеро нишон медиҳад, ки дар он духтарак тасвир ёфтааст. Ба расм ном мегузоранд (Лола). Расми дигареро нишон медиҳад, ки дар он духтарак мерақсад ё менавозад. Хонандагон ҷумла тартиб медиҳанд” *Духтарак мерақсад. Лола пианино менавозад.*

Бо супориши омӯзгор хонандагон ба ҷустуҷӯ ва эҷодкорӣ рӯ оварда, аз рӯйи расмҳо мустақилона ҷумла тартиб медиҳанд.

Масалан, омӯзгор дар тахтаи синф расмҳои гуногунеро, ки мазмуни ягон воқеаро ифода мекунанд, овезон карда супориш медиҳад, ки аз руйи расмҳо мазмуни ҳикоя ё афсонаро нақл кунанд.

Дар тахтаи синф расмҳои  буз,  хона,

 бузғола,  усто,  гург

Расми 2.

ва ғайраро овезон мекунад. Дар охир аз рӯйи расмҳо мазмуни афсонаи машҳури “Бузаки ҷингилапо” нақл карда мешавад.

Хонандагони синфи якум бо мафҳуми ҷумла ва ҷумласозӣ шинос шуда, дар бораи ҷумла тасаввурот пайдо мекунанд. Дар синфи дуюм мафҳумҳои мазкур мустаҳкамтар мешаванд. Аз ин рӯ, дар аввали соли таҳсил заминаи донишҳои мавҷудаи хонандагон санҷида шуда, машқу супоришҳои санҷишии гуногун пешниҳод мегардад, ки онҳо тавассути фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ иҷро мешаванд. Омӯзгор бояд супоришҳоро тавре омода созад, ки хонандагонро ба фикррронӣ ва ҷустуҷӯ водор созад. Дар натиҷаи мушоҳида ва таҳлил, муқоисаву муҳокимаҳо натиҷабардориву хулосабарорӣ имконпазир бошад.

Намунаҳо:

**Аз калимаҳои пароканда тартиб додани ҷумла**

Аввал намунаи супориш аз тарафи омӯзгор пешниҳод карда мешавад. Вақте ки хонандагон дар бораи тартиб додани ҷумла малака пайдо карданд, супоришҳоро худи онҳо барои ҳамдигар тайёр ва пешниҳод менамоянд.

Калимаҳо: беминнат, китоб, аст, дӯст, инсон; китоб, чизҳо, мо, бисёр, аз, меомӯзем; надаронед, варақҳояшро, хонед; онро, кунед, эҳтиёт.

Масалан,”Китоб дӯсти беминнати инсон аст. Мо бисёр чизҳоро аз китоб меомӯзем.Онро хонед, варақҳояшро надаронед, эҳтиёт кунед.

**Аз ҷумлаҳои пароканда тартиб додани матн**

Чунончи:

Онҳо чӯбҳои ғафсу вазнинро мекашонанд.

Филҳо ҳайвонҳои боақланд.

Ба вай иҷрои корҳои гуногунро ёд медиҳанд.

Замин шудгор мекунанд, об мекашонанд

Онҳо ҳатто ҳамроҳи доя кӯдаконро ба сайру гашт мебароранд, то ки кӯдаконро касе озор надиҳад.

Иҷрои машқ.1. Филҳо ҳайвонҳои боақланд. Ба вай иҷрои корҳои гуногунро ёд медиҳанд. Онҳо чӯбҳои ғафсу вазнинро мекашонанд. Замин шудгор мекунанд, об мекашонанд. Онҳо ҳатто ҳамроҳи доя кӯдаконро ба сайру гашт мебароранд, то ки кӯдаконро касе озор надиҳад.

**Намунаи ҷумлаҳои имлои интихобӣ ва имлои эҷодӣ**

Ҷумлаҳо барои имлои интихобӣ:

1. Халқи мо заминҳои бекорро ба гулу гулзор табдил медиҳад.
2. Дар боғи мактаб ниҳолҳои гуногун шинонда шуданд.
3. Дараи Варзоб ба боғи хуррам монанд аст.

Бачаҳо аз ин ҷумлаҳо ибораҳои заминҳои бекор, *ниҳолҳои гуногун ва боғи хуррам*ро навшта мегиранд ва бо супориши омӯзгор аз ҳамин ибораҳо имлои эҷодӣ менависанд. Вале, пеш аз навиштан, омӯзгор нақшаи корро пешниҳод мекунад.

Масалан: Мавзуъ “Боғи хуррам”

Нақша:

1. Замини бекор.
2. Ниҳолҳои гуногун.
3. Баъди ду сол...

Хонандагони синфи 3 ба нақша такя карда, чунин матни дорои нутқи алоқанок тартиб доданд:

“Дар назди мактаби мо як порча замини бекор буд. Дар маҷлиси синфӣ қарор додем, ки он ҷоро нарм карда гул ва ниҳолҳои гуногун шинонем. Бачаҳо ниҳол ва гулҳо оварданд. Ниҳолҳоро шинонида

нигоҳубин мекардем, об медодем, бехашонро нарм менамудем. Баъди ду сол он замини бекор ба боғи хуррам таблил ёфт.

Имрӯз методҳои нави роҳбарӣ ва роҳҳои дигари таълим низ вуҷуд доранд, ки ба инкишофи сифатҳои маърифатии хонандагон равона шудаанд. Илова бар ин, роҳҳо ва меъёрҳои дигари баҳогузорӣ вуҷуд доранд, ки ҷараёни омӯзишро боз ҳам самаранок ва шавқовар мекунанд. Меъёрҳои асосии сатҳи таълим баҳогузорӣ ба дастовардҳои хонандагон ва роҳбари педагогӣ метавонад таснифи пешниҳодшудаи гурӯҳи педагогу психологони амрикоӣ бо роҳбарии Б. Блум бошад.

Дар чаҳорчӯбаи таълимоти технологии Б.Блум дар соли 1956 якумин таснифоти мақсадҳои педагогӣ сохта шуда буд. [213, с.18-19].

Б. Блум шаш сатҳи инкишофи маҳаратҳоро ҷудо кардааст: дониш, фаҳмиш, истифодабарӣ, ташхис, якҷоякунӣ ва баҳогузорӣ. Ҳар як сатҳи оянда ташаккули омӯзиши пешравиро талаб мекунад. Бар замми ин мумкин аст, ки сарҳади муайяне байни онҳо гузошта шавад, чунки бисёре аз масъалаҳо яку якбора якчанд дараҷаҳоюю сатҳҳоро воқеӣ мекунад. Лекин ин чунин маъно надорад, ки дар фаъолияти мустақилонаи омӯзишии хонандагон ҳангоми ягон намуди сатҳро воқеӣ кардан, ба таври автоматӣ дигар сатҳҳоро ҳам воқеӣ кунад. Ба таксономияи Блум такя карда, аз натиҷаҳои таҳқиқоти худ метавонем муқаррар кунем, ки омӯзгорони синфхои ибтидоӣ метавонанд ҷараёни таълимро оид ба фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ роҳбарӣ карда, раванди ҳаракатҳои хонандагонро мушоҳида кунанд.

Таксономияи Б.Блум ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ имконият медиҳад, ки ба ташаккули технологияи педагогии худ мусоидат кунанд ва метавонад хонандаро ба худтакмилдиҳии дараҷаи баланди донишандӯзӣ водор ва равона созад.

Истифодаи чунин усул дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ зимни фаъолияти омӯзгорон дар ҷараёни таълим ва интихоби мазмуни маводи таълимӣ

дигаргуниро ба вуҷуд оварда, ба инкишофи сифатҳои маърифатӣ боис мегардад.

Дар шароити ҳозира дар таълими ибтидоӣ роҳҳои дигар низ вуҷуд доранд, ки вобаста ба онҳо гузоришҳои пештара дигаргун ва иваз карда мешаванд, камбудиҳои таълими расмию шифоҳӣ ошкор шудаанд, ки онҳо хусусияти репродуктивии фаъолияти хонандагонро доранд. Камбудии ҷиддӣ дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ин самт фаъолияти сусти ҷараёни таълим ба азхудкунии фаъолияти донишҳо мебошад.

Нақши омӯзгорро дар ташкили ҷараёни таълиму тарбия бо истифодаи методҳои фаъол, аз ҷумла, кор дар гурӯҳҳо, ки ҳоло камтар дар синфҳои ибтидоии ҷумҳурии истифода мешавад, махсус қайд кардан мумкин аст. Ба таври васеъ истифода бурдан аз гурӯҳҳо ба ташаккули ҳавасмандкунии хонандагнон мусоидат мекунад. Ғайр аз ин, фаъолияти якҷояи онҳо дар гурӯҳҳо хусусияти ҳамкориҳоро байни хонандагон рушд мебахшад.

Ба ақидаи И.М.Чередов, фаъолияти мустақилонаи омӯзишии хонандагон дар гурӯҳҳо ба муқарраршавии ҷараёни таълим мусоидат мекунад, фаъолияти хонандагонро баланд мекунад, сифатҳои фаъолияти мустақилонаро тарбия мекунад, ба хонандагон роҳҳои якҷоя дарёфт кардани донишҳоро меомӯзад, имкон медиҳад, ки байни худ алоқа кунанд, сари вақт ба ёрии якдигар оянд, якҷоя назорат кунанд [297, с.106].

Дар таҷрибаи маърифатии бозиҳо, ки аз тарафи калонсолон барои кӯдакон ташкил карда мешаванд, қоидаҳо вуҷуд доранд. Ба бозиҳои қоидавӣ бозиҳои дидактикӣ, ҳаракатӣ, шавқоварӣ дохил мешаванд. Асоси онҳоро мазмуни барномавии муайян, вазифаҳои дидактикӣ ва мақсадноки таълим ташкил медиҳанд. Худфаъолиятнокии кӯдакон дар ин ҷо ҳам вуҷуд дорад, лекин вай, асосан, бо роҳбарии омӯзгор дида

мешавад. Ҳангоми аз худ кардани таҷрибаи бозӣ, маҳорат ва малакаи бачаҳо инкишоф ёфта, бозиҳоро онҳо мустақилона ташкил мекунанд.

Бозиҳои адабӣ шавқу ҳаваси хонандагонро ба хондан пайдо мекунонад, кӯдакон якҷоя бо аҳли синф вазифаи хонагиро иҷро мекунанд ва ба бозие, ки вазифаю озмунҳои ақлонӣ, эҷодӣ ва ҳаракатиро дар бар мегиранд, ворид мешаванд. Мақсади чунин бозиҳо инкишофи маҳоратҳои фардӣ, азхудкунии маҳоратҳои фаъолияти коллективӣ, ташаккули сифатҳои маърифатӣ аст, ки ба самаранокии фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ равона шудаанд.

## 2.2. Тарҳи мазмун ва намудҳои фаъолияти мустақилонаи таълимӣ дар рушди зеҳнию нутқии талабагони синфҳои ибтидоӣ

Зеҳн ҳамчун истеъдод (неру) бо ёрии чунин қобилиятҳо ташаккул меёбад ва амалӣ мешавад: фаҳмидан (маърифат), омӯхтан, муқоиса, фикри мантиқӣ, банизомдарории ахбор (дониш), таҳлил ва таснифи он, ёфтани равобит, қонуният ва фарқ дар ашё, ҳодисаю воқеаҳои олам ва ғайра [393, с.171].

Моҳияти омӯзонандагӣ, ташаккулдиҳандагӣ ва тарбиявии матнҳо ва намудҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ яке аз омилҳои асосии инкишофи зеҳну нутқи хонандагон буда, ба ташаккули ҳамаҷонибаи шахс нигаронида мешавад. Омӯзгорон ба хотири рушд бахшидан ба зеҳн ва инкишофи нутқи хонанда дар раванди дарс аз намудҳои гуногуни кори мустақилона: хондан, навиштан, аз рӯйи расм ҷумла тартиб додан, ба саволҳо ҷавоб додан, ҷумлаҳои номураттабро ба тартиб даровардан, ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои мувофиқ гузоштан, навиштани нақл, иншо ва ғайра мақсаднок истифода мебаранд. Бартарии ташкили фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ дар он аст, ки хонанда мустақилона фаъолият намуда, ба ин васила асосҳои илмро ба пуррагӣ аз худ мекунад.

Вазифаи таълимӣ ва тарбиявии забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ хеле муҳим аст. Он бояд ба тарбия, ташаккули шахсияти бачагон, фаъол ва иҷтимоӣ гардидани онҳо таъсир расонад; тафаккури миллӣ ва интиқодиии хонандагонро равнақ бахшида, мустақилона фикр карданро ёд диҳад; мусоидат намояд, ки мактаббачагони хурдсол ҳамаи намудҳои фаъолияти нутқ – нақл кардан, навиштан ва хонданро аз худ кунанд.

Пештар омӯзгорон ба фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагон вақти кам сарф намуда, бештари вақтро ба фаҳмондадиҳӣ сарф мекарданд. Барои ташаббускорӣ, эҷодкорӣ, кунҷкобӣ ва фаъолияти мустақилонаи хонандагонро ривоҷ додан, фазои мусоиди таълимӣ фароҳам намеоранд. Дар натиҷа хонандагон на ҳамчун субъекти фаъол, балки ғайрифаъол дар дарс иштирок карда, имконияти савол додан, пурсидан, баҳс кардан, масъала гузоштан, роҳҳои ҳалро ҷустан ва пешниҳод карданро пайдо карда наметавонистанд.

Таълими ҳамгирои фанни «Забони модарӣ» ва «Хониш» имконияти бештарро барои татбиқи таълими хонандамеҳвар фароҳам овард. Ин усул на танҳо қобилият, сатҳи донишомӯзӣ, ба назар гирифтани хусусиятҳои фардии хонандагон, балки дар як вақт баробар таълим додани хондану навиштанро дар синфҳои ибтидоӣ равнақ бахшид. Ба омӯзгор имкон дод, ки дар раванди дарсҳо ба фаъолияти мустақилонаи хонандагон бештар аҳаммият диҳад.

Фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ба инкишофи зеҳн, хотира ва диққати хонанда равона гардида, ба беҳтаршавии дараҷаи саводнокӣ (донистани қоидаҳои грамматика ва имло), инкишофи нутқи хаттӣ, иҷрои корҳои эҷодӣ, пурра аз худ кардани маводи таълимӣ мусоидат мекунад.

Фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи

зеҳни хонандагони синфҳои ибтидоиро дар асоси принсипҳое, ки аз ҷониби психологи рус Л.С.Виготский таҳқиқ ва пешниҳод шудаанд, ташкил ва гузаронидан манфиатбахш мебошад.

1. Таҷриба ва дониши заминавии ҳар як хонанда ба назар гирифта шавад.

2. Диққати асосӣ на танҳо ба мазмуни таълим (чиро омӯзонем?), балки ба раванди таълим (чӣ тавр меомӯзем?) равона карда шавад.

Ӯ масъалаи мувофиқати байни таълим ва ташаккули кӯдаконро таҳқиқ карда, ба хулосае омад, ки омӯзиш бояд пештар қадам зада, боиси инкишофи кӯдак гардад. «Кӯдак ҳамон вақт инкишоф меёбад, ки агар малакаҳои навро фаро гирифта, ба таҷриба ва малакаҳои аллакай азхудкардааш зам намояд. Ин кашфиёт номи «минтақаи наздиктарини инкишоф»-ро гирифт ва ба илмҳои педагогикаю равоншиносии ҷаҳонӣ ворид гашт» [213, с.14-15].

Хонанда ҳамчун "зарфи холӣ" шинохта нашавад. Ҳар як хонанда оид ба ин ё он масъала (таҷриба) дониши заминавиро доро буда, қобилияти фаҳмида гирифтан ва сарфаҳм рафтанро дорад. Аз ин лиҳоз, ба эътибор гирифтани ин омил (яъне таҷриба ва дониши заминавии ҳар як хонанда) ва дар асоси он ташкил намудани ҷараёни таълим маҳаки асосии таълиме маҳсуб меёбад, ки ба ташаккули зеҳнию нутқии шахсияти хонанда нигаронида шудааст.

Рушди босуръати илму техника ва технология аз шахси муосир талаб мекунад, ки фаъолияти маърифатӣ, иҷтимоӣ ва касбиашро ба талаботи нав мутобиқ созад. Суръати рушд ба мо барои интиқоли донишҳо имконият намедиҳад, аз ин лиҳоз таълим бояд малака ва маҳоратҳоеро дар хонанда ташаккул диҳад, ки ӯ мустақилона тартиби фаъолият, ҷамъоварии маълумоти зарурӣ барои ҳалли масъалаҳо, муқоиса,таҳлили ақида ва ахбор иҷрои фаъолият, муайян кардани ғалатҳо ва ислоҳи онҳо, муоширати созанда бо иштирокчиёни дигари равандҳоро ба нақша гирад ва татбик карда тавонад. Вазифаи омӯзгор

айни изамон фароҳам овардани имконият ва фазои мусоид барои азхудкунии дониш, малака, маҳорат ва ташаккули стратегия ва механизмҳои гуногун инкишофи қобилияти фардии хонанда мебошад.

Хонандагон бо роҳҳои гуногун, меомӯзанд ва мутаносибан усули гуногуни дарккунӣ доранд. Аз ин рӯ, шахсикунонӣ ва фардикунонии ҷавобҳои хонандагон бояд аз тарафи омӯзгор ва хонандагон дастгирӣ карда шавад. Ҷанбаи ҳавасмандгардонии фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ба қобилияти зеҳнии ҳар як кӯдак вобаста буда, ба эътибор гирифтан ва инкишофи қобилияти зеҳнӣ яке аз унсурҳои асосии таълими ба шахс нигаронидашуда ба шумор меравад.

“Вазифаи омӯзгор “додани” дониш набуда,балки бедор кардани шавқи хонанда ба таълим, кушодани имкониятҳои ҳар як хонанда, ташкил кардани фаъолияти маърифатию эҷодии ҳар як хонанда мебошад.”[215, с.45].

Фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои забони модарӣ созанда ва ташаккулдиҳанда буда, барои бунёди донишҳои нав нақши муҳим дорад. Яъне, фаъолияти дастаҷамъона ва баррасии натиҷаи кори иҷрокардаи хонанда ва омӯзгор дар хонандагон малакаҳои худбаҳодиҳӣ ва ба ҳамдигар баҳодиҳиро инкишоф дода, имконияти аз сарчашмаҳои илмӣ –методӣ, китобҳои дарсӣ мустақилона омӯхтан ва аз худ кардани донишҳо мебошад.

Инкишофи ҳаматарафаи шахсияти инсон ба нутқи ӯ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, вазифаи асосии дарсҳои забони модарӣ аз инкиишоф додани нутқи даҳонии хонандагон, аз он ҷумла нутқи алоқанок иборат аст.

Барои тақвияти андешаҳои зикршуда, усули «**Калимаҳои пароканда**»-ро истифода мебарем [302, с.39]:

Тартиб: 1. Дар варақаҳои алоҳида (дар тахтаи синф ё варақи калон) ҷумлае нависед, ки якчанд калимаи дохили он пароканда навишта шуда бошанд. Намуна: дӯст, Ватан, ман, худро, медорам.

2. Ба хонандагон супориш диҳед, ки калимаҳои пароканадаро мувофиқи талаби нутқ навишта, ҷумла тартиб диҳанд.

Иҷро: Ман Ватани худро дӯст медорам.

3. Бо хонандагон оид ба тартиби калимаҳо ва моҳияти онҳо барои дарки маънӣ суҳбат кунед.

Фаҳмондан лозим аст, ки вазифаи тарбиявии забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ хеле муҳим аст. Он бояд ба тарбия, ташаккули шахсияти бачагон, фаъол ва иҷтимоӣ гардидани онҳо таъсир расонад; тафаккури миллӣ ва интиқодии хонандагонро равнақ бахшида, мустақилона фикр карданро ёд диҳад; мусоидат намояд, ки мактаббачагони хурдсол ҳамаи намудҳои фаъолияти нутқ – нақл кардан, шунидан, навиштан ва хонданро аз худ кунанд.

4. Ба хонандагон супориш диҳед, ки ҷумлаеро аз китоби дарсӣ ба тартиби нодуруст рӯйнавис кунанд. Масалан:

хатоямро,аммо, фаҳмидам, ман. [303, с.89].

5. Дафтарашонро ба шарикашон пешниҳод карда, аз ӯ хоҳиш намоянд, ки ҷумларо дуруст нависанд.

Аммо ман хатоямро фаҳмидам.

7. Ин амалро метавонанд ду-се маротиба пайиҳам иҷро намоянд.

Дар дарсҳои забони модарӣ гузаронидани чунин фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ба хотири рушди зеҳнию нутқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ созанда буда, характери эҷодӣ дорад ва барои бунёди донишҳои нав нақши муҳим мебозад.

Омӯзгор дар таълиме, ки ба ташаккули шахсияти хонанда нигаронида шудааст, ба сифати роҳбалад фаъолият намуда, ба хонандагон барои дастрасӣ ба ахбор ва таҳлили он ёрӣ мерасонад. Ин

чунин маъно дорад, ки омӯзгор хонандагонро ба ҳалли супоришҳо ҳидоят менамояд ва онҳо мустақилона дар ҳамкорӣ бо шарикдарсон зери назорат ва роҳбарии бевоситаи омӯзгор супоришро иҷро карда, онро мустақилона баррасӣ ва таҳлил менамоянд.

Хонандагон барои гирифтани донишҳои муайян масъуланд. Онҳо барои аз худ намудани донишҳои нав кӯшиш мекунанд, савол медиҳанд, роҳи ҳалли мушкилотро аз омӯзгор мепурсанд. Асосҳои донишро хонанда дар раванди дарс аз омӯзгор меомӯзад. Дар назди ӯ масъалаи мустақилона иҷро намудани супориш меистад. Дар ин сурат зарур мешуморад, ки аз дигар сарчашмаҳо истифода барад. Ин амал хонандаро ба ҷустуҷӯ, эҷодкорӣ ва мустақилият ҳидоят намуда, кӯшиш менамояд, ки ба моҳияти масъала сарфаҳм равад, маъниро дарк кунад.

Масалан, барои алоқаи байни калимаҳои дохили ҷумларо барқарор намудан усули **«Пур кардани ҷойҳои холӣ»-**ро истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст.

Бо истифода аз ин усул хонандагон имкон пайдо мекунанд, ки мувофиқи мазмуни калима ба ҷойи нуқтаҳо ҳафҳои мувофикро ҷустуҷӯ карда нависанд. Ин амал имкон медиҳад, ки хонандагон сохтор ва тартиби дуруст навиштани калимаҳоро мустақилона машқ карда, оид ба дуруст навиштани калимаҳо малака пайдо кунанд.

Тартиб: 1. Дар тахтаи синф ё варақаҳои алоҳида номи якчанд шаҳру ноҳияро навишта, ҷойи ҳарфҳои заруриро холӣ мегузорем.

2. Масалан, машқи навиштан [33, с.123].

Н.рак, Ҳ.сор, Х.ҷанд, К.лоб, Х.руғ, Р.шт, Д.рвоз.

4. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафарӣ ҷудо карда, ба онҳо супориш диҳед, ки ҳарфҳои садонки дар поёни варақ овардашударо дар калимаҳо дуруст ба ҷойи нуқтаҳо гузоранд.(ҳарфҳо:**о,и,у,ӯ,а,)**

5. Шумо метавонед чунин усулро бо аломат, амал ва калимаҳои дигар истифода баред.

Бо мақсади самаранок ташкил намудани фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳни хонандагони синфҳои ибтидоӣ истифода бурдан аз фаъолияти гурӯҳӣ манфиатнок мебошад.

Ба ақидаи И.М.Чередов, фаъолияти коллективии хонандагон «дар гурӯҳҳо ба муқарраршавии ҷараёни таълим мусоидат мекунад, фаъолнокии хонандагонро баланд мебардорад, сифатҳои мустақилиятро тарбия мекунад, якҷоя дарёфт кардани донишҳоро ба хонандагон меомӯзад [297, с.87].

Ҳангоми ташкили фаъолияти коллективӣ (дар синфҳои озмойишӣ) ҳар як омӯзгор маводи зиёдеро оид ба маҳоратҳои гуногуни худӣ истифода мебурд. Ин мавод ба омӯзгорон имконият доданд, ки хусусиятҳои психологии хонандагонро муайян кунанд. Маводро ҷамъоварӣ карда, монеаҳоро бартараф карданд, ки ба инкишофи маҳорати азхудкунии хонандагон монеа буданд.

Ҳамин тариқ, моҳияти инкишофдиҳандагии матнҳо ва намудҳои фаъолияти мустакилонаи омӯзиширо омӯхта метавонем хулоса барорем, ки педагогон бояд намудҳои фаъолияти коллективии хонандагонро ба шароит мувофиқ ва мавқеи онҳоро дар байни дигар намудҳои ташаккули ҷараёни таълим муайян намоянд. Фаъолияти роҳбарикунанда ва тамоюлдоштаи омӯзгор ҳангоми дуруст дарк кардани вай на танҳо фаъолнокию мустақилияти хонандагонро баланд мебардорад, балки имконияти мусоиди инкишофи қувваҳои дарккунанда, фаъолнокӣ, маҳорату одатҳои ҳар як хонандаро фароҳам месозад.

Чӣ тавре ки таҷриба ва ташхиси адабиёти педагогӣ ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавию озмойишӣ нишон доданд, омӯзгорон то ин вақт бозиро танҳо дар машғулятҳои берун аз синфӣ истифода мекарданд. Дар натиҷаи истифодаи тавсия ва пешниҳодҳои мо дар фаъолияти синфҳои озмойишӣ, самаранокии фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳни хонандагон муайянкарда шуд.

Намунаи машғулиятҳои анъанавӣ ва фаъолияти якҷоя(интерактивӣ).

Дар натиҷаи мақсаднок пешниҳод кардани супоришҳо ба хотири рушди зеҳнию нутқии хонандагон дар ҷараёни истифодаи тавсия ва маслиҳатҳои методии мо хонандагон дуруст фикр кардан, ҳодисаҳои ҳаётиро таҳлил кардан, қарорҳои мустақтлона баровардан, амиқу дуруст



**Расми 3,4. Муқоисаи таълими анъанавӣ ва фаъолияти якҷоя**

(интерактивӣ)..

баён кардани фикрҳои худро омӯхта, ба низом дароварданро ёд гирифтанд. Фаъолнокию ҳавасмандкунии онҳо афзоиш ёфт. Маводи таълимӣ беҳтар аз худ карда шуд. Натиҷаҳои тестӣ муайян намуданд, ки сифатнокии таълими хонандагони синфи 3-юм ба 10% афзуд ва дар соли баъдинаи хониш, дар синфи 4-ум ба 50% расид. Истифодаи маслиҳатҳои мо ба самаранок гузаронидани фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ба хотири рушди зеҳн ва нутқ мусоидат кард ва ба чунин натиҷаҳо оварда расонд:

- дараҷаи азхудкунӣ афзоиш ёфт;
- фаъолнокӣ ҳангоми омӯзишу дар хотир гирифтани маводи таълимӣ рӯ ба беҳбудӣ ниҳод;
- малакаи фикрӣ афзоиш ёфт (асоснок кардани гуфтаҳои худ);
- маҳорати интихобу асоснок кардани маводи зарурӣ афзуд.

Ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнӣ ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ имкони бо чанд навъи манбаи ахбор (масалан, китобҳо, маводи аёнӣ, омӯзгор, ҳамсинфон ва ғайра) беҳтар кор карданро фароҳам овард, ки дар натиҷа ҳалли масъала ё мушкилот осон гардид.

Хонандагон бо манбаъҳои гуногун кор мекунанд (синфхонаҳои хуб таҷҳизонидашуда, китобхонаи мактаб: китобҳо, харитаҳо, ҷадвалҳо, компактдискҳо, интернет ва ғайра). Баъзан хонандагон инфиродӣ кор мекунанд, аммо аксар вақт зарурати дар ҳайати гурӯҳ зери назорати омӯзгор фаъолият кардан ба миён меояд.

Масалан, истифодаи усули **«Муҳаррири моҳир»** ба андешаҳои боло тақвият мебахшад.

Шарҳ: Ин фаъолияти таълимӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки ба моҳияти нуқта ва аломати савол сарфаҳм рафта, ҳангоми навиштани ҷумлаҳои сода аз онҳо истифода баранд ва барои таълими худ масъул гарданд. Барои омӯзиши худ масъул будан малакаест, ки тавассути пешниҳоди имкони ба худ ва ба ҳамдигар баҳо додан, худ ва дигаронро ёд додан такмил меёбад. Чунин усул метавонад хонандагонро ба омӯзиш масъул гардонад. Инчунин, усули мазкур хонанда ва раванди таълимгирии ӯро дар маркази диққат мегузорад.

Тартиб:

Бо мақсади баррасии дастаҷамъонаи натиҷаи фаъолият дар синф:

1. Шаш матни хурдро аз китоби дарсӣ интихоб намоед (ё матнеро интихоб намоед, ки аз панҷ ё шаш сархат иборат бошад).

2. Матнҳоро дар варақаҳои алоҳида нависед, вале аломатҳои китобати онро нагузоред.

3. Аҳли синфро ба 3 ё 4 гурӯҳ ҷудо намоед.

4. Ба ҳар як гурӯҳ як варақа пешниҳод карда, ба онҳо супориш диҳед, ки аломати китобати мувофиқро дар матн гузоранд. Барои иҷрои

ин фаъолият панҷ дақиқа ҷудо кунед.

5. Пас аз иҷрои вазифа варақаҳои як гурӯҳро ба гурӯҳи дигар дода, супориш диҳед, ки кори гурӯҳи дигарро хонда, онро арзёбӣ намоянд.

6. Варақаҳоро ба гурӯҳҳо баргардонед ва ба хонандагон супориш диҳед, ки тавсияҳои ҳамсинфонашонро таҳлил кунанд.

7. Сипас, ба гурӯҳҳо фармоед, ки саҳифаи мувофиқро аз китоби дарсӣ ёфта, корашонро бо матни асл муқоиса намоянд.

Диққат! Шумо метавонед хонандагонро ба гурӯҳҳо муттаҳид ё ҷудо карда, ба онҳо супориш диҳед, ки матнеро аз китоби дарсӣ интихоб намуда, онро ба варақаи алоҳида рӯйнавис кунанд, вале аломатҳои китобати онро нагузоранд. Сипас, варақаро ба гурӯҳи дигар дода, аз онҳо хоҳиш намоянд, ки аломати китобатро дуруст гузоранд.

Намуна: «Саҳрои пурбарф» Забони модарӣ, синфи 4 [96, с.126].

(матн аз 4 сархат иборат аст, ба ҳар як гурӯҳ як сархат дода мешавад)

Гурӯҳи 1. (Варақаи №1)

Матни «Саҳрои пурбарф» (сархати якум, саҳ. 126)

| |
|---|
| Ин роҳ хеле васеъ буд дар ин роҳ тӯдаҳои барф набуданд лекин ба ҷойи онҳо сар то сари роҳро гӯё ки мумфарш карда бошанд, яхи сахти сиёҳчаранг пӯшонида буд |

Гурӯҳи 2. (Варақаи №2)

Давоми матни «Саҳрои пурбарф» (сархати дуюм, саҳ. 126)

| |
|---|
| Ду тарафи роҳ майдонҳои кишт, кулҳои обпарто, заҳкашҳо, ҷуйҳо, ҷариҳо хамию пастиҳо ва баландиҳо бо барф пур шуда, ҳамвор гашта буданд ба ҳар тараф ки нигоҳ кунед барфи дурахшони сафед чашматонро мебурд. |

Гурӯҳи 3. (Варақаи №3)

Давоми матни «Саҳрои пурбарф» (сархати сеюм, саҳ. 126)

| |
|---|
| Дарахтони бед ва тут ҳам монанди зардолуҳои баҳорон шукуфта шукуфазореро ба назаратон ҷилва мекарданд ҳайфо ки аз тарси хароб шудани чашм ин «шукуфазор»-ро бо серӣ тамошо кардан мумкин набуд. Гуҷум-дарахти сершоху барги сояафкан бууда сада як навъи он аст. |

Гурӯҳи 4. (Варақаи №4)

Давоми матни «Саҳрои пурбарф» (сархати чорум, саҳ. 126)

| |
|---|
| Дар саҳро ҳеҷ ҷонзоде наменамуд танҳо зоғҳои ало гурӯҳ-гурӯҳ барфбозӣ карда мегаштанд чунки мурғҳои хонагӣ хокбозӣ кунанд онҳо ба сари синаашон ба барф хобида бо панҷаҳояшон барфҳоро ба зери болҳояшон пош медоданд ва ба тариқе ки мурғобиҳо сари худро ба об фурӯ медиҳанд инҳо ҳам сари худро ба барф меғӯтонанд хомӯшии ин саҳрои пурбарфро танҳо қар-қари ҳамин зоғҳо халалдор мекард. |

Ҳар як амале, ки кӯдакон аз рӯйи ақл ва қобилияташон иҷро менамоянд, ба сатҳи инкишофи ӯ мусоидат мекунад. Лекин дар хотир бояд дошт, ки агар малакаҳои нав дар асоси малакаҳои аллакай бадастомада ташаккул ёбанд, пас, чунин ташаккул манфиати бештаре дорад.

Барои рушди қобилияти фардии хонандагон аз таҷриба ва малакаҳои пештар азхудкардааш истифода кардан аз манфиат холӣ нест. Масалан, усули **«Имлои синфӣ»-ро** истифода мебарем. Забони модарӣ, синф 4. [96, с.244].

Ин усул ба хонандагон имкон медиҳад, ки навиштаи худро бо маводи китоб муқоиса намуда, ғалатҳоро ёфта, ислоҳ карда тавонанд. Истифодаи усули мазкур ба хонандагон имкон медиҳад, ки таҳрир кардани кори хаттии худро машқ кунанд. Минбаъд хонанда ин малакаро дар ҳаёт истифода бурда, аз адабиёту сарчашма ва луғату фарҳангҳои

мухталиф истифода мебарад ва навиштаи худро такмил медиҳад.

Тартиб:

1.Машқи 455.Ба ҷойи нуқтаҳо аломати вергул ё пайвандаки «ва» гузошта ҷумлаҳоро нависед.

Азиз қоматбаланд гандумгун хушкбадан камриш буд. Ҳамеша табассум мекард. Ӯ ширинсухан гармсуҳбат…нармгуфтор буд. Дар суҳбати одӣ хам ҳамеша нозукиҳои забони тоҷикиро бомаҳорат бо тарзи табиӣ кор мефармуд.

2. Тарзи дурусташро дар тахтаи синф навишта болояшро пӯшонед.

3. Баъд аз анҷоми кор тахтаро кушоед ва ба хонандагон фармоед, ки матни навиштаашонро ба матни тахтаи синф муқоиса карда, ғалатҳояшонро аниқ сохта ислоҳ намоянд.

4. Инчунин, шумо метавонед барои ба ин натиҷа ноил гаштан “Имлои дунафарӣ “-ро истифода баред.

Ҳамкорию ёрии ҳамдигарӣ дар ин ҳолат фазои хуби эҳсосотиро пайдо карда, таъсири муайянро ба инкишофи ҳавасмандиҳо ба донишҳо ва натиҷанокии ҷараёни омӯзиш расонда, ба ташаккули малака, маҳорати иҷрои фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ дар дарсҳои забони модарии синфҳои ибтидоӣ мусоидат мекунад.

Алоқаи зичи принсипи фаъолнокии субъекти таълим бо принсипи азхудкунии донишҳоро ба назар гирифта, бартарии фаъолияти мустақилонаи хонандагонро ҳангоми истифодаи усулҳои фаъоли таълим нисбат ба роҳҳои анъанавӣ барои беҳтар аз худ кардани донишҳо, маҳоратҳо, истеъдодҳо мушоҳида кардан мумкин аст.

Фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ бо мақсади рушди зеҳнию нутқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои забони модарӣ аз омӯзгорон талаб менамояд, ки барои тезтар инкишоф ёфтани кӯдак саросема шудан лозим нест, зеро ин амал аксар ба ҷойи ташаккули

фаъолияти зеҳнӣ ба вайроншавии кори асаб ва ё бепарвоии кӯдакона оварда мерасонад.

Барои дуруст ва самаранок ташкил намудани фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ бо мақсади рушди зеҳнию нутқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ (дар дарсҳои забони модарӣ) яке аз роҳҳои самарабахш ба минтақаи наздиктарини инкишофи кӯдак таъсири доимӣ расондан мебошад. Омӯзгор минтақаи наздиктарини кӯдакро бе муоширати доимӣ ва ҳамкорӣ бо он муаяйн карда наметавонад. Омӯзгор бояд рафтори шогирдашро бодиққат мушоҳида кунад, зеро ҳар як кӯдак хусусияти хоси муайян дорад, ки бо такя ба он омӯзгор усули корбариро бо ӯ интихоб менамояд.

Фаъолияти мустақилонаи хонандагон аҳаммияти ташаккулдиҳандагӣ ва тарбиявӣ дошта, намудҳои гуногун дорад. Омӯзгор бояд дар интихоби ин намудҳо эҷодкорона рафтор намуда, онро вобаста ба мақсади таълим ва мазмуни мавзуъ интихоб намояд.

Дар таълими забони модарӣ оид ба чунин лаҳзаҳо фаъолияти мустақилонаро ташкил кардан мумкин аст: қоидаҳои грамматика, хониш, инкишофи нутқ, хат, (баёни хаттии фикр ва иҷрои хаттии машқҳои гуногун) имло. Ҳамаи ин корҳо аз давраи тоалифбо сар шуда, баробар ва бо навбат, дар вақтҳои муайян ва зарурӣ гузаронда мешаванд.

1. ***Фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар давраи тоалифбо***

Мақсади асосии таълими ин давра инкишоф додани нутқи хонандагон мебошад. Дар ин давра ба хонандагони синфи I бештар нақли шифоҳии мазмуни расмҳои китоби “Алифбо”, мустақилона тамошо кардани расмҳо ва ҳикоя кардани мазмуни сурат ва иҷрои дигар корҳои мустақилона супурда мешавад.

1. ***Фаъолияти мустақилона дар давраҳои алифбо ва пас аз алифбо***

Намудҳои асосии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар давраи

алифбо инҳоянд: хондани китоби “Алифбо”, аз алифбои бурида тартиб додани калимаҳо, ҷудо кардани калима ба ҳиҷо ва аз ҳиҷоҳо ба овозҳо-ҳарфҳо ва боз аз ҳарфҳо ҳиҷо ва аз ҳиҷоҳо калима тартиб додан; аз ҳарфҳои бурида тартиб додани калима ва ҷумла; ба зери суратҳои намоиш додашуда аз алифбои бурида ном гузоштан (хона, чана, гул, мактаб ва монанди инҳо), пурра кардани ҳиҷоҳои калимае, ки ба зери суратҳо навишта шудаанд. Масалан: хо...(на); мак...(таб); ки...(тоб); мо...(дар) па... (дар). Минбаъд фаъолияти мустақилонаи хонандагон мураккабтар шудан мегирад. Масалан, хонандагони синфи I баъди ба хондани “Алифбо” шуруъ кардан аз матни хондашуда ба зери расм мазмуни умумии онро бо ҷумла ифода мекунанд. Мисол: Бачагон ба саёҳат баромаданд. Гулҳо шукуфтанд. Нодира гул мечинад.

Ғайр аз ин, хонандагон боз чунин фаъолиятҳои мустақилонаро иҷро мекунанд: тибқи калимаҳои пешниҳодшуда ҷумла тартиб медиҳанд, мазмуни расмро худашон фикр карда, онро бо ҷумла ифода карда, бо алифбои бурида менависанд ва ғайра. Дар синфи I аз рӯйи расм тартиб додани ҳикоя (шифоҳӣ ва хаттӣ) низ машқ карда мешавад.

Дар синфи I, пеш аз хониш, омӯзгор дар тахта калимаҳои номафҳуми матнро бо эзоҳашон менависад ва ба хонандагон мефармояд, ки ин калимаҳоро мустақилона тавассути алифбои бурида тартиб диҳанд. Иҷрои ин амал ба хонандагон рӯҳу илҳоми нав бахшида, имконият медиҳад, ки бо ин калимаҳо пешакӣ шинос шуда, дар вақти хондан бе ҳеҷ мушкилӣ ва эзоҳи иловагӣ мазмуни матнро фаҳмида гиранд.

Баъд аз хониши эзоҳӣ барои мустаҳкам кардани мазмуни матн ва инкишофи тафаккур ва нутқи шифоҳию хаттии хонандагон ба онҳо кори мустақилона супорида мешавад. Оид ба матни хондашуда чунин корҳои мустақидона супурдан мумкин аст: фикр кардани ҷавоб ба саволҳо (барои ҷавоби шифоҳӣ), ба саволҳо ҷавоб навиштан, ба қисмҳо

ҷудо кардани ҳикоя, ба қисмҳои ҳикоя сарлавҳа гузоштан, сарлавҳаеро, ки омӯзгор тайёр кардааст, ба қисмҳои ҳикоя гузоштан, навиштани нақшаи нақли шифоҳии мазмуни матни хондашуда.

Мақсаднок гузаронидани чунин фаъолияти мустақилона ҷанбаи ҳавасмандгардонии хонандагонро нисбат ба фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ дучанд гардонида, онҳоро дар иҷрои кори мустақилона, бахусус, машқҳои гуногун оид ба инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ фаъол мегардонад.

Аёнияти матнҳои таълимӣ ва намудҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ, ки ба дастрасии омӯзиши маводи таълимӣ мусоидат мекунанд, дар китобҳои дарсии синфҳои ибтидоӣ хеле фаровон оварда шудааст.

Масалан, дар китоби дарсии “Забони модарӣ барои синфи1” супориш ва бозиҳои зиёде оварда шудааст, ки ҳар яки он аз хонанда мустақилона амал карданро талаб мекунад. Масалан, “Забони модарӣ барои синфи 1” [33, с.35]

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | 8 |
| | | | | | | | | 7 |
| | | | | | | | | 6 |
| | | | | | | | | 5 |
| | | | | | | | | 4 |
| | | | | | | | | 3 |
| | | | | | | | | 2 |
| | | | | | | | | 1 |

Калимаҳо барои баромадан ба зина:

намакдон, дарвоза, чангкашак, тиреза, хона,нон, яхдон, об

Аз рӯйи намуна номи зарфҳоро ёбед ва нависед: [33, с.44]

коғаз-ғаз=ко+са

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Коғ- | + | ғаз | = | ко | + | са | = | коса |
| Са- | + | бук | = | са | + | бад | = | |
| Та- | + | бар | = | та | + | бақ | = | |
| Ях- | + | мос | = | ях | + | дон | = | |

Ба ҳарфҳои калимаи СИТОРА калимаи нав пайдо кунед. [33, с.156]

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **С** | **И** | **Т** | **О** | **Р** | **А** |
| А | Н | О | С | А | С |
| Л | С | Ҷ | М | Д | К |
| О | О | И | О | И | А |
| М | Н | К | Н | О | Р |

Чунончи: Супориш: Мустақилона фаъолият намуда, ба саволҳо ҷавоб диҳед [33, с.51]:

1. Номи падари Диловар чӣ будааст?
2. Номи падари Умедҷон чӣ?
3. Номи дугонаи Нигина чӣ?

Ҷавоби хонанда:

Номи падари Диловар Муҳаммадҷон будааст. Номи падари Умедҷон Фаридун будааст. Номи дугонаи Нигина Мунисаҷон будааст.

Роҳбарии бевоситаи омӯзгор дар фаъолияти мустақилонаи омӯзишии хонандагон ва оид ба иҷро намудани супоришҳо зарур аст.

Омӯзгор пеш аз пешниҳоди фаъолияти мустақиилона, бояд худаш мақсад ва тарзи иҷрои вазифаро ба хонандагон дуруст фаҳмонад.

**1. Бозиҳои фонетикӣ.** Ин намуди бозиҳо бо мақсади дар хонандагон тарбия намудани маҳорат ва малакаҳои дурусти талаффузи овозҳо, ҷудо намудани овозҳои зарурӣ дар ҳиҷоҳо ва калимаҳо аз ҷиҳати оҳанг гузаронида шуда, шаклу намудҳои зиёде дорад:

Масалан, **“Ҳарфҳои пошхӯрда»**. Омӯзгор дар як вараҷи коғаз бо ҳарфҳои калон-калон калимаеро менависад, вале онро ба хонандагон нишон намедиҳад. Баъд аз он калимаро бо қайчӣ бурида ба ҳарфҳои алоҳида ҷудо менамояд ва мегӯяд: «Ман калимае доштам, аммо вай пош хӯрд» Омӯзгор ҳарфҳоро нишон дода, онҳоро дар рӯйи миз пош медиҳад.

Супориш: Кӣ тезтар аз ин ҳарфҳо калима месозад. Хонандагон аз ҳарфҳои пошхӯрда 2 ё 3 калима месозанд. Калимае дуруст ҳисобида мешавад, ки ҳамаи ҳарфҳои пошхӯрда дар он истифода шуда бошад.

**«Охири калима гум шудааст»**. Омӯзгор дар коғаз калимаеро менависад, онро ба ду ҳиҷо ҷудо намуда, аз байн бо қайчӣ мебурад ва ҳиҷои аввалро ба хонандагон нишон дода, эълон мекунад: «Ман калимае навиштам, ки номи як ашё аст. Ин ҳиҷои якум аст, ҳиҷои дуюм гум шудааст. Калимаро пурра кунед ва нависед. Ғолиб ҳамон касест, ки аввалин шуда супоришро иҷро мекунад.

**«Бо тартиби алифбо навиштани ҳарфҳо»**

Хонандагонро ба 3 гурӯҳ баробар тақсим менамоем. Тахтаи синфро ба се қисм тақсим карда, дар ҳар қисмат даҳтогӣ ҳарфҳоро пасу пеш менависем.

**1) и, ж, а, г, з, ё, е, б, в, п.**

(а,б,в,г,е,ё,з,ж,и,п)

**2) й, м, л, к, н, т, о, п, р,с.**

(й,к,л,м,н,о,п,р,с,т)

3) **у, х, ф, ш, ч, ъ, э, ю, я, ғ**

(ғ,у,ф,х,ч,ш,ъ,э,ю,я)

Супориш:

а) кадом қатор ҳарфҳоро тезтар ва бо тартиб менависад?

б) ҳарфҳои боқимондаро кӣ номбар мекунад?

Эзоҳ: Агар аз ҳар қатор яккасӣ пайи ҳам ба тахтаи синф баромада, як ё ду ҳарфро (вобаста ба шумораи хонандагон) бо тартиб нависанд, бозӣ боз ҳам шавқовар мегузарад.

**«Бо тартиби алифбо навиштани калимаҳо»**

а) Дар тахтаи синф дар 3 қатор калимаҳои гуногунро навишта, ба шогирдон мегӯем, ки онҳоро дар дафтари корӣ аз рӯйи тартиби алифбо нависанд (тартиби ҳарфҳо дар алифбо: а, б, в, г, ғ, е, ё, з, ж, и, п, й,к,қ,л,

м, н, о, п, р, с, т, у, ф, х, ҳ, ч, ҷ, ш, ъ, э, ю, я).

| | | |
|---|---|---|
| Бародар | китоб | Мирзо |
| некӣ | модар | шона |
| қалам | сулҳ | ҷаҳон |

б) Метавон дар сутуни якум номи се намуди гул, дар сутуни дуюм номи се ҳайвони хонагӣ ва дар сутуни сеюм номи се ҳайвони ваҳширо навишт. Тартиби кор чун бозии боло сурат мегирад.

| | | |
|---|---|---|
| сияҳгӯш | гӯсфанд | гург |
| наргис | саг | хирс |
| лола | асп | паланг |

Барои чунин навъи бозӣ, монанди намудҳои нақлиёт, парандагон, дарандагон, хазандагон, ҳашарот, меваҷот, сабзавот, рангҳо ва амсоли инҳоро метавон интихоб кард. Ё ин ки супориши дигаре метавон пешниҳод кард, ки бо номҳои умумӣ- кӣ бештар калимаҳои мувофиқ ёфта, тибқи алифбо ҷо ба ҷо мегузорад.

| | |
|---|---|
| 1. Гулҳо | 1. Дарахтони мева |
| 2. Ҳайвоноти хонагӣ | 2. Дарахтони бемева |
| 3. Ҳайвоноти ваҳшӣ | 3. Ғалладона |

1.Зарф

2. Асбобҳои хониш

3. Парандагон

в) вобаста ба шумораи хонандагон аз ҳар як гурӯҳ, якнафарӣ ба тахтаи синф даъват карда мешаванд. Шогирдони гурӯҳи якум номи гулҳоро, гурӯҳи дуюм номи ҳайвонот ва гурӯҳи сеюм номи ҳашаротро менависанд. Вақте ки аҳли синф яктогӣ мисол навиштанд, ба онҳо супориш додан даркор аст, ки аз рӯйи тартиби ҳарфҳои алифбо ба онҳо рақам гузоранд:

1. лола, наргис, садбарг, сияҳгӯш…..

2. асп, буз, гӯсфанд, саг…….

3. занбӯр, кайк, мӯрча, хомӯшак……..

Агар дар дарсҳои забони модарӣ омӯзгор аз бозиҳои зерини дидактикӣ истифода намоянд, ба ташаккули ҷаҳони ақлию зеҳнии хонандагон мусоидат мекунад:

**«Овозҳои садонок ва ҳамсадо»**

а) ба шогирдони гурӯҳҳои якуму дуюм супориш медиҳем, ки ҳар кадомашон панҷтоӣ калима нависанд, ки бо садонок сар шаванд ва гурӯҳи сеюм калимаҳое нависанд, ки бо ҳамсадо сар шаванд.

б) баръакс супориш медиҳем, ки панҷтогӣ калима нависанд, ки бо садонок ва ҳамсадо ба итмом расад.

Дар синфи II иҷрои амали мустақилонаи хонандагон каме мураккабтар шуда, онҳо дар бораи аз рӯйи сурат тартиб додани ҳикоя (шифоҳӣ ва хаттӣ) малака ва маҳорати худро рушд медиҳанд.

Омӯзгор мумкин аст, ҳикояи шифоҳӣ тартиб додашударо ба тахта нависад ва баъзе калимаҳо ё ҷумлаҳоро нонавишта, ба ҷойи онҳо чанд нуқта гузорад, хонандагон дар вақти навиштани ҳикоя ҷойҳои партофташударо пурра намуда, ба дафтар навишта мегиранд. Масалан: Супориш: Ҷумлаҳоро хонед ва ба ҷойҳои холӣ калимаи мувофиқ гузоред [300, с.27]:

1. Ҳисор яке аз водиҳои зебоманзари . . . мебошад.

2. Он ба пойтахти Ватанмон- шаҳри . . . наздик аст.

3. Боре ҳамроҳи . . . ба Ҳисор, ба деҳаи . . .сафар кардам.

(калимаҳо барои истифода: Душанбе, падарам,Тоҷикистон, Лолагӣ.)

Хонандагони синфи II бо калимаҳои ифодакунандаи исм, номи ашё шинос шуда, мустақилона аз матнҳо ин калимаҳоро пайдо карда, ба онҳо савол мегузоранд, ба зерашон хат мекашанд, ба дафтар навишта мегиранд; баъдтар калимаҳоеро, ки аломати ашёро ифода мекунанд, бо калимаҳои ифодакунандаи номи ашё ҳо ба воситаи бандаки изофии “и”

пайваст намуда, ибора месозанд: гули сурх, хонаи васеъ, китоби нав ... Баъдтар, бо калимаҳои амали онҳоро ифодакунанда ҷумла месозанд: “Шариф китоби нав харид. Раҳим гули сурх овард. Хонаи мо васеъ мебошад.” ва ғайра.

Вазифаҳои фаъолияти мустақилонаи хонандагони синфҳои III-IV чунин аст: -бачагон на танҳо мазмуни чизи хондашударо бояд нақл кунанд, балки ба рафтору кирдори қаҳрамонҳои асар низ баҳо дода тавонанд; -аз матни хондаашон ба саволҳои додашуда ҷавобҳои мувофиқ ёбанд; -қисмҳои асарро аз ҳамдигар фарқ карда, ба онҳо саволҳои мувофиқ гузоранд.

Фаъолияти мустақилонаи хонандагони синфҳои III-IV дар дарсҳои забони модарӣ ба се гурӯҳи асосӣ тақсим мешавад: 1) хомӯшона такроран хондан ва ба нақли даҳанакӣ тайёр шудан; 2) шарҳи луғат; 3) корҳои хаттӣ оид ба матни хондашуда.

Дар вақти такроран хондан омӯзгор чунин вазифа месупорад: -матни хондашударо (аз рӯйи саволҳо ва аз рӯйи нақша) нақл кардан; -асарро ба қисмҳо ҷудо карда, ба ҳар қисм сарлавҳа гузоштан; -аз матн мувофиқи саволҳои додашуда ҷиҳатҳои асосии (фалон) қаҳрамонҳоро муайян кардан; ва ғайра. Масалан, кор бо матни “Шоколади талх” Забони модарӣ барои синфи 4 [96, с.55-56]:

Ба саволҳо ҷавоб гардонед:

1. Оё рафтори Асад дуруст буд?
2. Ин воқеа дар куҷо рух дод?
3. Онҳо барои чӣ ба мағоза рафтанд?
4. Ба мағоза рафтанро кӣ таклиф кард?
5. Чаро Умед ба таклифи Асад розӣ шуд?
6. Шумо розӣ мешудед? Барои чӣ?

Мушкилот:

Ҷӯра ё дугонаатон таклиф намуд, ки бо ӯ ба мағоза ё бозор равед. Агар шумо розӣ нестед, чӣ кор бояд кард, ки ӯ наранҷад?

Ба қисмҳо чудо кардани ҳикоя: 1. “Шоколади талх”; 2. “Дар мағоза”; 3. “Пушаймонӣ”.

Дар синфҳои III-IV таҳлили грамматикӣ ҳамчун кори мустақилона ба таври васеъ истифода мешавад. Хонандагон дар ин синфҳо ҳам бо таҳлили синтаксисӣ ва ҳам бо таҳлили морфологӣ машғул мешаванд. Дар ин синфҳо таҳлили морфологӣ ҷойи муҳимро ишғол мекунад. Намудҳои кори мустақилона дар ин синфҳо гуногун аст. Масалан, оид ба таҳлили морфологии калимаҳо омӯзгор ба хонандагон ҷадвалҳои гуногун пешниҳод мекунад. Хонандагон вазифаро дар асоси ин ҷадвалҳо мустақилона иҷро мекунанд:

**Ҷадвали 10.**

**Таҳлили морфологии калимаҳо**

| калима | пешванд | реша | пасванд |
|---|---|---|---|
| ҳамроҳ<br>ҳамроҳӣ<br>дониш | ҳам<br>ҳам<br>- | роҳ<br>роҳ<br>дон | -<br>ӣ<br>иш |

Таҳлили хаттии ҳиссаҳои алоҳидаи нутқро дар ибтидои кор низ аз рӯйи ҷадвал анҷом додан фоиданок аст. Масалан, оид ба исм:

**Ҷадвали 11.**

**Оид ба исм:**

| исм | ба кадом савол ҷавоб медиҳад | чӣ хел исм | пешванд | реша | пасванд |
|---|---|---|---|---|---|
| нома<br>дафтарча<br>Одина | чӣ<br>чӣ<br>кӣ | ҷинс<br>ҷинс<br>хос | -<br>-<br>- | ном<br>дафтар<br>Одина | а-<br>ча |

**Ҷадвали 12.**

**Оид ба сифат**

| сифат | савол | дараҷа | пешванд | реша | пасванд |
|---|---|---|---|---|---|
| бошараф | чӣ хел | одӣ | бо | шараф | - |

Омӯзгор дар вақти супоридани кори мустақилона оид ба таҳлили морфологӣ ба хонандагон боз чунин ҷадвалҳо пешниҳод карда метавонад.

исм исм сифат феъл

1.Фирӯза хонандаи аълочӣ мебошад.

исм пешоянд исм феъл

2. Сафар ба саёҳат рафт.

Забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ бо мақсади иҷрои машқҳо ва ба хотири рушди зеҳнию нутқии хонандагон бобҳои ҷудогонаи таълими савод ва инкишофи нутқ, хониш ва инкишофи нутқ, грамматика, имло ва инкишофи нутқро дар бар мегирад. Ҳар яки ин бобҳо вазифа ва мазмуни муайян дошта, аҳаммияти калони таълимию тарбиявӣ доранд.

Хонандагон дар синфҳои ибтидоӣ доир ба грамматика ва имло маълумоти муайян гирифта, доир ба гӯш кардан (шунидан), гуфтан, хондан ва навиштан маҳорату малака пайдо менамоянд. Дар натиҷаи омӯхтани маводи грамматикӣ-имлоӣ бачагон бо унсурҳои асосии забон (овоз, калима, ҷумла) муносибати бошуурона намуда, фикрашонро бо забони адабӣ баён мекунанд. Дар раванди таълими маводи грамматика ва имло шавқу рағбати бачаҳо ба омӯзиши забони модариашон меафзояд. Иҷрои фаъолиятҳои амалӣ бошад, хонандагонро ба ҳаёти мустақилона ҳидоят мекунад.

Аҳаммияти амалии таълими грамматика ва имло дар он аст, ки бачаҳо соҳиби нутқи шифоҳию хаттии дуруст гардида, ба ҳодисаҳои забон аз нуқтаи назари фаҳмиши мантиқ назар мекунанд ва маълумоти гирифтаашонро дар амал татбиқ карда метавонистагӣ мешаванд. Ин амалҳо танҳо дар натиҷаи алоқаи назария бо амалия имконпазир мегардад. Дар акси ҳол мумкин аст, хонандагон назарияи забон – грамматикаро ба хубӣ омӯзанд, вале мақсадашонро шифоҳию хаттӣ мувофиқи меъёрҳои забони адабӣ баён карда натавонанд.

Ин вазъият дар таълими имло мушоҳида мешавад.

“Хати босаводона навишташуда малака бошад ҳам, вай ба баъзе маълумоти грамматикӣ такя менамояд. Вазифа на аз он иборат аст, ки бача гӯяду нависад, балки он аст, ки дуруст гӯяду бехато нависад, тарзи ифодаи фикрашро идора карда тавонад” [178, с.100].

Мазмуни таҳсилоти мактабӣ гуфта, доираи муайяни дониш, маҳорат ва малакаҳоро меномем, ки дар рушди ҳаматарафаи хонандагон ва дар ташаккули чаҳонбинии материалистии онҳо ҳамчун асос хизмат мекунад. Дар замони муосир, ки илму техника босуръат пеш рафта истодааст, нақши донишҳои чуқуру ҳаматарафа меафзояд. Дар асоси ҳамин донишҳо ҷаҳонфаҳмии хонандагон ташаккул ёфта, қувваи маърифатҷӯйии онҳо инкишоф меёбад.

Мазмуни таҳсилоти мактабӣ дар ҳар гуна ҷамъият ба мақсади томи тарбия вобаста буда, ифодаи аниқи он (тарбия) мебошад. Агар дар мақсади тарбия тағйироте ба амал ояд, ҳамоно дар мазмуни таҳсилот ҳам дигаргуние мушоҳида карда мешавад.

Дар муассисаи таълимӣ байни тарбия ва мазмуни таҳсилот алоқаи ҷудонашаванда мавҷуд аст. Ҳамин, ки хонанда ба мактаб қадам гузошт, ҷанбаи талаботию ҳавасмандӣ нисбат ба фаъолияти мустақилона дар ӯ пайдо шуда, барои аз худ намудани тартиби муайяни дониш, пайдо шудани ҷаҳонфаҳмии ибтидоӣ шароит муҳайё карда мешавад.

Дар ҳама давру замон дарёфти фазои мусоид барои фаъолияти якҷояи устод ва шогирд дар ташаккули фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ба хотири рушди зеҳн ва нутқ аҳаммияти калидӣ дошта, ба шогирд имконият медиҳад, ки ба ҳақиқати воқеии муносибатҳои байнишахсӣ ворид шавад.

Аз назари мо, сабаби сатҳи пасти инкишофи тафаккури мантиқии хонандагон ба фаъолияти мустқилонаи онҳо кам аҳаммият додани омӯзгорон мебошад. Ҳангоми кор бо маводи методӣ бисёре аз устодон

барои муайян кардани сатҳи дониши шогирдон муносибати эмперикӣ карда (рӯякӣ санҷидану баҳо додан ба воқеаҳо) аз усулҳои фаъол (аз усулҳои таълими ҳамҷоя) кам истифода мебаранд. Ҳол он ки мавзуъ ва мазмуни маводи таълимии китоби дарсии забони модарӣ (синфҳои 1-4) дар ҳалли вазифаҳо оид ба азхудкунии донишҳо, маҳоратҳо, истеъдодҳо ва ташаккули фаъолияти мустақилонаи хонандагон мусоидат мекунад. Аммо масъалаи ташаккули фаъолияти мустақилонаи хонандагон, пеш аз ҳама, ба муносибати устод ва шогирд, инчунин, самаранок ташкил намудани ҷараёни таълиму тарбия ва ҳалли масъалаю вазифаҳои ҳалталаби пешбинишуда сахт вобаста аст.

Мазмуни фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ, ки ба рушди зеҳнию нутқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат мекунад, дар ҷараёни таълим ва иҷрои фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ бевосита устод ва шогирдро ба доираи ҳамкорӣ мепайвандад. Масалан, ҳангоми фаъолияти таълимӣ ташкил ва гузаронидани **бозиҳои таълимӣ** ба устодон имконият медиҳад, ки мавқеи навро аз худ кунанд, ба сатҳи нав бароянд. Аз муқаррароти анъанавии «**ман аз болои шумо**» фазои бозиҳо ба устод имконият медиҳад, ки ба сатҳи нав – «**ман ҳамроҳ бо шумо**» гузарад. Мазмуни фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ тавассути бозӣ ба доираи фаъолияти якҷояи устоду шогирд мубаддал мегардад:

Муаллифи бозӣ ҳамчун қоида омӯзгор аст ва ғанӣ гардонидани мазмуни бозӣ ба эҷоди хонанда вобаста аст. Ҳамин тавр, сатҳи нави фаъолияти донишандӯзии хонандагон пайдо мешавад, ки он на танҳо эҷодиёт, балки ба фаъолияти якҷояи устод ва шогирд, инчунин, фазои мусоидро барои азхудкунии мазмуни фанни таълимӣ фароҳам оварда, ба ҳалли масъалаҳои муносибатҳои байнишахсӣ мусоидат мекунад.

Мавқеъ ва намудҳои бозиҳои таълимӣ, аз як тараф, имконият медиҳад, ки устод нақшаи мустақилона бартараф кардани мушкилиҳои

ҳаёти воқеии шогирдро созаду санҷад, аз тарафи дигар, норасоиҳои таҷрибаро ошкор созад:

- вазифаи робитавии бозӣ дар фаъолияти устод ва шогирд нақши калидӣ дорад. Ба шогирд имконият медиҳад, ки ба ҳақиқати ҳоли муносибатҳои байнишахсӣ ворид шавад;

- вазифаи ташхисии бозиҳои таълимӣ ба устод имконият медиҳад, ки ҳаракатҳои гуногуни шогирдро (аз ҷиҳати ақлонӣ, эҷодӣ, эҳсосотӣ ва ғайра) таҳлил намояд. Бар замми ин, бозӣ «майдони худтатбиқкунӣ» мебошад, ки дар он шогирд қувваҳои худро месанҷад, имкониятҳоро истифода карда, дар раванди фаъолияти мустақилона дониши худро татбиқу муайян мекунад;

- мушкилоти гуногуне, ки дар рафтор, муошират ва таълим пайдо мешаванд, ҳангоми ташкил ва гузаронидани бозиҳои таълимӣ муайян гардида, бартараф карда мешаванд;

- таҷрибаи муносибатҳои нави ҳақиқӣ, собит сохт, ки танҳо бозӣ кӯдакро бо калонсолон ва ҳамсолон дар муносибатҳои озоди ҳамкорӣ, ки он берун аз муносибатҳои **зӯроварӣ, фишороварӣ ва маҷбуркунонӣ** гузаронда мешаванд, дар интиҳо ба самаранокии мусбат оварда мерасонад;

- вазифаи шавқангезӣ яке аз вазифаҳои асосии бозиҳои таълимӣ мебошад.

Мазмуни фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ, ки ба рушди зеҳнию нутқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат мекунад, фазои мусоиди маърифатии фаъолияти устод ва шогирд мебошад, ки дар он вай бо шуғлу ҳавас, шавқу рағбат ба инкишоф қадам мегузорад. Мавқеъ ва нақши технологияи бозӣ дар ҷараёни фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ дар бисёр ҳолат аз тасаввуроти вазифаю таснифоти бозиҳои педагогӣ вобаста аст. Аз рӯйи хусусиятҳои методика бозиҳо ба бозиҳои педагогӣ,

фаннӣ, сужавӣ, нақшавӣ, касбӣ, тақлидӣ ва фоҷеавӣ тақсим мешаванд. Ба бозиҳои фаннӣ ҳамаи бозиҳои фанҳои таълимӣ дохил мешаванд.

Мазмуни фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ, дар он ифода меёбад, ки ҳангоми иҷрои нақшҳо шахсияти кӯдак ташаккул меёбад. Бозӣ барои кӯдак мактаби ҳаёт буда, тавассути он тасаввурот, ақл, чолокӣ ва ғайра ташаккул меёбад. Арзишнокии бозӣ дар он аст, ки вай фаъолияти озоди инкишофёфта мебошад, хусусияти эҷодию фаъолро дар бар мегирад.

Равоншиноси австриягӣ З.Фреид чунин ақида дошт, ки «бозӣ – ин усули шаклонии қонеъ гардонидани кӯдак, ҳавасҳои дар ҳақиқат қонеънашудаи вай мебошад» [292, с.214.].

Равонишиноси шуравӣ Л.С.Виготский чунин мегуфт, ки «бозӣ аз зиддиятҳои байни талаботи иҷтимоию имконияти амалии кӯдак сар мезанад ва дар вай усули асосии инкишофи шуурро медид» [63, с.68].

Фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ дар раванди иҷрои бозии ақлонӣ вазифаҳои таълимӣ низ дорад. Агар нутқ дуруст истифода шавад, кӯдакон шавқманд гардонида мешаванд. Дар охири бозӣ ҳатман хулоса баровардан зарур аст.

Дар синфҳои ибтидоӣ бозиҳои таълимӣ дар лаҳзаҳои мувофиқи дарс гузаронида мешавад. Омӯзгор ҳангоми бозӣ кӯдаконро руҳбаланду ҳавасманд карда, баъдан ба муҳокимаронию фаҳмондадиҳӣ мегузарад. Ӯ бояд назоратро тарзе ба роҳ монад, ки вазифа ва талаботи гузошташуда иҷро ва риоя карда шаванд. Хусусиятҳои хоси бозиҳои ақлонӣ дар он аст, ки онҳо аз тарафи калонсолон бо мақсади таълиму тарбия ва, инчунин, ошкор кардани кӯдакони лаёқатманд ташкил ва гузаронда мешаванд. “Роҳбарӣ ба рафту иҷрои бозӣ касбияти бузурги педагогиро талаб мекунад. Бозиҳоро интихоб карда, омӯзгор бояд муайян кунад, ки кадом вазифаҳои барномавиро ба воситаи онҳо ҳал мекунад” [175, с.6].

Тарҳи мазмун ва намудҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ба рушди зеҳнию нутқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат мекунад.

Бозиҳои таълимии давраҳои саводомӯзӣ (давраҳои тоалифбо, алифбо ва баъди алифбо) чунинанд:

- «Садонокҳо, як қадам ба пеш!» (бо мақсади дуруст аз худ намудан ва шинохти овоз ва ҳарфҳои садонок);

- "Киштӣ" (бо мақсади омӯзонидан ва мустаҳкам намудани овоз ва ҳарфи нав);

- «Ҷойи ман дар куҷост?» (бо мақсади мустаҳкам намудани овоз ва ҳарфи нав омӯхташуда);

- «Ҳарфҳо, саф кашед!»;

- «Бозии ҳарфҳои зинда»;

- «Ҷароҳии калима»;

- «Бозии рӯз ва шаб»;

- «Зинача» ва ғайра.

Усулҳои гузаронидани бозиҳо ба дониш, тачриба ва маҳорати худи омӯзгор вобаста аст. Зимни истифодаи бозиҳо омӯзгор вазифадор аст, ки дониш, маҳорат ва ҷаҳонбинии аҳли синфро ба назар гирад, зеро ҳар як бозӣ характер ва талаботи хоси худро дорад. Чунончи, бозии «Ҳарфҳо, саф кашед!»-ро шарҳ медиҳем [175, с.23-25]:

Пас аз омӯзонидани якчанд овоз ва ҳарф (масалан, овозу ҳарфҳои О, А, Н, Ш) 4 хонанда ба назди тахтаи синф омада, ҳар кадоме яктогӣ ҳарф (ҳарфҳо дар варақаҳои «А-4» калон навишта шудаанд) мегиранд: О, А, Н, Ш. Шогирдон дар нақши ҳарфҳо бозӣ карда, худро ба ҳамсинфон мешиносонанд: Ман – ҳарфи «О», Ман – ҳарфи «Н», Ман – ҳарфи «А», Ман – ҳарфи «Ш». Дар баробари шунидани супориши «Ҳарфҳо, саф кашед!» омӯзгор овозҳои калимаи «**шона**»-ро кашишнок талаффуз мекунад. Мувофиқи талаффузи овозҳо «ҳарфҳо» (хонандагон) бо тартиб дар як саф меистанд. Дар ҷараёни бозӣ хонандагон ҳар овозро пайи ҳам талаффуз карда, калимаи «**шона**»-ро пурра мехонанд.

Бозии «Шаб ва рӯз». Яке аз хонандагон аз ҳарфҳои бурида калимаи «дар»-ро тартиб медиҳад. Навомӯзон он калимаро бо овози баланд мехонанд. Бо амри «Шаб!» шогирдон чашмҳоро мепӯшанд, дар ин асно омӯзгор ба калимаи «дар» ҳиҷои «па»-ро ҳамроҳ мекунад, бо амри «Рӯз» навомӯзон чашмҳоро кушода калимаи «падар»-ро мехонанд. Аз рӯйи фармони «Шаб!» боз аз нав хонандагон чашмҳоро мепӯшанд. Аз лавҳа ҳиҷои «па»-ро гирифта, ба ҷояш ҳиҷои «мо» гузошта мешавад. Бо амри «Рӯз» шогирдон чашмҳоро кушода, калимаи нав – «модар»-ро мехонанд. Бозиро давом дода, хонандагон калимаҳои «**додар», «бародар»-**ро тартиб медиҳанд ва мехонанд.

Методистон Д.Б.Элконин, В.В.Давидов, М.Лутфуллоев, Ф.Шариф-зода, И.Абудуллоев оид ба мавқеъ ва нақши бозиҳои таълимӣ ибрози ақида намуда, ёдовар мешаванд, ки дар лаҳзаҳои мувофиқи дарс гузаронидани бозиҳои таълимӣ раванди таълимро шавқовару хотирмон намуда, хастагии шогирдонро рафъ месозад.

Бозие, ки шавқовар аст, иҷрои вай қобилияти баланди ақлониро талаб мекунад. Бартараф кардани баъзе мушкилиҳо ба ҷаҳони ақлонии хонанда вобаста аст. Хонанда тавассути саъю кӯшиш ба ҳалли он муваффақ мегардад. А.С.Макаренко чунин гуфта буд: «Бозӣ бе кӯшиш, бе фаъолияти фаъол бозии бад мебошад» [196, с.162].

Омӯзгор бояд хуб дарк кунад, ки вазифаи педагогии бозӣ оё ба мазмуни барнома мувофиқат мекунад ё не. Омӯзгор фаъолияти мустақилонаи омӯзишии хонандагонро ташкил карда, дар батартибандозии таҷрибаи дастрасшуда ба онҳо ёрӣ мерасонад, сатҳи маърифатии онҳоро бо донишҳои нав бою ғанӣ гардонда, мушоҳидакорӣ, шавқмандӣ ва хоҳиши дарк кардани дунёи гирду атрофро талқин менамояд, ки ин яке аз усулҳои ташаккули сифатҳои маърифатии кӯдакон мебошад.

Баъзе равоншиносон ба он ақидаанд, ки реша (асос)-и бозӣ ирсияти

тақлидӣ мебошад, дигарон дар он усули азхудкунии ҳақиқати ҳолро аз тарафи кӯдак медиданд. Бозӣ ҳамеша кайфият мебахшад, зеро дар вай зӯроварӣ вуҷуд надорад. Метавонем хулоса барорем, ки инсон таҷрибаи нави иҷтимоиро аз худ карда, худро татбиқ мекунад, ҳудудҳои тафаккури худро васеъ менамояд.

Аз ин лиҳоз, ба шакли дидактикии бозӣ шӯхӣ, ҳазл, шавқ бояд илова шавад. Машғулият бо бозӣ фаъолияти ақлониро метезонад, иҷрои вазифаро осон мекунад.

**Бозиҳоро ҳамчун усулу воситаи таълим** истифода бурда, чунин хулосаҳо баровардан мумкин аст:

- Бозӣ усули самараноки инкишофи шавқу ҳаваси шогирдон ба донишандӯзӣ мебошад;

- Ташкили дурусти бозӣ (бо назардошти хусусиятҳои маводи таълимӣ) хотираро машқ дода, ба хонандагон дар азхудкунии маҳорату истеъдодҳои суханронӣ кумак мерасонад:

- Бозӣ фаъолияти ақлонии хонандагонро такон медиҳад, диққатнокию ҳаваси азхудкунии фанро инкишоф медиҳад.

Хулоса, бозӣ шакли пешбарандаи фаъолият барои инкишофи маҳоратҳои азхудкунии кӯдакон буда, яке аз воситаҳои фаъолкунонии ҷараёни таълим мебошад. Вай меомӯзонад, ташаккул медиҳад, дигаргун месозад, тарбия медиҳад. Бозӣ, тавре ки равоншиноси машҳур Виготский гуфта буд, ба инкишоф ёфтан мусоидат мекунад. Ин имконият медиҳад, ки хулоса барорем, ки бозӣ дар инкишофи хонандаи хурдсол аҳаммияти калон ва нақши бузург дорад. Бозиро ҳамчун воситаи шиносоӣ бо дунёи гирду атроф истифода бурда, омӯзгор имконият дорад диққати шогирдонро ба он ҳодисаҳое равона созад, ки барои васеъ кардани доираи фаҳмиши онҳо арзишманд бошад. Бозӣ шавқу ҳавас, кунҷковӣ, раванди азхудкунии донишҳоро вусъат бахшида, барои ғанӣ гардонидани мазмуни бозӣ, ба воситаи бозӣ, дар ҷараёни

бозӣ ва дар ҳолатҳои гуногун маҳорати татбиқи донишҳоро инкишоф медиҳад. Бозиро роҳбарӣ карда, омӯзгор мақсадҳои ниҳоии аз худ кардан, ҷустуҷӯ кардан, дарёфт кардан, дунёи рӯҳии шогирдро бою ғанӣ гардонидан, дуруст тарбия карданро ба даст меорад.

### 2.3. Ҷанбаи талаботию ҳавасмандона анҷом додани фаъолияти мустақилона талабагони синфҳои ибтидоӣ дар рушди зеҳнию нутқии онҳо

«Яке аз вазифаҳои умдаи илми педагогикаи муосир таъмини на танҳо азхудкунии дониш, маҳорат ва малакаҳо (салоҳиятмандӣ), балки ҳамчунин ташаккули тарзҳои фаъолияти маърифатӣ ҳамчун зуҳуроти маданияти зеҳнии хонандагон (донишомӯзон) мебошад» [316, с.171].

Ҳангоми иҷрои корҳои мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ баъзан инкишофи зеҳни хонандагон ба таври зарурӣ ба назар гирифта намешавад. Аз ҷумла, дар синфҳои ибтидоӣ вазифаҳои таълимии хондан, навиштан, ҳисоб кардан (ҳалли мисолу масъала) ба андозаи талаботи барномаҳои таълим анҷом дода мешавад. Вале ба вазифаҳои муҳимтарини таълиму тарбия – рушди зеҳну тафаккури хонандагон, ки заминаи устувори маданияти зеҳнӣ ва тафаккури мустақилонаю эҷодии шахсиятро муайян менамояд, камтар аҳаммият дода мешавад.

Масалан, ҳаҷми муайяну дастрасии фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ дар таълими забони модарии синфҳои ибтидоӣ ба масъалаи хондан, навиштан ва инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттии хонандагон аҳаммияти хоса дода, ба фаъолияти бозгӯ кардани мазмуни матни хонда (ҳикоя, афсона, шеър ё чистон) баҳогузорӣ менамоянд. Хонанда чизи тайёрро муддате дар хотир нигоҳ дошта, онро нақл карда метавонад. Аммо оид ба воқеаҳои дар матн рухдода, сабабҳои ба вуҷуд омадни масълаҳои ҳалталаби матн фикр намекунад. Яъне, дар раванди таълими забони модарӣ дар хонанда, малака ва маҳорати фикр кардан, таҳлилу

хулоса баровардан ба қадри зарурӣ рушд намеёбад. Зеҳни хонанда фаъол гардонда намешавад. Муносибати босалоҳият дар таълим ба таври амалӣ аз худ намудани донишҳоро талаб менамояд. Аммо дар хонанда қобилият ё маҳорату малакаи дарки мазмуни зинаҳои донишазхудкунӣ: фаҳмидан, ба хотир гирифтан, истифода бурдан, таҳлил кардан рушд наёфтааст.

Ба назар гирифтани қобилияти зеҳнии хонандагон имконият медиҳад, ки ҳангоми иҷрои фаъолияти мустақилона дар онҳо ҳавасмандӣ пайдо шуда, хонандагон аз иҷрои супориш ба осонӣ бароянд. Кори мустақилона бояд ҳаҷми муайяну дастрасӣ дошта бошад. Ба фикри Иоганн Генрих Песталотсии «таълим бояд дар мунтазамии қатъӣ ҷараён ёбад. Бача набояд аз иҷрои он коре, ки комилан тайёр аст, маҳрум карда шавад ва ба вай иҷрои кореро, ки аз уҳдааш намебарояд, пешниҳод кардан ҳам ҷоиз нест. Дар бачагон дар баробари инкишоф додани қобилияти фикр карда тавонистан, инчунин, инкишоф додани малакаҳои амалӣ ҳам зарур аст» [132, с.80].

Аз ин хотир, омӯзгор имконият ва қобилияти хонандагони синфҳои ибтидоиро вобаста ба осонию мушкилии иҷрои кори мустақилона ба назар гирифта, матнҳои забони модариро барои фаъолияти мустақилона ба чунин тарз пешниҳод мекунад:

1. Такмил дода хондани калима ва ҷумлаҳо. Ин намуди кори мустақилона, асосан, ба давраи таълими савод марбут аст. Дар матнҳои китоби «Алифбо» калима ва ҷумлаҳои зиёде вомехӯранд, ки ягон ҳарф, ҳиҷо ва ё калимае дар онҳо партофта шудааст. Хонандагон бо супориши омӯзгор ҳарф, ҳиҷо ва ё калимаи зарурииро ёфта (интихоб намуда), дар ҷояш мегузорад ва бо овози баланд. Баъзан ба ҷойи калима, ки яке аз ҳарфҳояш ҳанӯз омӯхта нашудааст, расми чизе гузошта мешавад. Дар ин маврид омӯзгор метавонад ҳамон ҷумларо бо ҳарфҳои чопӣ дар тахтаи

синф бинависад, расмро иваз бикунад ва ё дар айни замон аз чанд расм истифода намояд. Масалан:




Ё ба ҷойи калимаи “об” варақаеро мегузорем, ки дар он калимаи «дон» навишта шудааст. Ҳамин тавр, мумкин аст ба ҷойи калимаи Лола калимаи Анор, Парвина, Анвар ва ғайраро нависем. Бачаҳо ҳар қадар калимаҳои нав ва зиёдеро хонанд, ҳамон қадар ба нафъи забондонии онҳо хоҳад буд.

2. Аз расмҳо интихоб намудани калимаҳои зарурӣ. Навъи нисбатан мушкили фаъолияти мустакилонаи омӯзишӣ аз калимаҳо ва расмҳои зиёд интихоб намудани калима (расм)-и зарурист, ки онро машқҳои мантиқӣ низ меноманд. Масалан, рӯйи мизи омӯзгор расмҳои гуногун – себ, шер, анор, рӯбоҳ, мурғ, харгӯш, ангур, асп ва ғайра ба таври махлут гузошта шудаанд. Хонанда бояд расмҳои мувофиқро интихоб намуда, ҷумлаи «Дар боғи мо себ, анор ва ангур мерӯяд»-ро пурра намояд ва бихонад.

Ба назар гирифтани душворӣ ва содагии матну супоришҳои фаъолияти мустақилонаи инфиродӣ, дар дарс ба инкишофи нутқи хонандагон, фаҳмидани мазмуни матни хондашуда нақши муҳим мебозад. Аз ин лиҳоз, тавассути расмҳои китоби дарсӣ корҳои зиёди мустақилонаро метавонем анҷом дод, ки баъзеи онҳоро пешниҳод менамоем:

1. Номбар кардани расми ашё (расмҳои ҷудогона), навиштан ва хондани номи онҳо.

2. Аз назар гузаронидани расмҳо ва нақл кардани мазмуни воқеа аз рӯйи саволҳо ё нақша.

3. Мушоҳидаи расмҳо ва пурра кардани мазмуни воқеа.

Аксарияти расмҳои китобҳои дарсӣ ин ё он лаҳзаи муҳимми воқеаро дар бар мегирад. Бо супориши омӯзгор хонандагон расмро аз назар мегузаронанд ва шарҳ медиҳанд, ки он кадом лаҳзаи воқеа (аввал, мобайн, охир)-ро инъикос мекунад. Пас аз он мазмуни лаҳзаҳои дигарро худашон илова менамоянд. Ҳамзамон бо рангҳо нигоҳ карда фасли солро, ки рассом тасвир кардааст, ном мебаранд.

4. Бо тартиб гузоштани расмҳо ва нақл кардани мазмуни онҳо. Баъзе мазмунҳо дар якчанд расм тасвир ёфтааст, ки аз рӯйи онҳо кори мустақилонаи зеринро анҷом додан мумкин аст: а) пай дар пай нақл кардани мазмуни воқеа аз рӯйи гурӯҳи расмҳо; б) сарлавҳа гузоштан ба ҳар як расм; в) мураттаб сохтани гурӯҳи расмҳои номураттаб…

5. Расмкашӣ, суҳбат аз рӯйи мазмуни он.

6. Аз рӯйи мазмуни расм навиштани иншо.

**II. Хониши хомӯшона, ки мақсади дидактикӣ дорад,** тарзи муҳимми ташкили кори мустақилонаи хонандагон мебошад. Бачаҳо вазифадоранд, ки баробари хониш супоришҳои омӯзгорро низ ба ҷо оранд, то ки баъд ҷавоб бидиҳанд.

Он супоришҳо гуногунанд. Масалан, дарки мазмун, ба саволҳо ҷавоб ёфтан, номбар кардани симоҳои асосии матн, ба ҷойи як калима гузоштани калимаи дигар (кори лексикӣ), дар вақти муқарраршуда хондани матн ва ғайра.

**III. Тартиб додани нақша низ марбут ба корҳои мустақилонаи хонандагон** аст. Дар лаҳзаҳои хониш, дар мавриди мунтазам ташкил кардани ин кор хонандагон метавонанд, баъди нимсолаи синфи дуюм бо роҳбарии омӯзгор мустақилона нақшаҳои сода тартиб диҳанд.

**IV. Кори амалӣ.** Дар китобҳои дарсӣ баъзе мавзуъҳое дучор мешаванд, ки гузаронидани корҳои амалиро талаб мекунад. Масалан, хонандагон матнҳоеро мехонанд, ки дар онҳо баъзе сабзавот, аз ҷумла пиёз, гашнич зимистон зери барф майса зада месабзанд. Ҳатто одамон

шаби дарози зимистон зери барф зинда мемонанд.

Омӯзгор, баъди гузаштани чунин мавзуъҳо, ба хонандагон супориш медиҳад, ки шаб ду шишаи пури обро гирифта, якеро зери барф гӯронда, дигареро болои барф дар ҳавои кушод бигузоранд. Саҳарӣ ҳарду шишаро гирифта мушоҳида кунанд, ки оби кадом шиша ях кардааст. Омӯзгор ин мушоҳидаи хонандагонро бо зарбулмасали халқии «барф кӯрпаи замин аст» ҷамъбаст менамояд.

**V. Машғулиятҳои ҷамъбастӣ ва фаъолияти мустақилонаи хонандагон**

“Омӯзгор дар давоми соли таълим 10-12 маротиба машғулияти ҷамъбасткунанда мегузаронад, ки мақсади онҳо ҷамъбаст ва ба тартиб овардани дониши хонандагон аз рӯйи ягон мавзуи комил ва ё фасли муайян мебошад” [194, с.234].

Дар ин машғулиятҳо тамоми маълумоте, ки хонандагон оид ба ҳамон боб пешакӣ омӯхтаанд ва, инчунин, натиҷаи таассуроте, ки аз сайру гашт ва тамошоҳо ҳосил кардаанд, ба таври умумӣ ёдоварӣ карда мешавад. Аммо ин маънои онро надорад, ки дар ин машғулиятҳо ҳамаи мавзуъҳои гузашта айнан такрор карда мешаванд. Дар ин машғулиятҳо омӯзгор нуқтаҳои асосии маводи гузаштаро хотиррас намуда, ҳазамон бештар ба таассурот, таҷриба ва чизҳои дидаю шунидаи онҳо такя мекунад. Дар ин гуна машғулиятҳо фаъолияти амалии бачаҳо нисбат ба фаъолияти омӯзгор зиёд аст. Омӯзгор фаъолияти дидактикиашро ба фаъолияти назорату роҳбарии мақсаднок иваз мекунад, то ки хонандаҳо натиҷаю хулоса бароранд.

Аз ин ҷост, ки фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар машғулиятҳои ҷамъбастӣ бештар ба роҳ монда мешавад. Омӯзгор дар ҳар машғулият фаъолияти ҳар як хонандаро ба назар мегирад. Агар чанд нафар хонанда дар ду-се машғулияти аввал фаъолона иштирок накарда бошанд, пас онҳо бояд дар машғулиятҳои минбаъда саҳми фаъолона

бигиранд. Махсусан, ба хонандагони камҷуръат бештар диққат бояд дод. Азбаски ин машғулиятҳо то андозае тарҳи такрорӣ доранд ва мавзуъ барои ҳамаи бачаҳо шинос аст, хонандагони сустхону беҷуръат ҳам метавонанд фаъолона иштирок намоянд.

Барои самаранок гузаронидани машғулиятҳои ҷамъбастӣ омӯзгор 7-8 саволе пешниҳод мекунад, ки онҳо тамоми мавзуъҳои боби гузаштаро фаро мегирад. Илова бар ин, ҳамаи расм ва дигар воситаҳои аёнӣ, ки пештар дар вақти хониши ҳамин боб (боби ҷамъбастшаванда) ба кор рафта буданд, оварда ва ба тахтаи синф овехта мешавад. Ин имконият медиҳад, ки ҳар як хонанда маводи гузаштаро боз ҳам хубтар ба хотир биёрад ва дар бораи онҳо муҳокима ронад.

Кӯдак дар натиҷаи фаъолиятҳои амалӣ, асроркушоӣ шавқи маърифатҷӯйии худро ташаккул медиҳад. Дар заминаи шавқи ковиш ва ҷустуҷӯҳои нахустини дониш, тафаккури кӯдак ба ҳаракат медарояд, дар кӯдак тадриҷан азму майли ҳарчи бештар «кашф» кардан, амиқтар фурӯ рафтан ба асрори ашё, ҳидисаву воқеаҳои табиат, олами ҳастӣ ва асрори фанни таълимӣ рушд мекунад. Аз ковиш ва ҷустуҷӯҳо кӯдакон илҳом гирифта, аз пайи аз худ намудани донишҳои амиқ ва фаъолияти минбаъдаи донишандӯзӣ мешаванд. Ин ҷустуҷӯҳо кӯдаконро зина ба зина ба фатҳи куллаҳои баландтари илму дониш ҳидоят мекунанд.

Мақсади таълими «Забони модарӣ» дар синфҳои ибтидоӣ баробари хондан, навиштан ва аз ёд кардан, инчунин, рушди тафаккур, тафаккури бедор, мустақилият ва эҷодкорӣ мебошад. Дар ин силсилаи мақсадҳо, рушди тафаккур бояд пешбаранда бошад, чунки фаъолиятҳои инсонро маҳз фикри солиму тавоно раҳнамоӣ ва идора мекунад. Яъне доноӣ ва гироии фикр инсонро тавонманду босалоҳият мекунад, на чизи дигар…

Дар раванди таълими забони модарӣ чунин вазифаҳо ҳатмист: рушди ҳавасмандӣ ва маърифатҷӯйӣ, шавқ ва малакаҳои фаъолияти

мақсадноки фикрӣ, қобилияти инфиродии шахсият, ташаккули қобилияти донишандӯзӣ. Ҳалли ин вазифаҳо барои рушди ақлӣ ва фикрии кӯдакони синни хурди мактабӣ чун обу ҳаво зарур аст. Дар иҷрои ин вазифаҳо рушди маърифатҷӯйӣ ва қобилияти фардии кӯдакон мақоми ҳалкунанда дорад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» омадааст: «Дар хонандагони хурдсол тарбия кардани мустақилият, ташаббускорӣ, фаъолнокӣ талаби замони муосир мебошад» [11, с.16].

Аз ин рӯ, технологияи раванди таълим мунтазам такмил дода шавад, ба ҷараён ва тарзи усулҳои ҳалли вазифаҳои таълимӣ навгониҳо ворид карда шаванд, то ки хонандагон донишҳоро на ба таври тайёру безаҳмат, балки бо ёрӣ ва раҳнамоии омӯзгор, вале мустақилона, ба таври ковиш, чустуҷӯ бартараф карда, мушкилот ва дигар воситаҳои ба фаъолияти мустақилона шиддатбахшанда аз худ кунанд.

И.Я.Лернер чунин меҳисобад, ки дар асоси усули проблемавии таълим «мақсадҳои дидактикии сифатҳои маънавию маърифатии хонандагони хурдсолро ба воситаи фаъолкунии фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ бедор намоянд» [155, с.14].

Гурӯҳбандии андешаҳои олимон И.Я.Лернер [155] ва М.Н.Скаткин [267 ] диққатро бештар ҷалб менамояд. Онҳо ба ин масъала машғул шуда, бештар фаъолонидани амалияи маърифатҷӯйии хонандагонро ба назар гирифтаанд. Мувофиқи ақидаи И.Я.Лернер ва М.Н. Скаткин, методҳои таълимро ҳамчун воситаи ташкили фаъолияти маърифатҷӯии хонандагон фаҳмидан лозим аст. Аз ҳамин нуқтаи назар онҳо методҳои зеринро номбар кардаанд:

1) шарҳу намоишдиҳӣ;

2) таълими проблемавӣ, ки хонандагон дар ҳалли масъалаи гузошташуда фаъолона иштирок менамоянд;

3) таҳқиқотӣ, ки масъала аз тарафи хонандагон ҳал карда шуда,

омӯзгор ҳамчун шахси ташкилотчӣ ва роҳбар баромад менамояд.

4) ҷустуҷӯ, аниқтараш нимтаҳқиқотӣ, ки ба хонандагон нисбатан дастрас мебошад ва дар як қисм корҳо, аз ҷумла, гузоштани қоидаҳои мушоҳида, ҳалли вазифаҳои мантиқӣ ва ғайра иштирок менамоянд.

Ин тарзи ба гурӯҳҳо ҷудо кардани методҳои таълим ҳам нодуруст аст ва ба талаботи дидактика ҷавоб дода наметавонанд, пайдарҳамӣ ба чашм намерасад. Вақте ки ба таърихи масъала назар мекунем, мебинем, ки методҳоро баъзан аз рӯйи кори мустақилонаи хонандагон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мекунанд:

- Вазифаҳои таълим (зинаҳои ҷараёни таълим);

- Методҳои таълим.

I. Аз тарафи хонандагон омӯхтани дониш

1. Тайёрии хонандагон ба шунидани нақли омӯзгор.

2. Аз тарафи омӯзгор баён намудани дониш.

3. Мустаҳкам намудани маводи омӯхташуда тавассути мисолҳои худ.

4. Аз тарафи хонандагон гирифтани донише, ки омӯзгор пешакӣ баён накардааст.

II. Ташаккули маҳорат ва малака.

III. Истифодаи дониш дар амал.

IV. Мустаҳкам намудани дониш, маҳорат ва малакаҳо.

V. Санҷиши дониш, маҳорат ва малакаҳо. Мушоҳидаҳои пешакӣ, хониши пешакии маводи дарс.

Ташаккули шавқи маърифатҷӯйӣ ва донишандӯзии хонандагон дар раванди омӯхтани асосҳои илм, ки дар он маҷмуи таҷрибаи бисёрсолаи башарият инъикос ёфтааст, яке аз вазифаҳои муҳимтарини МТМУ ба шумор меравад. Омӯзгори синфҳои ибтидоӣ, пеш аз ҳама, бояд ба хонандагон омӯхтанро омӯзад, шароитеро фароҳам оварад, ки барои аз худ кардани асосҳои илм, ташаккули шавқи маърифатҷӯйӣ ва барои ба

фикр фурӯ рафтан мусоид бошад. Омӯзгор касест, ки шавқу рағбати хонандагонро ба таҳлил афзуда, дар онҳо фикр карданро меомӯзонад.

Рушди шавқу маърифатҷӯйии хонандагон аксаран ба маҳорати касбии омӯзгор, ба тайёрии методии ӯ вобаста аст. Мувофиқи махсусияти ҳар як фан тадбирҳои методӣ, роҳу усулҳои бедоркунандаи шавқ, технологияи вусъатбахшандаи фаъолияти маърифатӣ ҳам мутафовит ва муҳим аст. Баробари ин омилҳо ва шароитҳои умумипедагогӣ, аз ҷумла, муҳтавои таълим, раванди фаъолиятҳои маърифатҷӯйии хонандагон низ ба ташаккули шавқи маърифатҷӯйии онҳо мусоидат мекунад.

Барои ташаккули шавқи маърифатҷӯйии кӯдакони синни хурди мактабӣ, ба назар гирифтани душворӣ ва содагии матну супоришҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳн дар синфҳои ибтидоӣ барои аълохонҳо, аълохонҳою хубхонҳо, хубхонҳою миёнахонҳо зарур аст, то ки сатҳи донишандӯзии хонандагонро хуб омӯхта, шавқ ва рағбати онҳоро ба кунҷкобӣ ва доништалабӣ бедор созем. Гузаштани шавқ аз як марҳилаи инкишоф ба марҳилаи минбаъда маънои аз байн рафтани аввалиро надорад. Ҳар дуи онҳо боқӣ мемонанд ва баробари шаклҳои нави пайдошуда амал мекунанд.

Шавқи омӯзиш махсусияти худро дорад, ки аз дигар намудҳои шавқи маърифатҷӯйӣ фарқ мекунад. Ташаккули шавқи маърифатҷӯйии хонандагон ҳанӯз аз оғози таълим дар муассисаи таълимӣ шуруъ мешавад. Танҳо баъди пайдоиши шавқ ба натиҷаҳои заҳмати омӯзиши худ дар кӯдакони синни хурди мактабӣ оид ба мазмуни фаъолияти таълимӣ ва зарурати азхуд кардани донишҳо тадриҷан шавқ ва талабот ба шавқи таълимӣ ташаккул ёфтан мегирад.

Дар ин замина дар хонандагони хурдсол метавонад мақсаднокӣ ё сабабнокии омӯзиш ташаккул ёбад. Омӯзгор бояд дар кӯдак ҳама гуна сабабмандии омӯзишро тарбия кунад, ки дониш на танҳо барои

шахсияти ӯ, балки барои ҳаёти ҷамъиятӣ ҳам арзишманд хоҳад буд ва хонанда фаҳмад, ки заҳмати ӯ дорои аҳаммияти иҷтимоӣ низ мебошад.

Омӯзиш ва таҷрибаҳо исбот кардаанд, ки шавқи маърифатҷӯйӣ ҳамчун яке аз мақсадҳои омӯзиш нисбат ба дигар мақсадҳо як қатор бартариҳо дорад:

- хонандагон онро аз дигар мақсадҳо тезтар мефаҳманд;

- нисбат ба дигар мақсадҳо аҳаммияти омӯзишро аниқтару возеҳтар ифода мекунад ва фаҳмотар аст;

- барои мушоҳида дастрас аст;

- аз шавқи одӣ дида барои шахсият арзишмандатар аст;

- аз рукни низоми мақсадҳобуда, бо дигар мақсадҳое, ки хонандабарояшон талош мекунад, ҳамбастагии ногусастанӣ дорад;

- дар ҳолати ташкили бомақсади фаъолият шавқи маърифатҷӯйӣ метавонад ба сифати устувори шахсияти кӯдакон табдил ёбад ва ба инкишофи онҳо таъсири амиқ расонад. Хонандагонеро, ки шавқмандӣ ва омӯзиш сифати устувори шахсиашон шудааст, кунҷков, ташнаи дониш низ меноманд. Онҳо ба иҷрои ҳама гуна супориш эҷодкорона муносибат мекунанд, дар ҳалли масалаҳои маърифатӣ ва муаммоҳо роҳу тадбирҳои худро меҷӯянд;

- шавқи маърифатҷӯйӣ метавонад ҳамчун воситаи арзишманди таълим зуҳур намояд. Он на танҳо ба раванди маърифат, балки ба натиҷаи он нигаронида мешавад, ки ҳамеша барои ба мақсад расидан талоши хонандагонро дар назар дошта, ба кӯшиши бошиддати ӯ вобаста аст.

- маълум мешавад, ки шавқи маърифатҷӯйӣ ба ҳама хислатҳои муҳимтарини шахсият ҳамгиро ва дар робитаи ҳамешагӣ қарор дошта, яклухт амал мекунад. Ба ин маъно маърифатҷӯйӣ метавонад ҳамчун мақсад ва воситаи таълим, ҳамчун сабаби омӯзиш зуҳур намояд ва дар натиҷаи анҷом додани тадбир ва технологияи муайяни мақсаднок ба

сифати устувории шахсият табдил ёбад ва роҳи донишандӯзии ояндаи кӯдак, наврас ва навҷавонро мунаввар созад.

Омӯзгор дар нақшаи дарсӣ супоришҳоро барои аълохонҳо, хубхонҳо ва миёнахонҳо тахия карда, дар раванди дарс ин супоришҳоро амалӣ месозад. Фаъолияти мустақилонаро хонандагон метавонанд, инфиродӣ, ҷуфтӣ ва гурӯҳӣ иҷро намоянд. Дар китобҳои дарсии забони модарии синфҳои ибтидоӣ рамзи кори ҷуфтӣ ва гурӯҳӣ тасвир ёфтааст.

Омӯзгорон кори мустақилона месупоранд, лекин вақти иҷрои кори мустақилонаро муайян намекунанд. Барои иҷрои кори мустақилона ҳатман вақти муайян (5-7 дақиқа) додан лозим аст. Дар раванди дарс омӯзгор ва хонанда баробарҳуқуқанд.

Омӯзгор бо вуҷуди бо гурӯҳ кор кардан фаъолияти таълимиро барои инкишофи қобилияти шахсии хонанда ба роҳ монда, барои рушди тафаккури таҳлилӣ ва ақидаи шахсии хонанда шароити мусоид фароҳам меорад. Ҳангоми таҳияи нақшаи дарс дар асоси технологияи таълими ба ташаккули хонанда нигаронидашуда ва татбиқи он омӯзгор бояд хонандаро дар мадди назари аввал гузошта, фаъолияти таълим ва мавқеи шахсии худро ба он мутобиқ созад.

Хонандагон гуногунанд, таҷрибаи ҳаётии онҳо нотакрор буда, қобилиятҳои гуногун доранд. Аз ин лиҳоз, омӯзгор дар марҳалаи банақшагирии раванди таълим бояд таҷрибаи инфиродии хонандагонро донанд ва дар асоси он усул, восита, мавод ва шакли кори мувофиқро интихоб намояд. Таълиме, ки ба ташаккули шахсияти хонанда равона шудааст, бояд таҷрибаи инфиродии хонандаро ба этибор гирифта, ба ӯ барои интихоби восита ва шаклҳои фаъолияти таълимӣ имкон фароҳам оварад. Ҳамзамон, на танҳо натиҷаҳои таълим, балки раванди ба даст овардани ин натиҷаҳо арзёбӣ карда мешавад.

Дар раванди дарси ба ташаккули хонанда нигаронидашуда вазъияти таълимие ба миён оварда мешавад, ки ба хонанда на танҳо

донишҳои нав пешниҳод мегардад, балки хусусияти шахсии хонандагон муайян ва ташаккул дода мешавд. Дар чунин дарс ҳавасмандии хонанда ба иҷрои фаъолияти омӯзишӣ зиёд буда, дарс барои хонанда шавқовар, ҷолиб ва самаранок мегардад. Омӯзгор на танҳо шароити мувофиқи эҷодӣ бунёд мекунад, балки ҳамеша ба таҷрибаи инфиродии хонанда, яъне таҷрибаи ҳаётии онҳо такя мекунад. Омӯзгор хусусиятҳои шахсии ҳар як хонандаро дарк ва қадр мекунад.

Вазифаи омӯзгор «додани» дониш набуда, балки бедор намудани шавқи хонанда ба омӯзиш, кушодани имконият ва ташкил кардани фаъолияти маърифативу эҷодии ҳар як хонанда мебошад. Мувофиқи технологияи мазкур барои ҳар як хонанда барномаи таълими фардии таълимӣ таҳия карда мешавад. Барномаи мазкур дар асоси хусусиятҳои фардии хонанда тарҳрезӣ шуда, ба имконияти зеҳнӣ ва суръати рушд мутобиқ гардонида мешавад.

Дар технологияи таълими ба ташаккули шахсияти хонанда нигаронидашуда маҳаки тамоми низоми таҳсил-фардияти хонанда аст. Аз ин лиҳоз, дар татбиқи технологияи мазкур истифодаи муносибати тафриқавӣ ва фардикунонии раванди таълим зарур аст.

Масъалаҳои асосии арзёбии рушд ва тағйиротеро, ки ба омӯзгор барои татбиқи масъалаҳо зарур мебошад, дида мебароем:

- тағйирпазирии нақшҳо;
- кам шудани нақли омӯзгор ва зиёд шудани фаъолияти хонандагон;
- саволгузорӣ аз ҷониби хонанда (на танҳо ҷавоб додан);
- омӯзгор дар раванди дарс муколама ташкил мекунад ва ин муколама бо посух додани хонанда ба анҷом мерасад;
- хонандагон масъала мегузоранд ва барои ҳалли ин масъалахо муҳаққиқ мешаванд;
- фазои таълимии дарс бояд ҳамаи хонандагонро ба омӯзиш

ҷалб кунад;

➢ фазои сохторбандишудаи омӯзиш, ки шогирдонро ба худмухторӣ ва мустақилона татбиқ кардани омӯзиш ҳидоят менамояд.

Яке аз рукнҳои асосии арзёбии рушд (ташаккулдиҳанда) мутобиқ намудани раванди таълим, омӯзиш ва тарбия ба ниёзи хонанда мебошад. Хонандагон аз ҳамлигар бо чиҳатҳои гуногун фарқ мекунанд ва ба этибор гирифтани хусусият, услуб ва ниёзи таълимии онҳо дар шароити низоми синфӣ- дарсӣ яке аз масъалаҳои мураккабтарини раванди таълиму тарбия ба шумор меравад.

«Дар низоми синфӣ-дарсӣ хонандагонро аз рӯйи хусусияти синнусолӣ гурӯҳбандӣ мекунанд, барномаҳо, китобҳои дарсӣ ва дигар маводи дидактикӣ мувофиқи ҳамин синну сол таҳия карда мешавад. Дар ин низом муносибати «як ченак барои ҳама» истифода мешавад. Низоми мазкур дар заминаи корҳои назариявӣ оид ба рушди равонию физиологӣ ва мутобиқшавии иҷтимоии хонандагон ба роҳ монда мешавад» [213, с.14].

Дар таълими тафриқавӣ омӯзгор маводи таълимии барнома, усулҳо, фаъолиятҳо, мавод ба захираҳои таълим ва арзёбиро ба ниёзи маърифатӣ (таълимӣ)-и ҳар як хонанда мутобиқ месозад. Тафриқа кардан воситаҳои дидактикиро ба талабот (ниёз)-и ҳар як хонанда мутобиқ кардан аст. Хонандагон қобилияти якхела, ниёзи якхела ва тарзи кори якхела надоранд. Бинобар ин, шароити мувофиқи омӯзиш барои як хонанда наметавонад барои хонандаи дигар созгор бошад.

Стратегияии тафриқагузорӣ ба ақидаи Перреноуд.Нақшаи 1.

| | | |
|---|---|---|
| Гуногунии хонандгон | Услуби таълимӣ барои ҳар як хонанда мувофиқ | Гуногун дар шеваи таълиму дарсдиҳӣ |

Барои муваффақ шудан дар кори таълим омӯзгор бояд то ҳадди зарурӣ хонандагони худро донад. Онҳо бояд дар барои сабақ ва суръати омӯзиш, дониши қаблӣ, сифатҳои шахсӣ монанди мизоҷ ва шавқмандӣ, шавқу ҳавас ба ягон кору фаъолият, вазъи саломатӣ, шароити оилавӣ ва ба омӯзиши ягон забон шавқ доштани ҳар як хонанда огоҳӣ дошта бошад. Донистани ҷанбаҳои ҷисмонӣ, ақлонӣ, эҳсосотӣ ва иҷтимоии ҳар як хонанда барои тафриқагузорӣ кардан муҳим аст.

**Мушоҳида ва дарёфти далел**

Мушоҳида назорати нақшавии ягон фаъолияти дарс ё тамоми раванди он буда, мақсади он дарёфти мушкилоти таълимӣ ва омӯзишӣ аст, ки дар раванди дарс ва ё баъдан ошкор мегардад.

Омӯзгороне, ки усулҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро истифода мебаранд, ба таври доимӣ мушоҳида мегузаронанд ва ба ниёзҳои омӯзишии хонандагон, ки дар рафти ин мушоҳидакунӣ муайян шудаанд, тавассути мувофиқ намудани барномарезӣ ва тарзи дарсгузаронии худ посух медиҳад. Мушоҳида бояд ба манзури дарёфти иттилооти зарурӣ барои беҳтар намудани раванди омӯзиш гузаронида шавад.

Мушоҳида бояд ба нақша гирифта шуда, таҳлилӣ, мақсаднок ва дорои сохтор бошад, то равиши омӯзиши хонандаро муайян кунад. Омӯзгор бояд дар раванди мушоҳидакунӣ саволҳои зеринро дар мадди назар дошта бошад:

- Хонанда дар масири омӯзиши худ дар куҷо қарор дорад?
- Хонанда бояд чӣ кор кунад?
- Хонанда дар масири омӯзишии худ ба куҷо раҳсипор аст?

Ниёзи омӯзишии хонандагон бояд дар кори барномарезии таълиму омӯзиш нақши марказӣ дошта бошад. Муайян кардани он, ки хонандагон дар равиши омӯзишии худ дар кадом нуқта қарор доранд, тарзи кумак расонидан ба онҳо ва қонеъ кардани ин ниёзҳои омӯзишӣ тавассути усулҳои мувофиқи таълимӣ сабабгори омӯзиши самараноктар

ва чуқуртар мегардад.

Мушоҳида, ки яке аз қисматҳои муҳимми арзёбии рушд аст, бояд ба таври доимӣ гузаронда шавад. Агар арзёбӣ на ба тарзи доимӣ, балки давравӣ ва ё ба тарзи тасодуфӣ ба роҳ монда шавад, маълумоти бадастомада наметавонад дар ташаккули раванди таълиму омӯзиш ба кор равад, зеро хонандагон аз омӯзиш бознамеистанд, яъне беист меомӯзанд. Аз ин рӯ, раванди арзёбӣ низ бояд доимӣ бошад ва раванди омӯзишро дастгирӣ кунад.

Ба ақидаи олимони соҳаи педагогӣ Е.В.Бондаревския [50], В.П.Сериков [265 ], И.С.Якиманская [341] моҳияти технологияи таълими ба ташаккули шахсият нигаронидашуда,шинохти хонанда ҳамчун симои (субъекти) асосии раванди таълим мебошад.

“Дар техногогияи таълими ба ташаккули шахсият нигаронидашуда шахсияти хонанда ва омӯзгор ҳамчун субъектҳои раванди таъллим фаҳмида мешаванд; мақсади таълим ташаккули шахсияти хонанда ва хусусиятҳои фардии нотакрори ӯ мебошад; дар раванди таълим арзишҳои шахсии хонанда, ақидаи ӯ ба эътибор гирифта шуда, дар асоси ин омилҳо “ҷаҳонбинии шахсии хонанда” ташаккул дода мешавад.Муносибати омӯзгор ва хонанда дар асоси принсипи ҳамкорӣ ва интихобии озод ба роҳ монда мешавад.”[215, с.43-44].

Дар асарҳои педагогӣ роҷеъ ба таълими тафриқа маълумоти муфассал пешниҳод гардидааст. Таърифи мушаххаси онро дучор наомадем. Таълими тафриқа гуфта, дар асоси қобилият, лаёқат, дониш, пешрафт, имконият ва шавқу ҳаваси бачаҳо ба роҳ мондани таълимро меноманд. Пас, дар таълими тафриқа қисмҳои таркибӣ аз инҳо иборатанд:

1. Қобилият, лаёқат, дониш, пешрафт.
2. Имконият.
3. Шавқу ҳавас.

Дар асоси ба назар гирифтани ҳамин ҷиҳатҳо ё нишондодҳо мо метавонем, хонандаҳоро ба гурӯҳҳо ё зергурӯҳҳо тақсим кунем. Вале байни ин нишондиҳандаҳо имконият мавқеи муҳимро ишғол мекунад, зеро вай на танҳо ба шогирд, инчунин, ба падару модар, давлат, ҷомеа низ вобаста аст. Баъзан хонандае ҳама чиро (қобилият, дониш…) дорост, вале имконияти таҳсил надорад. Баръакс, баъзан барои касе имконияти зиёдеро муҳайё месозанд, вале чун донишу қобилият надорад, аз имконият истифода бурда наметавонад.

Тафриқа кардани хонандаҳо, яъне ба синфҳо, гурӯҳҳо ва зергурӯҳҳо тақсим намудани бачаҳо дар мамлакатҳои гуногун ба тариқи гуногун сурат мегирад. Масалан, «…дар як қисм муассисаҳои таълимии Амрико, Канада тафриқа ин тавр аст: дар синфи 1 ҳамаи хонандаҳо баробар мехонанд. Охири соли таҳсил аз ҳамаи онҳо имтиҳон мегиранд. Натиҷаи имтиҳонро ба назар гирифта хонандагонро тахминан ба се гурӯҳ тақсим менамоянд ва барои фарқ кардан ба ҳар як гурӯҳ ё синф ном мегузоранд. Масалан, синфи А, синфи Б, синфи В. Баъди таътил ҳамаи бачаҳо боз ба мактаб меоянд ва аз аввали синфи ду тафриқа сар мешавад. Яъне ҳамаи бачаҳои синфи 1А, 1Б, 1В ки таҳсилро дар синфи 1 бо баҳои «5»-у «4» хатм кардаанд, дар синфи онҳое, ки бо баҳои «4 ва «3» хатм кардаанд, дар синфи 2Б ва онҳое, ки баҳоҳои “3” ва “2” доранд, дар синфи 2В ҷамъ меоянд. Ҳамин тавр, ҳар сол дар охири соли таҳсил хонандаҳо имтиҳон гирифта, мувофиқи донишу пешрафташон ба синфҳои А, Б, В тақсим мекунанд.

То солҳои охир дар илми педагогикаи мо ин тарзи тафриқаро танқид мекарданд, ки барои тарбияи бачаҳо зарар меорад, яъне гӯё онҳо якдигарро «аълохонҳо»-ю «бадхонҳо» гуфта таъна мезада бошанд.

Оё мумкин аст, бачаҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо накарда, таълими тафриқаро ба роҳ бимонем? Бале, мумкин аст. Ва ин роҳи дигари тадриси тафриқа аст. Вале бояд эътироф кард, ки ин роҳ мушкилтар

буда, аз озмӯзгор заҳмату тайёрии бештареро талаб мекунад. Шартан ин тарзи тафриқаро тафриқаи ботинӣ меномем. Дар ин тарз омӯзгор бачаҳоро ба синфҳои алоҳида ҷудо намекунад, балки ба се гурӯҳ тақсим менамояд, ки ҳамаи онҳо дар ҳамон як синф мешинанду мехонанд: Қатори 1 – бачаҳои аълохон; қатори 2 – бачаҳои миёнахон; қатори 3 – бачаҳои сутхон. Ҳамаи ин корро омӯзгори эҷодкору фаъол танҳо барои худаш мекунад, ки чаро маҳз дар ин маврид ба тариқи зайл аст: вақте ки омӯзгор мавзуи навро мефаҳмонад, шарҳу эзоҳ медиҳад, гурӯҳ ё қатори бачаҳоро ба назар намегирад. Вай ба ҳама бо лаҳни фораму ҷаззоб муроҷиат менамояд ва як хел мефаҳмонад. Аммо вақте ки ягон хел кори мустақилона сар мекунад, дониши ҳар қаторро ба ҳисоб мегирад.

Тафриқаи ботиниро ҳатто аз рӯйи як машқ ҳам метавон ташкил кард. Масалан, дар китоби дарсии «Забони модарӣ" барои синфи IV машқи 326 дода шудааст, ки се супориш дорад [96, с.175]

*Қад-қади ҷӯйборҳо ва лаб-лаби киштзорҳо гулҳои хушрангу дилрабо мерӯиданд. Дар ҷариҳо ва саҳроҳо лолаҳои гуногунранги рогӣ мерӯидану мешукуфтанд. Вале онҳо хурду заиф буданд.*

Супориш:

1.Хонед ва нависед.

2.Аз матн сифатҳоро ёфта ба зерашон хат кашед.

3.Ба ибораҳои "гулҳои хушранг", "лолаҳои гуногунранг" ҷумла нависед.

Вале ин се супориш ба тарзи таълими тафриқа далолат намекунад. Чаро? Зеро супориши якум, ки мақсади асосии таълими забонро ифода менамояд, ба ҳамаи хонандагон баробар тааллуқ дорад. Супориши дуюм ҳам айнан ҳамин тавр, яъне хонандагон ҳатман машқро рӯбардор карда ба зери сифатҳо хат мекашанд. Аммо навбат, ки ба супориши сеюм расид, тафриқа оғоз меёбад. Хонандагон оид ба ибораҳои "гулҳои хушранг", "лолаҳои гуногунранг" ҷумла таҳия мекунанд.

Чунин унсурҳои одии таълими тафриқаро аз рӯйи машқҳои дилхоҳ китоби дарсии забони модарӣ метавон ташкил кард.

Вале омӯзгори пуркор зуд вобаста ба мавзуи пешояндҳо, ба як гурӯҳ хонандаҳо мефармояд, ки порчаро рӯнавис кунанд ва ба зери пешояндҳо хат кашанд, ба гурӯҳи дигар месупорад, ки оид ба кору бори кишоварзӣ (деҳқонӣ) чанд ҷумлаи алоқаманд нависанд ва пешояндҳоро ишора кунанд. Ин аст унсурҳои одии тафриқа аз рӯйи як хел машқу як хел супориш. Дар ҳар сурат, ҳамеша дар назар доштан лозим аст, ки фаъолияти хонандаҳо дар кадом маврид якҷоя ва дар кадом маврид аз ҳам ҷудо мешавад. Дар вақти хондану шарҳ додану муайян намудани пешояндҳо, ки мавзуи асосии ҳамин дарс аст, фаъолияти ҳамагон бо ҳам даст медиҳад, дар вақти дигар ҳамин фаъолият тарзи тафриқаро қабул мекунад. Бинобар ин, эрод гирифтани он ки омӯзгорон ин ё он китоби дарсиро бо мақсади таълими тафриқа намефаҳманд, поя надорад.

Нақши таъсири маҳоратҳои омӯзгорро дар ташаккул ва инкишофи қобилиятҳо омӯзишии хонандагон ба назар гирифта, В.А.Сухомлинский дарк намудааст, ки «муносибатҳои ғайриэҳсосотии байни омӯзгор ва хонандагон бемаъни мебошанд, ҳангоми бо омӯзгор вохӯрдани хонандагон дар дарс, онҳо таъсири омӯзгорро ҳис мекунанд ва кӯшиш мекунанд, ки ба вай тақлид кунанд.» [277, с.114].

Таълими ташкили тафриқа асрори ниҳоние надорад ва онро омӯзгорони ботадбиру ботаҷриба метавонанд дар асоси ҳар як китоби дарсию ҳар як машқу матни мисолу масъала ташкил намоянд. Фақат донишу маҳорат ва завқу заҳмат лозим асту бас.

Таълим мувофиқи қобилият, а хоҳиш ва аз рӯйи соҳаҳои ҷудогонаи илм тафриқа карда мешавад, ки онро равия, ришта ё тамоил меномем. Тамоил ё равияи самти таълим аст, ки баҳри чукуртар омӯхтани гурӯҳи фанҳои ба ҳам наздик мусоидат мекунад. Хонанда ин ё он тамоилро интихоб намуда, худро як андоза озод ҳис мекунад ва барои давом

додани таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олӣ хубтару беҳтар тайёр мешавад.

Аз ин рӯ, муассисаҳои таълимӣ ё синфҳои тамоилӣ беҳтарин зинаи тайёр намудани довталабон барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар таълим ду хели тафриқаро ба кор мебарем: а) тафриқаи муфассал; б) тафриқаи мухтасар ё маҳдуд.

Тафриқаи муфассал, ки аз синф V оғоз ёфта, то охири синф IX давом мекунад, мувофиқи вазифа, ҳамоҳангӣ ва робитаи фанҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад: гурӯҳи фанҳои ҷамъиятию гуманитарӣ ва гурӯҳи фанҳои табиию риёзӣ. Ин гурӯҳҳо ҳамаи фанҳои таълимиро фаро мегиранд. Хонандаҳо дар давраи асосӣ (синфҳои V- IX) вобаста ба натиҷаи ҷамъбасти синфи IV ва майлу рағбаташон ба ду гурӯҳи номбурда тақсим шуда, таҳсилро давом медиҳанд. Ғайр аз ин, синфҳо ё гурӯҳи умумӣ амал мекунад. Бачаҳое, ки дар давоми сол (ҷамъбасти ҳар як чоряк) аз фанҳои интихобии худ баҳои «2» ё “3” мегиранд, ба гурӯҳи умумӣ гузаронида мешаванд.

Тафриқаи мухтасар ё маҳдуд дар доираи гурӯҳҳои фанҳои ҷамъиятию гуманитарӣ ва табиӣ-риёзӣ ташкил ёфта, миқдори нисбатан маҳдуди фанҳоро дар бар мегирад, ки бевосита ба ихтисоси ояндаи хонанда вобаста аст. Тафриқаи маҳдуд хоси синфҳои боло (X-XI) мебошад. Дар ин синфҳо таълими тафриқаро аз рӯйи тамоилҳои зерин метавонем ташкил кунем:

- гуманитарӣ: забон ва адабиёт, забонҳои хориҷӣ,
- ҷамъиятӣ: санъату фарҳанг, таърих…
- физикаю риёзӣ,
- кимиё ва табиӣ,
- техникӣ-иқтисодӣ ва ғайра.

Одатан, дар ин равияҳо бачагоне ҷалб мешаванд, ки бо баҳои хубу аъло мехонанд. Аз ин рӯ, ҷараёни дарсҳо дар чунин синфҳо ба тариқи проблемагузорӣ, мубоҳиса ва ҷустуҷӯ мегузарад. Ҳеҷ кас аз ин мубоҳисаҳо дар канор намемонад.

## 2.4. Вусъати фаъолияти мустақилонаи таълимӣ дар робитаи мутақобила бо рушди зеҳнию нутқии талабагони синфҳои ибтидоӣ

«Дар синфҳои ибтидоӣ мунтазам машғулиятҳои зеҳнӣ созмон дода шаванд, то дар онҳо кӯдакони аз ҷиҳати зеҳнӣ соҳиби имконот ва омодагии гуногун, чи заиф ва чи неруманд, тавонанд масъалаҳои ғайриодӣ, ҷустуҷӯйӣ ва эҷодиро, ки берун аз маводи таълимӣ мебошад, ҳал кунанд» [393, с.174].

Кӯдакон дар оила ва ё кӯдакистон тарбия ёфта, баъд ба муассисаҳои таълимӣ меоянд. Табиист, ки фаъолияти пешбарандаи кӯдакон дар хона ва кӯдакистон бозӣ мебошад. Ҳамин ки ба мактаб омаданд, дар шароити нав, фаъолияти пешбарандаи бозӣ ба фаъолияти таълимӣ иваз мешавад. Барои он ки кӯдакон аз як навъи фаъолият ба фаъолияти дигар, яъне аз бозӣ ба таълим гузаранд, ҷиҳатҳои равонию синнусолии онҳоро ба эътибор гирифтан шарт ва зарур аст. Дар ин бора ақидаи педагогҳои машҳури рус В.В.Давидов ва Д.В.Элконин чунин аст: «Вақте ки кӯдак ба мактаб қадамҳои аввалини худро мегузорад, мазмуни фаъолияти ӯ тағйир меёбад; вай аз бозӣ ба фаъолияти азхудкунии таълимӣ (хонишу хат, фаҳмидану ҳал карда тавонистани масъалаҳои таълимӣ ва донистани воситаҳои ҳалли онҳо) мегузарад» [78, с.48].

Давраи синну соли хурди мактабӣ давраи асосии рушдкунандаи қобилиятҳои зеҳнӣ ва нутқии хонандагон мебошад. Аммо бо сабаби қобилияти гуногуни зеҳнӣ доштани хонандагон, баъзан фаъолиятҳои таълимро пурра аз худ намекунанд, аз ин лиҳоз, қисми асосии кор (яъне,

барои азхудкунии донишҳои нав истифодаи усулҳои гуногун ва мувофиқи таълим) ба зиммаи омӯзгор меафтад.

Педагоги рус А.Р.Арутюнов мегӯяд: «Нақши омӯзгор дар ташкил ва гузаронидани бозӣ нақши режессёри театрро мемонад.» [166.С-5]. Дар ин ҳолат омӯзгор ба хонандагон роҳҳои ҳалли мушкилотро нишон надода, балки дар ҷустуҷӯйи мустақилонаи роҳҳои ҳалли душвориҳо кӯдаконро дастгирӣ менамояд.

Ба ақидаи педагог Е.Аракин, «бозӣ бояд яке аз воситаҳои бузург ва ниҳоят хуби ивазнашавандаи инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ ва тафаккури кӯдак ҳисобида шавад» [166, с.5].

Аз нуқтаи назари мо, муҳим он аст, ки аз рӯзҳои аввали давраи саводомӯзӣ сар карда, омӯзгор дар раванди дарсҳо бо мақсади рушди қобилияти зеҳнӣ ва нутқии хонандагони хурдсол дар ҳар як лаҳзаи дарс мақсаду вазифаҳои бозиро бо мақсаду вазифаҳои мавзуи дарс дуруст муайян намояд.

Ҳамин тавр, фаъолияти кӯдакон дар ҷараёни бозӣ метавонад ба рушди қобилияти зеҳнӣ ва нутқии онҳо мусоидат намояд. Барои рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва инкишофи нутқи хонандагон бозиҳоеро интихоб намудан лозим аст, ки ба ғанӣ гардонидани захираи луғавии онҳо мусоидат намояд.

Масалан, бозии **«Калимаҳои дугоник»**-ро шарҳ медиҳем:

Дар ин бозӣ калимаҳоеро интихоб менамоем, ки аз 3 то 5 ҳарф иборат бошанд. Ҳангоми яке аз ҳарфҳои онро иваз намудан, калимаи нав ҳосил шавад, ки миқдори ҳарфҳо дар калимаҳои ҳосилшуда бо ҳам баробар бошанд.

Масалан: *хола, шола, лола, нола*, ….;

ё ин ки *мард, гард, сард, зард,….*;

*шарм, гарм, нарм,чарм, Ғарм,…*;

*нома, ҷома, хома, мома,…*;

Гузаронидани чунин бозӣ барои дарёфти калимаҳои дугоник (ба ҳам монанд) ба қобилияти зеҳнии хонанда рушд бахшида, захираи луғавиро бой, хотираро мустаҳкам, маҳорату малакаи дарки маънӣ кардани хонандагони хурдсолро устувор мегардонад.

Дар давраи таълими савод ба як ҳиҷо зам намудани ҳиҷои дигар ва сохтани калимаи дорои маънои луғавӣ захираи луғавии хонандаро бой намуда, қобилияти зеҳнӣ ва нутқи шифоҳию хаттии хонандаро инкишоф медиҳад.

Барои мисол бозии **«Аз рӯйи ҳиҷои охир»**-ро таҳлил мекунем:

Хонандагон дар шакли давра гирд меоянд. Яке аз хонандагон ягон калимаро ба таври ҳиҷо талаффуз мекунад. Хонандаи дар назди хонандаи якум истода, бояд калимаеро, ки ҳиҷои аввалаш ҳиҷои охири калимаи якум бошад, талаффуз кунад.

Масалан: Хонандаи 1-ум: ха-ри-та; Хонандаи 2-юм: та-бар; Хонандаи 3-юм: Бар-но; Хонандаи 4-ум: но-ма; Хонандаи 5-ум: ма-кон… ва ғайра. Бозӣ ҳамин тавр идома меёбад. Иҷрои бозии мазкур хеле шаавқовар буда, аз хонандагон ҷустуҷӯ, эҷодкорӣ, ковишҳоро талаб мекунад, ки ин ҳама ба зиракии хонандагон мусоидат мекунад.

Ташкил ва доир намудани чунин фаъолиятҳо аз омӯзгор муносибати махсуси навҷӯйиро талаб намуда, иҷрои пай дар пайи фаъолиятҳои эҷодӣ бошад, боиси инкишофи зеҳнӣ ва бой гардидани захираи луғавии кӯдакон гардида, барои амалан аз худ намудани донишҳои нав кумак мерасонад.

Дар хусуси аҳаммияти бозиҳо ақидаҳои гуногуни файласуфон, педагогҳо ва равоншиносон вуҷуд дорад. Масалан, файласуфи амрикоӣ Герберт Спенсер гуфтааст, ки «бозӣ воситаи хориҷ кардану сӯзондани қувваи пуршудаи кӯдак мебошад, ки онро дигар намедонад дар куҷо сарф кунад, чунки аз фаъолияти қонеъ гардондани талаботи худ вай аз тарафи калонсолон озод карда шудааст» [271, с.180].

Назарияи дигари илмӣ аҳаммияти биологии бозиро дар он мебинад, ки вай мактаби ҳақиқии тарбия мебошад. Ақидае вуҷуд дорад, ки ба бозӣ машғул шудан кайфияте дорад, ки он ҷисми кӯдакро маҷбур месозад, то аз фаъолияташ ин кайфиятро пайдо кунад.

Дьюи Дж.тасдиқ мекунад, ки «бозӣ ин шакли татбиқ кардани намудҳои рафтор аст, ки дар асоси ирсият, тақлид ва омӯзиш пайдо шудаанд» [91, с.104].

Тавассути бозӣ кӯдакон таҷрибаи нави иҷтимоиро аз худ карда, онро дар амал татбиқ менамоянд ва ҳудудҳои тафаккури худро васеъ мекунад.

Муҳиммияти бозиро дар ташаккули ҳаматарафаи хонандагон асос шуморида, бозиҳои таълимии зеринро пешкаш менамоем:

**«Ёбед, ки ин чист?» (**Ин бозиро бо хонандагони синфҳои 1-ум ва 2-юм гузаронида беҳтар аст.)

Хонандагон ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд. Омӯзгор калимаҳои парокандаро номбар мекунад, хонандагон меёбанд, ки сухан дар бораи чӣ меравад.

Чунончӣ: **Омӯзгор:**

сафед, калон, дар осмон равуо мекунад. (сухан дар бораи чӣ меравад?) **Хонандагон:**

- Сухан дар бораи **абр** меравад.

**Омӯзгор:**

- гарм, тафсон, дар паси кӯҳҳо пинҳон мешавад. (сухан дар бораи чӣ меравад?).

**Хонандагон:**

- Сухан дар бораи **офтоб** меравад.

**Омӯзгор:**

- сурх, зард, сабз, дар тирамоҳ мепазад. (сухан дар бораи чӣ меравад?) **Хонандагон:**

**-** Сухан дар бораи **себ** меравад**.**

Дар ин бозӣ мазмуни калимаҳо мушаххас буда, ба дарку фаҳми кӯдакон мувофиқ мебошад. Кӯдакон аломату хусусият ва амалу харакати ашёро ба хотир оварда, онҳоро зуд муайян мекунанд.

Қобилияти зеҳнӣ ва тафаккури рушдёбанда ҳамсафари доимии хонандаи хурдсол буда, дар раванди таълим омили бакорандозии қобилиятҳо ва истеъдодҳои фардии онҳо мегардад.

Барои расидан ба мақсади ниҳоӣ ба омӯзгор лозим аст, ки бештар аз ҷадвали калимаҳои якҳиҷодор истифода карда, тавассути дарёфти ҳиҷои мувофиқ калимаи нав созад. Хондани калимаҳои якҳиҷодор ва бо ҳам пайваст намуда, сохтани калимаи нав ба қобилияти зеҳнӣ, нутқӣ, эҷодкорӣ ва дарки маънӣ сахт алоқаманд аст.

Намунаи дигар: **«Аз ду калима сохтани як калимаи мураккаб»** **(**Иҷрои ин супориш ба фаъолияти мустақилонаи хонандагони синфҳои 1 -юм ва 2-юм мувофиқ аст.)

Дар ин намуди бозӣ калимаҳои якҳиҷодори сутунчаи якумро бо калимаҳои якҳиҷодори сутунчаи дуюм пайваста калимаҳои нав месозем.




Иҷрои бозии таълимии мазкур дар баробари қобилияти зеҳнии хонандагонро рушд бахшидан дар онҳо мустақилият ва ба худ боварӣ доштанро тарбия мекунад

Дар ҷараёни иҷрои ин гуна бозиҳо нутқи гуфтори мураттаби хонандагон ташаккул меёбад. Ҳангоми иҷрои бозӣ ҳисси масъулиятшиносӣ, ҷустуҷӯйӣ, кунҷковӣ ва ҳозирҷавобии хонанда боло рафта, фаъолнокӣ ва шавқмандӣ тарбия карда мешавад. Ҳар як хонанда саъй меварзад, ки муносибати худро нисбат ба бозӣ нишон диҳад.

«**Киштӣ**» [213, с.95]



**Тартиб:** «Бачаҳо, мо ҳоло талаффузи овози «ш»-ро машқ карда, ҷойи онро дар калимаҳо муайян намудем. Акнун биёед ба киштӣ савор шуда (омӯзгор расм киштиро нишон медиҳад), ба сайр мебароем. Расми 5.
Мо бо худ танҳо чизҳоеро мегирем, ки дар номи онҳо овози «ш» мавҷуд бошад. Кӣ мегӯяд, ки мо бо худ чӣ чизҳоро мегирем? Хонандагон номи чизҳоеро, ки бо овози «ш» оғоз меёбанд, мегӯянд. Масалан, шер, шона, шох, шоҳтут, шакар, ширинӣ, шиша, шамъ, шир ва ғайра. Агар имкон бошад, якчанд расми ашёи хонандагон гуфтаро дар дохили киштӣ кашида, номашро менависем. Ин бозиро дар омӯзиши овоз ва ҳарфҳои дигар низ истифода бурдан самарабахш аст.

Бозӣ чун омили пешбарандаи фаъолияти кӯдакон дар рушди зеҳнӣ ва нутқии навомӯзон нақши калидӣ дорад. Раванди иҷрои бозӣ аз навомӯзон қобилият ва муносибати муайян доштанро талаб намуда, фаъолияти равонии хонандагонро муътадил, шавқу ҳавасашонро ба омӯзиши фанни таълимӣ афзун менамояд. Ба қобилияти зеҳнӣ ва нутқии навомӯзон рушд бахшида, имконияти азхудкунии маводро бештар месозад. Хасташавии навомӯзонро рафъ намуда, ҷараёни омӯзишро шавқовар мегардонад.

Тибқи таълимоти илми педагогика, бозӣ дар ҳаёти кӯдакони то 7-сола нақши калидӣ дорад. То синни 7-солагӣ ҷисм, эҳсос, зеҳн, ақл ва хотираи кӯдак ба воситаи бозиҳои гуногуни ҷисмонӣ ва зеҳнӣ инкишоф меёбад ва баробар бо фаро гирифтани кӯдак ба таҳсил дар муассисаи таълимӣ ба фаъолияти фикрӣ машғул мешавад. Тавассути фикр ҷустуҷӯ, ковиш ва эҷодкорию ҷаҳонбинии ӯ инкишоф меёбад.

“Бозиҳои дидактикӣ бояд дар робита ба мавзуъ, мақсаду вазифаҳои дарс интихоб ва дар лаҳзаҳои муносиб роҳандозӣ шаванд, зеро бозиҳои дидактикӣ шавқу ҳаваси маърифатҷӯйии хонандаҳоро афзун намуда, ҳар гуна хасташавиро пешгирӣ менамояд” [194, с.547].

Мушоҳида, таҷрибаю таҳқиқи таълими ҳамгиро аз фанни “Забони модарӣ” дар синфҳои ибтидоӣ собит намуд, ки нақш ва мавқеи бозиҳои дидактикӣ, хусусан, дар рушду нумуъ ва тарбияи маънавии кӯдакону наврасон бағоят муҳим аст. Бинобар ин, дар раванди таълимӣ ибтидоӣ, аз ҷумла, таълими “Забони модарӣ” бозиҳои дидактикӣ ба таври фаровон ва самарабахш ҳамчун як лаҳза ё рукни таркибӣ ва шавқангези дарс ва ҳатто ҳамчун дарси алоҳидаи бозиҳои дидактикӣ истифода карда шаванд, аз манфиат холӣ нест.

Ба хотири вусъат бахшидан ба фаъолияти мустакилонаи омӯзишӣ дар робитаи мутақобила бо рушди зеҳнию нутқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ истифодаи самараноки бозиҳои дидактикӣ натиҷаҳои муфид ба бор оварда, ба рушди зеҳн ва нутқи хонандагон мусоидат менамояд:

а) хонандагони хурдсолро ба фаъолияти мустақилонаи фикрӣ ва эҷодӣ водор месозад;

б) раванди дарсро шавқовару рангин менамояд;

в) талаботи равонӣ ва ҷисмонии шогирдонро қонеъ карда, шиддати фикрию равонии дарсро муътадил мегардонад;

г) раванди омӯзишро мушаххас ва ба ҳаёти кӯдак наздик месозад ва монанди инҳо.

Хонандагони хурдсол дар иҷрои фаъолияти мустақилона бештар ба бозӣ майлу ниёз доранд, ки ин табиатан хоси онҳо аст. Ин нуктаро равоншиносон Д.Б.Элконин ва В.В.Давидов низ дар асарҳояшон таъкид намудаанд.

Дар синфҳои ибтидоӣ бозидани нақши мутахассисони касбу кори гуногун барои дар замири хонандагон парваридани меҳру муҳаббат ба меҳнат ва дар фаҳму дарки онҳо пайдо намудани шавқу ҳавас нисбат ба касбу кори одамон мусоидат намуда, дар ҷараёни дарс гузаронидани бозиҳои нақшдор ба манфиати омӯзиш ва тарбия мебошад.

Сафарҳои хаёлӣ ба минтақаҳои гуногуни диёр, лаби дарё, боғ,

саҳрои пахтазор дар ҳамбастагӣ ба фаъолияти бозӣ шавқу ҳаваси хонандагони хурдсолро ба дарс, хосса ба омӯзиши фанни забони модарӣ афзун намуда, имконияти фарогирии маводро бештар сохта, хасташавиро рафъ менамояд ва ҷараёни омӯзишро осон мегардонад.

Бозиҳои дидактикӣ аз рӯйи хусусияташон як намуди таълим буда, дар онҳо ҳамаи қисмҳои таркибии хоси фаъолияти бозии кӯдак вуҷуд дорад: вазифа, мазмун, ҳаракатҳои бозигӣ, қоидаҳо ва натиҷа. Лекин онҳо дар дигар намуд ошкор шуда, бо нақши махсуси бозии дидактикӣ дар таълиму тарбияи кӯдакони сини томактаби асоснок карда шудаанд. “Дар синни 6-7-солагӣ дар кӯдак давраи ивазшавии намуди асосии фаъолият – гузориш аз бозиҳо ба таълими бефосила сар мешавад” [332, с. 108].

Масалан, дар дарсҳои ҳамгирои забони модарии синфҳои ибтидоӣ лаҳзаҳои бозиҳои дидактикӣ шаклан ва мазмунан хеле гуногун, шавқангез, пурмазмуну самарабахш буда метавонад. Аз ҷумла:

а) иваз кардани овозу ҳарф дар калима (санг, нанг, ранг, ҷанг, занг, ланг...);

б) аз ҳарфҳои калимаҳо истифода карда, сохтани калимаҳои нав

(рӯбоҳ: роҳ, рӯ, бӯр, об, бор, ор, оҳ, обрӯ...);

в) бо тағйири калима хондани ҷумла (вақти хонаравӣ шуд – вақти хонарӯбӣ шуд...);

г) бозӣ-нақшофарӣ;

ғ) бозӣ-рақампарда ва монанди онҳо.

Масалан, кӯдакон баъд аз омӯхтани ҳикояи “Модар” (синфи 4) ба ҳарфҳои калимаи “**модар**” рақам мемонанд: [96, с.179].

**м-1, о-2, д-3, а-4, р-5,** Дар натиҷа онҳо рақами яклухти 12345-ро ҳосил намуда, тахти рақампардаи 12345 аз ҳарфҳои калимаи “**модар**”калимаи “мо” ва “дар” ҳосил мекунанд. Шогирдон ин бозиро давом дода, калимаҳои “дор”, “мор”, “ мард”, “дард”, “мадор” ва

ғайраро пайдо карда, ба шавқ меоянд ва аз ин бозёфташон рӯҳбаланд мешаванд. Онҳо мефаҳманд, ки ҳарфҳо дар калимаҳо ҷойи худро дошта, дар сохтани калимаҳо, ҷумлаҳо ва офаридани нутқ фаъолона иштирок мекунанд.

Хонандагон бо ин "кашфиёт"-и худ ҷустуҷӯ ва асроркушоӣ карда, ба шавқу завқ аз уҳдаи супориш мебароянд. Ин амал ба ҷунбиши тафаккури хонандагон замина гузошта, шавқу рағбати маърифатҷӯйии онҳоро рушд мебахшад. Барои анҷоми ин кор роҳу воситаҳои шавқангез, ҳайронкунанда, ба "кашфи асрор"-и таълимии сафарбаркунанда муҳимтаранд, ки боиси рушди бонизом, пайдарҳам ва ҳамаҷонибаи маънавӣ ва ҷисмонии кӯдак мегардад.

«Бозӣ шакли мустақили фаъолияти одамон аст, ки ин ё он ҳолатҳои амалиро тақлид медиҳад, яъне яке аз усулҳои фаъол гардонидани ҷараёни таълим мебошад» [84, с.48].

Пеш аз гузаронидани бозӣ муошират ва фаҳмондани қоидаҳои бозӣ шарти асосӣ буда, вобаста ба фанни таълимӣ (ба монанди дарсҳои забони модарӣ, забони русӣ, забони англисӣ ва ғайра), бо ҳамон забон ташкил карда гузаронидани бозӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Бозидани нақши қаҳрамонҳои асарҳои бадеӣ беҳтарин воситаи омӯзишу парвариш дар синфҳои ибтидоӣ дониста шуда, омӯзгор тавассути он дар ҷараёни таълим вазифаҳои асосии методиро амалӣ менамояд. Чунончи:

- омодагии равонии хонандагон ба нутқи мураттаб;
- таъмини табиии такрори пайвастаи маводи зарурии забон;
- тамрини дурусти талаффуз, ки тайёрӣ ба фаъолияти нутқ мебошад [166, с.94].

Дар раванди дарсҳои заабони модарӣ ташкил намудани баҳсу мусоҳибаҳои гуногун, ки барои инкишофи қобилияти зеҳнию нутқии

хонандагон мусоидат менамоянд, зиёданд. Масалан, ҳикояти «Хирс ва рӯбоҳ». Забони модарӣ барои синфи 1 [33, с.14]:

Рӯзе хирсу рӯбоҳ ба ҳам нишаста, дар бораи моҳҳо баҳс карданд:

– Як сол дувоздаҳ моҳ аст – гуфт рӯбоҳ: январ, феврал, март, апрел, май, июн, июл,август,сентябр, октябр, ноябр, декабр.

– Не, ҷӯраҷон, надонистӣ, – розӣ нашуд хирс. – Як сол ҳафт моҳ аст: апрел май, июн, июл, август, сентябр ва октябр. Ман дар умрам ноябру декабр, январу февралу март барин моҳҳоро намешиносам.

Савол: Бачаҳои азиз, хирс чаро чунин гуфт?

Дар бозӣ ҳар як хонанда кӯшиш мекунад, ки тавассути фаъолона иштирок намудан мавқеъ ва муносибати худро нишон диҳад.

Мавриди муҳокимаи натиҷаи фаъолияти мустақилонаи омӯзишии кӯдакон ҳангоми самаранок гузаронидани бозиҳои дидактикӣ ҳаракат ва амали ашё, ламс, бӯй, маза, инчунин, принсипи аёният дар таълим бараъло аён мегардад.

Бозиҳои дидактикӣ раванди таълимро шавқовар ва иҷрои он диққати хонандаро ба омӯзиш ҷалб намуда, ҷиҳатҳои рушди маърифатии шахс – кунҷкобӣ, эҷодкорӣ, зиракӣ, ҳозирҷавобӣ, ҳавасмандии хонандагонро ҳангоми дарс таъмин менамоянд. Омӯзгор дар ташкил ва гузаронидани бозиҳо нақши асосиро бозида, фаъолияти якҷояи омӯзгору хонанда эътиқод ва обрӯю нуфузи омӯзгорро байни хонандагон мустаҳкам намуда, барои иҷрои фаъолиятҳо аҳли синфро муттаҳид менамояд.

Дарси бозиҳои дидактикиро ба мазмун, мақсаду вазифаҳои зайл, ки ҳолати тағйирёбанда доранд, бахшидан мумкин аст:

- дар нақшҳо бозидани мазмуни лаҳзаи дарс, ёфтани нақшҳо аз ҷониби хонандагон, муайян кардани иштирокдорони асосӣ ва дуюмдараҷа, мусбат ва манфӣ, муқоисаи дунёи ботинии нақш бо ҳаёти атрофиён ва шахсии худ;

- ҷуста ёфтани маънои нотамом, ҳарф, калима, ибора, ҷумла ва мисраъҳои партофта, иваз кардани онҳо, мувофиқи мантиқи солим, муқобили онҳоро ёфтан, дар рақампарда ёфтани калимаҳои пинҳон ва ғайра;

- “бозӣ тасаввур”: тасаввур кардани вазъияту эпизодҳо, амалу хосияти онҳо, вазъияти рӯҳӣ, ҷисмонӣ, ивази вазъияти мусбат ба манфӣ ва баръакс;

“бозӣ тасвир”: тасвири симоҳо дар қоғаз (ҳолати рӯҳӣ, амалиёт, ҳодисаю воқеа) чӯб, тахтаи синф, пластелин, гил ва ғайра;

“суханбозӣ” (байтбарак, чистонгӯяк, тезгӯяк, тақлиди овозӣ бо услуби гуфтори одамон, паранда, ҳайвонот, садоҳои табиат), ки эҷоду тахайюлоти кӯдаконро рушд медиҳад” [304, с.456].

Барои бомуваффақият ва самаранок гузаронидани бозиҳои дидактикӣ, аз ҷумла, хондани шеъру хикояҳои кӯдакони синф ва баҳодиҳии худи кӯдакон ба эҷодашон омӯзгорро лозим аст, ки шахсияти ҳар як хонандаро хуб донад ва ба ҳар яки онҳо тарзу усулҳои муносибати фардӣ намуданро ҷустуҷӯ намояд. Чунки ҳангоми аз як фаъолият ба фаъолияти дигар гузаштан, яъне аз фаъолияти таълимӣ ба фаъолияти бозӣ гузаштан ё баръакс аз фаъолияти бозӣ ба фаъолияти таълимӣ гузаштан, бояд маҳорати кор карда баромадани тарзу усулҳои гуногунро дар лаҳзаҳои мувофиқ таъмин намояд.

Аз ин рӯ омӯзгор бояд:

- дарсро шавқовару хотирмон ташкил кунад;

- дар фаъолияти таълимии худ ба якрангии ҷараёни таълим роҳ надиҳад;

- мафҳумҳои назарӣ (абстрактӣ)-ро мушаххас созад;

- талаботи равонии шогирдони хурдсолро тавассути кор бо мантҳои бадеӣ, афсона, ривоятҳо қонеъ гардонад;

- робитаи мантиқиро миёни донишҳо мустаҳкам гардонад;

- истифодаи салоҳиятҳо ва донишҳои азхудшударо, ки боиси рушди кунҷковӣ ва фаъолияти эҷодӣ мегарданд, таъмин намояд.

Педагог А.И.Сорокина қайд мекунад, ки мафҳуми бозии дидактикӣ дар он аст, ки кӯдакон вазифаҳои ақлониеро ҳал мекунанд, ки ба онҳо ба тариқи шакли бозии шавқовар пешниҳод шудаанд, худашон қарор мебароранд ва мушкилоти муайянро бартараф мекунанд. Кӯдак вазифаи ақлониро ҳамчун бозии таҷрибавӣ қабул мекунад, ин фаъолнокии ақлонии вайро баланд мекунад [270, с.83].

Бозиҳои дидактикӣ дар китобҳои дарсии забони модарии синфҳои ибтидоӣ ба таври васеъ пешниҳод гардидаанд. Омӯзгор метавонад бо истифода аз маводи китоби дарсӣ бозиҳои дидактикиро эҷодкорона ва самаранок гузаронад. Чунончи, ҳикояи «Нӯшервони Одил ва пири боғдор» Забони модарӣ барои синфи 3 [19, с.243]

а) Омӯзгор кӯшиш мекунад, ки хонандагон баъди хондани ҳикоя ба нозукиҳои калима, ҷумла, тарзи гуфтори онҳо, маънои саволу ҷавоби Шоҳ ва пири доно сарфаҳм раванд.

б) Матни ҳикоя:

Нӯшервони Одил ба сафар баромад. Ӯ пирамардеро дид, ки чормағз мекошт.

Нӯшервон бозистод ва ба пирамард гуфт:

– Эй пир, магар ту аз деҳқонӣ хабар надорӣ? Шунидаӣ, ки дарахти чормағз баъд аз сӣ сол мева медиҳад? Ту аз ин дарахт чӣ фоида хоҳӣ дид?

– Пир гуфт:

– Шоҳо, дигарон коштанду мо хӯрдем, мо бикорем, дигарон хӯранд.

– Ин ҷавоби пир ба Нӯшервон хуш омад ва гуфт:

– Зеҳ!

Ҳар вақт Нӯшервон ба касе «зеҳ» гуфта таҳсину офарин мекард, хазинадораш ҳамон одамро як ҳазор ашрафӣ медод. Чун пир пулро

гирифт, хандиду гуфт:

– Шоҳо, шумо гуфтед, ки дарахт баъди сӣ сол мева хоҳад дод. Ҳол он ки аз шарофти адли шумо ин дарахт ҳамин соат мева дод.

Нӯшервон боз гуфт:

– Зеҳ!

Хазинадор ҳазор ашрафии дигар дод.

Пир боз гуфт:

– Ҳар дарахте соле як бор мева медиҳад. Ин дарахти ман дар як замон ду бор мева дод.

Нӯшервон хандон шуд ва гуфт:

– Зеҳ!

Хазинадораш як ҳазор ашрафии дигар дод ва гуфт:

– Биронед, ки ин пирак хазинаи моро холӣ кард.

*Зайниддин Восифӣ*

1. Хонандагон ин ҳикояро дар нақшҳо бозӣ мекунанд:

а) ҷумлаҳои 1,2,3-ро хонандае ҳамчун муаллиф мехонад:

«Нӯшервони Одил ба сафар баромад. Ӯ пирамардеро дид, ки чормағз мекошт.

Нӯшервон бозистод ва ба пирамард гуфт:»

б) се ҷумлаи минбаъда (4,5,6)-ро хонандае аз номи шоҳ бо овози шоҳ тақлидкунон мехонад: «– Эй пир, магар ту аз деҳқонӣ хабар надорӣ? Шунидаӣ, ки дарахти чормағз баъд аз сӣ сол мева медиҳад? Ту аз ин дарахт чӣ фоида хоҳӣ дид?»

Иҷрои ин нақш тафаккури ҷӯяндагии хонандагонро ба ҳаракат даровардa онҳоро ба фикр кардан водор мекунад.

в) Хонандаи сеюм, ки нақши пири доноро иҷро мекунад, ба пири доно тақлидкунон ҷумлаҳои 7,8-ро мехонад:

– Шоҳо, дигарон коштанду мо хӯрдем, мо бикорем, дигарон хӯранд».

Хонандагон ба андеша фурӯ мераванд, ки ба саволи шоҳ марди пир чӣ ҷавоб медода бошад. Аммо диққати хонандагонро бомаърифатӣ ва ҳозирҷавобии пири доно ба худ ҷалб мекунад.

г) ҷумлаи дигарро хонандае ҳамчун муаллиф мехонад ва маънии «зеҳ!»-ро шарҳ медиҳад.

Ин ҷавоби пир ба Нӯшервон хуш омад ва гуфт:

–Зеҳ!

Ҳар вақт Нӯшервон ба касе «зеҳ» гуфта таҳсину офарин мекард, хазинадораш ҳамон одамро як ҳазор ашрафӣ медод»

ғ ) Хонанда аз номи муаллиф идома медиҳад:

Чун пир пулро гирифт хандиду гуфт:

д ) Хонандаи дигар аз номи пир мегӯяд:

– Шоҳо, шумо гуфтед, ки дарахт баъди сӣ сол мева хоҳад дод. Ҳол он ки аз шарофати адли шумо ин дарахт ҳамин соат мева дод.

Ҷавобҳои додаи пири доно хонандагонро хушҳол карда, дар онҳо қунҷковӣ, ҳизирҷавобӣ ва эҷодкориро тарбия мекунад.

е) Ҳамин тариқ, хонандагон бо навбат идомаи ҳикоятро дар нақшҳо иҷро мекунанд:

Хонанда – подшоҳ: – Зеҳ!

Хонанда – муаллиф: Хазинадор ба пири доно ҳазор ашрафии дигар дод.

Пир боз гуфт:

Хонанда – пир: – Ҳар дарахте соле як бор мева медиҳад. Ин дарахти ман дар як замон ду бор мева дод.

Хонанда – муаллиф: Нӯшервон хандон шуд ва гуфт:

Хонанда – подшоҳ: – Зеҳ!

Хонанда – муаллиф: Хазинадораш як ҳазор ашрафии дигар дод ва гуфт:

Хонанда – хазинадор: – Биронед, ки ин пирак хазинаи моро холӣ

кард.

2. Тасаввур кунед:

а) пири боғдор пас аз шунидани саволҳои Нӯшервони Одил чормағзшиноniро хотима дод;

б) Нӯшервони Одил ба пири боғдор таҳсину офарин хонд;

Тасвир кунед:

а) ба сафар баромадани шоҳ (шоҳ, либосҳои шоҳона, зину асп, ду-се нафар ҳамроҳони шоҳ ва ғайра.

б) боғбон, ниҳол ва дигар ашёи лозимӣ.

в) Суҳбати шоҳ бо боғбон ва ғайра

Оид ба таълими ҳамгиро олимони соҳаи педагогика, методика ва муаллифони китобҳои дарсӣ андешаронӣ намуда: Лутфуллоев М., Шарифзода Ф., Абдуллоев И., Байзоев А.,Сабуров Х., Шарифов Э., Ниёзов Ф., Зиёев М., Қурбонов Р., Қодиров Қ., Алиев А.Б., Белянкова Н.М., Безруков В.С., Берулаева Н.М.,Пуайлова М.А.,Сухаревская Е.Ю. дар асарҳои методии худ моҳият ва зарурати таълими ҳамгирои забони модариро зарур шуморидаанд. Дар шароити таълими ҳамгироии забони модарии синфҳои ибтидоӣ бозиҳои дидактикӣ ҳамчун лаҳза ё унсури дарс нақши муҳим доранд. Чунки бозиҳои дидактикӣ барои рушди неруҳҳои зеҳнӣ, ақлӣ, фикрӣ ва хотираи кӯдакон хеле муносибу мувофиқ буда, ба талаботи кӯдакони синни хурди мактабӣ мувофиқ мебошанд. Масалан, Л.С.Виготский қайд мекунад, ки «…ба таҳқиқи масъалаҳои тафаккур ва нутқ, дараҷаи инкишофи фикр дар натиҷаи таъсири атроф бо ҳамдигар вобастагӣ доранд. Инкишофи нутқ ва тафаккур дараҷаи олии инкишофи кӯдак ба шумор меравад» [60, с.62].

Бозӣ шавқу ҳаваси маърифатҷӯйӣ ва донишандӯзии хонандагони хурдсолро афзун намуда, мафҳумҳои мушкилу мураккабро барояшон дастрасу мушаххас мегардонад.

Дар раванди дарсҳо бештари омӯзгорон аз хонандагон аз ёд гуфтани қонуну қоидаи махсуси фанро талаб менамоянд. Бештар ба он

эътибор медиҳанд, ки хонанда дониши пешниҳодкардаи омӯзгорро ба худи ӯ бозгӯй кунад, бо ахбори зиёд хонандаро мусаллаҳ карданӣ мешаванд. Вале хеле кам кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки фикри хонанда, ҷаҳонбинии ӯ инкишоф ёбад. Омӯзгори имрӯза бояд эҷодкор ва илҳомбахши шогирдонаш бошад.

Дар бозӣ вуҷуд доштани вазифаи шавқовар, ки ҳалли онҳо кӯшиши ақлониро талаб кунад ва бартараф кардани баъзе мушкилиҳоро дошта бошад, ҳатмист. А.С.Макаренко чунин гуфта буд: «Бозӣ бе кӯшиш, бе фаъолияти фаъол бозии бад мебошад» [196, с.262].

Бо назм фаҳмонидани моҳияти аломатҳои китобат хотираи шогирдонро қавӣ мегардонад. Ҳар порчаи доир ба ин ё он аломати китобат мансуббуда ба тафаккур ва зеҳни хонандагон рушд бахшида, онҳоро ба фикр кардан водор менамояд. Аз ин рӯ, ба тарзи навишт ва ҷойи гузоштани онҳо аҳаммият додани хонандагон ниҳоят зарур аст.

Намунаҳо доир ба омӯзиши аломатҳои китобат дар назми бачагона:

а) Он чист ҳар чизеро
Аз ҳам намояд ҷудо?
Ҷудо карда, валекин
Худаш мемонад танҳо.
Ба афташ як назар кун
Калакалону каҷпо
**(Аломати вергул)**

б) Найза ба каф ситода,
Кораш ҳамеша фармон.
Гоҳ аз ғазаб меғуррад,
Гоҳ хуррам асту шодон.
Ба дилҳо дорад асар,
Ки мегӯяд, ки чист он?
**(Аломати хитоб)**

в) Ба ҳар куҷо, ки тираш
Расад, наҷунбад дигар.
Пас аз он ҳарчи ояд,
Мегузарад бо ҳазар,
Худро канора карда,
Тоҷ гузорад ба сар.

**(Аломати нуқта).**

г) Ду ханҷар дорад ба каф,
Ду ханҷари безарар.
Аз пешу пас қаровул.
Ду экизак – бародар.
Ба ҳар куҷо, ки бинишаст.
Маънӣ намояд дигар

**(Аломати нохунак)**

д) Ба дос монанд аст он,
Бо гардани каҷи худ.
Илоҷашро биёбӣ,
Мегардӣ шоду хушнуд.
Чу гаштӣ мағлуб аз он
Дар ҳиҷолат монӣ зуд. **(Аломати савол)**

Бозиҳои дидактикӣ ва нақши онҳо дар иҷрои фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ, махсусан, байтбаракҳо дорои аҳаммияти таълимию тарбиявӣ буда, дар рушди зеҳн ва нутқии хонандагон нақши муҳим мебозад. Ташкил ва гузаронидани байтбаракҳо шавқи шеърхонӣ ва шеъразёдкуии хонандагонро дучанд карда, хотира, тафаккур ва зеҳну нутқи онҳоро фаъол мегардонад.

**“Байтбарак”**

Дар ин бозӣ ду нафар хонанда нақши асосиро иҷро карда, хонандагони дигар довар мешаванд. Тартиби иҷрои бозӣ чунин аст:

омӯзгор дар кафи дасташ ягон чизи хурдакакро пинҳон мекунад. Аз ду нафар хонандае, ки дар бозӣ иштирок мекунад, ҳамонаш аввал шеър мехонад, ки чизи пинҳонкардаро аз дасти омӯзгор ёфта бошад. Баъд, бо навбат тибқи қоида ба шеърхонӣ шуруъ мекунанд.

Хонандаи 1: Барфи фаровон борид,
Барфи дурахшон борид.

Хонандаи 2.Деҳа надорад ором,
Аз субҳ то дами шом.

Хонандаи 1. Мепарастам нони гандум,
Хӯшаҳои дони гандум.

Хонандаи 2. Мактабам, ба ту дод илму одоб,
Мактабам, ба ту дод дурри ноёб.

Дар ин бозӣ хонандае ғолиб дониста мешавад, ки шарикаш дар ҷавоб гардонидан оҷиз монад.

**Кадом қатор бо ҳарфи "ӣ" бештар калима месозад**?

Намуна:

| **Қатори I** | **Қатори II** | **Қатори III** |
|---|---|---|
| моҳӣ | тӯтӣ | водӣ |

(калимаҳо барои интихоб: бачагӣ, хурдӣ, некӣ, хубӣ, бадӣ, ҳавлӣ, ҷорӣ, тозагӣ, гармӣ, сардӣ, хунукӣ, сабзӣ, сиёҳӣ, сурхӣ, шоҳӣ ва ғайра).

**2. Бозиҳои луғавӣ.** Ин намуди бозиҳо бо мақсадҳои зерин гузаронида мешаванд:

- мусоидат ба фарогирии номи ашёи муҳити атроф (зам шудани исмҳо дар нутқи хонандагон);

- мусоидат ба фарогирии ҳаракат ва амали ашё (зам шудани феълҳо дар нутқи хонандагон);

- тарбияи маҳорати ҷудо намудан ва гуфтани хусусиятҳои хоси ашё (зам шудани сифат дар нутқи хонандагон);

- мусоидат намудан ба зам шудани шумораҳо, ҷонишинҳо, пешояндҳо ва ғайра дар нутқи хонандагон.

Намунаҳо барои бозиҳои луғавӣ:

**«Расмро интихоб намо».**

Дар рӯйи миз дар назди ҳар як хонанда чандтой расмро мегузоред. Расмҳои он чизе, ки хонандагон онҳоро медонанд (ба монанди расмҳои китоб, дафтар, коса, чойнак, себ ва ғайра).

Омӯзгор ҷумларо мегӯяд, хонандагон бошанд, расмҳоро бардошта нишон медиҳанд. Яъне, хонанда расми ҳамон чизеро нишон медиҳад, ки дар ҷумла сухан дар бораи он рафта бошад. Масалан, омӯзгор мегӯяд: «Дар кӯза об оварданд». Хонандагон расми кӯзаро нишон медиҳанд. Дар ин бозӣ хонандае ғолиб меояд, ки номи чизҳои дар расм омадаро аз ҳама пештар бехато номбар мекунад.

**«Калимаи зиёдатиро ёбед»**

Хонандагон ба якчанд (2 ва ё 3) гурӯҳ ҷудо мешаванд. Супориш чунин аст: аз байни калимаҳои хондаи омӯзгор калимаи зиёдатиро ёбед. Омӯзгор бояд калимаҳоро мувофиқи мавзуъ ва мақсади дарс интихоб намояд. Масалан, ҳангоми мустаҳкамкунии мавзуи сифат калимаҳои ифодакунандаи аломат ва хусусияти ашёро номбар карда, дар байни онҳо калимаеро мегӯяд, ки хоси сифат набошад. (Зебо, хурдакак, баланд, калон, Моҳрӯ, кӯтоҳ, **чӯб**, сафед, паст, ширин, **сабзӣ,** бомаза, дилрабо, **себ**, гарм, сурх ва ғайра).

Омӯзгор метавонад ин калимаҳоро ба таври хаттӣ низ пешниҳод намояд, зеро баъзе калимаҳо аз ҷиҳати маъно, оҳанги талаффуз ва тарзи навишт аз як ҳиссаи нутқ ба ҳиссаи нутқи дигар мегузаранд. Ғолиб ҳамон гурӯҳе мешавад, ки тезтар калимаи заруриро меёбад.

**Бозии «Аз ду калима сохтани як калима»**

Дар ин намуди бозӣ калимаҳои сутунчаи якумро бо калимаҳои сутунчаи дуюм пайваста калимаҳои дигар месозанд.




**«Бинго»**

Барои гузаронидани ин бозӣ варақаҳо аз маводи нодаркор, яъне аз қуттиҳои зиёдатӣ сохта мешаванд. Ташкил кардани ин бозӣ фардӣ ва ё дар гурӯҳҳои 2-нафара хеле шавқовар аст, чунки кӯдак кӯшиш мекунад, ки фаъол бошад ва дигар кӯдакони сустхон ҳам ба ин фаъолият ҷалб мешаванд, яъне онҳо аз якдигар меомӯзанд. Барои гузаронидани бозӣ сангча ё тугмачаҳоро истифода бурдан мумкин аст.

| | | | |
|---|---|---|---|
| ма | сул | хо | ла |
| ра | на | то | ло |

Равиши бозӣ чунин аст, омӯзгор ҳиҷоҳоро номбар кардан мегирад. Хонандагон дар ҳамин маврид бояд болои хоначаеро, ки дар он ҳиҷои лозимӣ ифода ёфтааст, бо сангча, тугмача ё коғаз пӯшонанд. Ин бозиро ҳангоми таълими ҳарфҳо, калимаҳо ва ҷумлаҳо низ гузаронидан мумкин аст.

Бозии **«Бо тарҷумон»**

Мақсади бозӣ: бой гардонидани захираи луғавии хонандагон. Бозӣ ба монанди суҳбати ду нафар хонанда бо ёрии тарҷумон гузаронида мешавад. Ба назди тахтаи синф 3 нафар хонанда мебароянд. Ду нафар ба якдигар саволу ҷавоб менамоянд ва дар рафти саволу ҷавоб калимаҳоеро истифода мебаранд, ки муродифҳо (синонимҳо, калимаҳои ҳаммаъно)-и зиёде доранд. Вақте ки яке аз иштирокчиён муродифи калимаеро намедонад, ба тарҷумон муроҷиат менамоянд. Дар дасти тарҷумон навиштаҷоти калимаҳои ҳаммаъно дода мешавад. Нафаре, ки бе тарҷумон муродифҳоро меёбад, ғолиби мусобиқа мешавад.

**«Ҷумласозӣ».**

Ду гурӯҳи ҳар яке иборат аз 5-6 хонанда рӯ ба рӯйи тахтаи синф саф мекашанд. Бо ишораи омӯзгор нафарҳои якум давида рафта дар тахтаи синф ягон калимае менависанд ва баргашта омада бӯрро ба рафиқаш, яъне нафари дуюм медиҳад. Ин хонанда баъд аз рафиқаш калимаи дигаре менависад. Ҳамин тавр, то тамом шудани аъзои гурӯҳҳо бо навбат ин амалро иҷро мекунанд. Ғолиби мусобиқа ҳамон гурӯҳе мешавад, ки калимаҳои навиштаашон як фикри том – ҷумларо ташкил намоянд. Бозӣ ба таври мусобиқа гузаронида мешавад. Барои иҷрои бозӣ 2-3 дақиқа ҷудо карда мешавад.

(Лола: 1) Шариф; Шаҳло: 2) китоби; Наргис: 3) нави; Суман: 4) афсона; Зебо 5) харид. Яъне, Шариф китоби нави афсона харид.

**«Ҷумларо пурра намо!»**

Омӯзгор ба хонандагон ҷумлаи нопурраеро пешниҳод намуда, хоҳиш менамояд, ки онро пурра намоянд. Ғолиб хамон нафаре мешавад, ки калимаи охирини ҷумларо гӯяд ва ҷумларо аз аввал то охир дуруст ва бехато бихонад: Мисол: Ин хона …… Ин хонаи калон……, Ин хонаи калон, равшан…. Ин хонаи калон, равшан ва зебо мебошад.

**«Агар ман…»**

Бозии мазкур барои ташаккули нутқи шифоҳии кӯдакон мусоидат менамояд ва онро дар давра гузаронидан мумкин аст.

Шарти бозӣ:

Кӯдакон дар як давра ҷамъ меоянд ва бо навбат ҷумлаи додашударо ба итмом мерасонанд. Барои ин бозӣ мавзуъ бояд пешакӣ интихоб карда шавад, яъне кӯдакон бояд донанд, ки сухан дар бораи чӣ меравад. Масалан, «Агар ман омӯзгор мебудам, ба кӯдакон хуб дарс медодам” ва ё “Агар ман шер мебудам, ба ҳайвонҳои дигари лоғар кумак мерасонидам» ва ғайра. Ба итмом расонидани ҷумла ба эҷодкории кӯдакон вобаста аст.

**«Ман ба ту монанд»**

Истифодаи бозии мазкур ба кӯдакони синфҳои ибтидоӣ барои ташаккули нутқи шифоҳӣ, муайян намудани монандӣ ва фарқи ашё муфид аст.

Шарти бозӣ:

Бозии мазкур дар давра гузаронида мешавад. Баранда бозиро оғоз намуда, ба як нафар хонанда муроҷиат менамояд: «Ман ба ту монанд, барои он ки ту ба мисли ман либоси сафед дорӣ». Ҳар кӯдаки дар давра нишаста метавонад бо навбат аломатҳои ба ҳам монанди худро, чи дар симо ва чи дар либоси ҳамдигар, нишон диҳад.

**«Чӣ парид?»**

Бозии мазкурро дар дарсҳои забони модарӣ, табиатшиносӣ ва тарбияи ҷисмонӣ гузаронидан мумкин аст. Он барои фарқ кардани ҳайвонҳо ва парандагон ва дигар ашё кумак мерасонид.

Шарти бозӣ:

Омӯзгор дар оғози бозӣ шеърero қироат мекунад:

Чӣ парид, булбул парид?
Аз шохчаи гул парид,
Аз чанор лаклак парид,
Лаб-лаби ҷӯйҳо парид.
Сӯзанак боло парид,
Он чӣ бисёртар парид,
Ҳар чи қанотдор парид...

Баъд аз ду маротиба хондани шеър, омӯзгор ба ҳонандагон шарти бозиро мефаҳмонад. Ӯ ба хонандагон номҳои паранда ва ҳайвонотро номбар мекунад. Хонандагон бояд ҳангоми шунидани номи парандаҳо дастҳояшонро боло бардоранд. Дар мавриди шунидани номи дигар ҳайвонҳо дастҳоро бардоштан лозим нест. Агар кӯдакон дастҳояшонро ногаҳон нодуруст бардоранд, бозиро давом медиҳанд. Агар чунин ҳолат якчанд бор такрор шавад, кӯдак суруд ё шеър мехонад.

Бозиҳоро аз рӯйи тарзи иҷро ба ду гурӯҳ ҷудо менамоем:

1) Бозиҳои шифоҳӣ
2) Бозиҳои хаттӣ.

Ба гурӯҳи бозиҳои шифоҳӣ ин намуди бозиҳо дохил мешаванд:

**«Калимаро пурра намоед»**

Ин намуди бозӣ аз он иборат аст, ки омӯзгор ё хонандае ҳиҷои аввали калимаро мегӯяд. Хонандае, ки ҳиҷои дигари калимаро ёфта, онро пурра мекунад, ғолиби ин намуди бозӣ мегардад. Масалан, агар ҳиҷои аввал **фа-** бошад, ҳиҷои дуюм ин тавр шуданаш мумкин: -лак, -қир, -тир: **фа-лак, фа-қир, фатир** ва монанди инҳо.

**«Калимаёбак»**

Дар ин намуди бозӣ омӯзгор ҳарфҳои аввал ва охири калимаҳоро мегӯяд. Худи калимаҳоро бачаҳо меёбанд. Масалан, ҳарфи аввал «м», ҳарфи охир «р». Бачаҳо мегӯянд: «модар», “мӯр”, “мор” ва ғайра.

**«Кӣ бештар калима мегӯяд»**

Дар ин намуди бозӣ 2 нафар иштирок мекунанд. Иштирокчиён аз алифбо ҳарферо интихоб намуда бо он калима мегӯянд.

Масалан, бо ҳарфи «б» хонандаи якум мегӯяд: “баҳор”, хонандаи дигар мегӯяд: “борон”, хонандаи якум мегӯяд: ”барра”, хонандаи дуюм мегӯяд: “буз”. Ҳамин тавр, кадоме аз онҳо дар охир калима наёбад, мағлуб мешавад. Ин намуди бозиро омӯзгор метавонад дар давраи таълими савод ҳангоми омӯзонидани овоз ва ҳарфҳо гузаронад.

**«Ин кист?»**

Дар ин намуди бозӣ 2 ё 3 нафар иштирок мекунанд. Шарти бозӣ чунин аст: хонандагон бояд номи ашёро аз рӯйи амали онҳо муайян намоянд ё баръакс аз рӯйи ном амали онро муайян кунанд.

Масалан, хонандае (саволдиҳанда) мепурсад: Кӣ месарояд? Кӣ кор мекунад? Кӣ меомӯзад? Кӣ меомӯзонад? Кӣ табобат мекунад? Кӣ табобат меёбад? Кӣ парвоз мекунад? ва ғайра. Хонандаи дигар

(ҷавобдиҳанда) бояд баробари ҳар як пурсиш ҷавоб гӯяд. Ҳангоми бе ҷавоб мондани савол ҷавобгӯянда мағлуб мешавад. Омӯзгор метавонад ин бозиро дар ду гурӯҳ низ гузаронад. Яъне, як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар савол медиҳад.

«**Бозӣ – чистон**»

а) Муродифи калимаи овозро ёфта, ба он номи мевае илова намоед. Он чист? (садонок).

б) Агар ба муродифи калимаи овоз пешванди «ҳам» гузоред, он гоҳ калимаи муқобилмаънои садонок ҳосил мешавад. Чист он? (ҳамсадо).

**«Ёфтани ашё»**

Бозии мазкур барои ташаккули мушоҳидакории кӯдакон пешбинӣ шудааст.

Шарти бозӣ:

Барандаи бозӣ тамоми хонандагонро дар як давра ҷамъ меоварад. Яке аз иштирокчиёнро аз синфхона мебарорад. Ба ӯ мефаҳмонад, ки аҳли синф ягон чизро пинҳон мекунанд. Ба хонандаи дар беруни синф буда вазифа супорида мешавад, ки ин ё он чиз ё касро меёбад. Дар вақти кофтуков иштирокчиён қарсак мезананд, бо наздик шудан ба ин ё он чиз овози қарсак баланд ва аз он ашё дур шудан овози қарсак паст мешавад.

Педагог-психологҳо назарияи бозиро ҳамчун шавқи ҳолӣ намебинанд, балки зарурати муҳимми ҳаётӣ медонанд. Бозӣ воситаи хориҷ кардану сарф намудани қувваи зиёдатии кӯдак мебошад, ки онро дигар намедонад дар куҷо сарф кунад, аз ин лиҳоз рӯ ба бозӣ меорад, ки он воситаи асосии сарфаи қувваи зиёдатии кӯдак мебошад.

**«Сохтани калимаҳо бо як садонок»**

Омӯзгор ба хонандагон мегӯяд, ки имрӯз садонокҳо ба дарс дер монданд. Танҳо ҳарфи «О» омадааст. Ҳоло фақат бо ҳамин ҳарф калимаҳоро менависем. Канӣ бинем, кадоме аз шумо бештар калима менависед. Омӯзгор метавонад ҳангоми омӯзонидани овоз ва ҳарфҳои

гуногун дар синфи 1-ум ва ҳангоми таълими мавзуи имлои садонокҳо дар синфи 2-юм ин бозиро истифода намоянд.

**«Ҳарфи аввали калимаро иваз намо»**

Омӯзгор дар тахтаи синф як калимаро менависад ва аз хонандагон мепурсад, ки агар ҳарфи аввали калимаро иваз намоем, чӣ гуна калимаҳои нав сохта метавонем.

Масалан, калимаи шона пешниҳод карда мешавад. Ҳарфи аввали ин калимаро иваз намоем, калимаҳои «хона, лона, дона, фона» ҳосил мешаванд.

**«Калимаёбӣ»**

Омӯзгор дар тахтаи синф ҳарфҳои аввал ва охири калимаҳоро менависад. Хонандагон мувофиқ ба ҳарфҳо калимаҳо месозанд.

Мисоли ҷадвали сохташуда: Намуна:




Омӯзгор ин намуди бозиро метавонад ба таври мусобиқа гузаронад. Барои иҷрои ин бозӣ 2-3 дақиқа вақт кифоя аст.

**Бозии «Худамро месанҷам»**

Ба се қисми тахтаи синф (вобаста ба мавзуи гузашта, масалан, имлои садоноки «ӯ») шаштоӣ калима менависем, ки дорои садонокҳои «у», «ӯ» бошад. Ба шогирдон таъкид менамоем:

Ба ҷойи нуқтаҳо ҳарфҳои мувофиқи «у» ва «ӯ» гузашта, дониши худро бисанҷед:

х…р…с З…ҳро Дилафр…з

к…ҳсор н…шдор… г…фт…г…

…сто дир…з ҳ…ҷ…м

**«Ҳиҷоҳои пароканда»**

Омӯзгор ба хонандагон ҳиҷоҳои парокандаро нишон медиҳад (аз рӯйи воситаҳои аёнӣ) ё худ онҳоро дар тахтаи синф менависад. Шогирдон кӯшиш менамоянд, ки аз рӯйи ҳиҷоҳои пароканда калимаҳо тартиб диҳанд. Намунаҳо:




**«Калиди калимаҳо»**

Шарти ин бозӣ чунин аст: Калимаи дилхоҳро гирифта, аз ҳарфҳои таркиби он калимаҳое тартиб диҳед, ки ин калимаҳо бо якдигар алоқаманд бошанд ва дар якҷоягӣ як ҷумлаи пурраро ташкил намоянд.

Масалан: **С**- **С**аид
**а**- **а**з
**н**-**н**азди
**ч**-**ч**ӯрааш
**о**-**о**мада
**б**- **б**уд.

**«Ребусҳо» ё «Сохтани калима»**

Барои ин бозӣ тахтаи синф ва бӯр кифоя аст. Омӯзгор дар тахтаи синф дар се сутунча ададҳоро менависад ва хонандагони синфро ба се гурӯҳ ҷудо намуда, аз ҳар се гурӯҳ як нафарӣ хонандаро ба назди тахтаи синф даъват менамояд. Шарти бозӣ чунин аст: хонандагон бо ададҳои додашуда калимаҳо (ребусҳо) месозанд, яъне калимаҳое месозанд, ки ҳиҷои аввалашон ифодакунандаи ҳамин ададҳо бошанд. Хонандае, ки пештар калима месозад ва калимаҳои сохтаашро мехонад, ғолиби мусобиқа дониста мешавад. Намунае чанд аз ин калимаҳо ё ин ки ребусҳо:

1-лухт 2-тор 2-беда 3-р 3-роб

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1-ранг | 2-гона | 2-байтӣ | 3-б | 3-бак |
| 1-дил | 2-шанбе | 2-редгар | 3-л | 3-ла |
| 4-мағз | 4-кунҷа | 4-а | 5-а | 5-рӯд |
| 4-тут | 4-дара | 4-китоб | 5-акент | 5-ара |
| 4-боғ | 4-гул | 4-як | 5-рӯд | 5-оҳ |
| 7-а | 10-лез | 10-марда | 30-тора | 30-но |
| 7-ранг | 10-он | 10-ана | 30-роҷ | 30-моб |
| 7-як | 10-й | 10-р | 30-там | 30-ёҳ |

ва монанди инҳо.

Ин намуди бозиро на танҳо дар дарсҳои забони модарӣ, дар дарсҳои математика низ истифода намудан мумкин аст. Истифодаи ин намуди бозӣ алоқамандии байни фанҳои забони модарӣ ва математикаро таъмин менамояд.

Ба ақидаи В. Н. Липник, «омӯзгор дар ҷараёни таълим бояд чизеро хабардор созад, ки роҳату манфиатро нишон диҳад; бояд ба дарсҳо бозиҳоро ворид кард, ки машқҳои фикрронӣ ба шавқу ҳавас ва бозӣ мубаддал гарданд.» [160, с.31].

Мақсади таълими забони тоҷикӣ дар синфҳои ибтидоӣ на барои донистани қоидаву қонунҳои грамматикӣ, балки барои инкишофи нутқи хонанда ва рушди фикрронии вай мебошад.

Вазифаи омӯзгор танҳо хабар додани ягон маълумот набуда, балки бо шогирдон якҷоя кашф намудани дониш, ташаккули малакаю маҳорат ва, ниҳоят, салоҳияти шахсияти замони нав аст. Омӯзгор ба хонандагон дониши тайёрро надода, балки ҳамроҳи аҳли синф дар ёфтани роҳи беҳтарини ҳал, ки он боиси инкишофи шахсият мегардад, ҳамкорӣ менамояд.

**Саёҳат** шакли махсуси ташкил намудани фаъолияти таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад, ки дар раванди он хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар шароити табиӣ бо ашё, ҳодисаҳои

табиат, фаъолияти меҳнатии одамон, ҳодисаю воқеаҳои иҷтимоӣ шинос мешаванд. Ташкилу гузаронидани саёҳат дар синфҳои ибтидоӣ аз синфи 1 оғоз гардида, он дар дохили худи бинои таълимӣ ва берун аз он баргузор мегардад. Вобаста ба имконияту зарурият барои хонандагон бозию машғулиятҳо дар хусуси гӯшаҳои китоб, табиат, утоқи кории ҳамшираи тиббӣ ва ошхона саёҳат ташкил карда мешаванд. Дар ҷараёни он бо ашё, ҷойгиршавии онҳо, меҳнати одамон шинос мегарданд. Вобаста ба мураккабшавии вазифаҳои таълиму тарбия саёҳати такрорӣ гузаронидан мумкин аст.

Бо хонандагон берун аз муассисаи таълимӣ ба кӯча, гулгашт, боғ, мағоза, мактаб, китобхона, театр, осорхона ва дигар марказҳои фарҳангию иҷтимоӣ саёҳат ташкил карда мешаванд. Дар рафти саёҳат дар бораи олами наботот, паррандаҳо, ҳайвонот, обу ҳавои маҳал ва тағйироти он, меҳнати одамон, ашё, биноҳои истиқоматӣ, маъмурӣ, фарҳангӣ, ҳодисаю воқеаҳои иҷтимоӣ, нақлиёт ва ғайраҳо маълумот дода мешавад.

Ҳангоми банақшагирии саёҳат омӯзгор бояд талаботи зеринро ба ҳисоб гирад:

- хонандагон дар рафти саёҳат ашё ва ҳодисаю воқеаҳои мушоҳидашавандаро ба пуррагӣ ба таври эҳсосотӣ дарк намоянд ва дар онҳо шавқу рағбати донистан, мушоҳида кардан ва кунҷкобӣ инкишоф ёбад;

- барои васеъ кардан ва такмили донишу тасаввуроти хонандагон ба объектҳо саёҳати такрорӣ гузаронида, тағйироту дигаргуниҳои онро дониста, донишҳои худро ҷамъбаст намоянд, хулосабарориро ёд гиранд.

- мазмун ва вазифаҳои таълимии саёҳат мунтазам мураккаб карда шуда, дар раванди он риоя намудани принсипҳои таълим таъмин гардад;

- дар ҷараёни саёҳат иҷро гардидани вазифаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳандагӣ амалӣ гардонда шавад.

1. Тайёрии омӯзгор ва хонандагон ба саёҳат. Тайёрии омӯзгор ба саёҳат аз онҳо иборат аст: муайян кардани мавзуъ, мақсад, вазифа ва вақти саёҳат, пешакӣ шинос шудан бо объект, интихоб намудани методу усулҳои истифодашаванда: мушоҳида, саволу ҷавоб, чистон, шеър ва вақти харҷшаванда ба роҳ.

Тайёрии хонандагон ба саёҳат, ин пеш аз ҳама, тайёрии психологӣ ба дидану донистани чизҳои нав ва алоқаманд карда тавонистани онҳо ба тасаввурот ва таҷрибаи пештара аст.

**2.** Рафти саёҳат лаҳзаҳои зеринро дар бар мегирад: дар шакли пурра дарк намудани объект (бино, боғ, гулгашт); ҷалб намудани диққати хонандагон ба кулл ва ҷузъҳои объекти мушоҳидашаванда бо ёрии саволу ҷавоб, нишон додан, хондани шеър, чистонгӯйӣ, муқоиса, монандкунӣ, фаҳмондадиҳӣ, шарҳу эзоҳ додан ва ғайра, ки рӯҳияи эҳсосотии хонандагонро таъмин менамояд.

**3.** Охири саёҳат ва ҷамъбасти он, ки донишу тасаввуроти хонандагон мустаҳкам ва хулоса карда мешавад. Бо саволгузорӣ ва пешниҳоди омӯзгор (кадом чизҳо ба шумо писанд омад, барои чӣ, чиҳо писанд наомад, барои чӣ, боз чиҳоро дидану донистан мехоҳанд ва ғайра) андешаронӣ менамоянд.

Омӯзгор метавонад вобаста ба мазмуни саёҳат корҳои зеринро ташкил намояд, ки ба фаъолиятҳои минбаъдаи хонандагон таъсири мусбат мерасонад:

- дар ҷойи намоён ба намоиш гузоштани маводе, ки дар рафти саёҳат ба даст овардаанд (ба монанди расмкашӣ-аксбардории якҷоя ҳангоми саёҳат, ҷалғуза, донагиҳо, сангчаҳои рангу шаклашон гуногун ва ғайра);

- дар машғулиятҳои таълимӣ, махсусан расмкашӣ, суробсозӣ, гулмонӣ, тартибдиҳӣ тасвир кардани образи ашёву ҳодисаҳои мушоҳидашударо ворид намудан. Масалан, кашидани расми боғ,

сохтани олотҳои меҳнат, бурида ширеш кардани чароғаки раҳнамо, аломатҳои роҳ, арчаи солинавӣ ва ғайра.

- аз маводи табии донагиҳо, чалғуза дар машғулиятҳои меҳнати дастӣ истифода бурда, дар бораи онҳо суҳбат гузаронидан. Дар машғулиятҳои ҷамъбастии семоҳа ва солона гузаронидани суҳбати такрорӣ-маърифатӣ ва ғайра;

- дар гӯшаи китобҳо ба намоиш гузоштани асарҳои бадеӣ, расмҳо, мусаввараҳо, албомҳо ки ба мавзуъ ва мазмуни саёҳат мувофиқат менамоянд;

-ташкилу гузаронидани бозиҳои дидактикӣ, сюжетӣ-дидактикӣ, сохтмонӣ-созандагӣ. Масалан, доир ба олоти меҳнат бозии дидактикӣ «Ба кӣ чӣ даркор?” (ба фӯрушанда, духтур, дӯзанда ва дигар одамони касбу кори гуногун)-ро ташкил кардан мумкин аст;

-бой намудани мазмуни бозиҳои сюжетӣ-нақшофарӣ дар мавзуъҳои «Мағоза», «Мактаб» ва ғайра.

# ХУЛОСАИ БОБИ ДУЮМ

Яке аз самтҳои марказӣ ва афзалиятноку муҳим, ки дар "Қонун дар бораи маориф" зикр гардидааст, дар рӯҳияи ахлоқи ҳамида, ҷалб намудани хонандагон ба арзишҳои ахлоқию маънавӣ, амалӣ намудани тарбияи миллӣ, дар рӯхияи ватандӯстию сифатҳои миллӣ ва ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ маҳсуб меёбад.

Самаранок ба роҳ мондани ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълиму тарбия барои ноил гардидан ба дониш, маҳорат ва малакаи зарурӣ марбут ба тарбияи миллӣ, фарҳангӣ ва расидан ба мақсадҳои олии таълиму тарбия заминаи устувор мегузорад.

Ҷалби хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ба рушди зеҳнии забон ва нутқи хаттию шифоҳии онҳо нақши муҳим бозида, асос мегузорад.

Ҳамзамон, истифодаи роҳ ва усулҳои таълиму тарбия, ки ба ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ вобаста мебошад, бояд омодасозии омӯзгорро ҳамчун симои асосӣ дар раванди омӯзиши воқеӣ ва ба насли наврас ба мерос мондани дониш, фарҳанг, ахлоқи ҳамида, ватандӯстию ифтихори миллӣ, ки бо адабиёт, фарҳанг, санъат ва таърихи ниёгони мо тавъам аст, таъмин намояд.

Айни замон, тарбияи насли наврас дар рӯҳияи тарбияи миллӣ дар маркази диққати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Ҳангоми кор бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ барои дарки муҳиммияти он диққати ҷиддӣ равона намудан ба ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат мекунад. Аҳаммияти он дар

донишандӯзӣ, ахлоқи ҳамида, зебоипарастӣ ва ҷаҳони фарохи маънавии хонандагон зоҳир мегардад.

Боби дуюмро ҷамъбаст намуда, ба хулосаҳои зерин расидем:

1) Гуногунпаҳлуии методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо назардошти ақидаҳои мутафаккирону анъанаҳои адабӣ, хусусиятҳои забонӣ ва педагогӣ муайян карда шудаанд. Самаранок ба роҳ мондани таълими ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ барои омода намудани онҳо барои дарки дониш, маҳорат, малака ва инчунин, инкишофи зеҳнӣ ва дар рӯҳияи ватандӯстию сифатҳои миллӣ ба воя расонидани онҳо шароит фароҳам меорад ва барои амалӣ намудани ҳадафҳои таълиму тарбия дар самтҳои асосии фаъолияти миллӣ, бадеӣ, меҳнатӣ, илмӣ ва ғайра,ки дар Қонуни Ҷумҳурии Точикистон “Дар бораи маориф” инъикос ёфтааанд, имконияти мусоид фароҳам меорад.

2) Бо мақсади муайян кардани вазифаҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳни хонандагони синфҳои ибтидоӣ, рушди малакаҳои тафаккури мустақилонаи омӯзишии хонандагонро ба асос гирифта, онро дар раванди дарсҳои забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагон мавриди омӯзиш ва озмойиш қарор додем. Дар раванди машғулиятҳои забони модарӣ тавассути иҷрои машқҳо маҳорат ва малакаи тафаккури эҷодӣ ва мустақилонаи омӯзишии хонандагон рушд ёфта, бедорсозии шавқу рағбати забондонӣ, инкишофи нутқи бошуурона, фикр карда хондан, навиштан, гӯш кардану фаҳмидан ва фахмида изҳори афкору ақида кардан аз гуфтори дигарон, рӯ овардан ба ҷустуҷӯ ва эҷоди одитарин ба мушоҳида расид.

Ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба дастрасӣ

ва истифодаи самараноки аёнияту воситаҳои техникии муосир вобаста мебошад.

Тавассути воситаҳои техникӣ ва технологияи навин истифода намудани матнҳои таълимӣ ба ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ рушд бахшида, иҷрои фаъолияти мақсадноки машқҳо ба хотири рушди зеҳнии хонандагон корбаст гардиданд.

3. Ҷанбаи талаботии ҳавасмандона анҷом додани фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ба инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ нигаронида шуда, ҳаҷми муайян ва дастрасӣ ба фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ дорад. Фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ давоми мантиқии фаъолияти умумӣ ё гурӯҳӣ мебошад, ки ба фаъолияти мустақилонаи инфиродӣ мусоидат намуда, вобаста ба душворӣ ва содагии матну супоришҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ барои хонандагони аълохон, аълохону хубхон ва хубхону миёнахон вақти муайян ҷудо карда мешавад.

Яке аз роҳҳои вусъат бахшидан ба фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мустақилона иҷро намудани бозиҳои дидактикӣ аст. Нақши онҳо дар иҷрои фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ дар мисоли байтбаракҳо, иҷрои нақши мутахассисони касбу кори гуногун, сафарҳои хаёлӣ ба минтақаҳои гуногуни диёр, иҷрои нақши қаҳрамонҳои асарҳои бадеӣ ва ғайра таҳлилу баррасӣ шуданд. Баҳсу мусоҳибаҳои гуногун, муҳокимаи натиҷаи фаъолияти мустақилонаи таълимии кӯдакон бо иштироки худи онҳо, хондани шеъру хикояҳои кӯдакони синф ва баҳодиҳии худи кӯдакон ба эҷодашон низ аз муҳимтарин шаклҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ба ҳисоб мераванд.

4.Дар асоси ташхиси адабиёти психологию-педагогӣ метавонем хулоса барорем, ки асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба шавқу ҳавас, майлу рағбат ва кордонии омӯзгор зич алоқаманд аст. Ташаккул ва инкишофи фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ дар хонандагони хурдсол дар давоми соли таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ мегузарад ва дар ҳар як зинаи синну соли хонандагон хусусиятҳои худро дорад.

Сарчашмаи ташаккул ва инкишофи сифатҳои маърифатии хонандагони хурдсол ба фаъолнокӣ, шавқу ҳавас ва маҳорати донишандӯзии хонандагон вобаста мебошад

Аз диди мо, маҳоратҳо ба се қисм ҷудо мешаванд: умумӣ, махсус ва амалӣ. Онҳо ба якдигар зич алоқаманданд ва ба якдигар таъсир мерасонанд.

Асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳниии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба маҳорати касбии омӯзгор вобаста буда, дар ташаккули сифатҳои маърифатии хонандагон нақши арзанда дорад.

Дар ҷараёни таҳқиқот муайян кардем, ки хонандаи хурдсол дар баробари омӯхтани асосҳои методии фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ, асосҳои илмӣ, ахлоқӣ, зебопарастӣ, дарккунӣ ва дигар намудҳои тарбиявиро аз худ мекунад. Аз руйи таҳлилҳо ва натиҷагирӣ мо ба хулосае омадем, ки самаранокии фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ба хотири рушди зеҳнию нутқии хонандагони хурдсол ба шавқу ҳавас, эҷодкорӣ, ҷустуҷӯ ва муқоисаву мушоҳидакории худи хонанда вобаста мебошад, ҳарчанд дар амалӣ гардидани ин намуди фаъолият, албатта, нақши омӯзгор дар мадди назари аввал меистад.

5. Барои муайян кардани мақсаду вазифаҳои раванди ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ оид ба мафҳуми сифатҳои маърифатӣ бояд фаҳмиши амиқ дошта бошем, чунки масъалаи донистани маҳоратҳо ва хусусиятҳои синнусолии хонандаи хурдсол дар назарияи педагогика ва психология яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол мекунад.

Барои ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони хурдсол, омӯзгор бояд барои фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ шароити мусоид фароҳам оварда, байни дигар фаъолиятҳои таълимӣ зарурат ва мавқеи онро муаайян кунад.

Омӯзиши корҳои илмии педагогони ватанию хориҷӣ моро ба хулосае овард, ки дар раванди донишандӯзӣ фаъолияти мустақилонаи хонан- дагон ҷойгоҳи махсусро касб намуда, барои инкишофи ҳаматарафаи ҳар як шахс муҳим мебошад. Ба шахс имконият медиҳанд, ки маҳорати бомантиқ андеша кардан, дарёфт кардани ҳалли масъалаҳоро дар ҳолатҳои гуногун, ҷамъу ба тартиб овардани донишҳо ва ташхиси баланди худро дар худинкишофдиҳӣ ва худмуайянкунӣ доро бошад.

6. Яке аз хусусиятҳои синнусолии кӯдакони синни мактабӣ он аст, ки онҳо барои амаликунонии орзуи ҳаётии худ тайёрӣ дида истодаанд. Аз ин рӯ, фаъолияти мустақилона барои онҳо аҳаммияти махсус дошта, ба ташаккули сифатҳои маърифатӣ ва манфиатҳои шахсӣ, касбию иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

Назар ба таълими муқаррарӣ истифодаи роҳҳои гуногунранги таълим имконияти боз ҳам самаранок инкишоф додани фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагонро таъмин намуда, ба рушди маҳоратҳо ва истеъдодҳо мусоидат мекунад.

7. Мо метавонем якчанд вазифаҳои усулҳои фаъоли таълимро пешкаш кунем, ки ба ташаккул ва инкишофи фаъолияти мустақилонаи омӯзишии хонандагони хурдсол равона шудаанд:

1. Ҳангоми истифодаи роҳу усулҳои фаъол дар таълим, фаъолияти мустақилона ва кӯшишу ғайрати хонандагон меафзояд.

2. Тафаккур мустақилона рушд карда, тавассути ҷустуҷӯ дар хонандагон ҳисси масъулиятнокӣ, худмуайянкунӣ инкишоф меёбад.

3. Дар раванди таълим ба мустаҳкамшавии муносибатҳои байнишахсӣ ва фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ оварда мерасонад.

4. Инкишофи малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагон хурдсол яке аз вазифаҳои муҳимми баланд бардоштани дараҷаи маърифатнокии хонандагони хурдсол мебошад.

# БОБИ 3. ТАЪМИНИ ТЕХНОЛОГИИ РОБИТАИ МУТАҚОБИЛАИ ФАЪОЛИЯТИ МУСТАҚИЛОНАИ ТАЪЛИМӢ БА РУШДИ ЗЕҲНИЮ НУТҚИИ ТАЛАБАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ МОДАРӢ

## 3.1. Методикаи ибтикории ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи таълимӣ дар рушди зеҳнию нутқии талабагон дар дарсҳои забони модарӣ

Таъмини технологии робитаи мутақобилаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар онҳо малакаи дуруст ва фаҳмида хондан, тез ва ифоданок хонданро ҳосил кунонида, ба ин восита вазифаи таълимию тарбияии хонишро низ ҳал мекунад, ки он хониши эзоҳӣ ном дорад. Дар ин сурат байни назария ва амалия, байни дониш ва ҳаёт алоқаи мустаҳкам ба вуҷуд меояд ва хонандагон барои ба ҳаёт татбиқ намудани дониш тадриҷан малака ҳосил менамоянд. Ба ҳаёт татбиқ карда тавонистани дониш яке аз шартҳои асосии таълиму тарбия аст.

Дар ин бора мутафаккири форсу тоҷик Саъдии Шерозӣ фармудааст:

Илмат ба амал чу ёр гардад,
Қадри ту яке ҳазор гардад.

«Хониши эзоҳӣ бояд ба таълими аёнӣ алоқаи мустаҳкам дошта бошад, чунки фақат аз китоб омӯхтани дунё мумкин нест. Маълумоте, ки хонандагон аз китоб мегиранд, бояд ба маводи ҳаёт мустаҳкам карда шавад ва баръакс, хониш барои фаҳмидани ҳодисаҳои табиат ва ҷамъият востаи муҳим гардад” [336, с.101].

Дар вақти хондан бояд ягон калимаи матн барои хонанда номаълум намонад, аммо хонанда дар аввалҳои кор ҳар қадар диққат карда хонад ҳам, бе ёрии омӯзгор ба ин мақсад муваффақ шуда наметавонад, вай пурра фаҳмида хонданро дар синф ба воситаи хониши

эзоҳи ёд мегирад.

Хонанда дар дарси хониши эзоҳӣ ба воситаи бошуурона хондан малака пайдо мекунад ва ба фаҳмидани ғояи асосии асари бадеӣ сарфаҳм меравад. Ғояи асар дар синфҳои ибтидоӣ ба таври сода фаҳмида мешавад ва аксаран баҳо додани хонандагон ба рафтори симоҳо барои ба даст овардани мақсад кифоя аст. Дар дарсҳои хониши эзоҳӣ хонандагон муайян кардани мазмуни асосӣ ва муҳтавои матнро меомӯзанд, лекин дар баробари ин онҳо бояд масъалаҳои дуюмдараҷаро фаромӯш накунанд, онҳоро низ ёфта аҳаммияташонро муайян карда тавонанд.

Масалан, дар синфҳои I-II хонандагон ба таври одӣ ба сохти асар кордор мешаванд, онҳо асарро ба қисмҳо ҷудо намекунанд, ба ҳар қисм сарлавҳа гузошта, нақшаи асарро тартиб медиҳанд, дар синфҳои III-IV нақшаи мураккаб тартиб медодагӣ мешаванд. Дар синфҳои ибтидоӣ ба забони асар низ диққат дода мешавад. Ба ин восита, аз як тараф, забони хонандагон бой шавад, аз тарфи дигар, ин кор ба кушодани ғояи асар, ба муайян кардани хислатҳои симои марказӣ нигаронида мешавад. Диққати хонандагон ба унсурҳои нутқи қаҳрамон, ба ифодаҳои маҷозӣ ва ташбеҳҳо ҷалб карда шуда, моҳияти онҳо кушода мешавад.

Методикаи шахсмарказ, ё таълиме, ки ба ташаккули зеҳн ва нутқи шахсияти хонанда нигаронида шудааст, дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим таҳия шуда буд, аммо моҳияти таълими шахсмарказ аз ҷониби омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф амиқ фаҳмида намешуд. Чунин муносибати омӯзгорон ва кормандони соҳаро фаҳмидан мумкин аст, зеро барномаҳои пешин азхудкунии маводи зиёди таълимро талаб карда, барои ташаккули малакаву маҳоратҳо вақти хеле маҳдуд ҷудо мекарданд ва омӯзгорон имконияти истифодаи талаботи таълими шахсмарказро надоштанд.

Ҳангоми истифодаи методи шахсмарказ хусусиятҳои фардии хонандагонро ба эътибор гирифта, аз ин метод ба таври самаранок ва

мақсаднок истифода кардан лозим аст.

Мақсади асосии методи шахсмарказ ташаккули механизми дар амал татбиқ кардани дониш, малака ва маҳорати худ, диққат додан ба раванди инкишофи шахсӣ, мутобиқ гардидан ба шароитҳои нав ва ношинос, худмуҳофизатӣ, худтарбиятдиҳӣ ва дигар хусусиятҳое мебошад, ки барои ташаккули шахсият заруранд.

Методи шахсмарказ дар асоси якчанд принсип ба роҳ монда мешавад. Принсипҳои мазкурро ҳангоми банақшагирии раванди таълим ба эътибор гирифта, омӯзгорон метавонанд дар ташаккули салоҳиятнокии хонандагон замина гузоранд. Яке аз ин принсипҳо чунин аст, ки диққати асосӣ на танҳо ба мазмуни таълим (чиро омӯзонем?), балки ба раванди таълим (чӣ тавр меомӯзем?) равона мегардад. Чунки хонандагон барои фаҳмида гирифтан дониши заминавӣ дорад. Ба эътибор гирифтани дониши заминавии хонандагон маҳаки асосии таълими шахсмарказро ташкил медиҳад. Принсипи мазкур тавассути назарияи минтақаҳои инкишоф, ки аз ҷониби Виготский таҳқиқ ва пешниҳод шудааст, тақвият дода мешавад.

Ин дар муносибати босалоҳият ба таълим принсипи асосӣ маҳсуб меёбад. Барои қонеъ намудани принсипи мазкур дар ҳар лаҳзаи раванди таълим ба хонандагон имконияти таҳлилу баррасӣ ва арзёбии ҷараёни азхудкунии малакаро фароҳам меоварад.

Омӯзиши адабиёти фалсафавӣ, иҷтимоӣ ва психологию педагогӣ оид ба вуҷуд доштани заминаи назариявии маҷмуи масъалаҳои мазкур шаҳодат медиҳад, ки ба он дар таҳқиқоти психологону педагогон – Л.С.Выготский “Ашъори мунтахаб” (Ҷ. 3. –М.: Педагогика, 1983); [58]. Л.С.Виготский “Тасавурот ва эҷодиёт дар синну соли кудакӣ” (М., 1930); [63]. А.Н.Леонтев “Масъалаҳои инкишофи психика” (М.:Нашриёти МРУ, 1981); [151]. С.Л.Рубинштейн “Ҳастӣ ва шуур” (М.: Нашриёти АПН РСФСР, 1975), [242]. С.Л.Рубинштейн “Масъалаҳои психологияи умумӣ”

(М.:1973) [241]. ба таҳлили роҳҳои ташаккули шахсияти мақсаднок асос гузошта, онҳо шахсро ҳамчун субъекти ташаккулёфтае донис- таанд, ки дар фаъолият ва муоширát бо дигар одамон қарор дорад. Чунин амал дар ташаккули арзишҳои маънавӣ бо иштироки фаъолона дар тақдири дигар одам, дар ҳамдардӣ, дилсӯзи, якдигарфаҳмӣ ба шахс имконият медиҳад, ки ҳисси қонеи маънавиро аз арзишҳои рафтори худ ҳисоб кунад. Ташаккули фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ дар адабиёти муосири психологию педагогӣ дар корҳои В.В.Давидов “Назарияи таълими инкишофёфта” [77], В.В.Давидов, Д.Б.Элконин, А.К.Марко-ва“Масъалаҳои асосии психологияи муосири кӯдакони синни хурди томактабӣ”, [78] В.В. Сериков “Таълимот ва шахсият. Назария ва таҷрибаи лоиҳакунонии тартиботҳои педагогӣ” [265], И.С. Якиманская “Таълими шахсӣ дар мактаби ҳозиразамон”, [341] ва дигарон баён гаштаанд.

Вазифаи омӯзгор фароҳам овардани имконият ва фазои мусоид барои азхудкунии малака, ташаккули стратегия ва механизмҳои гуногуни инкишофи қобилияти фардии хонанда мебошад.

Хонандагон бо роҳҳои гуногун меомӯзанд ва мутаносибан усули гуногуни дарккунӣ доранд. Шахсикунонӣ ва фардикунонии ҷавобҳои хонандагон дастгирӣ карда мешавад. Ҳар як шахс қобилияти мухталифи зеҳнӣ дорад. Ба эътибор гирифтан ва инкишофи ин қобилиятҳо яке аз унсурҳои асосии методи шахсмарказ ба шумор меравад.

Омӯзиш раванди фаъоли инкишофёбандаест, ки робитаи байни далелҳо, ғояҳо, ҷараёнҳои гуногун мунтазам тағйир меёбад ва сохтори онҳо ислоҳ мешавад. Методикаи рушддиҳандаи хонанда тавассути муколамаи байни омӯзгору хонандагон ва байни хонандагону ҳамсолони онҳо ҷараён ёфта, хонандагонро ҳамеша барои баён кардани фарзияҳои худ доир ба ҳалли мушкилот ва масъалаҳое, ки онҳо дар болои он кор мекунанд, ҳавасманд мегардонад.

Арзёбӣ дар методи шахсмарказ аз рӯйи характери худ «рушддиҳанда» мегардад. Ин чунин маъно дорад, ки мақсад «чен» кардани кори хонанда набуда, арзёбии фаҳмиш (ва барои фаҳмидан ёрӣ расондан)-и раванд- ҳоест, ки тавассути онҳо хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаю мушкилот фикрҳои худро баён мекунанд. Ҳамчунин барои бунёди донишҳо робитаи мутақобилаи созанда ва доимӣ нақши калидӣ дорад. Хонандагон якҷоя бо омӯзгор кор мебаранд, ки нишондиҳандаҳои муваффақиятро муайян созанд ва малакаҳои худбаҳодиҳӣ ва ҳамдигар баҳодиҳиро инкишоф диҳанд.

Диққати асосӣ ба донишҳои байнифаннӣ дода шуда, ҳавасмандкунии доимии малакаҳои фикррониӣ ва иттилоотии дараҷаи баланд ба роҳ монда мешавад. Асосан, ҳалли мушкилот, дастрасӣ, ташкил, таҳлил ва муаррифии донишҳо ва намоиш додани малакаҳо муҳтавои асосии мақсади таълимро ташкил медиҳанд. Хонандагон бо омӯзгор якҷоя мақсаду вазифаҳои таълимро дар асоси мушкилоти мавҷуда ва донишҳои қаблии худ муҳокима карда, бо шавқу ҳавас ба таҷрибаи пешина ҳамкорӣ мекунанд.

Дар методи шахсмарказ омӯзгор ба сифати роҳбалад фаъолият карда, ба хонандагон барои дастрасӣ ба ахбор ва таҳлили он ёрӣ мерасонад. Ин чунин маъно дорад, ки омӯзгор дар синф камтар кор карда (зеро хонандагон ба ҳалли супоришҳои хуб тайёркардаи омӯзгор ҳидоят карда мешаванд ва онро мустақилона ё дар ҳамкорӣ бо шарикдарсон ва зери назорати омӯзгор иҷро мекунанд), корҳои зиёди беруназсинфиро барои ба дарс омодагӣ дидану кори хонандагонро арзёбӣ кардан анҷом медиҳад.

Хонандагон барои гирифтани донишҳои муайян масъул буда, (савол медиҳанд, барои худ маълумотеро ҷудо мекунанд), барои баланд бар- доштани савияи дониши худ кӯшиш мекунанд. Малакаҳои худро дар ҳамкорӣ бо омӯзгор, ҳамсинфон, бо ёрии маълумоти ҷамъовардаи

худ аз дигар сарчашмаҳо бо мақсади ҳалли масъала ва мушкилот ташаккул медиҳанд, кӯшиш мекунанд, ки алоқаҳоро барқарор намоянд, ба моҳият сарфаҳм раванд, маъниро дарк кунанд.

Омӯзгор барои муайян кардани стратегияи таълим бо хонандагон ҳамкорӣ менамояд. Ба хонандагон имкони бо чанд навъи манбаи ахбор (китобҳо, интернет, ҳамсинфони дигар) кор кардан фароҳам оварда мешавад, ки дар натиҷа барои ҳалли масъала ва мушкилот ёрӣ мерасонад.

Л.С.Виготский масъалаи мувофиқати байни таълим ва ташаккули кӯдаконро таҳқиқ карда, ба хулосае омад, ки омӯзиш бояд пештар қадам зада, боиси инкишофи кӯдак гардад.

Аз нуқтаи назари Виготский, "Муайян кардани минтақаи наздиктарин бе муоширати доимӣ ва ҳамкорӣ бо кӯдак имконнопазир аст. Омӯзгор бояд бодиққат рафтори шогирдонро мушоҳида кунад, зеро ҳар як кӯдак хусусияти хоси муайян дорад, ки бо такя бо он усули корбариро бо ӯ интихоб намудан мумкин аст." [213, с.15].

Ҳар як амале, ки кӯдак аз рӯйи ақл ва қобилияташ иҷро менамояд, ба инкишофи ӯ мувофиқат мекунад. Лекин, агар малакаҳои нав дар асоси малакаҳои аллакай бадастомада ташаккул ёбанд, пас, чунин ташаккул манфиати бештаре дорад.

Таъсири доимӣ расонидан ба минтақаи наздиктарини инкишофи кӯдак боз як хусусияти муҳимми дигарро дорад. Муайян кардани минтақаи наздиктарин бе муоширати доимӣ ва ҳамкорӣ бо кӯдак имконнопазир аст. Омӯзгор бояд рафтори шогирдашро бодиққат мушоҳида кунад, зеро ҳар як кӯдак хусусияти хоси муайян дорад, ки бо такя ба он усули корбариро бо ӯ интихоб намудан мумкин аст.

Минтақаи наздиктарини инкишофи фард амалеро мустақилона иҷро карда наметавонад ва барои иҷрои он ба ёрии дигарон ниёз дорад.

Минтақаи муҳимми инкишофи фард амалеро мустақилона иҷро

карда метавонад.

Даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикстон ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, маънавӣ ва маориф навгониҳои арзишманд ба миён овард ва тадриҷан кишвари моро воқеан ҳамчун узви таркибӣ ба ҷомеаи ҷаҳон ворид сохт. Аз ҷумла, дар соҳаи маориф тадриҷан ислоҳоту таҳаввулоти бунёдии назариявӣ, ташкилию амалии назаррас ҳанӯз дар охири асри XX шуруъ гашта, пайгирона идома дорад. Ин ислоҳоту таҳаввулот, пеш аз ҳама, қисмати муҳимтарини маориф – мазмуни таҳсилоти миёнаи умумиро фаро гирифт. Конститутсия Ҷумҳурии Точикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “ Дар бораи маориф”, “Консепсияи мактаби миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ҳамчун санадҳои ҳуқуқии меъёрӣ ва сарчашмаи назариявӣ самти минбаъдаи инкишофи муассисаҳои таълимии муосири тоҷик, ҳуқуқу масъулиятҳои иштирокдорони муҳимтарин соҳаи ҳаёти чамъиятӣ – маорифро муайян сохт. Давлат маорифро соҳаи афзалиятноки ҳаёти ҷомеа эълом дошт ва ин иқдом қадами нахустини ҳалкунанда дар кишвари соҳибистиқлоламон ба шумор меравад.

Дар асоси санадҳои зикршуда, мактаби тоҷик вазифадор шудааст, ки мазмуни таҳсилот ва таълиму тарбияро ба нафъи давлати соҳибихтиёри Тоҷикистон муайян ва мураттаб созад. Ба ин хотир ҳанӯз аз солҳои 90-уми асри гузашта бори нахуст нақшаҳо, барономаҳои таълим, баъдан китобҳои дарсӣ ва маводи дигари таълимӣ таҳия ва нашр шуданд. Дар мазмуни таҳсилот дигаргуниҳои ҷиддӣ ворид гардид ва бори нахуст дар он манфиатҳои иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангию маърифатии миллати соҳибдавлати тоҷик ва дигар сокинони Тоҷикистон ба роҳбарӣ гирифта шуд. Дар натиҷа, дар нақшаҳои таълим, ки санади расмӣ ва ҳатмии давлатии мазмуни таҳсилот ба шумор меравад, фанҳои нави дархурди ҷомеа мисли “Таърихи халқи тоҷик”, “Алифбои ниёгон ва матн”, “Технологияи компютерӣ”, “Иқтисоди бозоргонӣ”, “Таърихи

динҳо”, “Маърифати оиладорӣ”, “Ифтихори ватандорӣ” ва монанди инҳо ворид шуданд. Барои ҳар яке ин фанҳои нав барномаҳои таълим, китобҳои дарсӣ ва маводи таълимӣ, дастурҳои дидактикӣ ва ғайра аз ҷониби олимону методистон ва омӯзгорони ҷӯяндаву пешқадами ватанӣ таҳия ва нашр гардиданд.

Ҳамаи ин рӯйдодҳо дар таърихи мактабдории тоҷик нав ва ногузир ҳастанд. Азбаски дар ҳама гуна кору ибтикори нав ногузир камбудию нуқсон низ роҳ меёбад, дар ҷустуҷӯ ва пешниҳоди нави таҳсилот низ камбудию норасоиҳо ба назар мерасад. Вале, онҳо усулан ва мантиқан наванд, дар роҳи такмилу мувофиқгардонии он ба меъёрҳо ва стандартҳои умумибашарии таҳсилоти муосир қадамҳои нахустин мебошад.

“Дар илми педагогика, аз ҷумла, педагогикаи шуравии солҳои 20-уми асри XX ин ду проблема ба таври эъломияи педагоги арзи вуҷуд карда буданд, вале онҳо аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда нашуданд. Хусусан, таълими тафриқа бо сабабҳои идеологияи ҳокими замон, ки гӯё фарқ кунонидани кӯдакон дар мактаб ба тоифабандии шаҳрвандон оварда метасонида бошад, расман манъ шуда буд. Таълими ҳамгиро бошад, бо сабаби мураккабиҳои назариявӣ ва амалӣ таҳқиқ нагардид. Вале проблемаҳои таълими ҳамгиро ва тафриқа барои муътадил сохтани сарбории таълимии кӯдакону наврасон роҳҳои муносиб буданду ҳастанд” [179, с.45].

Маълум аст, ки муътадилсозии сарбории хонандагон бо сабаби рушди мунтазами соҳаҳои гуногуни илм, афзудан ва ҳамеша мураккаб шудани ахбори илмӣ, боисрор гардидани фармоиши ҷамъиятию давлатӣ нисбат ба мазмуни таҳсилоти фарогири тамоми паҳлуҳои илмҳои гуногуни замонавӣ дар барномаҳои фанҳои таълимӣ хеле мушкил ва мураккаб мебошад. Аз ин рӯ, дар педагогикаи шуравӣ олимони машҳур, мисли Қурбонов Р. [143], Қодиров Б. [147], Лутфуллоев М. [365],

Сухаревская Е.Ю. [276 ], Левина М.М. [149 ], Яворук О.А. [338], Янг М., Мирзоаҳмадов Ф. [344 ], Махмудова М. [199] Мирзоев Р. [204,205,206], Мирзоев Н. [370], Масъуми Н.[ 200],М. Р. Львов, В. Г. Горецкий, О. В. Сосновская. [195],Макарова, В.Н. [196], Муродзода Х. [372], Назарова Л.П. [210],Набиев С. [209], Насруллоева Н.Н. [211], Орлова А.М. [219], Подьяков М. Н. [224], Петровский Е.И. [220], Пидкасистый П.И. [222], Рустамов Қ. [244,245,246, 248,... 379], Рахманқулова Н. Ф. [230 ], Рустамов Ш. [249], Рамзаева Т.Г. [227,228], Редозубов С.П. [231, 232,233,234], Раҳимов А. [229], Рождественский Н.С.[235,236,237,238,239], Скаткин Л.П.[266],Скаткин М.Н.[267], Севрюкова И.О. [399], Серебренников Б. А. [264], С.Шербоев. [326,327], Сабуров Х.М. [251], Сангов Қаюм. [ 259, 260, 380, 381, 382, 383], Саидов И. [252], Талызина Н.Ф. [278,279], Троянская С.Л. [283 ], Текучев В.А. [281],Тошбева З. [282], Ушинский К.Д. [285,286,287,288,289], Файзулоева М.М., Чариева С.А. [290], Хуторский А.В. [296], Холиқназаров Ҷ. [293], Ҳоҷиев С. [ 295] , Ҷӯраев Р. [391 ], Шарифзода Ф. [308,311], Шарипов Э . [299, 319] , Эшонҷонов А. [334,335] , Юнусов Юлдошбой [337]_ ва дигарон кӯшишҳои тулонӣ ва пайгирона ба харҷ додаанд, то мазмуни таҳсилоти муассисавиро ба эътидол биёранд ва сарбории таълимии шогирдонро муътадил созанд.

Ниҳоят, олими барҷаста Ю.К.Бабанский,Б.Т.Лихачев ва дигарон дар охири асри XX диққати муҳаққиқонро ба таҳқиқи проблемаҳои таълими тафриқа ва ҳамгиро ҷалб карда, пешгӯйӣ намуданд, ки яке аз роҳҳои асосии ба низоми муътадил даровадани сарбории таълимии хонандагон ба ҳалли назариявӣ ва амалии ин ду проблемаи муҳим вобаста аст. Аз ҷумла, муҳаққиқ Б.Т.Лихачев ҳамгиройии фанҳои таълимиро ҳамчун асоси умумиметодологии ташаккули мазмуни таҳсилоти миёна шинохта мегӯяд, ки “моҳияти ҳамгироии фанҳои мактабӣ аз он иборат аст, ки дар онҳо мазмунҳо, ақидаҳо ва омилҳои нисбатан калони илмҳои хешу наздик ба як фанни таълимӣ муттаҳид карда мешаванд” [161, с.223]. Дар асоси ин пинсипи умумиметодологӣ,

масалан, фанни таърих фактҳо ва мазмунҳои назариявии археология, санъатшиносиро фаро мегирад. Фанни ҷуғрофия донишҳоро аз сиёсатшиносӣ, иқтисодиёт, ҷомеашиносӣ ва ҳамчунон илмҳои табиӣ, ба мисли геология ва хокшиносӣ дар бар мегирад. Адабиёт (забон) ё филология бошад, мазмуни санъати сухан, грамматика (сарфу наҳв), таърихи адабиёт, адабиётшиносӣ ва санъатшиносиро муттаҳид менамояд. Вазифаи муҳимтарини муаллифони китобҳои дарсии ин фан аз он иборат аст, ки дар баробари фаро гирифтани санъати сухан, асрори калимаю ҷумла, арзишҳои муҳимтарини рӯҳию маънавии адабиёт ва санъатро ба назар гиранд.

Масалан, технологияҳои ба шахсият нигаронидашудаи таълим, технологияҳои “тафаккури интиқодӣ” ва технологияҳои таълими проблемавиро роҳандозӣ кардан мувофиқи мақсад мебошад. Ҳамзамон, “таълими ҳамгиро на танҳо робитаи тарафайни дониши фанҳои гуногун (ҳамгииро)-ро дар як дарс, балки ҳамгироии технологияҳои гуногун, метод ва шаклҳои таълимро дар доираи як фан ва як дарс дар назар дорад.” [167, с.58].

Дар натиҷаи риояи принсипи ҳамгиройӣ фанҳои нави таълимӣ пайдо хоҳад шуд, ки дар онҳо маълумот боз ҳам васеътару амиқтар пешниҳод мегардад ва доираи назари хонандагон оид ба ҷомеашиносӣ, табиатшиносӣ, забону адабиёт, асосҳои истеҳсолот ва технология амиқтар, яклухттар ва васеътар мегардад. Баробари ин, риояи принсипи ҳамгиройӣ манфиатҳои дигарро низ молик аст. Масалан, ба ҷойи ду-се фанни хешу наздик як фанни таълимӣ ба вуҷуд меояд, ба ҷойи якчанд дастуру маводи дидактикӣ барои ҳар як фанни таълимӣ як дастуру маводи дидактикӣ бо масрафи ками молиявӣ ба миён меояд. Аз ҳама муҳим он аст, ки сарбории таълимии хонандагон бамаротиб муътадил мегардад. Ба ҷойи 500-800 саҳифа якчанд китоби дарсӣ 200-250 саҳифаи як китоби ҳамгироро хондан лозим мегардад ва дар ҳаҷми мухтасари

ахбори илмӣ мақсад ва вазифаҳои дидактикии фанҳои ҳамгирогашта ҳаллу фасл хоҳад шуд. Дар ин гуна шароит ягон фанни қаблан алоҳида ва феълан ҳамгирогашта аз ҷиҳати илмӣ-назариявӣ ва амалӣ зарар намебинад ва хонандагон низ аз ин ҷиҳат бохт намекунанд.

Мураттаб намудан ё таълифи чунин китобҳои таълимии ҳамгиро барои муаллифон нисбатан мураккаб ва мушкил аст. Эшон бояд асрори фанҳои қаблан мустақил ва феълан ҳамгирошударо бо тамоми нозукиҳояшон донанд, барои ҳар як дарс маводе интихоб кунанд, ки мақсаду вазифаҳои илмию дидактикии ҳар як мавзуи дарс ва фанро, умуман, фаро гирад, таҳрики имконияти зеҳнӣ, ақлӣ, психологии шогирдонро, ки дар инкишофу тағйироти мунтазам мебошад, ба назар гиранд.

Олимони соҳаи педагогика: Сабуров Х.М., [251], Қаюмова О.Э. [145], Ушинский К.Д. [285], Сластелин В.А. [269], Щукина Г.И. [329], Зимняя И.А. [102], Белянкова Н.М. [45], Безруков В.С. [43], Берулава М.Н. [46], Блаугер В.И., Юдин Э.Г. [48], Яворук О.А. [338], [Сухаревская Е.Ю. [276], Шарифзода Ф. [315], таълими ҳамгиро ё принсипи ҳамгироии мазмуни фанҳои таълимиро, ки бо ҳам робитаи мантиқӣ дорад, дар синфҳои ибтидоӣ зарур шумоританд.

Дар таъмини робитаи тарафайни ҳамгиройии мазмуни таҳсилот ва таълими тафриқавӣ ин нуктаҳоро ба назар гирифтан мувозинати назариявӣ ва амалии ин ду проблемаи муҳимми педагогикаи муосири миллиро дар ҳалли масъалаи мазмуни таҳсилоти миёнаи умумӣ таъйин хоҳад кард. Пас, кадом нуктаҳоро ба назар бояд гирифт, ки дар ҳалли масъалаи муайян сохтани мазмуни таҳсилоти миёна, як қадам бошад ҳам, ба пеш равем?

Фанҳои ғайриравиявӣ ва ғайритамоюлӣ дар синфҳои тафриқавӣ мазмуни муқаррарӣ доранд ва ба таври муқаррарӣ таълим дода мешаванд. Ба хотири муътадил сохтани сарбории таълимии хонандагони синфҳои тафриқавӣ аз имконоти ҳамгиро сохтани мазмуни ин фанҳо (боз

ҳам бар асоси принсипи ҳамгиройии мазмуни таҳсилот) кор гирифтан мувофиқи мақсад хоҳад буд. Дар ин ҳолат аз ҳисоби ҳамгирошавии фанҳо соатҳои таълимии фанҳои равияӣ ва тамоюлиро дар нақшаи таълим афзудан имкон дорад. Ба ин тариқ, дар синфҳои тафриқавии табиӣ-риёзӣ фанҳои гуманитарӣ бештар ҳамгиро ва аз ҷиҳати илмӣ асосноку муътадил сохтани сарбории таълимии хонандагон мебошад.

Бо мақсади инкишофи маҳоратҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ, мувофиқи нақшаи нави таълим дарсҳои интихобӣ ва таълими тафриқавӣ дохил карда мешавад. Ин чорабиниҳо самаранокию манфиат ва маҳоратҳои хонандагони хурдсолро инкишоф медиҳанд.

Дар натиҷа, метавон гуфт, ки ҳам таълими ҳамгиро ва ҳам таълими тафриқа дар мактаби миллӣ татбиқи миллии худро меёбад, сифати таълиму дониши хонандагон рӯ ба беҳбудӣ мениҳад ва мактаб ба мақсади ниҳоии худ – инкишофи тафаккури мантиқӣ, мустақилона, эҷодӣ ва амалии шогирдон мерасад.

Педагог Н.М.Белянкова оид ба муносибатҳои ҳагиройии таълим чунин мегӯяд: "Оид ба масъалаи имконпазирӣ ё ғайриимкон будани муносибати ҳамгиро ба таълими кӯдакони синни хурди мактабӣ аксарияти муҳаққиқон ва омӯзгорон бар ин ақидаанд, ки ҳамгиройии фанҳои таълимӣ дар синфҳои ибтидоӣ на танҳо имкон дорад, балки зарур аст" [44, с.68].

Яке аз воситаҳои паҳншудатарин дар таълим асбобҳои гуногуни аёнӣ мебошад. Нақш ва мавқеи асбобҳои аёнӣ дар таълим дар асарҳоипедагогҳои гузашта ва имрӯза борҳо таъкид ёфтааст.

Ба масъалаи аёният ва таълими аёнӣ  Ушинский К.Д. аҳаммияти калон медод. Ӯ қайд мекунад, ки ба кор бурдани асбобҳои аёнӣ дар таълим боиси тараққии тафаккур ва нутқи хонандагон гардида, ба қобилияти мушоҳидакории онҳо ёрӣ мерасонад. «Дар вақти таълими аёнӣ, – таъкид карда буд ӯ, – омӯзгор фикрҳои дурӯғи бачаҳоро ислоҳ

менамояд, ибораҳои нодурусту печ дар печи онҳоро ба тартиб меорад, ягон калимаи партофташударо таъкид мекунад. Гуфтан мумкин аст, ки омӯзгор он чиро, ки ба воситаи гуфтан душвор аст, ба таври амалӣ ниҳоят осон иҷро менамояд» [289, с.294].

Навъҳои гуногуни асбобҳои аёнии зерин мавҷуданд:

1. Ашёи гирду атрофи бачаҳо (ашёи синф, мактаб, хона). Ин ашё, ки муҳити бачаро ташкил медиҳанд, чи барои омӯхтани мавзуъҳои алоҳида ва чи бой намудани захираи луғавии хонандагон ва инкишофи нутқи онҳо маводи зарурӣ медиҳанд.

2. Варақаҳои суратнок, ки ба хелҳои зерин ҷудо мешавад:

а) варақаҳои мавзуӣ. Ин гуна варақаҳо мавзуъҳои муайян (либос, ашёи хониш, асбобҳои рӯзгор, ҳайвоноти хонагӣ, парандаҳо…)-ро дар бар мегиранд;

б) варақаҳое, ки ашёи гуногун тасвир ёфта, саволҳои мувофиқ низ гузошта шудаанд. Дар ин гуна варақаҳо ашёи гуногуни ҷондор, беҷон ё худ ба тариқи омехта дода шуда, саволҳои кӣ? чӣ? навишта мешаванд;

в) расмҳо доир ба инкишофи нутқи алоқанок.

3. Расмҳои лотобоб, ки дар бобати инкишофи нутқ ва тафаккури хонандагон ва, инчунин, барои такрору мустаҳкам намудани мавзуъҳо аҳаммияти калон доранд.

4. Расмҳое, ки дорои мазмуни яклухт мебошанд. Ин гуна расмҳо ҳам барои инкишофи нутқ ва ҳам барои қоида ва таърифи мавзуъҳо ба аҳаммияти калон моликанд.

5. Нақшаҳои гуногун, ки дар бобати ба осонӣ омӯхтани мавзуъҳои алоҳида ва ташкили кори мустақилонаи хонандагон дорои аҳаммияти калон мебошанд.

6. Нақшаҳои суратдор, ки бештар барои омӯхтани қоидаҳо ба кор бурда мешаванд.

7. Маводи дидактикӣ, ки қариб дар ҳамаи фанҳо барои омӯхтан ва

мустаҳкам намудани мавзуи нав ба кор меравад. Истифода бурдани маводи дидактикӣ барои аз худ ва мустаҳкам намудани мавзуи таълим, шавқовар гузаштани ҷараёни дарс нақши калон мебозад. Аз тарафи дигар, онҳо воситаи муҳимми таъмини кори мустақилонаи хонандагон ҳам мебошанд. Барои ҳамин, вақте ки сухан дар бораи маводи дидактикӣ меравад, ҳамоно кори мустақилонаи талабагони алоҳида, кори инфиродии омӯзгор бо хонандагони ҷудогона дар пеши назар ҷилвагар мешавад.

Аз маводи дидактикӣ омӯзгор дар вақти омӯхтани мавзуи нав, мустаҳкамкунӣ ва такрори он истифода мебарад.

Масалан, бо такя ба қоидаҳо, намудҳо, нақшаҳои дар китоби дарсӣ пешниҳодшуда, дар вақти гузаштани мавзуи «Овоз ва ҳарфи у ва ӯ» омӯзгор аз варақаҳои суратнок ин тавр истифода мебарад:

Дар назди бачаҳо дар коғазчаҳои алоҳида ҳарфҳои у ва ӯ навишта гузошта шудаанд. Омӯзгор оромона варақаро боло мебардорад, ки дар он расми рӯбоҳ кашида шудааст. Баъд аз он ки хонандагон расмро аз назар гузаронданд, омӯзгор тарафи дигари варақаро нишон медиҳад. Дар он тарафи варақа номи ашё навишта шудааст, вале ба ҷойи ҳарфи зарурӣ нуқта гузошта шудааст. Бачаҳо аз ду ҳарфи дар дасташон буда, ҳарфи даркориро мебардоранд. Пас аз ин калимаро хомӯшона дар дафтар менависанд.

Баъди навиштани якчанд калима омӯзгор тарзи навишти онҳоро ба воситаи худи бачаҳо месанҷад.

Мавзуи дигар. «Ҳарфи калон дар аввали лақаби ҳайвонот»

Омӯзгор ба ҳар як хонанда яктоӣ расм медиҳад, ки дар он ин ё он ҳайвони хонагӣ кашида шудааст.

Вазифа: ба ҳар як ҳайвон лақаб гузошта, сонӣ ҷумла тартиб диҳед. Ё ки: дар варақа расму ҷумла, вале ба ҷойи ном се нуқта гузошта

шудааст. Бачаҳо расмро аз назар гузаронида, ҷумларо пурра мекунанд ва ба дафтар менависанд.

Барои он ки аз як варақа якчанд вақт ва бо мақсадҳои гуногун истифода баранд, калимаю ҷумлаҳои заруриро дар он не, балки дар коғази алоҳида навишта часпондан лозим, то ки он коғазчаро гирифта ба ҷояш коғазчаи дигарро гузорем.

Навъи дигари маводи дидактикӣ, масалан, дар дарсҳои забони модарӣ **варақаҳои грамматикӣ** (такявӣ) мебошад. Аҳаммияти ин варақаҳо барои мустаҳкам намудани қоидаҳои грамматикию имлоӣ ва корҳои луғавию орфографӣ ниҳоят калон аст. Вай воситаест, ки кори инфиродии омӯзгорро бо хонандагони ҷудогона таъмин мекунад. Чунин варақаҳоро барои ҳар як мавзуъ ва қисмҳои ҷудогонаи барнома (овоз ва ҳарфҳо, калима, ҷумла, нутқи алоқанок) тартиб додан мумкин аст.

Масалан, доир ба мавзуи «Исм»:

**Варақаи №1.**

Супориши 1. Аз калимаҳои зерин аввал номҳои ҳайвонҳои хонагӣ, даранда, баъд парандагони хонагиро ҷудо карда, ба дафтаратон нависед: шер, гов, кафтор, шағол, кабк, асп, бабр, зоғ, гург, бедона, хирс, мурғ, буз, паланг, рӯбоҳ, гӯсфанд, фил, оҳу, хар, калхот, булбул, турна, саг, мурғобӣ, шутур, той, ғоз, гӯсола, мусича, барра, харгӯш, бузғола.

Супориши 2. Бо калимаҳои *кабк, гӯсфанд, барра, харгӯш* ҷумла созед.

**Варақаи №2.**

Супориши 1. Мувофиқи тартиби зерин ҳамаи рустаниҳоро, ки дар боғ мерӯянд, ба дафтаратон нависед.

1. Дарахтони мева: себ, анор…(давом диҳед).

2. Дарахтони бемева: бед, сафедор….

3. Сабзавоту обчакорӣ: пиёз, харбуза…

4. Гулҳо: атргул, раъно…

5. Алафҳо: себарга…

Супориши 2. Ба калимҳои навиштаатон саволҳои мувофиқ гузоред.

**Варақаи №3.**

Супориши 1. Ба саволҳои зерин ҷавоб навишта, ба зери исмҳои хос хат кашед:

Маҳаллаи мо

Номи деҳаи (шаҳри) шумо чист?

Кадом дарё аз наздикии маҳаллаи шумо ҷорист?

Кадом деҳаҳо ба деҳа (шаҳр, ноҳия)-и шумо наздиканд? Кадом шаҳр ба шумо наздиктар аст?

Супориши 2. Ба савол ҷавоб нависед: Аввали исмҳои хос бо кадом ҳарф навишта мешаванд?

**Варақаи №4.**

Супориши 1. Дар вақти ба дафтаратон навиштани калимаҳои зерин пасвандҳои ҷамъи мувофиқро ҳамроҳ кунед:

сарбоз, дафтар, асп, моҳӣ, хонанда, пахта, барра, зардолу, коргар, синф, хона, пизишк, оҳу, ҷувол, мурғ, шаҳр, модар, саҳро, булбул, чашм, абру, бед, гулзор, рама, ситора, кӯҳ, боғ, даст, навозанда, шунаванда, об, китоб, гов, дӯзанда.

Супориши 2. Ҳикоячае нависед, ки дар он калимаҳои *хонандагон, шаҳр, дарё, кӯҳ, соҳил, боғ, саҳро* кор фармуда шуда бошанд.

**Варақаи №5.**

Ин порчаро хонда исмҳои ҷамъро ёбед ва мавқеи кор фармуда шудани пасвандҳои ҷамъро гуфта диҳед.

**Дар чарогоҳ**

Чаҳ-чаҳи булбулон ва нағмасароиҳои дигар мурғон шуморо таъсире мебахшад, ки дастаҳои мусиқии олами маданиятро тамоман фаромӯш мекунед.

Дар ин чарогоҳҳои пуралаф давутози бузон ва бузғолагон, чорхе-

зи гӯсфандон ва баррагон, рамидан ва давидани оҳувон, рақс ва бозии духтарон ва арӯсонро дар саҳнаҳои шаҳрҳои обод аз ёди шумо мебарорад.

**Расмҳо ва мавқеи онҳо дар таълим**

Аҳаммияти истифодаи расмро дар дарсҳо К.Д.Ушинский ин тавр тавсиф кардааст: «Агар шумо ба синфе дароед, ки аз он як калима ҳам шунидан мушкил бошад, корро аз нишон додани расм сар кунед, он гоҳ синф ба гап медароядм» [289, с.127].

Дар ҳақиқат, хонандагон расмро тамошо карда, хушҳол мешаванд, миш-миш сар мешавад, ҳар кас мувофиқи лаёқаташ ҷавоб тайёр мекунад. Хонандагон ба расм нигоҳ карда, оид ба мазмуни он ҷумлаҳо тартиб медиҳанд, ки баъд дар асоси ҳамин ҷумлаҳо фаҳмондани мавзуъ хеле мувофиқ аст.

Масалан, омӯзгор ба тахта расмеро меовезад, ки дар он ашёи гуногун тасвир ёфтаанд. Баъди саволу ҷавоб хонандагон ашёро навишта, ба ҳар яки он саволҳои кӣ? ва чӣ?-ро мегузоранд. Табиист, ки ин кори хонандагон онҳоро ба омӯхтани мавзуъ наздик ва тайёр мекунад. Омӯзгор ҳам аз вақт истифода бурда, дар бораи қоидаи грамматикии исм маълумот медиҳад.

Мисоли дигар: «Шумора дар исм».

Омӯзгор чор варақаи суратнокро, ки суратҳо ба ҳаҷми варақи албом кашида шудаанд, ба тахтаи синф меовезад. Дар онҳо расмҳои мазмундор тасвир ёфтаанд:

1. Хонанда менависад.

2. Хонанда….менависад.

3. Гул шукуфт. Гулҳо шукуфтанд.

Хонандагон ба расмҳо нигоҳ карда, ҷумла тартиб медиҳанд ва дар айни замон ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои зарурӣро мегузоранд.

Намунаи дигар. Мавзуи дарс: «Пешояндҳо»

Омӯзгор се расмро ба тахта овехта, таъкид менамояд, ки оид ба мазмуни онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳанд. Се ҷумлаи тартибдодаи хонандагонро ба зери расмҳо менависад:

Бачаҳо ба мактаб мераванд.

Бачаҳо аз мактаб меоянд.

Бачаҳо дар боғи мактаб ниҳол мешинонанд.

Хонандагон ҷумлаҳои худро дар тахта дида, хеле рӯҳбаланд мегарданд ва ба омӯхтани мавзуи нав омода мешаванд.

Аз расм дар лаҳзаи мувофиқ ва дар мавридаш истифода бурда, баъди ба охир расидани кор онро гирифта мондан даркор, то ки диққати бачаҳоро ба худ ҷалб накунад. Пас аз тамом шудани дарс мумкин аст якчанд вақт дар синф монем. Ин кор имконият медиҳад, ки бачаҳо бо расм аз наздик шинос шаванд.

**Нақшаҳо.** Агар аз расмҳо бештар дар дарсҳои забони модарӣ, адабиёт, табиатшиносӣ истифода шавад, нақшаҳоро дар таълими ҳамаи фанҳо метавон истифода кард. Нақшаҳо вақтро сарфа карда, рафти фаҳмиши мавзуъро осон мегардонанд.

Гоҳо дар баъзе нақшаҳо расмҳои ашё ҳам кашидан мумкин аст, ки ин қимати онро боз ҳам афзун мегардонад. Хонандагон баробари хондани маводи нақша шакл ва ё ранги онро низ мебинанд. Чунончи, вақте ки доир ба мавзуи «Сифат» нақша тартиб доданӣ мешавем, метавонем расми ашёи гуногунро ҳам кашем.

Китоби калон (аз ҷиҳати ҳаҷм);

Хонаи хиштин (аз кадом мавод);

Гули сурх (аз ҷиҳати ранг);

Анори турш (аз ҷиҳати маза).

Баъзан дар ҷараёни дарс аз нақшаҳое истифода мебарем, ки дар онҳо моҳияти масъала бо камонак, хатҳои рост, давра ва нимдоира ишора карда мешаванд. Истифодаи чунин нақшаҳо ба лаҳзаи тартиб

додани онҳо вобаста аст. Нақшаҳоро бештар дар рафти дарс, дар лаҳзаи фаҳмондан омӯзгор дар тахтаи синф тартиб медиҳад. Табиист, ки дар ин вақт баробари тартиб додан аз он истифода ҳам мебарад. Омӯзгор фикрашро баён карда истода, онро дар нақша ифода менамояд. Хонандагон баробари шунидан ба ҳаракати дасти омӯзгор диққат дода, роҳҳои сохта шудани худи нақшаро ёд мегиранд. Гоҳо омӯзгор метавонад ин гуна нақшаҳоро пешакӣ тайёр намояд. Дар ин мавврид бачаҳо нақшаҳои тайёрро хонда, мувофиқи он фикрашонро баён менамоянд.

Тайёр намудани нақша кори чандон душвор нест. Бинобар ин, баъзан омӯзгор метавонад ба хонандагон супорад, ки як қисми онҳоро мустақилона тайёр намоянд ва ҳатто гоҳо байни бачаҳо оид ба ин корҳо озмун ҳам ташкил кардан мумкин.

Педагог И.А.Зимняя оид ба фаъолияти мустақилона чунин ақида дорад. «Мо бояд насли наврасро ёд диҳем, ки донишҳоро мустақилона аз худ кунад. Ин яке аз проблемаҳои муҳимтаринест, ки бояд мактаби имрӯзаи мо хал кунад. Вазифаи ба хона супорида шуда бояд хонандагонро ба мустақилона омӯхта тавонистан мусаллаҳ кунад. Аммо, ба хонандагон вазифаи хонагиро аз ҳад зиёд супоридан лозим нест. Таълимро чунин ташкил кардан лозим аст, ки маводи таълим, асосан, аз худ шавад ва ба андозаи муайян дар вақти дарс мустахкам карда шавад ва вазифаи хонагиро ба қадри имкон кам супоридан даркор аст» [102, с.45].

Барои бедорӣ ва рушди тафаккури фикрии кӯдак волидайн метавонанд аз бозиҳои фикрӣ (ёфтани асрори ашё, ҳодисаю воқеаҳо), ҷисмонӣ, парвози хаёл (сафарҳои ҳаёлӣ), расмкашӣ, суробсозӣ, сохтани лоначаҳо барои парандагон, бофтани афсонаҳо, давом додани афсонаҳои нотамом, амали қаҳрамонони ҳикояҳо, филмҳои тасвирӣ ва бадеӣ ва монанди инҳо истифода кунанд. Силсилаи ин бозиҳо ва

тадбирҳои ба бедорӣ ва рушди фикри кӯдак нигаронидашуда хеле сода мебошанд:

Дигаргуниҳои имрӯзаи иҷтимоию иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ташаккули шахсияти баркамол, эҷодкор, фаъол ва кордону масъулиятшиносро ба миён гузоштааст. Баробари расидан ба ваҳдати миллӣ ва таҳкими пояҳои давлати демократӣ, соҳибистиқлол ва ҳуқуқбунёд барои равнақуривоҷи илму фарҳанг шароити мусоид фароҳам омад.

Дигаргуниҳои куллӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва раванди илмӣ, аз ҷумла, талаботи нав дар ҷодаи фаъолияти педагогӣ зарурати дигаргунии сохтори таҳсилотро ба миён овард. Яке аз роҳҳои рушди баъдинаи ин соҳа инноватсия, яъне, роҳҳои идорашавандаи ташкил, идрок, арзёбӣ ва татбиқи навгониҳои педагогӣ мебошад.

Калимаи «инноватсия» аз забони лотинӣ гирифта шуда, маънояш «навсозӣ, навгонӣ, тағйирот» аст. Инноватсияи педагогӣ тағйиротест, ки ба беҳтарсозии вазъи тарбия ва таълими хонандагон нигаронида шудааст. Инноватсия дар таълим, дар фаҳмиши васеъ ҳамчун воридсозии чизи нав, табдилдиҳӣ, такмил ва беҳтарсозии чизи мавҷуда фаҳмида мешавад.

Дар робита бо модели инноватсионӣ фаъолияти омӯзгор низ тағйир меёбад. Байни мафҳумҳои “ислоҳот” ва «инноватсия» бояд марз гузошта шавад. Фарқи ин ду мафҳумро дар ҷадвал нишон медиҳем:

**Ҷадвали 13.**

| *Ислоҳот* | *Инноватсия* |
|---|---|
| Дигаргунӣ дар муҳлати саршавии таҳсилот | Дигаргунӣ дар ташкили фаъолиятҳои дохилии мактабҳо |
| Афзоиши маблағгузорӣ | Дигаргунӣ дар мазмуни таҳсилот |
| Дигаргунӣ дар таҷҳизоти муассисаҳои таълимӣ | Дигаргунӣ дар методикаи таълим |

| Дигаргунӣ дар давоми таҳсил | Дигаргунӣ дар муносибати «омӯзгор – хонанда» |
|---|---|
| Баланд бардоштани вазъи маориф | |
| Талаботи нави санитарӣ-гигиенӣ | |
| Тағйири сохтори низоми маориф | |

Инноватсия навовариест, ки он тавассути кормандони соҳаи маориф ташкил, амалӣ, коркард ва паҳн карда мешавад.

Ислоҳот навовариест, ки он тавассути қонунгузории давлат таҳия ва татбиқ мешавад.

Муассисаҳои таълимии инноватсионӣ мактабҳоеанд, ки дар онҳо омӯзиш бо назардошти дастовардҳои охирини илму техника ба роҳ монда шудааст. Масалан, компютерро на фақат дар дарсҳои информатика, балки дар дарсҳои забони модарӣ ҳангоми иҷрои матни имло бо санҷиши фаврию автоматии сатҳи дониш истифода мебаранд. Вале тавсифи муассисаҳои таълимии инноватсионӣ танҳо аз ин иборат нест. Барои шарҳи ботафсил мактаби инноватсиониро бо мактаби анъанавӣ муқоиса мекунем.

*Аз рӯйи тавсифи шахсияти педагог, ки кӯшиши рушд кардан дорад.* Дар мактаби анъанавӣ раванди омӯзиш ба азхудкунии қоидаҳои асосии фаъолият ба азхудкунӣ ва такрори таҷрибаҳои мавҷудаи иҷтимоӣ равона гардидааст. Дар мактаби инноватсионӣ омӯзгор саъй дорад, ки дар хонандагон қобилияти фаъолияти эҷодиро дар шароити ғайримаъмул инкишоф диҳад.

*Аз рӯйи тавсифи мақсадҳои дидактикӣ:* Дар мактаби анъанавӣ ҳама вақт диққат ба бозгӯ кардани дониши тайёр дода мешавад, вале дар мактаби инноватсионӣ ҳадафи педагог ташаккули қобилияти минбаъд мустақилона азхудкунии донишҳо, инкишофи мулоҳизаронии интиқо-

дӣ ва муҳокимаронии озод мебошад.

*Аз рӯйи тавсифи мақсадҳои тарбиявӣ:* Дар мактаби анъанавӣ афзалиятнокии тарбия назаррас буда, худи тарбия чун ташаккулдиҳандаи мустақилият ва ҳамкорӣ танҳо дар вақти зарурӣ эълон гардидааст. Чунки тарбия асоси ақидаи аниқи маънавӣ ва ҷаҳонбинии хонандагонро ташкил медиҳад. Дар мактаби инноватсионӣ омӯзгор мувофиқи шиори «Таълим дода тарбия мекунам; тарбия карда меомӯзонам!» амал мекунад. Ин ду равандро аз ҳам ҷудо накарда, педагог дар кӯдак кӯшиши амалисозии имкониятҳои шахсиро тарбия мекунад.

*Аз рӯйи тавсифи мақсадҳои инкишоф:* Дар мактаби анъанавӣ инкишофии қобилиятҳои фардӣ эълон мегардад, вале ин аввалиндараҷа нест, диққат, асосан, ба хонандаи миёнахон равона гардидааст. Дар мактаби инноватсионӣ бошад, баръакс, ҳаддалимкон муносибати фардӣ ба хонанда афзалият дорад.

*Аз рӯйи муносибати омӯзгор ба хонанда:* Дар мактаби анъанавӣ муносибати намуди субъект-объект, яъне, омӯзгор – шахс, ки меомӯзонад, хонанда – касе, ки ӯро меомӯзонанд, вуҷуд дорад. Дар мактаби инноватсионӣ муносибати субъект-субъект, яъне омӯзгор ва хонандагон, ки иштироккунандагони баробарҳуқуқи раванди эҷодии омӯзиш мебошанд, амал мекунад.

Умуман, ҳар ду намуди мактаб ҷанбаҳои мусбат ва норасоиҳои худро доранд. Вале дар ҷаҳони босуръат тағйирёбандаи мо вазифаи асосии кумактаб кӯдакро омӯзондан аст.

«Инноватсия маҷмуи ақида, раванд, имконият ва натиҷаҳои дар низоми педагогии ташаккулёфта сифатан нав мебошад. Объектҳои инноватсия проблемаҳои зерин мебошанд:

1. Ҳавасмандкунии фаъолияти таълимӣ-тарбиявиро чӣ тавр ба вуҷуд овардан мумкин аст.

2. Ҳаҷми маводи дар як дарс омӯхташавандаро чӣ тавр зиёд кардан мумкин аст?

3. Бо кадом роҳҳо суръати омӯзишро зиёд кардан мумкин аст?

4. Вақтро чӣ тавр самаранок истифода бурдан мумкин аст ва ғайра.” [163, с.105].

**Намоишгоҳи маводи дарс**

Дар хусуси паҳлуҳои дигари дарс муаллифони гуногун сухан рондаанд, вале ин мавзуъ бори аввал ба қалам дода мешавад. Тавре ки маълум аст, ягон дарси ҳақиқӣ худ аз худ пайдо намешавад, омӯзгор ҳам мисли шоир аст. Шоир шабзиндадорӣ мекашад, ҷигархун мешавад то мисрае пайдо шавад. Ба ин маънӣ, устод Мирзо Турсунзода фармудааст:

То сухан чун қоматат мавзун шавад,
Дар сари ҳар мисрае дил хун шавад.

Барои ташкил ва гузаронидани дарсҳои ҳақиқӣ даҳҳо олимон ва педагогҳо, муаллифони китобҳои дарсию дастурҳои методӣ, офарандагони маводи зиёди дидактикиву аёнӣ барномаю воситаҳои гуногуни техникӣ, маълумотномаҳоро дастраси омӯзгорон намудаанд. Вазифаи ҳар як омӯзори асил аз он иборат аст, ки аз маводи мавҷуда ё қисме аз онҳоро аз руйи имкон ва вобаста ба талаботи давр самаранок ва дар мавридаш истифода барад. Вале боиси таассуф аст, ки баъзеи ин мавод ба суроғаи худ намерасад ва омӯзгорон аз истифодаи онҳо маҳруманд, ҳатто омӯзгорони зиёде огоҳ нестанд, ки роҷеъ ба таълими фанни онҳо чиҳо ба табъ расидааст.

Ба ақидаи мо, беҳтар мешавад, ки дар кабинетҳои дахлдори донишкадаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии коркунони соҳаи маориф хонаҳои методии шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои алоҳида намоишгоҳи маводи дарс ташкил карда шавад. Албатта, касе рад намекунад, ки ҳоло дар дафтарҳои методӣ маводи гуногуни таълимию методӣ қатор чида шудааст. Вале ин таҷриба он қадар самаровар нест. Савол ин ҷост, ки

ҳар як дарси хубу судманд дар заминаи мутолиаи кадом мавод ба вуҷуд меояд?

Шахсони мутасаддӣ онро «Тавлиди дарси хуб» унвон гузошта, зери он маводи заруриро ба намоиш мегузоранд.

Масалан, барои ташкил ва гузаронидани дарсҳои алифбо маводи зеринро мегузорем. Барномаи таълим, китоби «Алифбо», «Усули таълими Алифбо», «Таълими савод», расмҳои таълими савод ва инкишофи нутқ. Ҷадвалҳои гуногуни ҳиҷо ва алифбои бурида, ҳарфнамо ё тасмаи ҳарфҳо, чанд намунаи мақолаҳо, ки аз таҷрибаи омӯзгорони пешқадам навишта шудаанд. Барои хубтар дарк намудани омӯзгорону шунавандагон худи ҳаминро методист (мушовир) дар шакли аёнӣ нишон медиҳад.

Ба фикри мо, ин кор аз ду ҷиҳат аҳаммиятнок аст:

Якум. Омӯзгорон мебинанд ва хуб мефаҳманд, ки дарси хуб бе омодагии қаблӣ ва мутолиаи маводи зарурӣ ва саъю кӯшиши шахсии омӯзгор ҳеҷ гоҳ тавлид намеёбад.

Бе азми дурусту саъйи комил,
Касро нашавад мурод хосил.

Дуюм. Барои такмили ихтисоси омӯзгорон, махсусан омӯзгорони ҷавону донишҷӯёни таҷрибаомӯз – омӯзгорони оянда ҳамчун асбоби аёнӣ хизмат менамояд.

Истифодаи методҳои таълим марбут ба санъат ва маҳорати педагогии омӯзгор аст. Ҳамаи метод ва тарзҳои таълим метавонанд ҷараёни омӯзишро фаъол гардонанд, ба шарте ки омӯзгорон аз онҳо моҳирона истифода баранд. Бо вуҷуди он, илми педагогика чанд соли охир тарзҳоеро пешниҳод менамояд, ки дар таҷрибаи омӯзгорон бештар мавқеъ пайдо кардаанд. Ба таври дигар бигӯем, педагогика ин тарзҳоро ҷамъбаст намуда, истифодаи онҳоро ба оммаи васеи омӯзгорон тавсия медиҳад.

**1. Пурсишнома** (анкета). Барои фаҳмидани фикру андешаҳои хонандагон пурсишномаҳо таҳия гардида, аз рӯйи он пурсиш гузаронида мешавад. Дар мавриди дуруст гузарондани пурсиш омӯзгор имконият пайдо мекунад, ки мулоҳизаҳои шогирдонро бобати ин ё он мавзуи барнома, раванди дарс, тарзи фаҳмондани мавзуъ, муносибати омӯзгор ва ғайра бифаҳмад. Тавсия мешавад, ки пурсиш дар ибтидо ва анҷоми соли таҳсил гузаронда шавад. Натиҷаҳои пурсиш ҳам ба сифати фаъолияти омӯзгор таъсир мерасонад ва ҳам ба пешравии худи хонандаҳо мусоидат мекунад. Ин чунин маъно дорад, ки омӯзгор ба фаъолияти педагогии худ аз диди шогирдон назар мекунад.

**2. Суҳбат.** Суҳбат муҳимтарин усули фаҳмондани мавзуъ буда, рағбати хонандаҳоро ба дарс меафзояд ва ҷараёни таълимро фаъол мегардонад. Суҳбат (саволу ҷавоб) метавонад байни омӯзгору хонанда (хонандаҳо) ё байни худи хонандаҳо сурат бигирад. Дар суҳбат тарзи гузориши савол муҳим аст, яъне онро тарзе гузоштан лозим, ки хонандаҳоро ба фикр кардан водор намояд. Барои ҳамин яке аз талаботе, ки назди савол гузошта мешавад, педагогӣ будани он аст. Дар ин гуна савол маводи омӯхташуда, дараҷаи осонию душворию он, хусусиятҳои психологии хонандаҳо (ҷуръатнокӣ, беҷуръатӣ, шармгинӣ, равонии нутқ…) ба назар гирифта мешавад.

**3. Кори инфиродӣ.** Омӯхтан ва донистани хусусиятҳои психологии хонандаҳо корҳои зиёди инфиродиро тақозо мекунад, ки кор бо хонандагони алоҳидаро дар назар дорад. Кор ё машғулияти инфиродӣ ба унсурҳои ибтидоии фаъолияти эҷодии хонандаҳо ва бедор намудани шавқу рағбати онҳо барои омӯхтани мавзуъ мусоидат менамояд. Пеш аз супориш ё кори инфиродӣ сатҳи дониши ҳар як хонандаро муайян кардан лозим. Масалан, вақте ки назди хонандагони алоҳида варақа мегузорем, ҳаминро ба назар мегирем, ки ӯ (хонанда) то чӣ андоза барои ҳалли супоришҳои варақа омодааст. Дар акси ҳол, вақт беҳуда

мегузарад, хонанда баҳрае намебардорад. Навъҳои корҳои инфиродӣ гуногунанд: варақаҳо, супоришҳои санҷишӣ (назоратӣ), ба вуҷуд овардани вазъияти таҳлил, ба саволҳо ҷавоб навиштан, иншои эҷодӣ, тестҳои психологӣ.

Омӯзгор метавонад корҳои инфиродиро дар лаҳзаҳои гуногуни дарс, махсусан, пас аз омӯхтани мавзуъҳои бутун, пеш аз гузарондани корҳои санҷишӣ аз фанҳои дақиқ, имло аз забони модарӣ, иншо аз адабиёт ва ғайра ташкил намояд. Усули инфиродӣ ба хонандаҳо имконият медиҳад, ки қобилият ва ҷойҳои холии дониши худро фаҳманд, омӯзгор бошад, пешравии шогирдонашро барои худ муайян менамояд ва бо мақсади ислоҳ тадбирҳо меандешад.

**4. Корҳои ҷуфтӣ.** Барои корҳои дукасӣ ё ҷуфт худи синфҳои мо шароит муҳайё кардааст, яъне аксаран хонандаҳо дар паси мизҳо дукасӣ мешинанд. Дар ин корҳо хонандагонро огоҳ ва назорат кардан лозим, ки ҳар кас мустақилона амал намояд. Тарзи кор: омӯзгор болои ҳар миз супориш мегузорад, хонандаҳо ҷуфт-ҷуфт анҷом медиҳанд. Ин кор оҳиста-оҳиста хонандагонро ба корҳои гурӯҳӣ омода месозад.

Дар раванди таълим дар хонандагон шавқу рағбат пайдо мешавад. Рағбати таълимӣ хусусияти хоси худро дорад ва аз дигар намудҳои рағбати маърифатҷӯйии хонандагон фарқ мекунад. Олими рус СластенинВ.А. гуфтааст: «Танҳо дар замоне, ки дар хонандагони хурдсол нисбат ба натиҷаи меҳнати таълимии худашон рағбат ба вуҷуд меояд, маҳз ҳамон вақт дар онҳо нисбат ба мазмуну мақсадҳои фаъолияти таълимӣ рағбат ва ба донишандӯзӣ талабот пайдо хоҳад шуд» [269, с.283].

Ба ақидаи И.М.Чередов, фаъолияти коллективии хонандагон «дар гурӯҳҳо ба муқарраршавии ҷараёни таълим мусоидат карда, фаъолнокии хонандагонро баланд намуда, сифатҳои мустақилиятро рушд бахшида, якҷоя дарёфт кардани донишҳоро ба хонандагон меомӯзад, то ки сари

вақт ба ёрии якдигар оянд, байни худ алоқа кунанд, якҷоя назорат кунанд.» [297, с.98].

**5. Дарс ва мусиқӣ.** Мушаххасан сухан дар бораи дарсҳои мусиқӣ намеравад, балки перомуни лаҳзаҳои мусиқӣ дар рафти дарсҳои ҳамаи фанҳо суҳбат карданием. Дар робита ба ҳамин лаҳзаҳо баъзеҳо чунин ақида доранд, ки мусиқӣ ба рафти дарс халал мерасонад. Баръакс, нафъаш хеле зиёд аст. Омӯзгорони зиёдеро медонем, ки дар ин ё он лаҳзаи дарс вобаста ба мавзуъ мусиқӣ мешунавонанд. Хонандаҳо мусиқии оромро гӯш карда, супоришҳои мустақилонаро анҷом медиҳанд. Омӯзгорони фанни забони хориҷӣ аз мусиқии русӣ, немисӣ, англисӣ, омӯзгорони забон ва адабиёт, таърих, фанҳои дақиқ аз мусиқии классикӣ ва муосири тоҷик истифода мебаранд. Ҳатто хонандагон метавонанд дар лаҳзаҳои дамгирӣ бо овозхон ҳамроҳ шаванд. Дарс дар баробари супоришҳои ҷиддию заҳматталаб ҷойи хушҳолӣ низ мебошад.

**6. Мизи мудаввар.** Таҷрибаи кунунии гурӯҳ-гурӯҳ шинондани хонандаҳо оқибати хуби педагогӣ надорад. Ин кор шояд ба каҷшавии сутунмуҳра биёрад. Беш аз ин, онҳо аз дидани тахтаи синф ва тамошои намоиши лаҳзаҳои телевизион (дар он ҷое ки имконият ҳаст) маҳрум мешаванд. Вале омӯзгор метавонад дар рафти дарс гоҳ-гоҳ мизи мудаввар ташкил намояд. Методикаи ташкили он чунин аст:

Омӯзгор оид ба мавзуъ ва мустаҳкам намудани он муҳокимаи озод эълон мекунад. Дар рафти муҳокима мушоҳида менамояд, ки гурӯҳе аз хонандаҳо ҳамақидаанд. Ҳамин тавр, дар синф 3-4 гурӯҳ пайдо мешавад. Ҳамин хонандаҳои ҳамақида гирди ҳам нишаста, муҳокимаашонро то охир мепазонанд ва бо андешаҳои худ ба ақидаҳои гурӯҳи дигар ҷавоб мегардонанд. Дар ин мавридҳо хонандаҳо на ба тахта ё телевизор ё дигар воситаи техникӣ, балки рӯ ба рӯ ба ҳамдигар менигаранд.

Дар ҷараёни таълим ҳангоми фаъолияти гурӯҳӣ дар байни хонандагон ивазшавии иттилоот ва арзишҳои иҷтимоӣ баргузор

мегардад (ёрии ҳамдигарӣ, эътироф ва ғайра). Дар фаъолияти гурӯҳӣ ҳар як хонанда нақши «интиқолдиҳандаю қабулкунандаро» бозӣ мекунад.

**7. Бозии нақшҳо.** Ин тарзи таълим дар муассисаҳои таълимии мо хеле паҳн шудааст. Хонандаҳою омӯзгорон вобаста ба мавзуъ метавонанд нақши қаҳрамонон, одамони воқеӣ ва ҳатто ниқоб пӯшида, нақши ҳайвонҳо, парандаҳо ва ҷонваронро бозанд.

**8. Таълими таҷрибавӣ.** Мутаассифона, дар таҷрибаи омӯзгорони мо ин тарзи таълим хеле кам истифода мешавад, ҳол он ки бобати омӯхтани донишҳо ва татбиқи онҳо дар амал, дидан, боварӣ ҳосил кардан аз аҳаммият холӣ нест.

Таълими таҷрибавӣ, чӣ тавре ки аз номаш маълум аст, аз таҷриба оғоз меёбад. Хонандаҳо маводи хонда ва мушоҳида кардаашонро дар амал таҷриба карда, ба хулосаи зарурӣ меоянд. Таълими таҷрибавиро дар ҷараёни таълими ҳамаи фанҳо ба роҳ мондан мумкин аст, хусусан, дар дарсҳои табиатшиносӣ, хониш ва забони модарӣ. Чунин тааҷрибаҳоро бачаҳо метавонанд дар шароити хона низ гузаронанд.

Мисоли 1. Дар арафаи наздик шудани ҷашни Наврӯз хонандаҳо дар зарфе гандум хобонда сабзиши онро ҳар рӯз мушоҳида мекунанд. Мебинанд, ки модарон чӣ андоза онро дар пухтани суманак истифода мебаранд.

Мисоли 2. Хонандаҳо дар матне мехонанд, ки шаб одаме зери барф монда, саҳар хеста роҳашро давом додааст. Ё одамон тирамоҳ кабудӣ мекоранд, зимистон зери барф майса зада месабзад, хунук намезанад. Барои бовар кардан бачаҳо шабҳои сарди зимистон дар ду шиша об мегиранд. Якеро болои барф, дигареро зери барф мегузоранд. Саҳар мебинанд, ки кадоме аз онҳо ях кардааст. Аз ин ҷо хулоса мебароранд, ки барф кӯрпаи замин аст.

Агар мо тавонем, ки ҳамаи маводи таҷрибашавандаро таҷриба карда, донишандӯзиро дар асоси он ба роҳ бимонем, нураналонур

мешавад.

**9. Муҳокима.** Баъзан омӯзгор мавзуъро баён намуда, нақшаи онро пешниҳод менамояд ва ба муҳокима мегузорад.

Хонандаҳо оид ба мавзуъ матни китоби дарсиро нахонда бошанд ҳам, чизҳои дида, шунида ва мушоҳида кардаашонро изҳор менамоянд. Баъд матни китобро хонда ба чизҳои гуфтаашон муқоиса менамоянд ва хулосаи зарурӣ мебароранд.

Ё худ, хонандаҳо матнро дар хона хонда, дар синф оид ба мавзуъ ва мазмуни он муҳокима ташкил менамоянд.

**10. Ангезиши зеҳн** – чунин номида мешавад яке аз тарзҳои таълим, ки вақтҳои охир ба илми педагогика ворид гардидааст. Дар адабиёти илмӣ-методӣ гоҳе аз истилоҳи "ҳуҷуми фикрӣ" истифода мекунанд, ки дуруст нест. Дар мавриди ин ибора мо номҳои «Бедории фикр» («фикри бедор»), «Равонии фикр» (фикри равон, равшан), «Фаъолияти фикр» (фикри фаъол) ва ғайраро пешниҳод менамоем. Албатта, вақте ки худи амал фаъолият дорад, номи мувофиқ пайдо мешавад.

Моҳияти ангезиши зеҳн ё фикри фаъол ҳамин аст, ки омӯзгор ин ё он ашё, савол, муаммо (проблема) ё масъалаеро пешниҳод ва супориш медиҳад, ки хонандаҳо давоми 2-3 дақиқа ҳар чи бештар аломатҳо ва ҳаракатҳои ҳамон ашёро нависанд. Масалан:

- чӣ гуна шахсро қаҳрамон номидан мумкин аст?
- сифатҳо ва аҳаммияти аспро дар зиндагӣ нависед.
- сифат ва ҳаракатҳои одамони некро нависед.

Масъалагузорӣ мушкил шудан мегирад ва тадриҷан ба вазъияти проблемавӣ табдил меёбад.

**11. Тасвири шифоҳӣ.** Омӯзгор мавзуеро гузашта, ба хонандаҳо рӯ меорад: «Бачаҳо, агар мо рассом мебудем, расми ҳамин ашёро чӣ хел мекашидем? Биёед, ҳамон расмҳоро шифоҳӣ (даҳонӣ) тасвир мекунем».

Ҳар як хонанда аввал мегӯяд: «Агар ман рассом мебудам...» ва баъд тасвирашро изҳор менамояд.

**12. Расмкашӣ.** Ин тарзи таълим танҳо ба фанни «Санъат ва меҳнат" дахл надорад. Омӯзгорони фанҳои адабиёт, таърих зоология, биология, ботаника ва ғайра низ метавонанд аз он истифода баранд. Вақте ки ин ё он мавзуъро мегузаранд, хонандаҳоро таъкид мекунанд, ки расми онро кашанд. Хонандаҳо ба расми китоб ё дидаю мушоҳидаҳои худ такя карда, расм мекашанд. Барои ин кор баъзеҳо дафтар, албом ва ё тахтаи синфро истифода мебаранд. Самаранок гузаронидани фаъолияти мустақилона дар хонандагон эҷодкорӣ, шавқу рағбат ба азхудкунии донишро бедор намуда мустақилияти онҳоро дучанд афзун мекунад.

## 3.2. Ташкили шаклҳои таълими берунаэсинфӣ ва фаъолияти мустақилонаи таълимӣ аз забони модарӣ дар рушди нутқи талабагони синфҳои ибтидоӣ

«...талабагони мо як умр шогирди мактаб нестанд ва ҳамеша паси миз нишаста дарс намехонанд. Ба онҳо лозим меояд, ки бештар ҳаёти худро мустақилона гузаронда, мустақилона амал намоянд» [178, с.83].

Фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар синф, дар мактаб, дар хона, ҳангоми сайру гашт дар маҳалҳо ва суҳбатҳо бо соҳибони забон, ки лаҳҷаашон аз забони модарӣ фарқ мекунад, аз тарафи шогирдон сурат мегирад. Ҳангоми суҳбат дар маҳалҳо бо соҳибзабонон, ки лаҳҷаашон аз забони модарӣ фарқ мекунад, шогирдон одоби муошират ва тарзи гуфтори адабиро риоя кунанд ва гуфтори одамони маҳалро бо калимаҳои забони адабӣ муқоиса намоянд.

Агар дар машғулиятҳои берунаэсинфӣ аз дафтарҳои хотира истифода карда, унсурҳои шева ва лаҳҷаҳоро навишта, онҳоро бо

муродифи калимаҳои забони тоҷикӣ муқоиса намоем, сатҳи забономӯзӣ ва захираи луғавии шогирдон рушд ёфта, кори омӯхтани забони модариро хеле самарабахш мегардонад. Дар дафтари хотира тарзи гуфтори волидайн, бобою бибӣ, ҳамсоягон низ ба қайд гирифта мешавад. Масалан, ҳангоми таҳқиқот дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин мо аз гуфтори мардуми маҳаллӣ калимаҳои «Да» – падар, «Ма» – модар, «Бобӣ» – бобо, «шаттапоя» – «нордбон» ва ғайраро шунидем, ки инҳо калимаҳои лаҳҷавию гуфтории мардуми ин маҳал ҳисоб меёбанд.

Вале афсӯс, ки дар синфҳои ибтидоӣ оид ба таълими грамматика, имло ва инкишофи нутқ машғулиятҳои беруназсинфиро раво намедонанд ва инро, асосан, барои синфҳои боло хос мешуморанд. Ҳол он ки бачагони синфҳои ибтидоӣ кунҷков буда, бисёр чизҳоро донистан мехоҳанд. Аз ин ҷост, ки баъзан саволҳои *Дар забонамон чанд калима ҳаст? Чаро он ашё ин тавр номида мешавад? Чаро ин калимаҳоро хешу табор меноманд?* ва ғайра вомехӯранд. Бачагони ин синну сол чистону зарбулмасалҳо, шеъру тезгӯякҳоро дӯст медоранд ва дар лаҳзаҳое, ки омӯзгор машғулиятҳои беруназсинфиро шавқовару ба мақсади муайян мегузаронад, ҳама фаъолона иштирок мекунанд.

Кӯдак аз нуқтаи назари биологӣ то синни даҳсолагӣ ҳазлу шӯхиро дӯст медорад. Вай бо ҳама ва ҳар чӣ бозӣ мекунад ва дар бозӣ бисёр чизҳоро ёд мегирад, ҷаҳони иҳотакардаашро дарк менамояд, нозукиҳои забони модариро меомӯзад, мусиқии онро ёд мегирад.

Зарурати истифодаи қайдҳои дафтарҳои хотира дар дарс ва ислоҳи хатоҳои забонӣ аз иборат аст, ки дар машғулиятҳои беруназсинфӣ кӯдакони ин синну сол кунҷков мешаванду бисёр чизҳоро ёд гирифтан мехоҳанд. Аз рӯйи дафтари хотира ба омӯзгор савол дода, аз ӯ ҷавобҳои дурустро шунидан мехоҳанд. Машғулиятҳои беруназсинфӣ имконият медиҳад, ки маводи дар дарс омӯхташуда ва дафтари хотира шуурона аз худ карда шуда, мустаҳкамтар гарданд, захираи луғавии бачаҳо зиёд

гашта, нутқи шифоҳӣ ва хаттиашон инкишоф ёбад, рағбати онҳо ба омӯхтани забони модариашон афзояд. Ниҳоят, вақте ки онҳо ба синфҳои боло мегузаранд, кори дар машғулиятҳои беруназсинфӣ кардаашонро давом медиҳанд.

**Маводи дидактикӣ.** Маводи дидактикии зиёде мавҷуданд, ки омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ҳамчун шаклҳои таълими беруназсинфӣ дар фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ бо мақсади болоравии сатҳи дониши хонандагон аз фанни забони модарӣ истифода мебаранд. Мазмуни маводи дидактикӣ дар синфҳои 1-4, асосан, аз ҷудо кардани ашё ба гурӯҳҳо, аз рӯйи савол муайян кардани категорияи калимаҳо, дуруст муайян кардани аломату ҳаракати ашё, гурӯҳбандии ашё ва ғайра иборатанд. Як қисми маводи дидактикиро ислоҳ кардани ғалатҳои имлоӣ, пурра кардани калима, ёфтани ҳарфи зарурӣ ва монанди инҳо ташкил мекунанд. Масалан, партофтан ва иваз кардани ҳарфҳо ҳангоми хондан ва навиштан.

Бо мақсади моҳият ва аҳаммияти маводи дидактикиро дар аз худ намудани овоз ва ҳарфи нав ошкор намудан, дар дарсҳои саводомӯзии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ иштирок намуда, бо раванди дарсҳо аз наздик шинос шудем. Масалан, ҳангоми омӯзонидани мавзуи “Овоз ва ҳарфи «Н» омӯзгор аз чунин маводи дидактикӣ истифода намуд.

Қадами 1. Ба шакли омехта ба намоиш гузоштани расми ашёи гуногун.



Қадами 2. Аз байни ин варақаҳои суратдор варақчаҳоеро ҷудо карда мегиранд, ки дар он расми ашёи зарурӣ тасвир шуда бошад, яъне, номи ашё бо овози «Н» сар шавад:



Қадами 3. Гуфтани номи ашёе, ки дар расмҳои интихобшуда тасвир ёфтааст.




Қадами 4. Дар зери расм номи ашё навишта шуда бошад ҳам, ягон ҳарфаш партофта шудааст. Хонандагон ҳарфи заруриро ёфта, калимаро пурра карда мехонанд. Хонандагон  баробари омӯхтани овозу ҳарфҳо аз уҳдаи хондани чунин калимаҳо мебароянд.

Намуна: нома (.ом.) нок (но.), нағора (.ағора), най (на.), нон (но.),




Қадами 5. Дар тарафи дигари расм номи ҳамон ашё навишта шудааст, бачаҳо мустақилона мехонанд ва барои санҷидани дурустии дониши худ ба расм нигоҳ мекунанд. Агар ба ҷойи як ҳарф ҳарфи

дигарро хонда бошанд, ба расм нигоҳ карда, ғалати содиршударо ислоҳ менамоянд.

Қадами 6. Ягон ҳиҷои калима партофта шудааст, бачаҳо онро пурра мекунанд:

ЛО.. (ЛОНА), СО.. (СОРО), . . ЛАХ (МАЛАХ)

..НА (ЗИНА), СӮ … (СӮЗАН), ХО.. (ХОНА)

Сипас, омӯзгор ба хонандагон супориш медиҳад, ки аз алифбои бурида истифода карда, калимаҳои **А-НА, ЛО-ЛА, ЛО-НА** ва ҷумлаҳои **А-на, Ло-ла, хо-на. А-на, хо-на**-ро тартиб диҳанд. Ҳангоми таълими савод аз расмҳои ҳархелаи мазмундор истифода бурдани омӯзгор ба максад мувофиқ аст. Чунин расмҳо дар китоби дарсӣ ниҳоят зиёд мебошанд, ки онҳо характери таълимӣ ва тарбиявӣ доранд. Зимни истифодаи онҳо захираи луғавии бачаҳо инкишоф ёфта нутқи хаттӣ ва шифоҳиашон инкишоф меёбад.

Дар синфи дуюм баробари ин, бозиҳои дидактикии дигар, ба монанди калимаҳои ҳамоҳанг (омонимҳо), калимаҳои “дӯст” (синонимҳо), калимаҳои “душман” (антонимҳо)-ро метавон гузаранд.

| **Калимаҳои шаклан монанд** | **Калимаҳои дӯст** | **Калимаҳои душман** |
|---|---|---|
| шона – шонаи одам<br>шона – шонаи сар | дунё: олам, гетӣ, даҳр… | сиёҳ – сафед<br>баланд – паст |
| ток – токи ангур<br>ток – токи барқ | рӯй: чеҳра, лиқо, башара | хуб – бад |
| бар – бари хона, девор<br>бар – феъли фармоиш | қадим: куҳна, дерина, пештара… | ширин – талх… |

Як қисми бозиҳо дар синфи II вобаста ба мавзуи «Таркиби калима» гузаронда мешавад.

Дар синфи III доираи мавзуъҳои грамматикӣ-имлоӣ, чи аз ҷиҳати миқдор ва чи аз ҷиҳати мазмун, васеъ мегарданд. Дар ин синф, пеш аз ҳама, як қатор бозиҳое гузаронида мешаванд, ки онҳо характери лексикӣ доранд ва барои омухтану мустаҳкам кардани таркиби калима ва

ҳиссаҳои нутқ нигаронида шудаанд. Баъзан омӯзгор ҳангоми бозиҳо дар хусуси он гап мезанад, ки баъзе калимаҳо куҳна шуда мераванд, ҳамчунин, калимаҳои нав ба таркиби луғавии забонамон ворид мегарданд. Ҳамин тавр, бозиҳо, ки доир ба лексика гузаронида мешаванд, машғулиятҳои ҳақиқии омӯхтани забон мегарданд.

Омӯзгор метавонад як қисм бозиҳои дигар ташкил намояд, ки мақсади онҳо инкишофи нутқ ва маданияти он мебошад.

Масалан, «Калимаҳои муҳим ва зарур», «Калимаҳои зарарнок», «Нутқи моро чӣ вайрон мекунад?», «Захираи луғавии кӣ зиёдтар?» ва ғайра.

Фосилаи байни машғулиятҳои беруназсинфӣ набояд дур бошад. Беҳтараш, ҳафтае як маротиба ташкил кардан лозим аст. Давомнокии чунин машғулиятҳо 35-40 дақиқа аст.

“Ба дарсҳои забони модарӣ, ки шакли асосии таълиму тарбия мебошанд, агар машғулиятҳои берун аз синфиро илова намоем, кори омӯхтани забони модарӣ хеле самараи нек медиҳад.” [164.С-369]

Дар машғулиятҳои беруназсинфӣ ба ҷавоби бачаҳо баҳо додан лозим аст. Баҳо ба тариқи хол дода мешавад. Чанд холро соҳиб шудани хонанда ба душвории савол ва тарзи ҷавоб додани ӯ вобаста аст. Ҳангоми баҳо додан омӯзгор аз ситорачаҳо, байрақчаҳо ва ё расмҳои гуногун истифода мебарад, яъне, агар ба ҷавоби хонанда як хол доданӣ бошем, як ситорача ва ё як байрақча медиҳем. Дар охир маълум мешавад, ки касе бисёртар ситорача ё байрақча гирифта бошад, холи бисёрро ҳамон гирифтааст. Холҳоро на танҳо ба бачаҳои алоҳида, балки ба қаторҳо низ медиҳем.

Дар охири ҳар машғулият омӯзгор вазифаи хонагӣ месупорад. Бачаҳо метавонанд, то машғулияти оянда чистону шеърҳо навишта оянд ва ё расмҳо гирд оранд.

Мазмуни машғулиятҳо дар синфҳои ибтидоӣ ба қисмҳои забон (овоз ва ҳарф, калима, ҷумла, нутқи алоқанок) мутобиқ кунонида шуда, бештар дар шакли бозиҳои дидактикӣ гузаронида мешавад.

Чунончи, оид ба ҳарф ва ҷойи он:

Ҳар як ҳарф дар калима ҷойи истифодаи худро дорад. Ин қоидаи умумиро на ҳар як мактаббачаи хурдсол медонад. Илова бар ин, агар донад ҳам, дар натиҷаи бетаҷрибагӣ ё бемасъулиятӣ ба он риоя намекунад. Инро ба бачаҳо чӣ тавр фаҳмонем, то ки онҳо минбаъд хато накунанд?

– Бачаҳо, – мегӯяд омӯзгор, – ҳафтаи гузашта ҳамаамон ба боғ рафта будем. Таъкид карда будем, ки чизҳои дидагию шунидаатонро бо 3-4 ҷумла нависед. Қисми зиёди шумо ҷумлаҳои хуб тартиб додед, ҳатто баъзеҳо иншо навиштаанд. Аммо як нафар аз синфи мо ин тавр навишта аст (омӯзгор болои ҷумлаҳои хонандаро, ки пешакӣ дар тахтаи синф навишта монда буд, мекушояд). Ана, он ҷумлаҳо. Хомӯшона хонед ва баъд гӯед, ки хато дар чист ва тарзи дурусташ чӣ хел мешавад:

Зимистон буд. Мо ба зоғ рафтем. Ҳама ҷо барф. Як **боғ** қар-қар карда парид.

Як дақиқа нагузашта синф ба ҷунбиш меояд. Баъзеҳо механданд.

– Барои чӣ механдед?

– Навиштааст, ки ба зоғ рафтем. Ба зоғ не, ба боғ навиштан дуруст аст.

– Навиштааст, ки як боғ қар-қар гуфта парид. Боғ намепарад. Зоғ мепарад.

– Дуруст. Чӣ кор кунем? Калимаи «боғ»-ро хат зада «зоғ» нависем-мӣ?

– Не. Танҳо ҳарфи аввалроислоҳ мекунем: ба ҷойи ҳарфи «з» ҳарфи «б», ба ҷойи ҳарфи «б» ҳарфи «з» менависем.

– Хеле хуб. Ана, дидед, бачаҳо. Дар натиҷаи бедиққатӣ хатои дағал рӯй додааст. Ҳарфҳо, ки дар ҷойи худ навишта нашудаанд, маънои калимаҳо тағйир ёфтааст. Ҳол он ки мо маънои «боғ» ва «зоғ»-ро медонем (омӯзгор расми зоғ ва расми боғро дар тахтаи синф мечаспонад).

Акнун ин ҷумлаҳоро хонед (ҷумлаҳо пешакӣ навишта монда шудаанд) ва гӯед, ки оё ҳамаи калимаҳо дуруст навишта шудаанд?

Ҳаво **тунук** шуд. Бачаҳо либоси **парм** пӯшиданд. Шаб **борик** аст. Мо дар **кафтар** менависем. Модарам **гӯштгирён** кард. **Шитоб** сарчашмаи дониш аст. **Қабза** дамид. Соҳиб одами **бағал** нест. Мо **гӯшачинӣ** рафтем.

Бачаҳо ҷумлаҳоро хонда мефаҳманд, ки дар натиҷаи бедиққатона ва шитобкорона навиштан ва дар ҷойи худ наомадани ҳарфҳои *т, ч, б, к, ш, қ, ғ, г* калимаҳо тамоман маънои дигар гирифтаанд:

| | | | |
|---|---|---|---|
| тунук – | хунук | шитоб – | китоб |
| парм – | гарм | қабза – | сабза |
| борик – | торик | бағал – | дағал |
| кафтар – | дафтар | гӯшанишинӣ – | хӯшачинӣ |

**Пош хӯрдани ҳарфҳо**. Омӯзгор мегӯяд, ки ман барои шумо бачаҳо, дар хона калимае фикр карда будам. Аммо дар роҳ ҳарфҳо аз дастам афтида, пош хӯрданд. Акнун худам ҳам намедонам, ки он калима кадом буд. Ҳарфҳо ин хел тит шуданд:

Бачаҳо ҳарфҳоро ҷо ба ҷо гузошта, калимаи фикр кардаро ёфта, мехонанд (модар) ва бо ҳамин калима ҷумла мегӯянд ё ягон шеъри ба модар бахшидашударо аз ёд мехонанд.



Расми 6.

Ҳамин тавр, калимаҳои Ватан, китоб, дафтар ва монанд ба инҳоро хонда, метавонанд, ҷумлаҳо тартиб диҳанд.

**Базми калимаҳо.** Қисми зиёди машғулиятҳои беруназсинфиро ба бозии «Базми калимаҳо» бахшидан мумкин аст. Мазмуни ин машғулиятҳо ба луғатомӯзӣ, кори лексикӣ ва грамматикӣ бахшида мешавад. Дар натиҷаи ин гуна бозиҳо захираи луғавии бачаҳо меафзояд, онҳо ба маъноҳои гуногуни калимаҳо шинос гардида, мавқеи истифодаи онҳоро ёд мегиранд. Баъзан як ашё (калима)-ро интихоб намуда, мавзуи як машғулият қарор медиҳем. Масалан, калимаи «рӯбоҳ». Омӯзгор расмашро ба бачаҳо нишон медиҳад ва мепурсад, ки дар хусуси ҳамин ҳайвон чӣ медонед. Бачаҳо, албатта, баъзе маълумот доранд. Рӯбоҳ ҳайвони ваҳшӣ буда, дар ҷангалу бешазорҳо, буттаю чакалакзорҳо зиндагӣ мекунад. Рӯбоҳ бештар дар назди қишлоқҷойҳо ғор месозад, то ки шабҳо ба деҳа омада шикор кунад. Вай полезҳоро помол карда, мурғҳоро бурда мехӯрад. Ҳамин маълумоти умумии бачаҳоро ба назар гирифта, таснифоти калимаҳоро мегузаронем, ки ба он ҳайвон (рӯбоҳ) алоқамандҳанд ранд. Баъзан як ашё (калима)-ро интихоб намуда, мавзуи як машғулият қарор медиҳем. Масалан, калимаи «рӯбоҳ». Омӯзгор расмашро ба бачаҳо нишон медиҳад ва мепурсад, ки дар хусуси ҳамин ҳайвон чӣ медонед. Бачаҳо, албатта, баъзе маълумот доранд. Рӯбоҳ ҳайвони ваҳшӣ буда, дар ҷангалу бешазорҳо, буттаю чакалакзорҳо зиндагӣ мекунад. Рӯбоҳ бештар дар назди қишлоқҷойҳо ғор месозад, то ки шабҳо ба деҳа омада шикор кунад. Вай полезҳоро помол карда, мурғҳоро бурда мехӯрад. Ҳамин маълумоти умумии бачаҳоро ба назар гирифта, таснифоти калимаҳоро мегузаронем, ки ба он ҳайвон (рӯбоҳ) алоқаманданд.

**Ҷадвали 14.**

**Таснифоти калима (дар мисоли рӯбоҳ)**

| калима | исм | аломати исм | амали исм |
|---|---|---|---|

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **(ҳайвон)** | | |
| рӯбоҳ | номи ҳайвон (синфҳои 1-2); исм (синфи 3 ва 4), ба саволи чӣ? ҷавоб мешавад. | зард, ваҳшӣ, ҳилагар, фиребгар, хурдакак, камқувват, беқувват, нотавон, чаққон, зирак, ҳушёр, зараррасон, тезбин. | мегардад, мебинад, медавад, мечаҳад, мехӯрад, медуздад, мебарад, помол мекунад, мекобад, месозад, бӯй мегирад, ҳила месозад, фиреб мекунад. |

Агар сифатҳои пӯсти рӯбоҳро ба ҳисоб нагирем, захираи луғавии хонандагон ба андозаи 27-28 калима зиёд мешавад. Аммо машғулият бо номбар кардани аломату ҳаракати калимаи «рӯбоҳ» ба охир намерасад. Бо мақсади инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ бачаҳо мазмуни ягон афсона ва ё ҳикояи ба рӯбоҳ бахшидашударо нақл мекунанд. Ҷумла тартиб медиҳанд.

**Маънoҳои калима.** Хонандагон ба калимаҳои зиёде вомехӯранд, ки шаклан як хел навишта шуда бошанд ҳам, ба маънoҳои гуногун меоянд. Омӯзгор ба хонандагон расмҳои анор (мева), Анор (номи духтарак), лола (гул), Лола (номи духтарак), асо (асбоби такя), Асо (номи писарак), товус (паранда), Товус (номи духтарак) ва ғайраро нишон медиҳад. Маълум аст, ки ин калимаҳо сермаъноанд ва яке номи ашё бошад, дигаре номи одамон аст. Масалан: калимаи «асо». Худи бачаҳо медонанд ва нақл мекунанд, ки чаро одамони калонсол асо мегиранд. «Бобои ман ҳам асо дорад», – мегӯянд қисме аз хонандагон. Вале чаро ба ин бачаяк асо ном мондаанд? Барои он ки ӯ ҳам дар вақти пирии падару модараш ба онҳо асо гардад, яъне онҳоро нигоҳубин кунад.

Ҳамин тавр маънoҳои калимаҳоро шарҳ дода, ба қисми дигари онҳо дучор мешавем, ки бо 3-4 маъно меоянд. Омӯзгор расмҳои зеринро дар тахтаи синф меовезад:

1. Ситораи (осмон). 2.Ситораи (панҷгӯша). 3. Ситора (номи духта- рак). 4.Ситора( тилло).

Бачаҳо расмҳоро мушоҳида мекунанд ва ба маъноҳои гуногуни калимаи “ситора” сарфаҳм мераванд. Лекин барои мактаббачаи хурдсол маънои ҳар як калима дар ҷумла ва дар матн равшантар мегардад. Бинобар ин, ба ҳар яки ин «ситораҳо» ҷумла тартиб додан беҳтар аст:

1. Дар осмони соф ситораҳо чашмак мезананд. 2. Мо расми ситораро кашидем. 3. Ситора духтари доно ва зирак аст. 4. Падарам ордени Ситораи Тиллоӣ дорад.

Дар ин ҷумлаҳо калимаи «ситора» барои ифодаи маъноҳои гуногун омада бошад ҳам, онҳо ба якдигар наздикӣ доранд ва аз ягон ҷиҳат алоқаманданд. Аммо калимаҳои дигаре мавҷуданд, ки дар мавриди як хел навиштан ҳам маъноҳои онҳо ба якдигар муносибате надоранд. Масалан, омонимҳо (истилоҳ номбар карда намешавад) мутааллиқ ба ин гурӯҳанд:

1. Падари Фирӯз чанг менавозад. 2. Мошина чанги роҳро ба ҳаво бардошт. 3. Ба пойи Қосим хор зад. 4. Бачаҳои синфи мо дар хори умумии муассисаи таълимиамон иштирок мекунанд. Амакам намегузошт, ки ман хор шавам.

3-4 машғулияти беруназсинфиро ба синонимҳо (офтоб, хуршед; олам, ҷаҳон, дунё); калимаҳои муқобилмаъно (пасту баланд, сафеду сиёҳ, дӯсту душман, ҷангу сулҳ) бахшидан мумкин аст.

Дар ин гуна машғулиятҳо бозиҳои дидактикии грамматикӣ ва ребусҳо мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Масалан, аз калимаҳои ҷисм, қисм номи як ҳиссаи нутқ созед ( Агар ҳарфҳои аввали ин калимаҳо (ҷ, қ)-ро партоем, номи ҳиссаи нутқ – исм боқӣ мемонад.

**Баҳси ҳиссаи нутқ.** Як рӯзи зимстон буд. Се ҳиссаи нутқ – исм, сифат, феъл дар як ҷо ҷамъ омаданд. Дар байнашон баҳси сахте ба амал омад. Ба ҳамааш исм гунаҳкор. Баҳсро ӯ сар кард.

– Ман, – гуфт исм, – ҳиссаи нутқи аввалинам. Маро бачаҳо аз ҳама пеш меомӯзанд ва медонанд. Бе ман ҳар дуи шумо нестед.

– Не, – гуфт сифат. – ана гӯш кун, агар ман набошам, бачаҳо аз куҷо медонанд, ки ки ту зебоӣ, тозаӣ ё ки чиркин; чаққонӣ, далерӣ, зиракӣ, ё танбал? Бинобар ин, бе ман ту вуҷуд надорӣ.

– Гапи ҳар дуят маъқул-куя, – гуфт феъл, – вале гӯед, ки агар ман набошам, шумо чӣ хел ҳаракат мекунед, гап мезанед, механдед. Ана, ман, ки ҳаракатам, биёед, ба назди бачаҳо меравем. Бигзор онҳо гӯянд, ки кадоме аз мо асосӣ ва кадоме ғайриасосием.

Маслиҳати Феъл ба Исму Сифат маъқул шуд. Онҳо назди бачаҳо омаданд, то ки ҷанҷолашонро яктарафа кунанд.

– Канӣ, бачаҳо, шумо ҳар сеи ин ҳиссаҳои нутқро омӯхтед. Гӯед, ки даъвои кадомашон дуруст аст?

Мактаббачагони хурдсол тоқати 40-50 дақиқа нишаста кор карданро надоранд. Дар ин муддат фаъолияти амалии бачаҳо чандин карат иваз шуда меистад. Дар байни амалиёти гуногун машқҳои дамгирӣ ё дақиқаҳои дамгирӣ нақши муҳим дорад. Ин гуна машқҳо ҳам дар раванди дарс ва ҳам дар машғулиятҳои берун аз дарс гузаронида мешаванд.

Машқҳои дамгирӣ хелҳои гуногун дорад: себчинӣ, гулчинӣ, барфбозӣ, гулгардонӣ, шиноварӣ, куҳнавардӣ ва амсоли инҳо.

1.**Себчинӣ** (пахтачинӣ, гулчинӣ). Машқҳои себчинӣ ва пахтачинӣ дар фасли тирамоҳ, дар он фасле, ки себ мепазаду пахта мешукуфад, гузаронида мешавад. Амалиёт як хел бошад ҳам, баъзе ҷиҳатҳои фарққунанда дида мешавад. Бачаҳо дар себчинӣ хаму рост шуда дастҳоро боло мебардоранд ва гӯё аз шоҳаҳои дарахт себ чида дар сабадчаҳо ҷо мекунанд. Дар машқи пахтачинӣ бошад, аввал омӯзгор оид ба аҳаммияти пахта суҳбат гузаронида, чистон мегӯянд.

Омӯзгор мепурсад, ки дар фасли тирамоҳ дар саҳроҳои мо чӣ мешукуфад?

Бачаҳо: – Дар фасли тирамоҳ пахта мешукуфад.

Омӯзгор: – Бале, бачаҳо, дар ин фасл пахта мешукуфад. Пахта ифтихори мост.

Омӯзгор: – Мо оид ба пахта кадом чистонро аз ёд карда будем?

Бачаҳо:

Он чист, ки панҷ хона дорад,
Дар нармии худ нишона дорад.
Ҳар хонаи он пур аз барф,
Ин турфа, ки барф дона дорад?

Омӯзгор: – Бисёр нағз. Мо низ дар пахтачинӣ ба падару модарамон ёрӣ мерасонем. Биёед, ҳозир машқи пахтачиниро иҷро мекунем (Бачаҳо аз партаҳо берун баромада, ҳаракатҳои гуногунро ба ҷо меоранд: хам мешаванд, пешдоманҳоро гирифта ба миёнҳо мебанданд).

Омӯзгор: – Барои он ки дурии роҳро ҳис накунем, чӣ кор мекунем?

Бачаҳо: – Шеър мехонем. Чӣ хел? «Байтбарак карда, бо навбат шеър» мехонем.

-Гуфт: -Шариф.

Розӣ шуданд бачаҳо.

-Кӣ шуруъ мекунад? Омӯзгор таклиф кард, ки ман як ашёро дар кафи дастам нигоҳ медорам, касе, ки аввалин шуда он ашёро ёфт, шеърхониро ӯ сар мекунад.

Каримҷон: Барфи фаровон борид,
Барфи дурахшон борид.

Шариф: Дастам бигирифту по ба по бурд
То шеваи роҳ рафтан омӯхт.

Умеда: Ту-хонаи умеди дил
Ҳам қиблаи имони мо…

Ҳамин тавр бачаҳо ба шеърхонӣ шуруъ мекунанд.

**2.Барфбозӣ.** Машқи мазкурро дар фасли зимистон, рӯзҳое, ки дар берун барф меборад, мегузаронем. Хонандагон аз ҷой хеста амалиёти барфбозӣ, бобои барфисозиро дар синф иҷро мекунанд ва яке аз сурудеро, ки ба фасли зимистон ё бобои барфӣ бахшида шудааст, месароянд. Шеъри Алӣ Бобоҷон. Зеби зимистон.

Барфи фаровон борид,
Барфи дурахшон борид.
Ба дашту саҳро нигар:
Либосашон шуд дигар.

Шуд боғу майдон сафед,
Дору дарахтон сафед.
Барфи калон, марҳабо,
Нуқрафишон,марҳабо!

3.**Гулчинӣ.** Ин машқ бештар ба фасли баҳор хос аст. Вақте ки дашту даман аз гулҳои баҳорӣ: сиёҳгӯш, бойчечак, лола ва монанди инҳо пур мегардад, гузаронидани ин машқ ба мақсад мувофиқ аст.

Дар бозгашт аз гулчинӣ онҳо даста-даста гул чида, аз фолклори бачагона таронаи «Гули сиёҳҳгӯш»-ро месароянд:

Гули сиёҳгуш қошгардон,
Табақ пур кун гулгардон,
Бидеҳ дар дасти гулгардон,
Баҳори нав муборак бод.

Машқи гулчиниро баъзан лолачинӣ ҳам меноманд. Дар ин машқ бачаҳо сурудеро месароянд, ки дар васфи лола гуфта шудааст. Масалан, шеъри М.Миршакар «Гули лола»-ро:

Дар дашту кӯҳсори мо
Рӯйидаву бишкуфтааст.
Бо ҳусни худ саҳроро
Хушрӯтар намудааст.
Аз дур агар бинедаш
Чун байрақча мерахшад
Шинед агар дар пешаш,
Хурсандиҳо мебахшад.
Медонед номи онро?

Номаш гули лола аст,
Чун байрақча бачаҳо
Мегиранд онро ба даст.

**4. Бозии кабӯтар.** Бачаҳо аз ҷой хеста, чун кабӯтарон ба парвоз меоянд. Дастҳоро ба ду тараф монанди болҳои кабӯтар паҳн мекунанд ва хаму рост кардан мегиранд, яъне болою поён мефуроранд. Баробари ҳаракатҳои худ суруди У.Раҷаб «Кабӯтари ман»-ро месароянд.

Болу парат кушо, биё,
Кабӯтари ман,
Нишин ба тори боми мо
Кабӯтари ман.
Биё, ки сила мекунам
Болу паратро,
Биё-биё, ки мебарам
Туро ба ҳар ҷо.
Биё, биё, ки медиҳам
Дона бароят,
Биё, биё, ки кардаам
Лона бароят.

**5. Шиноварӣ**. Ин машқро баъзан машқи «Бозии моҳӣ» ҳам меноманд. Бачаҳо аз ҷой хеста, чун шиноварон тайёр мешаванд. Онҳо дастҳоро пеш гирифта, худро ба об мепартоянд ва монанди шиноварони моҳир шино кардан мегиранд. Дар ин вақт дастҳо, поҳо хеле ҳаракат мекунанд ва гуё монда мешаванд.

**6. Харгӯш.** Машқро бо супориши омӯзгор яке аз хонандаҳо мегузаронад. Ӯ ба назди тахта баромада, бо ангуштҳояш ишора карда аз ёд мехонад:

Яку дую сею чор
Харгӯш баромад аз ғор
Чӣ кунему бо чӣ роҳ

Ба даст орем онро?

Мешуморем боз аз нав

Яку дую сею чор

Бачаҳои дигар низ аз ҷояшон нахеста, барбари он хонанда бо овози баланд мехонанд ва ишора мекунанд.

**Дақиқаи чолокӣ.** Дар синфҳои ибтидоӣ қариб дар ҳамаи дарсҳо аз дақиқаҳои чолокӣ (тарбияи ҷисмонӣ) истифода мебаранд. Бачаҳо аз ҷой хеста 3-4 машқ иҷро мекунанд ва бо сурудҳои зерин ҷамъбаст менамоянд:

Яку дую се

Мо зӯрем хеле.

Мегирем баҳои «4»-у « 5»

Лозим нест баҳои «се».

Ё худ:

Мо навиштем бору бор

Дастҳо монда шуд зи кор.

Яку дую се чор

Менамоем боз такрор.

Чунинанд навъҳои машқҳои дамгирии нисбатан маълум. Дар таҷрибаи амалии омӯзгорон намудҳои дигари ин машқҳо истифода мешаванд. Дар мавриди самаранок ташкил кардан ва гузаронидани машқҳои дамгирӣ бачаҳо на танҳо каме дам мегиранд, инчунин, аз нав ба меҳнати фикрӣ шуруъ менамоянд, матни шеъру таронаҳои зиёдеро аз ёд карда, нутқашонро инкишоф медиҳанд.

Дар раванди саёҳатҳо ба табиат ва истифода аз гуфтори мардуми маҳаллӣ дар хотир нигох доштани номи гиёҳҳо, наҳру дарёҳо, мавзеъҳои ҷуғрофӣ, муқоиса ва ёфтани муродифи онҳо аз луғату фарҳангҳо ба таври васеъ истифода шуда, дар фаъолияти омӯзгорон зиёд ба кор бурда мешавад. Омӯзгор ба хонандагон эълон мекунад, ки мо пагоҳ (рӯзи истироҳат) ба табиати маҳалламон ба саёҳат меравем. Бачаҳо аз нақшаи

омӯзгор огоҳ шуда, барои ба сайёҳат рафтан омодагӣ мебинанд. Онҳо бо ҳамроҳии омӯзгорашон ба табиати маҳалли худ ба сайёҳат рафта, бо гулу гиёҳҳои маҳаллашон шинос мешаванд. Бачаҳо ҳангоми саёҳат нохост ҷайраро дида мемонанд. Ҷайра ҳайвони на он қадар калони кӯзапушт аст. Баданаш пур аз сӯзанхор тез мебошад. Хорҳои вай дароз-дарози рангаанд. Хори ҷайра барои худро аз душман муҳофизат кардан хизмат мекунад.

Калимаҳо ва шарҳашон:

Ҷайра (хорпушт) на он қадар калон, на хурд, миёна, кӯзапушт, пушташ каме ба берун баромадагӣ, хорҳо-сихҳои ҷайра барои муҳофизат кардан истифода мешавад.

### 3.3. Методикаи ибтикории ташкили фаъолияти таълимии мустақилонаи хонагӣ дар рушди зеҳнию забонии талабагони хурдсол

Мушоҳидаҳо собит сохтанд, ки дар раванди таълими забони модарӣ ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона дар синф ва хона қобилияти зеҳнии хонандагон ба таври зарурӣ ба назар гирифта намешавад. Масалан, дар синфҳои ибтидоӣ вазифаҳои таълимии хондан, навиштан, ҳисоб кардан, (ҳалли мисолу масъала) ба андозаи талаботи барномаҳои таълим анҷом дода мешавад. Вале ба вазифаҳои муҳимтарини таълиму тарбия – рушди зеҳну тафаккури хонандагон, ки заминаи устувори маданияти зеҳнӣ ва тафаккури мустақилонаю эҷодии шахсиятро муайян менамояд, камтар аҳаммият дода мешавад.

Ташаккули маданияти зеҳнӣ ба рушди тафаккури хонандагон таъсири мусбат мерасонад. Пешравии ҷомеа ва тақозои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии он ғолибан ба низоми таҳсилот вобаста аст, зеро маърифатмандӣ ва рушди зеҳнии шахсият, саломатии рӯҳӣ, гуногунҷанбагӣ ва инкишофи мутаносиб, фарохназарӣ, ҳамчунин, талош ба эҷодкорӣ ва

ҳалли вазифаҳои ғайричашмдоштро маҳз низоми таҳсилоти муташаккили давлатӣ ҳал карда метавонад. Дар низоми таҳсилоти давлатӣ, хусусан, мазмуни таҳсилот ва таълиму тарбия, тақлид ба низоми таҳсилоти дигарон, кӯчонидани низоми таҳсилот аз бегонагон бидуни асосмандии назариявӣ ва озмойишҳои мутобиқсоз ба шароити иҷтимоӣ, анъаноти хонаводагӣ, маънавӣ-ахлоқӣ ва манфиатҳои давлатӣ ва миллӣ қатъиян қобили пазируфтан нест, зеро дар маҷмуъ ин амал мувофиқи истиқлолияти мазмуни таҳсилот, сирати миллӣ ва маданияти зеҳнии миллӣ буда наметавонад ва ин арзишҳоро на рушд, балки коҳиш дода, тадриҷан сарнагун менамояд.

Ба ин маънӣ олими рус, академик Б.С.Гершунский чунин мефармояд: «Таъкид мекунем, ки ба ҳеҷ ваҷҳ кӯшишоти дахолат ба қаламрави сират (менталитет) ба хотири ин ё он тағйири сират наметавонад иҷборӣ, бо ёрии методҳои зӯроварӣ ва пахши чи сирати шахсият ва чи сирати иҷтимоъ (ҷамъият) анҷом дода шавад.” [73, с.55].

Дар таълими забони модарии синфҳои ибтидоӣ омӯзгорон (ҳангоми иҷрои вазифаи хонагӣ) ба масъалаи хондан, навиштан ва инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттии хонандагон аҳаммияти хоса дода, ба фаъолияти бозгӯ кардани мазмуни матни хонда (ҳикоя, афсона, шеър ё чистон) баҳогузорӣ менамоянд. Хонанда чизи тайёрро муддате дар хотир нигоҳ дошта, онро нақл карда метавонад. Аммо нисбат ба воқеаҳои дар матн рухдода, сабабҳои ба вуҷуд омадни масъалаҳои ҳалталаби матн фикр намекунад. Яъне дар раванди таълими забони модарӣ дар хонанда малака ва маҳорати фикр кардан, таҳлилу хулоса баровардан ба қадри зарурӣ рушд намеёбад. Зеҳни хонанда фаъол гардонда намешавад.

«Муносибати босалоҳият дар таълим муносибати хонандаро ба таҳсил, нақши омӯзгорро дар раванди таълим,муносибати омӯзгору хонандагон,хонандагону маводи таълимро муайян мекунад». [49, с.32].

Чунин муносибат ба тағйирпазирии нақшҳо боис гардида, ба кам шудани нақли омӯзгор ва зиёд шудани фаъолияти хонанда оварда мерасонад. Омӯзгор дар раванди дарс муколама ташкил мекунад ва дар ин муколама хонандагон фаъолона иштирок мекунанд. Масъала мегузорнад, барои ҳалли масъала муҳаққиқ мешаванд. Фазои омӯзиш хонандагонро ба худмухторӣ ва мустақилона аз худ кардани донишҳо ҳидоят менамояд.

Дар дарсҳо омӯзгорон аз хонандагон бештар гуфтани таърифу қоидаи махсуси фанро талаб менамоянд. Бештар ба он эътибор медиҳанд, ки хонанда дониши пешниҳодкардаи онҳоро ба худи онҳо бозгӯӣ кунанд, бо ахбори зиёд хонандаро мусаллаҳ карданӣ мешаванд. Вале хеле кам кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки фикри хонанда ҷаҳонбинии ӯ инкишоф ёбад, ки ин хеле муҳим аст. Омӯзгори имрӯза бояд эҷодкор, навовар ва илҳомбахши шогирдонаш бошад.

Н.К.Крупская дар бораи мақсадҳои асосии таълими забони модарӣ чунин менависад: «Мақсади асосии таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ на донистани таърифу қоидаҳои грамматикӣ, балки инкишофи нутқи хонанда ва рушди фикрронӣ (амалӣ, мустақилона ва эҷодӣ)-и вай мебошад». [136, с.93].

Методикаи ибтикории ташкили фаъолияти омӯзишии мустақилонаи хонагӣ, ки донишҳои дар синф гирифтаро ба кор меандозад, ба рушди зеҳнию забонии хонандагони хурдсол мусоидат мекунад, агар:

- имконоти зеҳнию ақлии хонандагон ба эътибор гирифта шавад;

- дар ташкили фаъолияти омӯзишии мустақилонаи кӯдак омӯзгорон ва волидайн мунтазам назорат ва кумак намоянд;

- нақш ва масъулияти волидайн дар назорат ва иҷрои супоришҳои мустақилонаи омӯзишии хонагӣ баланд бардошта шавад;

- барои иҷрои супоришҳои мустақилонаи омӯзишӣ кӯдакон аз ҷиҳати маънавӣ ҳавасманд карда шаванд.

Тавре ки А.Эшонҷонов қайд мекунад, «…мақсад на фақат назорат кардан ва ба ҳисоб гирифтани дониши хонандагон, балки барои боз ҳам чуқуртар ва ҳамаҷониба рушд бахшидан ба дониши хонандагон, ҷаҳонбинии онҳоро васеъ кардан, тафаккури мантиқиашонро инкишоф додан аст». [336, с.170].

Дар машғулиятҳои марбут ба донишандӯзӣ шавқу рағбат метавонад ташаккул ёбад, ки он ба муносибати пурмасъулият ба машғулиятҳои таълимӣ иртибот дорад. Ба ин васила омӯзгор бояд маҳз чунин сабабмандии омӯзишро дар кӯдакон тарбия кунад, ки онҳо моҳияти ҷамъиятӣ доштани меҳнати таълимиашонро бошуурона фаҳманд.

Шақу рағбати маърифатҷӯйӣ ҳамчун сабабмандии омӯзиш нисбат ба дигар сабабҳо як қатор бартариҳо дорад:

- хонандагон рағбати маърифатҷӯйиро зудтар мефаҳманд;

- рағбати маърифатҷӯйӣ сабабмандии омӯзишро нисбат ба дигар сабабҳо возеҳтар инъикос мекунад ва аниқтар фаҳмида мешавад;

- рағбати маърифатҷӯйӣ ҳамчун омили мушоҳидашаванда аст;

- рағбати маърифатҷӯйӣ ҳамчун сабабмандӣ ва воситаи таълим барои кӯдак наздиктар аст;

- рағбати маърифатҷӯйӣ миёни дигар сабабҳои омӯзиш занҷири низоми сабабмандиҳост ва онро кӯдак зудтар ба эътибор мегирад. Он ба масъулият, қарз, зарурати устуворсозии мавқеи шахсии худ ва ғайра решапайванд аст;

- рағбати маърифатҷӯйӣ дар шароити ташкили дурусти фаъолияти хонандагон метавонад ба аломати устувори хислати шахсияти хонанда табдил ёбад ва ба инкишофи ӯ таъсири ҷиддӣ расонад.

Ин гуна хонандагонро одатан кунҷков, зирак ва ҷӯянда мегӯянд ва онҳо дар иҷрои ҳар як супориш муносибати эҷодӣ зоҳир менамоянд, бо воситаю тарзҳои нави худ онҳоро ҳал мекунанд. Дар ин ҳолат муҳаққиқ Г.К.Байделдинова бар ин ақида аст, ки «рағбати маърифатҷӯйӣ воситаи қавии таълим ба шумор меравад. Он на танҳо ба раванди маърифат, балки ба натиҷаи он низ равона мешавад ва ҳамеша ба талош, мақсадгузорӣ, шиддати иродавӣ ва кӯшишҳои пайгирона нигарнида шудааст.» [30, с.40].

Дар методикаи ибтикории ташкили фаъолияти омӯзишии мустақилонаи хонагӣ, омӯзгорро лозим аст, ки имконоти зеҳнию ақлии хонандагонро ба эътибор гирифта, мувофиқ ба қобилияти зеҳнию забонии онҳо суопоришҳоро омода созад. Аз ин лиҳоз, ба иҷрои вазифаи хонагӣ чунин талабот гузошта мешавад:

- ба назар гирифтани дониш, қобилият ва пешрафти гурӯҳ ва ё хонандагони алоҳида;

- ба ҳисоб гирифтани вақти иҷрои вазифа;

- дар вақташ супоридани вазифа, фаҳмо будани тарзи иҷрои он.

Омӯзгор дар вақти супоридани вазифаи хонагӣ бояд дарк намояд, ки «Чиро ва чӣ тавр бояд супурд?» [178, с.143]

Дар вақти супоридани вазифаи хонагӣ ба назар гирифтани дониш, пешрафт ва қобилияти бачагони алоҳида шарт аст. Дар акси ҳол мо баробари супоридани вазифа ба он мақсаде, ки дар наздамон мегузорем, пурра расида наметавонем: як гурӯҳ хонандагон, ки хеле нағз мехонанду пешқадаманд, ин гуна вазифаро бе ягон душворӣ иҷро менамоянд. Вақте ки шахс дар иҷрои ин ё он вазифае андаке ҳам бошад фикр намекунад, яъне фикр ба муқобилият дучор намешавад, заҳмат намекашад, фикраш тараққӣ намекунад. Баръакс, вақте ки тамоман аз уҳдаи иҷрои кор намебарояд, дар ин маврид ҳам натиҷаи мусбатро интизор доштан амри

маҳол аст. Бинобар ин, вақте ки омӯзгор ба аҳли синф вазифа месупорад, вазифаи бачагони алоҳидаро низ таъкид менамояд.

Ин тарзи иҷрои супориш имконият медиҳад, ки, аз як тараф, ҷойи камбудии дониши хонандагони алоҳидаро пурра намоем, аз тарафи дигар, барои инкишофи пешрафти ҳар як фард имконият медиҳем, ки рушд ёбад. Педагог Л.С.Славина дар хусуси хонандагони беинтизом ва қафомонда чунин ақида дорад. «Бемаҳоратию вуҷуд надоштани хоҳиши фаъолона фикр кардан хусусиятҳои фарқкунандаи гурӯҳи хонандагони қафомонда мебошанд, ки дар баъзе ҳолатҳо «шуурнокии паст» номида мешавад». [268, с.134].

Равоншиносон сустии ақлониро ҳамчун натиҷаи тарбия ва таълими нодуруст мебинанд, вақте ки кӯдак дар давоми ҳаёти томактабӣ роҳи муайяни инкишофи ақлониро нагузаштааст, маҳорату қобилиятҳои фикронии заруриро аз худ накардааст.

Се омил вуҷуд дорад, ки метавонад дар хонандагон камбудиҳои фаъолияти ақлонию азхудкуниро пайдо кунад ва  ба пешравии хонанда таъсир расонад:

1. Маҳорати ташаккулнаёфтаи фаъолияти таълимӣ.

2. Норасоиҳои инкишофи ҷараёнҳои равонӣ (психикӣ ).

3. Истифодаи нодурусти хусусиятҳои фардию психологии устувори худӣ.

Таҷрибаҳо собит сохтаанд, ки вақте омӯзгорон вазифа месупоранд, гумон мекунанд, ки дар хона бачаҳо танҳо ҳамон супориши хонагиро иҷро хоҳанд кард, аммо кор ин тавр сурат намегирад. Хонанда  танҳо аз фанне  вазифа мегирад, ки аз он дарс мехонад ва аз ҳамон фан ба қадри ҳол вазифа мегирад. Масалан, аз фанни забони модарӣ, забони русӣ, математика, санъат ва меҳнат, суруд. Бинобар ин, он вақти умумие, ки дар ҳуҷҷатҳои барномавии мактаб барои ҳар як синф муқаррар карда

шудааст, ба ҳамаи фанҳо дахл дорад. Он вақти умумӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ чунин аст:

**Ҷадвали №15.**

| **Синфҳо** | **Вақти муқарраршуда барои иҷрои вазифаи хонагӣ** |
|---|---|
| синфи 2 | то 40-45 дақиқа |
| синфи 3 | то 1 соат |
| синфи 4 | то 1,5 соат |

Ин меъёрро риоя карда, ба он кӯшидан лозим аст, ки хонандагони синфи 2-юм вазифаи хонагиро аз грамматика ва имло дар муддати 20-25 дақиқа, хонандаи синфи 3-юм дар муддати 30-35 дақиқа, хонандаи синфи 4-ум дар муддати 35-40 дақиқа иҷро кунанд.

Шарти дигари иҷрои вазифаи хонагӣ дар вақташ супоридани он мебошад. «Вазифа ба ҳеҷ ваҷҳ саросема, баробари занг зада истодан ва ё баъди занг супурда намешавад» [164, с.307].

Вазифаи хонагӣ баъди мустаҳкам кардани мавзуи нав ва пеш аз ҷамъбасти дарс супурда мешавад. Барои мактаббачаи хурдсол танҳо номбар кардани зербоби китоб ва рақами машқ кифоя нест. Омӯзгор зербоб ва рақами машқро дар ҷойи намоёни синф навишта, саҳифаи онро аз китоб нишон медиҳад, бачаҳо қайд карда мегиранд. Пас аз ин, тарзи иҷрои вазифа нағзакак фаҳмонда мешавад, яъне омӯзгор як-ду ҷумла хонда чӣ тавр амал карданро нишон медиҳад ва ҳатто тарзи иҷрои вазифаро аз як-ду нафар мепурсад. Масалан, дар китоби дарсии забони модарии синфи 2 рамзи супоридани вазифаи хонагӣ бо тасвири хонача ба қайд гирифта шудааст.

Дар синфҳои ибтидоӣ вазифаи хонагӣ аниқ, мушаххас, саҳифа ва аломати шартии он ба хонанда муайян карда шуда, намунаи иҷрои он аз тарафи омӯзгор пешниҳод мегардад. Масалан, китоби забони модарӣ синфи 2. Душанбе, 2021. Дарсҳои 11-12, саҳифаи 13. Калимаҳои

ҳаммаъноро аз ҷадвал ёфта нависед. Парчам-ливо, дифо-ҳифз, саҳар-субҳ...

Дар синфҳои ибтидоӣ бе манбаъ вазифаи хонагӣ супорида намешавад. Масалан, баъзе вақтҳо омӯзгорон чунин вазифаҳо месупоранд: «Дар хона аз худатон 3-4 ҷумла навишта биёед!», «Аз китоби хониш ё рӯзнома 2-3 ҷумла навишта, зери исмҳояш хат кашед.», «Дар мавзуи «Ман ба модарам чӣ гуна ёрӣ мерасонам» ҳикояча нависед.» ва ғайра. Ин гуна вазифаҳо ба тамоми зарураташон норавоянд. Мазмуни вазифа қисман дуруст бошад ҳам, тарзи супориши он нодуруст аст» [164, с.308].

Дар мавриде, ки омӯзгор берун аз машқи китоби дарсӣ вазифа месупорад (ин мумкин аст), бояд ибтидои иҷрои он дар синф оғоз ёбад. Чунончи, баъди мустаҳкам намудани мавзуи "Шумораи ҷамъ дар исмҳо" чунин супориш ҳаст: «Аз исмҳои танҳо исми ҷамъ созед ва нависед. Ба калимаҳо савол гузоред». Хонандагон мустақилона ин машқро иҷро мекунанд. Намуна: Кӣ?-модар. Киҳо?-модарон; Чӣ?-дафтар. Чиҳо? – дафтарҳо. Забони модарӣ синфи 2. Машқи 2. Саҳ 108. Ба дафтаратон саволҳои кӣ?, киҳо? , чӣ? , чиҳо?- навишта , намунаи зеринро давом диҳел.

| | |
|---|---|
| Кӣ? Киҳо? | Чӣ? Чиҳо? |
| Абуалӣ,... | китоб,... |
| Одамон,... | китобҳо,... [302, с.108]. |

Мисоли дигар. Мехоҳем, ки бачаҳо дар хона ҳамчун вазифа ҳикоячае тартиб диҳанд. Дар ин маврид баъди мустаҳкам намудани мавзуъ диққати аҳли синфро ба ягон мавзуи аниқ, масалан, «Саёҳат» ҷалб намуда, мазмуни онро хотиррасон мекунем, савол ва ё нақшаро тавсия менамоем (албатта, бо ҳамроҳии худи бачаҳо), таъкид мекунем, ки дар ҳикояи шумо бояд ана ин калимаҳо навишта шаванд (***омад, гирифтанд, бозӣ карданд, чиданд, дам гирифтанд, савор шуданд, пеш гирифтем***).

Қисми боқимондаи корро хонандаҳо дар хона давом медиҳанд. Масалан, нақли хонандаи синфи II «Б» -ро мисол меорем. Мавзуъ: **Саёҳат.**

«Баҳор **омад**. Мо ба доманаи кӯҳ ба саёҳат **рафтем**. Он ҷо хеле бозӣ **кардем**, **дам гирифтем**, лола **чидем**. Баъди пешин автобус **омад**. Ба автобус савор **шудем**. Роҳи деҳаро **пеш гирифтем**.»

Вазифаи хонагии бачаҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: шифоҳӣ ва хаттӣ.

Ба гурӯҳи якум хондан ва аз ёд кардани қоидаю таърифҳои грамматикӣ- имлоӣ, хондан ва шарҳу эзоҳ додаи машқу мисолҳои китоби дарсӣ ва дигар адабиёт, нақли шифоҳӣ, хондан ва аз бар кардани шеър ва дигар калимаю ибораҳо дохил мешаванд. Ба гурӯҳи дуюм хелҳои ниҳоят зиёди корҳои хаттӣ дохил мешаванд: рӯбардор намудани машқ, калима ва ҷумлаҳо, бо калимаҳои додашуда тартиб додани ҷумлаҳо, пурра кардани аввал ва ё охири ҷумлаҳо, ба саволҳо ҷавоб навиштан: тартиб додани нақша ва навиштани ҳикояча аз рӯйи он, навиштани иншо, мактуб, телеграмма, эълон, хабар барои рӯзномаи деворӣ ва монанд ба инҳо.

Дар асарҳои методӣ иншоро шакли олии кори хаттӣ номидаанд. Агар мо таркиби корҳои хаттиро ба назар гирем, ҳақиқатан ҳам ҳамин тавр аст. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар мавриди дуруст ташкил кардани кор, донистани усулҳои гузаронидани иншо бачаҳо иншоҳои хуб менависанд, зеро онҳо нисбат ба дигар кори хаттӣ, масалан, нақли хаттӣ дар навиштани иншо як қадар омодаанд, доираи муҳокимарониашон васеъ аст.

Муваффақият пайдо кардани иншо, пеш аз ҳама, ба интихоби мавзуъ вобаста аст. Методист А.М.Рибинкова доир ба интихоби мавзуъ хеле хуб гуфтааст: «Фикр накарда интихоб намудани мавзуъ, ба ҳоли худ гузоштани хонандаҳо сарфи беҳудаи қувваи бачаҳост» [250, с.78]. Ӯ борҳо

таъкид кардааст, ки воқеаҳои дар муҳити бачагон бударо мавзуи иншо қарор диҳед.

Барои намуна, тартиб додани нақшаро барои навиштани нақли хаттӣ аз назар мегузаронем.

Мавзуъ: Ҳикояти нобино синфи 4. [96, с.79].

Саволҳо:

1. Шахси нобино дар куҷо мерафт?

2. Ӯдар китф ва дасташ чӣ дошт?

3. Роҳгузар аз ӯ чӣ пурсид?

4. Роҳгузар бо кадом оҳанг суол дод? Бо оҳанги таънаю маломат ё меҳрубонӣ?

5.Шахси нобино чӣ чавоб дод?

6.Ба фикри шумо,чаро шахси нобино чунин ҷавоб дод?

7.Оё роҳгузар кори хуб кард? Чаро?

8.Агар ба ҷойи шахси нобино мебудед, чӣ ҷавоб медодед?...

Илова бар ин, қариб аксарияти вазифаҳои хаттӣ ягон хел супориши иловагиро дар бар мегиранд: таҳлили грамматикӣ, машқҳои луғавӣ-лексикӣ, супориши грамматикӣ ва ғайра.

Фаъолият ва саҳми волидайн дар иҷрои кори мустақилонаи хонагӣ назаррас буда, ҳангоми иҷрои вазифаи хонагӣ хонандагон донишҳои дар синф гирифтаашонро ба кор бурда, бо кумаки водилайн вазифаи хонагиро дуруст иҷро менамоянд. Масалан, агар вазифаи хонагӣ рӯбардор намудани машқ ва ё ягон хел порчаи дигар бошад, он гоҳ тарзи иҷрои он чунин аст: хонанда аввал машқ ва супориши онро дуруст хонда мефаҳмад, ки дар он чӣ гуфта шудааст, яъне супориши машқ чӣ талаб мекунад, сонӣ худи матнро пурра хонда мебарояд ва баъд менависад. «Машқ ва рақамашро навишта худи супориши онро рӯбардор намекунанд. Чунин таҷриба паҳн шудааст, ки бачаҳо тамоми ҷумлаҳои матнро рӯбардор намуда, баъд супориши грамматикӣ-имлоиро ба ҷо меоранд. Ин он қадар қобили қабул нест: хонанда баъди рӯбардори

тамоми машқ «вазифа иҷро шуд» гӯён супориши иловагиро фаромӯш мекунад ё дасташро ба рӯйи сатрҳои навиштааш гузошта, то иҷрои супориши иловагӣ дафтарашро ифлос менамояд» [178, с.145-146].

Аз ин лиҳоз, талаб карда мешавад, ки баробари ба охир расидани рӯбардори ҳар як ҷумла, супориши иловагиро ҳам иҷро карда, баъд ба ҷумлаи дигар гузарад.

Агар вазифа хаттӣ навишта омадани ягон хел машқи эҷодӣ (ба саволҳо ҷавоб навиштан, аз рӯйи нақша тартиб додани ҳикоя, иншои хонагӣ…) бошад, аввал онро дар дафтари сиёҳнавис навишта, иловаю ислоҳ карда, баъд рӯбардор кардан лозим аст.

Баъзан вазифаҳои хаттие супурда мешаванд, ки бе мушоҳидаи пешакӣ иҷро кардани онҳо мумкин нест. Масалан, навишта омадани номи меваҳои боғ: - себ, нок, ангур, анҷир, анор, шафтолу, зардолу,..;

- асбобҳои дуредгарӣ: арра, ранда, анбӯр, болға, теша, парма,...;

- асбобҳои мӯзадӯз: чарм, мех, анбур, ресмон, сӯзан, ширеш, корд,…;

- ашёи мағозаи хӯрокворӣ: нон, қанд, кулчақанд, чой, равған, орд,...;

Дар ин мавридҳо бачаҳо аввал он ашё ва ё объектро мушоҳида намуда, баъд номҳои ашёро менависанд.

Ба вазифаи хаттие, ки аз матнҳои китоби забони модарӣ, рӯзномаю маҷаллаҳо ва дигар китобчаҳои бачагона супурда мешаванд, ном, рақам, сарлавҳа, ҳатто сархат нишон дода мешавад. Омӯзгор ҳамон китоб, рӯзнома, маҷалларо ба даст гирифта, ҷойи вазифа ва тарзи иҷрои онро нишон медиҳад, баробари ин, таъкид менамояд, ки он ашёро аз куҷо ва чӣ тавр бояд ёфт. Беҳтараш ба китобхонаи мактаб муроҷиат карда шавад. Омӯзгор ин гуна вазифаҳоро соле 4-5 бор ташкил карда, бо ҳамин шавқи маърифатҷӯйии бачаҳо ва ҷустуҷӯ карда тавонистанро бедор менамояд, яъне худи вазифа не, балки роҳ ва тарзи иҷрои он муҳимтар аст.

Ҳамаи вазифаҳои хаттии иҷрошаванда бомаънӣ, тоза ва зебо иҷро

карда мешаванд. Омӯзгор аз рӯзҳои аввали вазифасупорӣ таъкид карда меистад, ки баъди иҷрои супориш онро бори дигар хонда бароянд ва ба аслаш муқоиса намоянд.

Вазифаҳои шифоҳиро аввал хомӯшона, баъд бо овози баланд хондан лозим. Агар сухан дар бораи аз ёд кардани қоида ва ё ягон хел матн равад, онро баланд-баланд хонда азёд кардан лозим аст. Чӣ тавре ки психологҳо қайд мекунанд, дар мавриди аз ёд кардан нукта (калима, ибора)-и асосиро ёфта, ба он такя кардан лозим аст. Масалан, дар қоидаи «Исм» нуқтаи асосӣ калимаи «ашё», дар «Сифат» «аломат», аломати ашё, дар «Феъл» « ҳаракат», «ҳаракати ашё», дар «Пешояндҳо» «алоқа» мебошад. Агар бачаҳо қоидаро ду-се маротиба хонда, ҳамин калимаҳоро дар хотир нигоҳ доранду ба онҳо такя намоянд, қоида ба хотир омадан мегирад. Бачаҳоро мунтазам таъкид кардан лозим аст, ки дар асоси хониши шуурона хонишро ба роҳ монанд, қоидаҳоро ба таври механикӣ аз ёд накунанду калимаҳои асосиро ёфта, дар хотир нигоҳ доранд.

Хонандагон бояд ба он одат кунонида шаванд, ки онҳо дар хусуси иҷрои вазифа дар назди падару модар ва ё дигар шахсони масъули оила ахборот дода истанд.

Методикаи ибтикории ташкили фаъолияти омӯзишии мустақилонаи хонагӣ, ки донишҳои дар синф гирифтаро ба кор меандозад ва ба рушди зеҳнию забонии хонандагони хурдсол мусоидат мекунад, ба сатҳи дониш ва маърифати санҷишгар (омӯзгор) вобастагии мустаҳкам дорад. Агар омӯзгор аз усулҳои ташаккулдиҳандаи дониши хонандагон бархурдор бошад, дар ҳар лаҳзаи гузаронидани санҷиши вазифаи хонагӣ аз усулҳои ҳавасмандгардонии маънавии кӯдакон барои иҷрои супоришҳои мустақилонаи омӯзишӣ самаранок истифода мебарад.

Иҷрои ҳар як вазифаро, ки омӯзгор ба хона месупорад, албатта, месанҷад. Мунтазам тафтиш кардани вазифаи хонагӣ талаби умумӣ ва

қатъӣ дар назди омӯзгор аст, ҳамчунин вазифаи волидайн низ мебошад. Агар ин талаб риоя карда нашуда, баъзан вайрон карда шавад, он гоҳ ба хоҳиш табдил мегардад. Хонанда аз дил мегузаронад: «Хоҳ-нохоҳ омӯзгор вазифаро ҳар рӯз намесанҷад, бинобар ин, доимо тайёр кардани он он қадар шарт нест».

Дар таълим аз ин хел фикр хавфноктар чизе нест. Тадриҷан бача бепарво шудан мегирад ва ҳатто шахсони калонсоли оила мудохила карда наистанд, вазифаашро тайёр намекунад.

Вазифаи хонагиро ҳар хел санҷидан мумкин аст, вале онро ба қавли К.Д.Ушинский, набояд ба имтиҳон табдил дод. Мактаббачаи хурдсолро аз рӯзҳои аввал ба он одат кунонидан лозим аст, ки дар назди аҳли синф на танҳо аз хусуси иҷрои вазифа, инчунин, дар бораи тарзи иҷрои он маълумот диҳад. Масалан, бачае ин тавр ахбор медиҳад: «Ман китобро кушода вазифаро ёфтам. Аввал супориши машқ ва баъд худи онро як бор хонда баромадам. Пас аз ин, ҳар як ҷумларо рӯбардор намуда, якбора супориши машқро (ба ҷойи нуқтаҳо ҳарф, калимаи зарурӣ гузоред) иҷро кардам. Дар охир чизи навиштаамро ба асли матни китоб муқоиса намудам. Каме дам гирифтаму қоидаро хонда аз ёд кардам. Иҷрои вазифаро ба модарам нишон додам».

Ин кор талаботи имрӯзаи ҳаёт аст: хонанда бояд на танҳо маҷмуи муайяни дониш гирад, инчунин, тарз ва усули дониш гирифтанро низ ёд гирад.

Вазифаи хонагиро кай санҷидан мумкин аст? Вазифаи хонагиро дар аввали дарс, яъне пеш аз баёни мавзуи нав, дар мобайни дарс, баъди фаҳмондани мавзуи нав санҷидан мумкин аст.

Тафтиши вазифаи хонагӣ дар аввали дарс ҳамон вақт гузаронида мешавад, ки агар мавзуи нав давоми он набуда, мустақил бошад. Дар ин маврид омӯзгор аввал вазифаро санҷида, аз он хулосаи зарурӣ

бароварда, сипас, ба баёни мавзуи нав мегузарад. Ин бештар дар ҳолати аз як мавзуи нисбатан бутун ба дигар мавзуъ гузаштан рӯй медиҳад.

Агар мавзуи нав давоми дарси гузашта бошад, он гоҳ вазифаи хонагӣ баъди фаҳмондани ва мустаҳкам кардани мавзуи нав санҷида мешавад. Ин усул бештар бо роҳи ташкили кори мустақилона, ки ба вазифаи хонагӣ монанд аст, гузаронида мешавад. Аҳаммияти дидактикии ин усул аз он иборат аст, ки алоқамандии фикр ва кори амалии бачаҳо аз равиши умумии дарси гузашта канда намешавад. Дарси гузашта, агар аз таҳлили ҷумлаҳою қоида сар шуда, ба машқҳои гуногун тамом шуда бошад, мавзуи навро аз машқ сар карда, ба қоида меравем. Воситаи алоқаи вазифаи хонагию дарси нав дар ин маврид машқ аст. Масалан, мавзуи «Сифат»-ро дар синфи 3 баррасӣ мекунем. [19, с.152]:

Омӯзгор дарси якум ба хонандагон дар хусуси қоидаи сифат, саволҳо ва аҳаммияти он дар нутқ маълумот дода буд. Дарси дуюм аз иҷрои машқи 238 шуруъ мешавад, ки он давоми дарси аввал мебошад.Талаби машқ.Исму сифатҳои зеринро ба воситаи бандаки изофии «и» алоқаманд карда нависед.

Хона. равшан, духтар. боинтизом, заминҳо. васеъ, муаллим. донишманд, хонандагон. пешқадам, бодом. ширindона, ҳаво. салқин, булбул. хушхон, модар. ғамхор [19, с.173].

Ҳангоми ҷавоби шифоҳӣ ба пуррагии қоидаҳои грамматикӣ, имлоӣ, инчунин, ифоданок баён кардани онҳо диққат дода, кӯшиш кардан лозим, ки бачаҳо қоидаҳоро бо мисолҳо мустаҳкам намоянд. Баъзан бачаҳо барои як калима шуда ҷумла мегӯянд ва фикрашонро ба охир нарасонида, мунтазири саволи омӯзгор мешаванд. Масалан:

Омӯзгор: – Канӣ, оид ба феъл мисол гӯй.

Хонанда: – Ман аз мағоза қалам харидам. Харидам – феъл.

Хонанда бояд аз рӯзҳои аввали таълими забони модарӣ ашёи

гуногуни атроф, аломат ва ҳаракати онҳоро бинад, мушоҳида кунад, донад. Дар мавриди «Оид ба феъл мисол биёр» гуфтан шарт нест, ки ӯ ҷумла гуфта, аз он як калимаашро ҷудо кунад. Хонанда ҳаракату амалиёти гуногуни ашёро номбар карда қайд менамояд, ки ин калимаҳо ба саволи *чӣ кор кард?* ҷавоб шуда, феъл мебошанд ва баъд бо супориши омӯзгор бо яке аз ин калимаҳо ҷумла тартиб дода, таҳлил менамояд.

Аз ин лиҳоз, омӯзгор вазифаҳои хаттиро ҷамъ карда мегирад ва дар хона аз ҳар ҷиҳат санҷида мебарояд:

а) аз ҷиҳати пуррагии матни машқ;

б) аз ҷиҳати иҷрои супориши машқ (вазифа);

в) аз ҷиҳати хатоҳо;

г) аз ҷиҳати тозагӣ ва риояи қоидаи навишт (сархат, фосилаи байни ҳарфҳо, калимаҳо, то хатти сурх расидан, вале аз он нагузаштан).

Аз ин ҷиҳат санҷидани вазифаи хонагии хаттӣ танҳо як тарафи кор аст, тарафи дигари хеле муҳим он аст, ки хонанда бояд ҳар як таъкид ва ишораи омӯзгорро бифаҳмад ва ислоҳ кунад. Моҳият ва таъсири санҷиши дафтарҳои бачаҳо ҳам дар ҳамин аст.

«Дар шароити дарси ҳамгироии забони модарӣ донишҳои ҳосилкардаи шогирдон ҳамарӯза дар амалияи забони онҳо, чи дар дарс ва чи дар ҳаёти онҳо (дар хона), татбиқ мегардад, муаллақ намемонад, ба захираи ғайрифаъол табдил намеёбад. Дар натиҷа хонандагон дар ҳар дарс ва хона фаъолона иштирок мекунанд, бошуурона ва бомақсад амал менамоянд, ки ин самаранокии дарс ва раванди педагогиро муайян хоҳад кард» [302, с.5].

Хулоса, вазифаи хонагӣ давоми кори синфӣ буда, яке аз шаклҳои ташкили омӯхтани забони модарӣ дар мактаб ва хона мебошад.Он фаъолияти омӯзишии бачаҳоро баланд мебардорад, дар онҳо хислатҳои бо китоб ва дигар ашё мустақилона кор карда тавонистан, вазифашиносию масъулиятнокӣ, меҳнатдӯстию интизомро мепарварад.

# ХУЛОСАИ БОБИ СЕЮМ

Таъмини технологии робитаи мутақобилаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, пеш аз ҳама, ба технологикунонии раванди таълим вобаста мебошад. Татбиқи технологияро ҳамчун санъати тадрису таълим маънидод кардан бамаврид аст.

Истифода аз технологияҳои таълим раванди инкишофест, ки барои баланд бардоштани самарабахшии ҷараёни таълим бо кафолати ба натиҷаҳои чашмдошт расидани хонандагон равона шудааст.

Аз баррасии боби сеюм метавон чунин хулоса кард:

1. Дар методикаи анъанавии таълим омӯзгор бештар нақши актёр (ҳунарманд)-ро мебозад. Вай расонандаи ахбор аз китоб ба шогирд буд. Дар технологияи таълим омӯзгор, асосан, бо режиссёрӣ (коргардонӣ) машғул аст. Вай намеомӯзонад, балки роҳнамоӣ мекунад, ҳавасманд мегардонад, фаъолияти омӯзишии хонандагонро ба танзим медарорад.

2. Методикаи ибтикории ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ, ки ба рушди зеҳнию нутқии хонандагон дар дарсҳои забони модарӣ нигаронида шудааст, омӯзиш ва истифодаи методикаи тасвирӣ-эзоҳӣ, методикаи шахсмарказ, методикаи рушддиҳандаи хонандаро дар бар мегирад.

3. Робитаи таълими ҳамгиро бо таълими тафриқа, нақшаҳо, қоидаҳо, намунаҳо, нақшаҳои дар китоби дарсӣ пешниҳодшуда, методикаи ибтикории ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ, ки ба рушди зеҳнию нутқии хонандагон дар дарсҳои забони модарӣ нигаронида шудаанд, аҳаммияти калон доранд.

4. Таъмини технологии робитаи мутақобилаи фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ бо рушди зеҳнию нутқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои забони модарӣ, пеш аз ҳама, ба фаъолияти мустақилонаи хонандагон ҳангоми кор бо варақаҳои такявӣ, намунавӣ

ва баррасии дастаҷамъонаи натиҷаи фаъолият дар синф вобаста мебошад.

5. Ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ, ки ба рушди зеҳнию нутқии хонандагон дар дарсҳои забони модарӣ мусоидат мекунад, ба методикаи иртиботӣ-муқоисавӣ, муоширати эвристикӣ, мубоҳиса, пешниҳоди сарчашмаҳо барои фаъолияти мустақилона ва сайру сафарҳои хаёлӣ вобастагӣ дорад.

6. Ташкили шаклҳои таълими берунаэсинфӣ ва фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ аз забони модарӣ, ки боиси рушди нутқи хонандагони синфҳои ибтидоӣ мегардад, тавассути сайёҳат ба маҳалҳо ва сухбатҳо бо соҳибони забон, ки лаҳҷаашон аз забони модарӣ фарқ мекунад, гузаронида шуда, натиҷаи қонеъкунандаро ба даст меорад.

7. Ҳангоми ташкили фаъолияти мустақилонаи омӯзишии берунаэсинфӣ дар раванди саёҳатҳо ба табиат ва истифода аз гуфтори мардуми маҳалли саёҳат, ба хотир гирифтани номи гиёҳҳо, наҳру дарёҳо, мавзеъҳои ҷуғрофӣ, муқоиса ва ёфтани муродифи онҳо аз луғату фарҳангҳо дар хонандагон бедории фикр, завқ ва кунҷковиро ба вуҷуд меорад. Баргузории сафару саёҳатҳо ба маҳалҳои гуногун завқи маърифатӣ ва зебоипарастии хонандагонро бештар намуд.

8. Истифодаи методикаи ибтикории ташкили фаъолияти омӯзишии мустақилонаи хонагӣ ба рушди зеҳнию забонии хонандагони хурдсол мусоидат карда, махсусияти супоришҳои хонагӣ имконоти зеҳнию ақлии хонандагонро рушд бахшида, фаъолияти тарафайни омӯзгорону волидайнро ба эътибор гирифта, дар ташкили фаъолияти омӯзишии мустақилонаи кӯдак нақши волидайнро барои иҷрои супоришҳои мустақилонаи омӯзишӣ вусъат бахшид.

# БОБИ IV. САТҲИ ТАШАККУЛИ МАЛАКАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ МУСТАҚИЛОНАИ ТАЪЛИМӢ ДАР РОБИТА БА РУШДИ ЗЕҲНИЮ НУТҚИИ ТАЛАБАГОН ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ МОДАРӢ

## 4.1. Асосмандии методии интихоби шаклҳо, мазмун ва намудҳои фаъолияти таълимии мустақилона дар раванди омӯзиши забони модарии синфҳои ибтидоӣ

Яке аз масъалаҳои воқеие, ки дар назди педагогикаи муосир гузошта шудааст, муайян кардани роҳу усулҳои ташаккулу инкишофи сифатҳои маърифатии хонандагони хурдсол дар ҷараёни таълим мебошад. Вале ин роҳу усулҳои ташаккули ҷараёнҳои таълимӣ куллан гуногунранг мебошанд. Барои ҳамин вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як омӯзгори синфҳои ибтидоӣ на танҳо дар он аст, ки ба хонандагон маводро дастрас кунад, далелҳои нав пешниҳод кунад, балки ӯ бояд ба хонандагон мустақилона аз худ кардани дониш, инкишофи маҳорату истеъдодҳояшонро ёд диҳад.

Ба хонандагон шавқу рағбати маърифатҷӯйиро омӯхтан лозим аст, ки дар воқеиёту ҳодисоти дида навигариро эҳсос карда тавонанд. Чунин тарзи таълим имкон медиҳад, ки хонандагони хурдсол ба воқеот ва ҳодисоти ҳаёт бодиққат, амиқ ва бо чашми таҳқиқ нигаранд, ба қадри донишҳои дар муассисаи таълимӣ гирифтаашон бирасанд, яъне ба қавли устод Рӯдакӣ:

Бо чашми дилат дид бояд ҷаҳон,
Ки чашми сари ту набинад ниҳон [304, с.441].

Дар натиҷа, кӯдак ба хулосае мерасад, ки дар воқеоти ҳаррӯзаи олами атроф маънӣ ва паҳлуҳои ҳайратовар хеле зиёданд, ки онҳоро дар дарс ва берун аз дарс, аз китобҳо метавон дарёфт.

Дар зергурӯҳҳои қаблӣ масъалаи ташаккули фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагон дида шуда буданд, лекин онҳо ҳалли пурраи масъала буда наметавонанд,

агар ҳамаи ҷанбаҳои ташхисшуда ба тартиб оварда нашаванд ва татбиқи онҳо дар ҷараёни таълим корбандӣ нагардад.

Борои расидан ба ин ҳадаф, мо якчанд синфҳои 3 ва 4-и муассисаҳои таълимии №1,9,53-и ш.Кӯлоб, № 1,2, Гимназияи давлатии "Ҳиммат"-и н.Муъминобод ва № 1,2,3-и н. Шамсиддин Шоҳинро интихоб кардем, ки дар онҳо чораҳои аз лиҳози дидактикӣ коркардшудаи мо истифода шуданд, ки ба фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ равона шуда буданд. Дар баробари синфҳои номбурда дигар синфҳо ҳам интихоб шудаанд, ки бо барномаи одӣ ва бе истифодаи ягон намуди усулҳои махсуси дидактикӣ фаъолият мекарданд. Ҳамин тариқ, барои гузаронидани таҳқиқоти назоратию озмоишӣ ду намуди синфҳо баробар (синфҳои 3-4) интихоб шуданд.

Маҳорат барои азхудкунӣ дар ҳар як кӯдак аз рӯзҳои аввали ҳастӣ ба вуҷуд меояд ва вазифаи омӯзгор дар он аст, ки ин маҳоратҳоро ошкор кунад ва инкишоф диҳад, ҷараёни таълимро чунон ба роҳ монад, ки ягон хонанда худро бемаҳорат ҳис накунад.

То ибтидои фаъолияти таҷрибавию озмойишӣ корҳои ибтидоӣ барои муайян кардани дараҷаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагон дар муассисаҳои таълимии болозикр гузаронида шуданд. Дар ибтидои ҳар як соли хониш дараҷаи муайянкунӣ дар он синфҳое гузаронида шудаанд, ки фарогири корҳои таҷрибавию озмойишӣ буданд. Барои муайян кардани фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагон мо саволҳои мушаххасеро мувофиқи барномаҳои таълим пешниҳод кардем ва хоҳиш намудем, ки хаттӣ ба онҳо ҷавоб нависанд. Вақти муайяншуда барои ҳар ду синфҳо якхела буд ва бо шакли чорхола баҳогузорӣ карда шудаанд: (5) – аъло, (4) – хуб, (3) – қаноатбахш, (2) – ғайриқаноатбахш.

Мо ба чунин натиҷаҳо ноил шудем:

**Ҷадвали № 16.**

Натиҷаи фаъолияти мустақилонаии омӯзишӣ дар хонандагони синфҳои 3 ва 4-уми озмойишӣ ва назорати чунин буд:

| синфҳо | соли хониши 2019-2020 бо % | | | |
|---|---|---|---|---|
| | аъло | хуб | қаноатбахш | ғайриқано-атбахш |
| 3 (о ) | - | 22,4 | 36,7 | 40,9 |
| 3 (н ) | - | 20,1 | 34,4 | 43,5 |
| 4 (о ) | - | 20,1 | 37,8 | 41,9 |
| 4 (н ) | - | 21,5 | 34,8 | 43,7 |
| Шумораи хонанданогон | | | 30 | |

Натиҷаҳои бадастомадаро таҳлил карда, метавонем ба хулосае биёем, ки дар соли хониши 2019-2020 баҳогузории ҷавобҳо ба саволҳои гузоштаи мо дар синфҳои озмоишӣ чунин натиҷаҳо дод: бо «5» ҷавобҳо набуданд, баҳои «4» аз 22,4% (синфи 3) то 20,1% (синфи 4); баҳои «3» аз 36,7% (синфи 3) то 37,8% (синфи 4); баҳои «2» аз 40,9% (синфи 3) то 41,9% (синфи 4)-ро ташкил дод.

Натиҷаҳо дар синфҳои назоратӣ чунинанд: дар соли хониши номубрда ба баҳои «5» ҷавобҳо набуданд, баҳои «4» аз 20,1% (синфи 3) то 21,5% (синфи 4), баҳои «3» аз 34,4% (синфи 3) то 34,8% (синфи 4), баҳои «2» аз 43,5% (синфи 3) то 43,7% (синфи 4)-ро ташкил дод.

Дар озмоиши таълимии нахустин тафовути куллӣ байни синфҳои озмоишию назоратӣ мушоҳида нашуд. Натиҷаҳои ҷадвалро таҳлил карда, метавонем хулоса барорем, ки фаъолияти мустақилонаи забони модарӣ ба инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳоло ба таври кофӣ ташаккул наёфтааст.

Ҳангоми муайян кардани роҳу усулҳои самаранок ташкил кардани фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ дар хонандагони хурдсол дар

ҷараёни омӯзиши забони модарӣ (тоҷикӣ) мо чунин вазифаҳоро дар назар доштем:

1. Ташхиси фаъолияти кори омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ оид ба ташаккули заминаҳои назариявӣ, амалӣ, фаҳмиш ва инкишофи ақлии ҳар як хонанда.

2. Ёрӣ расонидан ба омӯзгорон оид ба қонеъ гардонидани шавқу ҳаваси хонандагон ба таълим, инкишофи сифатҳои маърифатии онҳо.

3. Муайян намудани дараҷаи дарку фаҳмиши хонандагони синфҳои 3-4-ум марбут ба фаъолияти мустақилона ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

Дар асоси дастурамалҳои назариявӣ, ки дар зербобҳои гузашта таҳлил ёфтаанд, дар давраи таҳқиқот дар синфҳои озмойишӣ кори махсуси таълимӣ гузаронида шуд. Дар охири соли таҳсил дар синфҳои назоратию озмойишӣ ба воситаи пурсишномаҳо самаранокии фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ муайян шуданд.

Нишондиҳандаҳои ҷадвалҳои 16-ум ва 17-умро ба таври муқоиса таҳлил намуда, самаранокии фаъолияти мустақилонаи омӯзиширо дар хонандагони хурдсол (дар синфҳои назоратию озмоишӣ) пешниҳод мекунем.

Дараҷаи самаранокии фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар синфҳои назоратӣ ва озмоишӣ, солҳои 2019-2022 чунин аст:

**Ҷадвали 17.**

| | **2019-2020** | | | | **2020-2021** | | | | **2021-2022** | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| синф-ҳо | аъло | хуб | қ/бахш | ғайри-қ/бахш | аъло | хуб | қ/бахш | ғайри-қ/бахш | аъло | хуб | қ/бахш | ғайри-қ/бахш |
| | % | % | % | % | % | % | % | % | % | % | % | % |
| 3 (о) | 2,4 | 21,2 | 35,7 | 38,7 | 3,2 | 22,3 | 36,8 | 37,7 | 6, 1 | 22,2 | 36,9 | 34,8 |

| | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 3 (н) | 2,3 | 20,7 | 33,2 | 42,8 | 3,2 | 21,8 | 32,5 | 42,5 | 6,2 | 20,8 | 30,2 | 40,5 |
| 4 (о) | 2,6 | 20,2 | 35,3 | 41,7 | 3,5 | 20,4 | 34,3 | 41,8 | 6,3 | 20,7 | 31,3 | 41,7 |
| 4 (н) | 2,5 | 22,5 | 34,8 | 40,1 | 3,6 | 22,4 | 33,8 | 40,2 | 6,4 | 22,5 | 31,1 | 39,9 |
| Шумораи хонандагон 30 | | | | | 30 | | | | 30 | | | |

Тавре ки аз нишондиҳандаҳои ҷадвал бармеояд, натиҷаҳои озмоиши гузаронидашуда чунинанд: дар синфҳои озмоишӣ сатҳи азхудкунии хонандагон чунин буд:

- дар соли таҳсили 2019-2020: баҳои «5» аз 2,4% (синфи 3) то 2,6% (синфи 4); баҳои «4» аз 21,2% (синфи 3) то 20,2% (синфи 4); баҳои «3» аз 35,7% (синфи 3) то 35,3% (синфи 4); баҳои «2» аз 38,7% (синфи 3), то 41,7% (синфи 4);

- дар соли таҳсили 2020-2021: баҳои «5» аз 3,2% (синфи 3) то 3,5% (синфи 4); баҳои «4» аз 22,3% (синфи 3) то 20,4% (синфи 4); баҳои «3» аз 36,8% (синфи 3) то 34,3% (синфи 4); баҳои «2» аз 37,7% (синфи 3) то 41,8% (синфи 4);

- дар соли таҳсили 2021-2022: баҳои «5» аз 6,1% (синфи 3) то 6,3% (синфи 4), баҳои «4» аз 22,2% (синфи 3) то 20,7% (синфи 4); баҳои «3» аз 36,9% (синфи 3) то 31,3% (синфи 4); баҳои «2» аз 34,8% (синфи 3) то 41,7% (синфи 4).

Натиҷаҳо дар синфҳои назоратӣ чунин буданд:

- дар соли таҳсили 2019-2020: баҳои «5» аз 2,3% (синфи 3) то 2,5% (синфи 4); баҳои «4» аз 20,7% (синфи 3) то 22,5% (синфи 4); баҳои «3» аз 33,2% (синфи 3) то 34,8% (синфи 4); баҳои «2» аз 42,8% (синфи 3), то 40,1% (синфи 4);

- дар соли таҳсили 2020-2021: баҳои «5» аз 3,2% (синфи 3) то 3,6% (синфи 4); баҳои «4» аз 21,8% (синфи 3) то 22,4% (синфи 4); баҳои «3» аз 32,5% (синфи 3) то 33,8% (синфи 4); баҳои «2» аз 42,5% (синфи 3) то 40,2% (синфи 4);

дар соли таҳсили 2021-2022: баҳои «5» аз 6,2% (синфи 3) то 6,4% (синфи 4); баҳои «4» аз 20,0% (синфи 3) то 22,5% (синфи 4); баҳои «3» аз 30,2% (синфи 3) то 31,1% (синфи 4); баҳои «2» аз 40,5% (синфи 3) то 39,9,% (синфи 4).

Натиҷаҳои ҷадвали 17-ро бо натиҷаҳои ҷадвали 16 муқоиса карда, ба чунин хулоса омадем, ки шумораи хонандагони синфҳои озмоишӣ, ки ба баҳои «5» ва «4» ҷавоб додаанд, афзоиш ёфтааст ва шумораи хонандагон бо баҳои «3» кам шудааст. Лекин ин дигаргуниҳо чандон тафовути зиёд надорад. Барои муайян кардани фаъолияти мустакилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони хурдсол пеш ва пас аз таҷриба, мо чунин диаграммаҳоро тартиб додем:

**Соли 2019-2020. Диаграммаи №3.**




**Соли 2020-2021. Диаграммаи №4.**




**Соли 2021-2022. Диаграммаи №5.**




Нишондодҳои диаграммаҳо собит сохтанд, ки хонандагони гурӯҳи озмоишӣ, ки солҳои 2019-2020 таҳсил мекарданд, ҳангоми омӯзиши забони модарӣ ба гирифтани баҳои «4» нисбат ба хонандагоне, ки солҳои 2021-2022 таҳсил карданд, камтар ноил гардидаанд.

Инчунин, хонандагон дар самти ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ва инкишофи зеҳнӣ ба пешравиҳо муваффақ гардидаанд.

Диаграммаҳои пешниҳодшуда афзоиши фаъолияти мустақилонаи забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони хурдсолро пеш ва пас

аз таҷриба бо солҳо инъикос мекунанд.

Мушоҳидаҳо ва ташхисҳо нишон доданд, ки сабабҳои ба фаъолияти мустақилона рӯ овардани хонандагон чунинанд:

- аввалан, ба воситаи такмили ҷараёни таълиму тарбия. Дар солҳои охир таваҷҷуҳ ба моделҳои таълимӣ, навовариҳои педагогӣ, технологияҳо ва методҳо, ки бештар самаранок мебошанд, барои дарёфт кардани ҳадафҳои мо зиёд шуда истодаанд;

- дуюм, фаҳмишу дарккунии мафҳуми таълим дар инкишофи ҷомеа аз тарафи худи хонандагони хурдсол.

Натиҷаҳои пурсиш дар синфҳои озмоишӣ нишон доданд, ки хонандагони хурдсол нисбат ба фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ва мустақилона гузаронидани фаъолиятҳо талабот доранд, ки ин ба азхудкунии донишҳо бурда мерасонад. Онҳо дарк мекунанд, ки бе дониш ҳаётро хуб ташкил додан номумкин аст. Инчунин, дуруст ба роҳ мондани фаъолияти истеҳсолиро асос мешуморанд. Бар замми ин, истифодаи усулҳои фаъол, интерактивӣ ва дигар навовариҳои дидактикӣ дар таълими забони модарӣ таҷриба ва заминаҳои ҳалли бисёр масъалаҳои воқеии педагогиро пайдо мекунад.

Раванди инкишофи таълими муосир талаб мекунад, ки аз усулҳои гуногуни таълимӣ – фаъол ва инкишофёфта истифода бурда, дар асоси онҳо фаъолияти таҷрибавию озмойишӣ дуруст ба роҳ монда шавад. Барои самаранок омӯхтани забони модарӣ бояд шароитҳои мустақили ташхиси ҳодисаҳои иҷтимоӣ аз нуқтаи назари илмӣ асоснок карда шаванд. Истифодаи роҳу усулҳои гуногуни ташкили фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ба хотири рушди зеҳн ва нутқ ба мазмуни мавзуи таълимии фанни забони модарӣ ва донишҳои заминавии хонандагон вобастагии хоса дорад.

Барои он ки мазмуни таълим пурра таъсири инкишофдиҳандагии худро расонад, вай бояд аз худ карда шавад. Хонандаи хурдсол дар

баробари омӯхтани дигар фанҳои дарсӣ бештар ба омӯзиши забони модарӣ тавассути фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ба хотири рушди зеҳн ва нутқ ҳавасмандӣ пайдо мекунад.

Ҳангоми фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ба хотири рушди зеҳн ва нутқ,ки ба ташаккулёбию инкишофи ҳаматарафаи таълабагон таъсир расонда, мавқеи омӯзгорро дар ҷараёни таълим пурра тағйир намедиҳад, танҳо талаботи нав нисбат ба фаъолияти педагог пайдо мешавад. Истифодаи методҳои гуногуни таълим асоси ба фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ҷалб гардидани хонандагон мегардад.

Масалан, истифодаи фаъолияти гурӯҳӣ он маъноро надорад, ки ба намудҳои фаъолияти таълимӣ боз як номгӯзорӣ илова карда мешавад, ин чунин маъно дорад, ки ҷараёни таълим пурра иваз карда мешавад. Бо мақсади назорати фаъолияти ақлонии хонандагон омӯзгор бо назардошти қарори педагогӣ бояд хатоҳои ин ё он гурӯҳро муайян кунад, нишон диҳад, ки кадом қисмати ин вазифаро онҳо дар вақти муайяншуда иҷро карданд. Бартарӣ дар ин фаъолият ба он алоқаманд аст, ки хонандагон донишҳоро коллективона аз худ мекунанд, маҳорату истеъдодҳоро, ки тавассути фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ муяссар мегардад, ташаккул медиҳанд.

Дар баъзе ҳолатҳо фаъолияти гурӯҳӣ ҳангоми ташаккули гурӯҳҳо метавонад бо назардошти инкишофи хусусиятҳои гуногуни хонандагон таъсири муайян расонад. Якҷоя ва мустақилона фаъолият карда, хонандагон метавонанд донишу маҳорату истеъдодҳои худро пурра истифода баранд.

Фаъолияти мустақилонаи коллективи хонандагон дар гурӯҳҳо ба татбиқи ҷараёни таълим мусоидат карда, фаъолнокии онҳоро баланд мебардорад. Дар хонандагон мустақилона фаъолият карданро тарбия мекунад, онҳо якҷоя фаъолият карда, донишҳоро якҷоя меомӯзанд,

байни якдигар муошират мекунанд, сари вақт ба ёрии якдигар меоянд, кори якдигарро назорат мекунанд ва ғайра.

Таҳқиқоти гузаронидаи мо дар муассисаҳои озмоишии синфҳои 3-4-уми муассисаҳои таълимии №1,9,53-и ш.Кӯлоб, № 1,2,Гимназияи давлатии “Ҳиммат”-и, н. Муъминобод ва №1,2,3-и н. Шамсиддин Шоҳин дар солҳои 2019-2022 нишон дод, ки истифода аз намуди фаъолияти гурӯҳӣ заминаҳои инкишофро бештар фароҳам месозад.




**Диаграммаи №6. Заминаҳои истифодаи намудҳои гуногуни фаъолияти таълимӣ дар муассисаҳои таълимии озмоишӣ.**

Дар ин ҳолат ҳамкорию ёрии ҳамдигарӣ фазои хуби эҳсосотиро ба вуҷуд оварда, ба инкишофи шавқу рағбат таъсири муайян мерасонад ва ҳавасмандиҳоро барои андӯхтани донишҳо афзун менамояд, ки он ҳама ба фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ба хотири рушди зеҳн ва нутқ дар дарсҳои забони модарии синфҳои ибтидоӣ мусоидат мекунад.

Дигар самти таҳқикот вазифаи омӯзгори синфҳои ибтидоиро на ҳамчун субъекти ҷараёни таълим, балки ҳамчун сарчашмаи мустақилона омӯхтани донишҳо таҷассум намуда, омӯзгор ҳамчун ёрдамчӣ ё ин ки роҳбар барои дарёфт кардани ин донишҳо, бо назардошти методҳои муайян баромад мекунад. Педагог якбора ҳамчун ташкилотчӣ ё ҳамкор (дар ҷараёни ҳар як зинаи омӯзиш) ва ҳамчун роҳбари ҷараёни таълим (агар таълимро ҳамчун як чизи бутун ҳисоб кунем) баромад мекунад. Вай

ҷараёни умумии таълимро ташкил мекунад ва дар зарурат ба он барои дастгирии хонандагон дар лаҳзаҳои мувофиқ пайваст мешавад. Бар замми ин, ба паҳлуҳои дигари вазифаи педагог истифодаи методҳои таъмини иҷрои вазифа дар коллектив, гурӯҳи хонандагон ё фард, агар ин дахолат талаботи объективӣ дошта бошад, дохил мешавад.

Дар муқоиса бо консепсияи анъанавии таълим дар методҳои фаъоли таълим, бо сабабҳои гуногуни объективӣ имконияти омӯзиши ҳаҷми ками маводи таълим вуҷуд дорад ва ин ивазшавии муайяни таркиби маводи таълимиро бо мақсади ба он додани хусусияти ҷустуҷӯйию таҳқиқотӣ талаб мекунад. Бо назардошти таркиби соҳаи маориф ва миқдори ками ҳаҷми коркардҳои таҷрибавӣ, ин вазифаро (масъаларо) бояд ҳозир худи педагогон ҳал намоянд, роҳҳои гуногунро дар ҷараёни таълим истифода баранд ва онҳоро мутобиқ гардонанд. Мо метавонем чунин вазифаҳои асосии ташаккули фаъолияти мустақилонаи омӯзишии забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоиро амалӣ намоем:

- таъмини иттилоотӣ;
- самти таҳқиқот;
- ивазшавии мазмуну таркиби маводи таълим;
- ҳавасмандкунии фаъолнокии омӯзишии хонандагон, ки дар натиҷаи он иҷрои фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ба хотири рушди зеҳн ва нутқ ташаккул меёбад.

Зери мафҳуми таъмини иттилоотӣ мо аз тарафи омӯзгор пешкаш кардани донишҳои тайёрро намефаҳмем, балки иттилооти камеро, ки барои пайдо шудани зиддиятҳо зарур аст (ё ин ки ҳамчун вобаста ба ташкили ҳолати проблемавӣ-иттилоотии ғайримафҳумӣ, ки методҳои мувофиқи ҳалли вазифаи пролемавиро ҳал кардан ҷоиз аст) истифода мебарем. Дуюм, сухан дар бораи иттилооте меравад, ки барои азхудкунии ҳадафманди донишҳо бо роҳи фаъолияти мустақилона, ки

дар ин давра аз ҳудудҳои инкишофи наздиктарини хонанда мебарояд, талаб карда мешавад. Ҷустуҷӯйи ҳамаи иттилооти боқимонда аз тарафи хонандагон мустақилона ва бо ёрии педагог гузаронида мешавад, лекин дар ҳудудҳои ҷустҷӯйии таҳқиқот, на азхудкунию омӯзиш.

Алоқаи зичи принсипи фаъолнокии субъекти таълим бо принсипи азхудкунии донишҳои онҳо, бартарии кори мустақилонаи хонандагон ҳангоми истифодаи методҳои фаъол аз тарафи омӯзгор дар муқоиса бо роҳҳои анъанавӣ аз худ кардани донишҳо, маҳоратҳо ва истеъдодҳоро рушд бахшида, ба инкишофи фаъолияти мустақилонаи хонандагон мусоидат мекунад.

Мо тарафдори дохил кардани методҳои фаъол ба ҷараёни таълим мебошем, ки он ба фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ асос ёфта, пешбаранда ва инкишофдиҳандаи маҳоратҳо мебошад.

Хонандагони хурдсол дар ҷараёни омӯзиши забони модарӣ пай дар пай дараҷаи сатҳи азхудкунии донишҳоро (барои синфҳои 1-4) баланд бардошта, ба иҷрои фаъолияти мустақилонаи омӯзишиву меҳнатӣ омода мегарданд.

Нақши омӯзгор дар ҳалли чунин масъала дар он аст, ки вай бояд боз ҳам зиёдтар намудҳои гуногуни дарсу фаъолиятҳои мустақилонаи таълимиро истифода барад. Дар раванди таълим хонандагони хурдсолро зарурат пеш меояд, ки бо маводи гуногуни таълимӣ шинос шаванд. Дар таҷрибаи таълимӣ ҳама намуди корҳои мустақилона бо корҳои гуногуни зиёде ифода гаштаанд, ки аз тарафи омӯзгор дар машғулиятҳои дарсию беруназдарсӣ истифода мешаванд.

Барои тақвият бахшидан ба ин гуфтаҳо мо якчанд мавзуи таълимиро, ки мазмун ва мундаричаи онҳо ба фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ба хотири рушди зеҳн ва нутқ бахшида шудааст, ҳамчун намуна дар машғулиятҳои дарсию беруназдарсӣ истифода мешаванд, аз китобҳои дарсии забони модарии синфҳои 1-4 пешниҳод мекунем.

Масалан, матни "Ҳуҷраи махфӣ" Забони модарӣ барои синфи 4 [96, с.216-236], усули "Хониши ботаваққуф". Ин усул имконият медиҳад, ки анҷоми хикоя, натиҷаи рафтору амали симоҳои ҳикояро пешгӯйӣ кунанд. Яъне, хонандагон пеш аз хондан мазмуни онро пешгӯйӣ карда тавонанд.

*Подшоҳе буд, ки хизматгори зиёде дошт. Яке аз онҳоро бо номи Аёз аз ҳама бештар дӯст медошт. Ӯ ходими дӯстдоштаи шоҳ буд. Рӯзе шоҳ Аёзро хазинадори худ интихоб кард, то сарваташро муҳофизат кунад. Вақте ки наздикони шоҳ аз вазифаи нави Аёз бохабар шуданд...*

Исти 1.

- ✓ Чаро маҳз шоҳ Аёзро хазинадор интихоб кард?
- ✓ Оё Аёз ба боварии шоҳ сазовор буд?
- ✓ Ба фикри шумо, хазинадорон чӣ кор мекунанд?

Барои донистани давоми ҳикоя онро бодиққат гӯш мекунем.

*...Хеле нороҳат гаштанд. Онҳо байни ҳамдигар мегуфтанд, ки чӣ тавр шоҳ тавонист ғуломеро ба вазифаи муҳимми хизматгорӣ интихоб кунад.*

*Бо гузашти вақт атрофиёни шоҳ ба Аёз бисёртар ҳасад мебурдагӣ шуданд. Онҳо ҳамчун ҷосус ҳамеша аз пайи Аёз буданд ва мехостанд, ки кори нодурусти Аёзро бинанду ба шоҳ шикоят баранд. Ниҳоят, онҳо дар кори Аёз чизе ғайриодӣ ёфтанд ва зуд ба шоҳ шикоят карданд.*

Исти 2.

- ✓ Чаро атрофиён намехостанд, ки Аёз хазинадор бошад?
- ✓ Ба фикратон, дарбориён чӣ ёфтанд?
- ✓ Барои донистани давоми ҳикоя онро бо диққат гӯш мекунем.

*Дарбориён дари ҳуҷраи Аёзро шикаста, ба хона даромаданд, аммо аз тиллою нукра ва ҷавоҳироти хазина чизе набуд. Онҳо фақат пӯстин ва чоруқи куҳнаи Аёзро дар он ҷо диданд. Ночор онҳо назди шоҳ баргаштанд*

*ва он чиро, ки диданд, ба шоҳ гуфтанд. Подшоҳ аз Аёз пурсид, ки чаро ӯ пӯстин ва чоруқи куҳнаро дар ҳуҷра нигоҳ медорад.*

Исти 3.

- ✓ Ба фикри шумо, Аёз ба подшоҳ чӣ мегӯяд?
- ✓ Агар шумо мебудед, дар ҳуҷра чиро нигоҳ медоштед?
- ✓ Барои донистани давоми ҳикоя онро бодиққат гӯш мекунем.

*Аёз гуфт:*

*– Эй подшоҳ, ин либосҳои давраи ғуломии ман буданд. Ман онҳоро нигоҳ доштам, то гузаштаамро фаромӯш накунам. Ҳеҷ гоҳ аз мансаби ҳозираи худ мағрур нашавам.*

*Дарбориён дар надзи ӯ сар хам карданд ва аз подшоҳ узр пурсиданд. Подшоҳ гуфт:*

*– Бахшидани шумо кори ман нест. Шумо ба Аёз бадӣ кадед. Акнун бояд, ки ӯ шуморо бахшад ё азоб диҳад.*

Исти 4.

- ✓ Агар шумо ба ҷойи Аёз мешудед, аз гуноҳи дарбориён мегузаштед? Чаро ҳа? Чаро не?
- ✓ Оё рафтори дарбориён дуруст буд? Чаро?
- ✓ Боре ба шумо чунин ҳодиса рух додааст, ки касе бароятон душманӣ карда бошад?

Хулоса , ростиро набувад ҳеҷ заволе ба ҷаҳон, ҳақиқат хамеша ғолиб аст.

Рушди тафаккури мустақилонаи омӯзишӣ дар амалия ва назарияи таълим принсипи алоқаи таълим ба ҳаётро ба миён гузошта, дар асоси овардани мисолҳо аз ҳаёти ҷомеа робитаи устувор ва мушаххас пайдо мекунад. Бинобар ин, таълиму тарбия дар ин марҳилаи таҳсилот бояд ба ташаккули ҳавасмандӣ ба омӯзиш ва шавқмандӣ нисбат ба фаъолияти таълимӣ нигаронида шавад.

Дар таълими матни “Ҳикояти чӯпон”  Забони модарӣ барои синфи 2. [303, с.264-265] аз усули Диаграммаи ВЕНН истифода мебарем.

Супориш: Мустақилона  хондани матни “Ҳикояти чӯпон” (вақт барои хондан 5-7 дақиқа).

Баъди хондани ҳикоят омӯзгор бо чунин саволҳо ба аҳли синф муроҷиат мекунад:

А) Рамаи гӯсфандон аз они кӣ буд?

Б) Чӯпони ҳалолкор ба марди давлатманд чӣ насиҳат мекард?

В) Оқибати кори бад ба чӣ анҷомид?

Г) Ба хиёнати давлатманд чӣ гуна баҳо медиҳед?

Муродифи калимаҳои душворфаҳми “ҳалолкор-...., хоҷа-..., хиёнат- ...., илтифот-..., иттифоқо-..., азиме- ..., бузурге-...” шарҳ дода шаванд.

(калимаҳо барои истифода: ҳалолхӯр, бовиҷдон, сардор, хӯҷаин, аҳаммият додан, макру фиреб, мувофиқ, хеле калон, азим)

**Диаграммаи Венн:**

Хусусиятҳои

**давлатманд** умумӣ **чӯпон**




Хулоса ,вақте ки чӯпон ҳақиқати ҳолро ба шахси давлатманд мегӯяд, шахси давлатманд аз кирдори бади худ пушаймон мешавад.

Истифодаи усулҳои фаъолгардонии раванди дарс барои бартараф кардани монеаҳои мушкилгузар фикри ҷиддӣ ва талошҳои муназзамро тақозо дорад, кӯдаконро аз як зина ба зинаи дигари баландтар

гузаронда, ба гирифтани донишҳои бунёдӣ ва босифат сафарбар менамояд.

Масъалаи бедорсозии шавқу рағбати забондонӣ ва ташаккули шавқи маърифатҷӯйӣ дар педагогикаи муосир яке аз самтҳои бунёдӣ дониста мешавад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" [11, с.16] дар хонандагони хурдсол тарбия кардани мустақилият, ташаббускорӣ, фаъолнокиро тақозо намуда, талаб менамояд, ки технологияи раванди таълим мунтазам такмил дода шавад, ба ҷараён ва тарзу усулҳои ҳалли вазифаҳои таълимӣ навгониҳо ворид карда шавад, то ки хонандагон донишҳоро на ба таври тайёру безаҳмат, балки бо ёрӣ ва роҳнамойии омӯзгор, вале мустақилона, дар ҷараёни ковишҳо, ҳалли масъалаҳои нисбатан монеадор, аз худ кунанд. Фикр карда хондан, навиштан, гӯш кардану фаҳмидан ва фаҳмида гуфтанро ёд гиранд, яъне, ба дарки маънии матн сарфаҳм раванд.

Як намунаи дигар меорем:

Мавзуи дарс: «Ростӣ» Забони моадрӣ, синфи 2 [303, с.304-305].

Мақсади мушаххас: То охири дарс хонандагон бояд донанд:

а) Ростӣ чӣ аҳаммият дорад?

б) Барои обрӯ пайдо кардан чӣ кор кардан лозим аст?

в) Матнро хонда мазмунашро нақл карда тавонанд.

Ростиро набувад ҳеҷ заволе ба ҷаҳон,

Сарв агар хушк шавад, боз асо мегардад (Сайидои Насафӣ)

Ростиву росткорӣ аз муҳимтарин хислатҳои инсон буда, одамро хушбахт ва сарбаланд мегардонад.

Аз ростӣ ба касе зарар намерасад. Ростӣ ба ҳама хубӣ меорад. Каҷрафторӣ зараровар аст. Бузургони тоҷик ростиро яке аз хислатҳои хуби инсон шумурдаанд. Ҷомии бузургвор гуфтааст:

Рост ҷӯ, рост нигар, рост бубин,

Рост гӯ, рост шунав, рост нишин.

(Матнро хонандагон мустақилона мехонанд)

Матни «Ростӣ». Падар дафтар ва рӯзномаи писарашро тафтиш кард. Маълум шуд, ки писар имрӯз дар мактаб дарс нахондааст.

Пурсид:

– Писарам, магар имрӯз ба мактаб нарафта будӣ?

– Рафтам, вале омӯзгор бемор шудаанд, дарс нашуд.

Ҳамин вақт занги телефон баланд шуд. Падар гӯшакро гирифт. Омӯзгор занг мезад. Вай пурсид:

– Магар Суҳробҷон бемор шуда буд, ки имрӯз ба мактаб наомад?

Писар сархам буд…

Ба гетӣ ҷуз ростӣ пеша нест,

Зи кажӣ батар ҳеҷ андеша нест.

Баъди хондани матн омӯзгор тавассути саволҳо аз хонандагон мазмуни матнро мепурсад.

Саволҳо:

1. Падар чиро дид?

2. Суҳробҷон ба падараш чӣ гуфт?

3. Кӣ ба падари Суҳробҷон занг зад?

4. Барои чӣ Суҳробҷон якбора сархам шуд?

Хонандагон ба саволҳо ҷавоб дода, нисбат ба амали Суҳробҷон андешаҳои гуногунро иброз медоранд. Андешаҳо чунин буданд: *Суҳробҷон бояд ба падараш росташро мегуфт. Суҳробҷон бояд ба мактаб мерафт. Кори нағз накард, дурӯғи гуфтааш ба зудӣ фош шуд. Ҳурмати падару модарро бояд ба ҷо меовард. Дурӯғ гуфтан қадру қимати шахсро паст мекунад. Шахс аз боварии падару модар, ҷӯраҳо ва ҳамсинфон мебарояд* ва ғайра.

Омӯзгор ҷавобҳои шогирдонро шунида, барои фикри онҳоро тақвият бахшидан чунин илова намуд: «Шукри он ки дар дунё бар

хилофи ҳиллаву найранг, макру фиреб ва дурӯғ ҳақиқат, ростӣ ва росткорӣ ҳамқадами инсон аст».

Ҳар шахс пеш аз он ки чизеро гуфтанӣ ё иҷро карданӣ мешавад, дар бораи оқибати кору амалаш бояд биандешад, фаҳмад, ки оқибат он бо чӣ анҷом меёбад.

Мо якчанд намуди фаъолиятҳоро, ки мазмунан васею самаранок мебошанд ва дар синфҳои озмойишии синфҳои ибтидоӣ истифода бурда шуданд, пешкаш намудем.

Омӯзгорони синфҳои ибтидоии озмойишӣ дар ҷараёни таълим маводи таҳиякардаи моро истифода бурда, таъкид мекарданд, ки онҳо дар ҳақиқат усулҳои фаъол мебошанд. Баъзе намунаҳои дигарро низ пешкаш мекунем:

**Машқи хурд.** Ин усули фаъолияти гурӯҳӣ буда, фарогири ҷалби ҳамаи хонандагон мебошад, тезҳаракатӣ, маҳорати гӯш кардану шунидани савол, дурусту аниқ фикр карданро инкишоф медиҳад. Аҷибаш дар он аст, ки дар ин ҳолат ҳатто ҳамон хонандагоне фаъолият мебурданд, ки асосан, хомӯшанд, чунки аз ҷиҳати ақлонӣ суст буда, аз ҷавобҳо шарм мекарданд. Машғулият 6-8 дақиқа давом мекунад.

Ҳадаф ва мазмуни чунин намуди кор дар чист? Он дар давраи санҷиши вазифаи хонагӣ ё ин ки аз худ кардани маводи таълимии нав (вақте ки саволҳои одӣ ва ҷавобҳои тезу яктарафаро талаб мекунанд, то ки донишу диққатнокии хонандагон, маҳорати гӯш кардану шунидани саволҳо санҷида мешавад), гузаронида мешавад. Агар машқи даҳониро дар ибтидои дарс, пеш аз таҳлили мавзуи нав гузаронем, он гоҳ вай бояд на танҳо саволҳои санҷишии вазифаи хонагиро дар бар гирад, балки воқеияти фаҳмишҳои асосиро, ки пештар (ҳафта, моҳ, як сол пеш) гузашта буданд, дар хотираи кӯдак бедор созад. Ба хонандагон пешкаш карда мешавад, ки ҳар чӣ тезтар якҷоя ба саволҳо ҷавоб гӯянд (ба миқдори 15-20 савол) ва мустақилона худро санҷида, баҳогузорӣ кунанд:

а) маънои калимаҳои «азият, гуноҳ, ҳукм»-ро шарҳ диҳед;

б) ҷумлаи «Дар ҷангал хирс ба бадкирдорӣ ном барвард» аз чанд калима сохта шудааст?

в) Рангҳои парчамро номбар карда, аз ҷиҳати мазмун маънидод кунед.

г) Калимаҳои ҳамқофияро муайян кунед:

Ахтари Сомон дурахшон,
Дар Хуҷанду Рашту Хатлон.
Ёди Сомон, ёди Ширин,
Дар Ҳисору дар Бадахшон.

ғ) Ба ҷойҳои холӣ ҳарфи «и» ё «й» гузоред:

Ман аз фанн _ “забон_ модар_» баҳо_ «5» гирифтам.

д) Барои чӣ ҳарфи аввали калимаҳои «**Лолагӣ ва Ҳисор**» бо ҳарфи калон навишта шудааст?...

Дар интиҳои машқ омӯзгор мефаҳмонад, ки ба чӣ қадар ҷавобҳо ба худ баҳо гузоштан мумкин аст.

**Диктанти рақамӣ.** Ҳангоми истифодаи ин усул хонандагон ду мафҳумро ба хотир меоранд, кӯшиш мекунанд, ки вайро дар хотир нигоҳ доранд. Баъд бо супориши омӯзгор байни худ ягон ҳаракатро анҷом медиҳанд ва ҷавобро ба дафтар менависанд. Бо чӣ вай шавқовар аст? Аввал, ҳисоби шифоҳиро худ ба худ дар дарсҳо барои дар хотир гирифтан манфиатовар аст. Дуюм, на танҳо имконият дода мешавад, ки чизеро номбар кунанд, балки гуфташударо таҳрир кунанд (сол, воқеа, номҳо ва ғайра), ки донистани онҳо барои ташаккули қобилияти зеҳнию aқлонии хонандагон кумак расонада, ҷаҳонбинии онҳоро васеъ мегардонад. Сеюм, вазифаи ба ин монандро барои иҷро пешкаш месозем, ки матни китобро як маротибаи дигар такроран хонанд, чунки бе хондану аз бар кардани матн хонандагон наметавонанд вазифаро иҷро кунанд.

**Диктант** (дар шакли бозӣ) [390, с.48-49].

Омӯзгор пешакӣ рафти бозиро фаҳмонда, якчанд варақчаҳои рақамдор ва як қатор калимаҳоро мувофиқи мавзуъ гирд меорад. Мувофиқи қаторҳо варақчаҳои рақамдор ба хонандагон супорида мешавад. Варақчаҳоро ба сатҳи дониши хонандагон нигоҳ карда месупорад. Бо супориши омӯзгор аз се қатор хонандагони рақами 1 дошта ба назди тахта мебароянд ва аз рӯйи диктаи омӯзгор онҳо калимаҳоро баробар дар тахтаи синф менависанд. (миқдори калимаҳои интихобшуда 4,6,8-то аст). Аҳли синф низ аз рӯйи диктаи омӯзгор калимаҳоро ба дафтари худ менависанд. Намуна: **пилла, арра, акка, омӯзгор, ғалла, муаллиф** ва ғайра.

Пас, навиштаҳои хонандагон тафтиш карда шуда, ғолибон муайян карда мешаванд.

**Имлои зеҳнӣ.** Дар ҳар як қисми дарс имлои зеҳниро истифода бурдан мумкин аст. Омӯзгор дар тахтаи синф якчанд рақамҳо (солҳо) ё ин ки калимаҳо (воқеаҳо, номҳо, мафҳумҳо)-ро менависад ва ба хонандагон супориш медиҳад, ки рақамҳо, воқеа, номҳо ва мафҳумҳоро ба хотир гиранд. Баъд онҳоро тоза мекунаду хоҳиш мекунад, ки дар як дақиқа хонандагон онҳоро аз сари нав нависанд.

Ташхиси баъзе дарсҳо, ки дар синфҳои озмойишии муассисаҳои таълимии гуногун бо назардошти маслиҳатҳои мо гузаронида шуданд, боз як бори дигар самаранокии натиҷаҳои таҷрибаи гузаронидашударо дар ҷараёни таҳқиқот тасдиқ мекунад.

Теъдоди зиёди роҳҳо, усулҳо, методу усулҳои инкишофи маҳорати азхудкунии фаъолияту воқеияти таълим вуҷуд дорад, ки аз тарафи омӯзгор дар ҷараёни таълим бо мақсади ташаккулу инкишофи фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ҳангоми омӯзиши забони модарӣ истифода мешавад. Масалан, ҳангоми омӯзиши мавзуи «Гунҷишк ва мор» омӯзгор вазифаи хонагиро метавонад бо усули тестӣ санҷад.

1. Қаҳрамони манфии афсонаи «Гӯнҷишк ва морро» номбар кунед.

- кирм;
- мор;
- қурбоққа

2. Муродифи калимаи "қасос"-ро ёбед.

- ёрӣ расондан;
- ниқор гирифтан;
- ғалаба кардан.

3.Ба ҷойи нуқтаҳо калимаи заруриро гузоред.

... дар пеш шарора оташро дид ва аз боло овози метинро шунид.

- гунҷишк;
- мор;
- хуҷаини хона.

**Халос хӯрдани ҳезумкаш**

Баъди фаҳмондани мақсади асосии дарс, ки ба ташаккулу инкишофи фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ба хотири рушди зеҳн ва нутқи хонандагони хурдсол равона шудааст, чунин усули кор истифода бурда шуд:

Хонандагон ба чор гӯруҳ чорнафарӣ тақсим шуданд.

Ба гурӯҳи якум ва сеюм иҷрои саволи якум ва гурӯҳи дуюму чорум – иҷрои саволи дуюм супорида шуд. Барои иҷрои супориш ба гурӯҳҳо чор дақиқа вақт дода шуд. Баъд, таркиби гурӯҳҳо иваз шуданд: се хонанда аз гурӯҳи якум ба гурӯҳи дуюм гузаштанд ва се хонандаи гурӯҳи дуюм ба якум.

Вазифа: хонандагони гурӯҳи якум, ки ба гурӯҳи дуюм гузаштанд, саволи якумро ба гурӯҳи дуюм фаҳмонданд ва хонандагони гурӯҳи дуюм саволи худро ба гурӯҳи якум фаҳмонданд. Баъди муҳокимаронӣ хонандаҳо ба саволҳои зерин ҷавоб доданд:

– Чӣ гуна ҳезумкаш ҳаёти худро таъмин мекард?

– Барои чӣ ҳезумчин бо фикри мор розӣ нашуд?

– Мафҳуми «хубию» «бадиро» фаҳмонед.

– Маънои ибораи «сазо ба касе, ки бадӣ мекунад» чист?

Ҷавобҳои хонандагон чунин буданд:

Хонандаи Б. – Ҳезумчин ҳезум ҷамъ мекарду мефурӯхт.

Хонандаи А. – Мор нияти бад дошт. Вай мехост ҳезумфурӯшро газад.

Хонандаи В. – Некӣ кардан кори хайр аст.

Ҷавобҳои хонандагон қаноаткунанда (хуб) буданд, онҳо на танҳо номҳо, солҳо, далелу рақамҳоро номбар мекарданд, балки ҷавобҳои онҳо хусусияти ташхисӣ, муқоисавӣ ва хулосавӣ доштанд. Масалан, яке аз хонандагони гурӯҳи якум – хонандаи "Б" чунин ҷавобро пешниҳод кард: «Ҳезумфурӯш мехост ба мор фаҳмонад, ки ба некӣ бо некӣ ҷавоб мегӯянд. Вай мехост морро аз нияти бадаш гардонад».

Омӯзгор ҷавобҳои хонандагонро пурра ва илова мекард ва якҷоя бо онҳо машғулиятро ҷамъбаст кард.

Машғулиятҳои ташхисӣ бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ якҷоя бо ташаккулу инкишофи фаъолияти мустакилонаи омӯзишӣ ба хотири рушди зеҳн ва нутқ қисми муҳимми таҳқиқоти моро ташкил карданд. Мақсади гузаронидани ин машғулиятҳо муайян кардани сатҳи ташаккули маърифатии хонандагон ҳангоми гузаронидани фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ба хотири рушди зеҳн ва нутқ мебошад. Ба ин машғулиятҳои таълимие дохил мешуданд, ки ҳар яки онҳо ба омӯзиши сатҳи ташаккули фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ба хотири рушди зеҳн ва нутқи хонандагони хурдсол бахшида шуда буданд. Дар таҳқиқот, асосан, хонандагони синфҳои 3-4-и озмоишию назоратӣ дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон иштирок доштанд.

Хулосаҳо шавқовар буданд. Агар то вақти таҷриба аз 137 нафар (дар синфҳои таҷрибавӣ) хонандагон 113 нафари онҳо тавонистанд ба

саволҳо ҷавоб гӯянд, ки аз онҳо танҳо 44 нафарашон ҷавоби дуруст буд, баъди таҷриба шумораи ҷавобдодагон ба 130 нафар расид, ки аз байни онҳо 94 нафар дуруст ҷавоб гуфтанд.

Таҷрибаи мо боз як маротибаи дигар тасдиқ кард, ки ҳар як хонанда маҳорату истеъдод дорад, табиатан хоҳиши хондан дорад ва нисбат ба он ҳавасманд мебошад. Барои он ки кӯдакон имконияти амалӣ кардани истеъдодҳои худро дошта бошанд, роҳбарии дурусти педагогӣ зарур аст.

Таҷрибаи педагогӣ дар шароитҳои табиӣ мегузашт, дар ҷараёни таълим аз барномаи таълими забони модарӣ ба таври васеъ истифода шуд. Дар раванди таҳқиқот дурустии дастурамалҳои назариявӣ ва усулҳои дидактикии пешниҳодшуда санҷида шуд.

Яке аз усулҳои пешниҳодшудаи дидактикӣ ташаккули инкишофи фаъолияти мустакилонаи омӯзишӣ ба хотири рушди зеҳн ва нутқи хонандагони хурдсол, дастрас кардани донишҳо бо роҳи мустақилона омӯхтану муқоиса ва тартиб додани ҷадвалҳо мебошад. Қисми асосии раванди муқоиса муайян кардани хатти муқоиса мебошад. Вазифаи дидактикии омӯзгор ба хонандагон ёд додани тарзи муайян кардану ташаккул додани аломатҳо аст. Сатҳи баланди фаъолнокии азхудкуниро хонандагон дар он ҳолат нишон доданд, ки онҳо мустақилона муқоисакуниро истифода бурда, зарурати истифодаи вайро дарк карданд.

Сатҳи баланди ташаккули фаъолияти мустакилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни истифодаи бозиҳои дидактикӣ ошкор гардид. Онҳо ба ташаккули масъулиятнокӣ, тайёрӣ ба худомӯзӣ, худтанзимкунӣ, худбаҳодиҳӣ мусоидат мекунанд. Дар раванди фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ хонандагон бо ҳолатҳое дучор меоянд, ки маҳорату истеъдодҳои худро ҳангоми ҳалли вазифаҳо имконият доранд бисанҷанд,

масъалаҳои мушкилро дар донишҳои худ ошкор кунанд. Хонандагон мустақилона зарурати баҳогузории ин ё он ахборро муайян мекунанд, ҷустҷӯйи итилоотӣ мегузаронанд. Онҳо рӯйхати иловагии адабиёти пешни- ҳодшударо қабул карда, пеш аз дарёфти иттилооти иловагӣ ба ҳалли он мепардозанд. Китобу мақолаҳо, расму ҷадвалу графикаҳоро онҳо ё мустақилона меомӯзанд, ё ба ёрии омӯзгорон эҳтиёҷ доштанд, ки дар ин маврид омӯзгорон нақши маслиҳатгарро бозӣ мекунанд.

Дар яке аз синфҳои озмойишӣ дар ҷараёни тайёрию гузариши дарс бо намуди бозии касбӣ аз рӯйи афсонаи «Боғбон ва хирс» махсус муайян карда шуд, ки заминаю тайёрии худомӯзӣ дар хонандагон вуҷуд дорад. Чунин усули гузариши дарс ба пайдошавии имконияти бештари ташаккули тайёрӣ ба дарс мусоидат мекунад. Дар ибтидо нақшҳои муайяни иштирокчиёни бозӣ тақсим шуда буданд. Нақши пешбарандаи бозӣ-дарсро омӯзгор мебозад. Дар назди ҳар як иштирокчӣ вазифаҳои муайян гузошта мешаванд:

- Пайдошавии дӯстии байни боғбону хирс.
- Дӯстии байни хирсу боғбон чӣ гуна мегузашт?
- Хирс мехост ба боғбон некӣ кунад.
- Хулосаи афсонаи «Боғбон ва хирс».

Истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар дарсҳои забони модарӣ ба хонанда имконият медиҳад, ки тайёрии аз худ кардани ахбори робитавиро дар суҳбат ташаккул диҳад, нуқтаи назари худро пешкашу ҳифз кунад. Натиҷаҳои истифодаи бозиҳои дидактикиро дар дарсҳои забони модарӣ ташхис карда, мо муайян кардем, ки;

- дар ҷараёни фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ донишҳои хонандагон пурра ва доираи сарчашмаҳои донишомӯзӣ васеъ мегарданд;

- донишҳои азхудшуда шахсию муҳим мегарданд, ҳисси зебоипарастии хонандагон рушд ёфта, хонанда дар нақши иштирокчии фаъоли воқеаҳои гузошташуда бозӣ мекунад;

- шакли фаъолият тавассути бозӣ фаъолияти ақлонии хонандагонро метезонад;

- фазои озод, тафаккури озод. Ақидаи озоди хонанда ва омӯзгор баробар мешавад, чунки худи омӯзгор дар нақши тамошобин мебошад;

- фаъолияти коллективӣ, ҳисси ёрӣ расонидан, якдигарро хубтар шинохтан дар коллектив мушоҳида мешавад;

- фаъолияти коллективӣ ба муоширати касбӣ имкон медиҳад, маҳорати баромад карданро пайдо кунад;

- бозии нақшавӣ имконияти татбиқи донишҳоро ба хонандае, ки донишҳои хуб надорад, фароҳам месозад, тарсу ҳароси дохилиро оид ба огоҳиҳои омӯзгору ҳамсинфон бартараф мекунад;

- барои омӯзгор чунин шаклҳои кор имконият медиҳад, ки маводи иловагиро барои дарсҳои оянда ҷамъоварӣ кунад.

Таҳқиқоти мо ошкор кард, ки ҳатто дигаргуниҳои ками ташкили фаъолияти мустакилонаи омӯзишӣ – ҳолатҳои проблемавӣ, ворид кардани усулҳои нав ва ҳолатҳои эҷодӣ ба хонандагони хурдсол таъсир мерасонанд. Дар таҷриба мо муайян кардем, ки бозиҳои таълимӣ ҳамчун усули педагогӣ имкониятҳои зиёдеро баҳри ташаккули фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ба хотири рушди зеҳн ва нутқ дар ҷараёни омӯзиши забони модарӣ доранд.

Дар ин ҳолат хонанда худро объекти таълимию омӯзиш ҳис накарда, балки субъекти баробарҳуқуқи фаъолияти таълимӣ ҳисоб мекунад. Ин муоширатро бо хонандагони хурдсол шавқовар, ҳиссиётӣ ва барои якдигар манфиатовар мегардонад.

Ҳамин тариқ, дар асоси омӯзишу ташхиси адабиёти дидактикӣ, психологию педагогӣ, таҷрибаи омӯзгорони синфҳои озмойишӣ ва коркардҳои амалӣ роҳу усулҳо, инчунин, талаботи асосии ташаккулу инкишофи фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ба хотири рушди зеҳн ва нутқи хонандагон ҳангоми омӯзиши забони модарӣ дар синфҳои ибти-

доӣ муайян карда шудаанд.

Мо ба хулосае расидем, ки фаъолияти мустақилонаи таълими забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳангоми омӯзиши забони тоҷикӣ гуногунранг мебошанд.

Аз ин рӯ, вазифаи асосии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар он аст, ки дар ҷараёни фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз муносибатҳои гуногун ба таълим истифода баранд.

Ба ақидаи мо, омили асосии объективӣ, ки ташаккули фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоиро таъмин мекунад, ин мазмуни таълим оид ба фанни забони модарӣ мебошад. Агар омӯзгорон дар ҷараёни таълим имконияти бедор кардани хоҳишу ҳаваси хонандагонро ба донишомӯзӣ бедор карда натавонанд, он гоҳ мазмуни таълим маънии худро гум мекунад ва онҳо он вазифаҳоеро, ки дар давлату ҳукумат дар наздашон гузоштааст, ҳал карда наметавонанд.

## 4.2. Иҷрои бошууронаи фаъолияти мустақилонаи кӯдакон дар омӯзиши забони модарӣ

Дар ташаккули фаъолияти таълимию маърифатӣ, рушди дараҷаи донишандӯзӣ, маҳорату малака, ҷанбаҳои зеҳнию ақлонӣ, равонӣ, тафаккури эҷодӣ ва ҷаҳонбинии илмии хонандагон бошуурона будани иҷрои фаъолияти мустақилона мавқеи бағоят муҳим дорад. Ҳаёт собит намудааст, ки агар дониш тавассути бошуурона иҷро намудани фаъолияти мустақилона ба даст оварда шавад, пояндаву устувор мемонад.

Бошууронагии иҷрои фаъолияти омӯзишии мустақилонаи кӯдакон дар омӯзиши забони модарӣ яке аз воситаҳои асосии ташаккули нутқи

навишториую гуфторӣ, баланд бардоштани фаъолияти зеҳнию ақлонии хонандагони синфҳои ибтидоӣ маҳсуб меёбад.

“Кори мустақилонаи хонандагон яке аз омилҳои беҳтарини азхудкунии дарс ба шумор меравад. Бинобар ин барномаи нави забони тоҷикӣ мувофиқи талаботиислоҳоти нави мактаб талаб мекунад, ки дар хонанндагони синфҳои ибтидоӣ ҳосил кунонидани малакаҳои кори мустақилона бояд аз рӯзҳои аввали соли хониш шуруъ гардад.Ба воситаи кори мустақилона фаъолияти фикрӣ ва истеъдоди эҷодкории онҳо парвариш меёбад” [80, с.3].

Барои ташаккули бошуурона иҷро намудани корҳои мустақилонаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ, бахусус, дар дарсҳои грамматика ва имло машқҳои гуногун истифода бурда мешаванд. Масалан, рӯбардоркунӣ, имлоҳои гуногун, таҳлили грамматикӣ, ба саволҳо ҷавоб навиштан, фикр кардани мисолҳо (калима, ҷумла), нақли хаттӣ, хелҳои гуногуни иншо ва ғайра. Омӯзгор ҳангоми мустаҳкамкунии дарс аз як- ду намуди машқҳо истифода мебарад, ки иҷрои онҳо боиси ташаккули бошуронаи корҳои мустақилонаи хонандагон мегардад. Масалан, нақши кори мустақилонаро дар синфҳои камнуфус пеши назар меорем. Дар ин гуна синфҳо, ки омӯзгор дар як вақт бо якчанд синф сару кор дорад, хонандагон донишҳоро, асосан, бо роҳи хуб бошуурона ташкил намудани корҳои мустақилона аз бар мекунанд.

Дарвоқеъ, бошуурона будани кори мустақилона барои аз худ намудани асосҳои дониш ба хонандагон ёрӣ расонда, қобилияти фикрии онҳоро инкишоф медиҳад.

Ин аст, ки дар мавриди гузаронидани дарсҳои забони модарӣ омӯзгор, пеш аз ҳама, ба фаъолиятнокӣ ва бошуурона иҷро намудани кори мустақилонаи хонандагон такя карда, ба иштибоҳи ҳар як кори мустақилонаи хонанда ва тарзи иҷрои он диққати ҷиддӣ медиҳад, назорат мекунад, бо роҳи муҳокимаи умумӣ месанҷад.

Корҳои мустақилона намудҳои зиёд дорад ва интихоби онҳо ба тарҳи маводи таълим ва мавзуъ, инчунин, дараҷаи тайёрӣ ва қобилияти хонандагон вобаста аст. Ба ин хотир, ба эътибор гирифтани имконияти ақлию зеҳнии хонандагон, барои самаранок гузаронидани корҳои мустақилона аз аҳаммият холӣ нест. «Дар маҷмуи модулҳо оид ба низоми таълими салоҳиятнокӣ» ба ақидаи Л.С.Виготский муайян кардани минтақаи наздиктарин бе муошırати доимӣ ва ҳамкорӣ бо кӯдак имконнопазир аст [213, с.15].

Корҳои мустақилона ҳангоми аз як синф ба синфи дигар гузаштан такрор ёфта, вобаста ба мундариҷаашон мураккабтар мешаванд. Барои муайян намудани донишҳои заминавии хонандагон муошират ва ҳамкории пайвастаи омӯзгор лозим аст, то ин ки хонандагон ҳангоми мустақилона фаъолият намудан ба гирифтани донишҳои нав ба нав ҳавасманд гарданд.

Кори мустақилона ҳамчун қисми ҷудонашавандаи дарс дар лаҳзаҳои баёни мавзуи нав, мустаҳкам намудани донишҳои ҳосилкарда, такрорӣ, ҷамъбастӣ ва санҷиши вазифаи хонагӣ истифода бурда мешавад.

Масалан, омӯзгор пеш аз он ки хонандагонро ба тартиби ҳарфҳои «Алифбо» шинос кунад, аввал ба онҳо якчанд калима тавсия менамояд ва таъкид мекунад, ки ба ҷадвали алифбо нигариста, калимаҳои додашударо ба тартиб рӯбардор намоянд. Масалан, **бачаҳо, китоб, гулҳо, забон, дӯстдоштаатон, алифбо, модар** ва ғайра.

Хонандагон ба ҷадвали алифбо нигариста, бо тартиби он пайиҳам калимаҳои *алифбо, бачаҳо, гулҳо, дӯстдоштаатон, забон, китоб, модар*ро менависанд. Дар ин маврид иҷрои бошууронаи кори мустақилона барои аз худ намудани қоидаи нав ёрӣ мерасонад.

Дар вақти гузаштани мавзуи нав хонандагон дониши мукаммал мегиранд, ки мустаҳкам намудани он, асосан, бо роҳи бошуурона

ташкил намудани кори мустақилона сурат мегирад. Омӯзгор ҳангоми мустаҳкамкунӣ аз як-ду намуди машқҳо истифода мебарад, ки иҷрои онҳо аз хонандагон мустақилиятро талаб мекунад. Доираи кори мустақилонае, ки ҳангоми мустаҳкамкунии дониши хонандагон ташкил карда мешавад, аз доираи кори мустақилонаи дар аввали дарс ташкилшуда бояд васеътар ва мураккабтар бошад.

Баъзан бо роҳи ташкили бошууронаи кори мустақилона омӯзгор вазифаи хонагиро месанҷад. Ба ин восита, ӯ фаҳмиданӣ мешавад, ки хонанда супориши додашударо ҳақиқатан худаш иҷро кардааст, ё не.

Бо ин мақсад омӯзгор монанди вазифаи хонагӣ ба хонандагон кори мустақилона месупорад. Масалан. Калимаю ибораҳои зеринро навишта,зери аломати ашё хат кашед.

Аломати ашёҳо: душмани ғаддор, фарзанди бовафо,дили бузург,халқи заҳматкаш, шаби торик,чингизиёни хунхор,нафаси охирин,коғази хатнок, одами некхоҳ.

Намуна: Душмани <u>ғаддор.</u>

Дарс ягон лаҳзае надорад, ки бе ташкил ва гузаронидани кори мустақилонаи хонандагон гузарад. Дар ҳақиқат, истифодаи бошууронаи корҳои мустақилона дар ҷараёни дарсҳо боиси фаъол гардидани тафаккури эҷодии хонандагон мегардад, муносибати шууронаи онҳоро нисбат ба маводи таълим инкишоф медиҳад. Ба таври дигар гӯем, самаранокии таълим ба он вобаста аст, ки омӯзгор дар ин ё он лаҳзаи дарс аз кадом хели корҳои мустакилона истифода мебарад ва чӣ тавр диққати аҳли синфро ба иҷрои он сафарбар менамояд.

Дуруст аст, ки ҳангоми истифодаи усули таълими кор бо китоб ҷанбаи шифоҳии он зиёдтар ҳис карда мешавад, яъне ҳам омӯзгор ва ҳам хонандаҳо баъди хондан натиҷаи онро шифоҳӣ баён менамоянд. Вале ин ба мо ҳуқуқ намедиҳад, ки тарафҳои дигари масъаларо ба назар нагирифта, онро ба гурӯҳи усулҳои шифоҳӣ шомил бисозем: хонанда

метавонад натиҷаи фаъолияташро аз рӯйи китоб ба тарзи таҳририӣ (хаттӣ) ҳам пешниҳод намояд.

Усули кор бо китоб яке аз усулҳои кори мустақилонаи хонандагон мебошад. Беҳуда нест, ки Абдураҳмони Ҷомӣ китобро «Аниси кунҷи танҳоӣ» шумурда, дар ҷойи дигар «Фурӯғи субҳи доноӣ» номидааст. А.Эшонҷонов дар китоби «Методикаи таълими забони тоҷикӣ дар мактаби ибтидоӣ» сухани А.М.Горкийро иқтибос овардаааст, ки ӯ гуфтааст: «Китобро дӯст доред: он манбаи дониш аст» [336, с.85].

Хонандагонро аз соли аввали ба мактаб омаданашон ба китобхонӣ одат кунонидан лозим аст, то ки тадриҷан китобхонӣ кори муқаррарии онҳо шавад. Кӯдак, ки ҳанӯз ба ҳодисаҳои ҳаёт ва адабиёт сарфаҳм намеравад ба воситаи китобхонӣ фикр карданро ёд мегирад, аз китоб таҷрибаи ҳаётӣ ҷамъ мекунад. Китоб яке аз воситаҳоест, ки фикри бачаро мекушояд, тафаккури ӯро инкишоф медиҳад. Хонандагон дар натиҷаи китоб хондан маҷбур мешаванд, ки фикр кунанд. Кор бо китобҳои дарсӣ ва дигар китобҳо тамоми давраи мактабхонӣ давом ёфта, маҳорати махсусро талаб мекунад. Хусусан, дар синфҳои ибтидоӣ хонандагон бе омӯзгор ин гуна маҳоратро ҳосил карда наметавонанд. Дар ихтиёри мактаббачагон ғайр аз китобҳои дарсӣ маводи зиёди иловагӣ мавҷуд аст: маълумотномаҳо, воситаҳои таълим, луғатҳо, албому ҷадвалҳо, асарҳои назмию насрии бачагона, илмӣ, маҷаллаҳо, рӯзномаҳои гуногун ва ғайра.

Китоб на танҳо воситаи муҳимми донишҳосилкунӣ, инчунин дастурест, ки аз рӯйи он такрору ҷамъбаст гузаронида шуда, дониши хонандагон ба низом дароварда мешавад.

Китобҳои (барориши соли 2012) ба омӯзгор имкон намедиҳад, ки вақтро беҳуда сарф намояд. Раванди дарс пурра ҳамгиро буда, дар он хондан ва навиштан баробар дар ҷараён аст. Аз омӯзгор кордонӣ ва

самараноку мақсаднок, бошуурона истифода бурдани вақту иҷрои супоришҳоро талаб мекунад.

Масалан, матни «Гармчашма» Забони модарӣ барои синфи 3 [19, с. 35].

Омӯзгор оид ба обҳои шифобахши кишварамон ангезиши зеҳн гузаронда, доир ба донишҳои заминавии хонандагон маълумот пайдо карда, ба хонандагон супориш медиҳад, ки матни «Оби шифо»-ро аз китоб мустақилона хонда, аз матн сархати дуюмро нависанд ва муайян кунанд, ки он ҳамагӣ аз чанд ҷумла иборат аст.

Савол. Оби Гармчашма ба кадом дардҳо дармон мебахшад?

Супориш: Ба расмҳои китоб нигоҳ карда дар бораи манзараи Гармчашма мушоҳидаатонро гӯед.

Супориш: Аз матн исмҳоро нависед ва савол гузоред.

Супориш: Ба калимаҳои **об, дарё, соф, шифобахш** ҷумла тартиб диҳед ва нависед.

Агар омӯзгорон аз тартиби дар китоб пешниҳодшуда бошуурона истифода баранд, дарс пурра ба кори амалии хонандагон, яъне ба кори мустақилона бахшида мешавад. Дар ин сурат ҳамкории омӯзгору хонанда зич гардида, донишандӯзии онҳо дучанд меафзояд.

Баъзан вохӯрдан мумкин аст, ки бархе аз омӯзгорон байни тарзу восита фарқе намебинанд, ҳол он ки ин мафҳумҳо дар таълим тафовути ҷиддӣ доранд. Воситаи таълим гуфта маводеро меноманд, ки ҳам омӯзгор ва ҳам хонандагон барои ба даст овардани ин ё он мақсади муайяни таълимӣ истифода мебаранд. Масалан, ба воситаҳои таълим **китоби дарсӣ, матнҳо, ҷумлаҳо, ибораю калимаҳо, мисолу масъалаҳо, инчунин воситаҳои аёнию маводи дидактикӣ, воситаҳои техникӣ, компютерӣ** дохил мешаванд. Кори мустақилонаи хонандагонро бидуни истифодаи ин воситаҳои таълим тасаввур кардан номумкин аст.

Метод ва тарзҳои таълим доимо инкишофу такмил меёбанд. Хусусан, дар замони муосир – замони инкишофи илму техника ва афзудани доираи маълумот комилан такмил додани усулҳои таълим хеле муҳим аст. Ҷараёни такмили методҳо бояд ба фаъол намудани шавқу ҳаваси маърифатҷӯйии хонандагон ва ташаккули маҳорату малакаи минбаъдаи онҳо нигаронда шавад.

Аз ин лиҳоз, методҳои таълим, ки онҳо чи аз ҷиҳати амалӣ ва чи аз ҷиҳати содагии тарзи ифода ва мавқеи имрӯзаашон мувофиқ мебошанд, инҳоянд:

1) методҳои шифоҳӣ;

2) методҳои аёнӣ;

3) методҳои амалӣ [186, с.182].

Айни замон, ба гурӯҳи методҳои омӯзиши мустақилона таълими проблемавӣ, тадқиқотӣ-ҷустуҷӯйиро илова кардан мумкин аст. Ҳарчанд ки амалиёти мустақилонаи хонандагонро дар дигар усулҳои тадрис мушоҳида карда метавонем, вале ҳангоми истифодаи ин гурӯҳи методҳо хонандагон бештар фаъол гашта, кори онҳо ба эҷодкорӣ мепайвандад.

Ба гурӯҳи методҳои таълими шифоҳӣ кор бо ҳикоя, чистону зарбулмасалҳои бачагона, суҳбат, лексияи мактабӣ ва мубоҳиса дохил мешаванд. Дар солҳои аввали ташкили муассисаҳои таълимии шуравӣ методҳои таълими шифоҳиро ҳамчун боқимондаи тарзи таълими гузашта маънидод карда, ба он чандон эътибор намедоданд.

Баъдтар, солҳои 30-юм ба ин силсилаҳои таълимӣ аз будаш зиёдтар диққати ҷиддӣ дода, самаранок ва дар алоқаи методҳои дигар истифода бурдани онҳоро таъкид кардаанд.

«Каломи зиндаи омӯзгор, агар ба дархостҳои педагогӣ ҷавоб дода тавонад, на танҳо манбаи ҳақиқии чароғи маърифат аст, балки он хонандагонро ба ваҷд оварда, дар рӯҳияи хулқу атвори нек тарбия

менамояд. Дар ин сурат фаъолияти маърифатҷӯйии хонандагонро дучанд мегардонад» [194, с.512].

Устод Лутфуллозода Маҳмадулло дар асарашон “Педагогикаи миллии халқи тоҷик” дар хусуси ташаккули фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии илмии онҳо дар тавъамӣ ба баёни шифоҳии омӯзгорон чунин пешниҳод намудааст:

1) Аз ҷиҳати илмӣ ва мақсаднокӣ пухта бошад. Ин ҷо интихоби илмии мавод, ки оҳанги ифода нақши асосӣ дорад, дар назар аст.

2) Баён ва ифодаи мантиқӣ мусалсалии муайяни донишҳоро таъмин менамояд.

3) Равшан, фаҳмо ва дастрас будани баёни шифоҳӣ, ки барои ҷамъбасту хулосабарорӣ ва мустаҳкам намудани мавзуъ кумак мерасонад.

4) Аз ҷиҳати бадеият ғанӣ, пурэҳсос ва муассир будани нақли омӯзгор ба тезтар омӯхтани дониш ёрӣ расонда, дар ташаккули ақлу фаросат ва рушди зеҳнию нутқи шифоҳии хонандагон нақши ниҳоят калон дорад.

5) Ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои синнусолии хонандагон, ки тадриҷан омӯхтани дониш (зина ба зина) ва инкишофи тафаккурро таъмин менамояд» [194, с.512].

Баёни шифоҳии омӯзгор ҳамон вақт муҳим мегардад, ки агар омӯзгор барои нақл кардан нақша, харита, машқу масъала ва дигар аёнияту маводи дидактикиро дар дарс истифода барад ва дар раванди нақл кардан фаъолнокӣ ва шавқу рағбати хонандагонро нисбат ба мавзуи дарс бедор карда тавонад, хонандагонро ба бошуурона фикр кардан водор созад.

Намуна:

Мавзуи «Ҳифзи табиат» Забони модарӣ барои синфи 1 [33, с.78-79].

Омӯзгор доир ба мавзуи «Ҳифзи табиат» ба саволи «Табиат чист?» ангезиши зеҳн гузаронда, барои фикр кардан ду дақиқа вақт медиҳад. Хонандагон баъди ду дақиқа фикрҳояшонро баён мекунанд ва омӯзгор андешаҳои хонандагонро дар тахтаи синф менависад.

**Табиат чист**?

- дарё, ҷангал;
- кӯҳ, саҳро;
- дарахтон, ҳайвонот;
- одамон, гиёҳҳо, буттаҳо….

Омӯзгор андешаҳои хонандагонро тақвият дода илова мекунад. Он чи ки дар гирду атрофамон мебинем, ин табиат аст. Табиат хонаи мо, онро бояд тоза, озода сабзу хуррам нигоҳ дорем. Кӯҳҳо, талу теппаҳо, гиёҳҳои шифобахш, дарёҳо, кӯлҳо, баҳрҳо, уқёнусҳо, дашту саҳро, майдони киштукор, дарахтони мева ва сояафкан, ҳайвонот, ҷангалҳо … ин ҳама бойгариҳои табиат маҳсуб мeёбанд. Қарзи ҳар яки мо бойгариҳои табиатро нигоҳ доштан аст, зеро бе табиат дар замин зиндагӣ кардан аз имкон берун аст.

Омӯзгор суҳбатро идома дода, аз аҳли синф мепурсад: «Табиатро чӣ гуна муҳофизат мекунем?», «Ҳифзи табиат чист?» Барои фикр кардан ба хонандагон вақт дода мешавад. Баъди ду дақиқа андешаҳои хонандагон шунида мешавад:

- тозаю озода нигоҳ доштани ҳавлию хонаҳо ва муҳити гирду атроф;
- тоза нигоҳ доштани оби чашма ва ҷӯйҳо;
- парвариши гулу гиёҳҳо ва буттаҳо;
- шинонидани ниҳолҳои мева ва сояафкан;
- ифлос накардани муҳити гирду атроф;
- нигоҳубини парандаҳо.

Омӯзгор ба хонандагон супориш медиҳад, ки саҳифаи 72-73-и китоби забони модариро кушода «Ҳифзи табиат чист?»-ро мустақилона хонда бароянд.

- ✓ нашикастани шохи дарахтон;
- ✓ ниҳол шинонидан;
- ✓ парвариши гулу гиёҳҳо, дарахтон ва буттаҳо;
- ✓ дӯст доштани парандагон, ғамхорӣ ба онҳо;
- ✓ дӯст доштани ҳайвонҳо, ғамхорӣ ба онҳо;
- ✓ тоза нигоҳ доштани об ва сарфа кардани он;
- ✓ тозаю озода нигоҳ доштани ҳавлию майдонҳо;
- ✓ дӯст доштани ҳама мавҷудоти табиат;

«Суръат ва оҳанги нақли омӯзгор ҳам аз аҳаммият холӣ нест. Суръати тези сухани омӯзгор рафти фаҳмиши мавзуъро душвор мегардонад. Баръакс, агар суръат аз ҳад зиёд суст бошад, шавқу ҳавас ба он кам шуда, диққатнокӣ барҳам мехӯрад. Оҳанги хеле паст ва баланди сухан ҳам таъсир дорад. Ҳазлу шӯхӣ, суханҳои нишонрас низ муҳимманд. Яъне, дар дарс шӯхӣ кардан мумкин, вале онро ба масхара табдил гардондан лозим нест» [194, с.512].

Нақли омӯзгор дар синфҳои ибтидоӣ 5-10 дақиқа давом мекунад. Омӯзгор дар давоми нақл асбобҳои аёнӣ, воситаҳои техникии таълимро истифода барад ҳам, дар раванди дарс оҳанги ифода, имою ишора, далелҳои аниқ мавқеи асосиро ишғол менамояд.

Суҳбат саволу ҷавоб буда, дар байни омӯзгору хонанда (хонандаҳо) сурат мегирад. Дар суҳбат омӯзгор ба дониш ва таҷрибаи амалии бачаҳо такя менамояд. Ҳам саволҳо ва ҳам ҷавобҳо ба ҳалли масъалаи муайян нигаронида шуда, аз ҷиҳати илмӣ ва тарзи ифода дурусту равшан баён карда мешаванд. Суҳбатро дар ҳар як лаҳзаи дарс метавон истифода кард.

Суҳбат ҳамчун методи таълим фаъолияти мустақилонаи бачаҳоро таъмин менамояд. Вале тайёрӣ ва гузаронидани он аз омӯзгор меҳнати зиёдро талаб менамояд. Муваффақияти суҳбатро интихоби дурусти мавзуъ, фаҳмидани мақсади таълимии мавзуъ, мантиқан дуруст тартиб додани саволҳо, ҷавобҳои гуногун ва иштироки фаъолонаи бачаҳо таъмин менамояд.

Н.К.Крупская таъкид доштааст, ки «мактаб, пеш аз ҳама, бояд дар бача шавқу завқи фаъоли кунҷковӣ нисбат ба чизҳои атроф, шавқу ҳаваси тадқиқотчигиро нисбат ба зуҳурот ва фактҳо, чи дар соҳаи табиатшиносӣ ва чи дар соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ, бедор намояд» [291, с.12].

Масалан, омӯзгор ҳангоми таълими матни «Мӯрча ва паша» Забони модарӣ барои синфи 2. [300, с.189-190] чунин фаъолиятро анҷом медиҳад:

Тавассути саволҳои ёридиҳанда барои баъзе маълумотро оид ба мӯрча ва паша фаҳмидан ба хонандагон супориш медиҳад, ки матни «Мӯрча ва паша»-ро мустақилона, вале хомӯшона хонанд. Барои хондан вақт дода мешавад. Баъди хондан мазмуни афсона аз хонандагон тавассути саволҳои зерин пурсида мешавад, аз ҷумла:

1. Дар ҳикоя сухан дар бораи чӣ меравад?
2. Паша чӣ кор мекард?
3. Паша ба мӯрча чӣ гуфт?
4. Мӯрча чӣ ҷавоб дод?
5.Оқибати кор ба чӣ анҷомид?
6.Шумо ба рафтори Пашаю Мӯрча чӣ баҳо медиҳед?

Азбаски мазмуни афсона ва тарзи баёни он хеле сода ва фаҳмо аст, хонандагон зуд оид ба мазмуни он маълумот пайдо намуда, ба саволҳои омӯзгор ҷавобҳои пурра мегардонанд.

Кори мустақилона:

Афсонаро бори дигар хонед. Амалҳои симоҳои матнро дар ҷадвал нависед [300, с.189].

**Ҷадвали 18.**

| Симоҳои афсона | Чӣ кор кард? |
|---|---|
| Мӯрча | |
| Паша | |
| Духтарча | |

Дар вақти савол додан меъёри зерин ба назар гирифта мешавад:

1. Саволҳо бояд мантиқан фаҳмо, равшан ва дар шакли кӯтоҳ баён карда шаванд.

2. Вақте ки саволҳоро пешниҳод менамоем, ҷавоби онро низ пешакӣ тарҳрезӣ менамоем, то ки вақт аз ҳад зиёд кашол наёбад.

3. Пайдарҳамӣ ва тадриҷан душвортар шудани саволҳо. Дар ин маврид қобилияти маърифатҷӯйӣ ва фикрии бачаҳоро инкишоф медиҳем.

4. Савол набояд дар доираи як шакл маҳдуд монад.

Дар баъзе синфҳо саволи хонандагон ба хонандагон, яъне ба ҳамдигар савол додан таҷриба карда мешавад. Беҳтараш дар ин маврид савол ба омӯзгор дода шавад. Омӯзгор онро ислоҳ карда, ба хонанда медиҳад. Яъне, саволҳо бояд характери педагогӣ гиранд.

Ин чӣ маъно дорад?

Вақте ки як хонанда ба дигараш савол медиҳад, вай чанд чизро ба ҳисоб намегирад. Аз ҷумла: а) гаштаю баргашта такрор ёфтани савол; б) дараҷаи дониши хонанда; в) сахт расидан ба иззати нафси якдигар, бахусус, ба ҷавобдиҳанда.

Вақте ки савол аввал ба омӯзгор дода мешавад, вай онро аз ҳар ҷиҳат аз назар гузаронида, баъдан хонанда ба он ҷавоб медиҳад.

Агар омӯзгор ҳамаи он чизҳоеро, ки хонандаҳо ҳангоми савол додан ба ҳисоб намегиранд, ба назар гирад, савол рӯҳи педагогӣ мегирад. Нақш ва назорати омӯзгор ҳам ҳангоми саволборон кардан ҳамин аст.

Айни замон баъзе омӯзгорон дар дарсҳояшон аз методи мубоҳиса истифода мебаранд. Вале қолаби шахшуда имконият намедиҳад, ки омӯзгорони мо дар раванди дарс нисбат ба истифодаи методи мубоҳиса боҷуръат бошанд. Ҳақиқат дар баҳс ошкор мегардад. Барои он ки шогирдонро бо дониши ҳақиқӣ, пойдор, илмӣ ва амалкунанда мусаллаҳ созем, дар раванди дарсҳо аз методи мубоҳиса самаранок истифода бурдан дорои манфиати калон аст.

Саъдии Шерозӣ фармудааст: «Се чиз пойдор намонад: мол бе тиҷорату илм бе баҳс ва мулк бе сиёсат» [194, с.515].

Мубоҳиса дар гузашта мавқеи муҳим дошт. Дар натиҷаи чунин фаъолият, яъне баҳси беғаразона ва холисона на танҳо дониши шогирдон пухта мегардад, балки девори байни омӯзгору шогирд аз байн бардошта шуда, муносибати инсондӯстӣ, эҳтироми ҳамдигар барқарор мегардад.

«Бояд иқрор шуд, ки мо дар муассисаҳои таълимии худ ин тарзи таълиму ин тарзи муомиларо аксаран аз даст додаем ва акнун эҳё карданием» [194, с.516].

Вазъи бошуурона ташкил намудани фаъолияти мустақилонаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар машғулиятҳои забони модарӣ аз гуфтану шунидан иборат аст. Дар раванди дарс ташкили мубоҳисаи таълимиро ба вуҷуд овардан мушкил аст, зеро мо хонандаҳои имрӯзаро бо додани донишҳои тайёр ба шунавандаи камфаъолу танбал табдил додаем. Омилҳои дигаре, ба мисли дар раванди дарс вуҷуд доштани бенизомӣ, бенақшагӣ (гоҳо бе тайёрӣ ба дарс омадан), набудани тадбирҳои ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ, дар фаъолияти амалии хонандагон, набудани малака ва маҳорати ҷустуҷӯйӣ, эҷодкорона ва мустақилона фикр карда аз бар намудани донишҳо – ҳамаи ин сабабгори ба шунавандаи камфаъол табдил додани хонандагон мегардад.

Ташкили бенизоми фаъолияти мустақилонаи омӯзишии хонандагон имкон намедиҳад, ки дар онҳо руҷуи эҷодкорӣ, мустақилона амал кардан рушд ёбад. Омӯзгорони мо бештари вақтро ба нақл кардан, фаҳмондан ва баъзе масъалаҳои дигар мебахшанд, аз ин лиҳоз, барои кори мустақилонаи хонандагон, рушди қобилияти эҷодии онҳо вақт кифоят намекунад. Муссалам аст, ки «Парваридан ва мустаҳкам намудани малакахои мустакилона кор кардан дар дарс зери роҳбарии омӯзгор мегузарад. Бо ин тарз кӯдак метод, усул ва роҳҳои мустақилона кор кардан бо китоб, бо маводи дидактикиро ёд мегирад, ҳаёти атроф ё таҷрибаи ҳаётиро дарк карда, баробари аз худ кардани дониш дар амал ҷорӣ намудани онро ҳам меомӯзад» [83, с.3].

Барои рафъи ин камбудӣ, омӯзгор вазифадор аст, ки ба шогирдонаш роҳи бошуурона ва мустақилона аз бар намудани донишандӯзиро омӯзонда, фикри эҷодии онҳоро инкишоф диҳад.

Дар раванди дарс ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ ё истифода бурдан аз усулҳои ҳамфаъол гуногунфикриро дар фаъолияти мустақилонаи хонандагон ба вуҷуд оварда, онҳоро ба ҳалли масъала омода сохта, ба дарс рӯҳи тоза мебахшад. Истифодаи самараноки усулҳои фаъол ба омӯзгор имконият медиҳад, ки дар симои шогирдонаш на мушоҳидакорони пассив, балки ҳамкорони ҳақиқиеро бинад, ки онҳо нисбат ба омӯхтани мавзуъ бетараф нестанд. Дар навбати худ, хонандаҳо низ дар симои устодашон шарикдарси худро мебинанд, ки масъаларо ба миён гузошта, шогирдонро ба кунҷковӣ, эҷодкорӣ, баҳс кардан ва мустақилона фаъолият намудан ҳидоят мекунад.

Хулоса, дастовардҳои асосии ин давра бо хусусиятҳои фаъолияти таълимӣ асоснок карда шудаанд ва бисёртар муайянкундаи асосии солҳои ояндаи хониш мебошанд: дар интиҳои давраи хурдсолии мактабӣ кӯдак мехоҳад хонад, хонда тавонад ва ба худ боварӣ дошта бошад. Самаранокии гузаронидани ҳаёти ин давра ба азхудкуниҳои мусбати вай

заминаи зарурӣ маҳсуб меёбад, ки дар он инкишофи ояндаи кӯдак ҳамчун субъекти фаъоли фаъолияти таълимӣ ташаккул меёбад. Вазифаи асосии калонсолон дар ҷараёни кор бо кӯдакони хурдсол ташаккули шароитҳои муҳимми ошкор ва амаликунии имконияти кӯдакон бо назардошти хусусиятҳои фардии ҳар як кӯдак мебошад.

Агар омӯзгор тавассути бошуурона иҷро намудани фаъолияти мустақилона дар ҳамкорӣ бо шогирдон қарор дошта бошад, он гоҳ омӯзгор ба ҷойи калимаи «Ман» калимаи «Мо»-ро истифода бурда, эътибор ва обрӯйи ӯ назди шогирдон дучанд меафзояд, шогирдон дар шахсияти омӯзгор шахси ёридиҳанда, кумаккунанда, шахси аз ҳама наздикашонро мебинанд.

Ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ ё истифода бурдан аз усулҳои ҳамфаъол ҷараёни таълимро аз қоидаи маъмули шахшу-дамондаи «ман мефаҳмонам, шумо дар хотир нигаҳ доред ва баъд такрор мекунем» озод карда, нуфуз ва мавқеи хонандаҳоро дар бошуурона ва мустақилона омӯхтани мавзуъ баланд мебардорад.

Мушоҳидаҳо собит сохтанд, ки дар раванди таълими забони модарӣ ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона қобилияти зеҳнии хонандагон ба таври зарурӣ ба назар гирифта намешавад. Масалан, дар мактаби ибтидоӣ вазифаҳои таълимии хондан, навиштан, ҳисоб кардан (ҳалли мисолу масъала) ба андозаи талаботи барномаҳои таълимӣ анҷом дода мешавад. Вале ба вазифаҳои муҳимтарини таълиму тарбия – рушди зеҳну тафаккури хонандагон, ки заминаи устувори маданияти зеҳнӣ ва тафаккури мустақилонаю эҷодии шахсиятро муайян менамояд, камтар аҳаммият дода мешавад.

Хонанда чизи тайёрро муддате дар хотир нигоҳ дошта, онро нақл карда метавонад. Аммо оид ба воқеаҳои дар матн рухдода, сабабҳои ба вуҷуд омадани масъалаҳои ҳалталаби матн фикр намекунад. Яъне дар

раванди таълими забони модарӣ дар хонанда малака ва маҳорати фикр кардан, таҳлилу хулоса баровардан ба қадри зарурӣ рушд намеёбад.

Муносибати босалоҳият ба таълим ба таври амалӣ аз худ намудани донишҳоро талаб менамояд. Аммо дар хонанда қобилият ё маҳорату малакаи дарки мазмуни зинаҳои донишандӯзӣ – фаҳмидан, дар хотир гирифтан, истифода бурдан, таҳлил кардан рушд наёфтааст.

Академик Ф.Шарифзода дар яке аз мақолаҳояш дар хусуси ташаккули маданияти зеҳнӣ ва рушди тафаккури хонандагон чунин овардааст: «Зеҳн ҳамчун истеъдод бо ёрии чунин қобилиятҳо ташаккул меёбад ва амалӣ карда мешавад: фаҳмидан (маърифат), омӯхтан, муқоиса, фикри мантиқӣ, банизомдарории ахбор (дониш), таҳлил ва таснифи он, ёфтани равобит, қонуният ва фарқият дар ашё, ҳодисаву воқеоти олам ва ғайра» [393, с.171].

Пас, ба эътибор гирифтани имконоти зеҳнии хонандагони хурдсол дар раванди ташкили фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ дар инкишофи фаъолияти амалӣ ва рушди тафаккури зеҳнии онҳо нақши калидӣ дошта, дар таълими забони модарӣ яке аз ҷузъҳои асосии кори таълиму тарбия ба шумор меравад.

Аз ин лиҳоз, дар раванди дарсҳои забони модарӣ бошуурона амал намуда, роҳу усулҳоеро интихоб ва истифода кардан лозим аст, ки худи хонандагон дар иҷрои фаъолиятҳо мустақилона амал кунанд. Мустақилона иҷро намудани фаъолиятҳо ба рушди қобилияти фикр кардан, ҷустуҷӯ ва таҳлилу хулосабарории хонандагон мусоидат карда, сатҳи донишандӯзии онҳоро вусъат мебахшад.

Мушоҳидаи хонандагон аз муҳити иҳота кардашуда оғоз меёбад. Аз ин ҷост, ки барои инкишофи нутқ ва санҷиши дониши хонандагон истифодаи иншоҳои шифоҳӣ ва хаттӣ самаранок мебошад.

Намуна: Навиштани нақли хаттӣ дар мавзуи “Тирамоҳ.”

Нақша:

1. Тирамоҳ чанд моҳ давом мекунад?

2.Авали тирамоҳ ҳаво чӣ хел аст?

3.Кадом намуди меваҳо мепазанд?

4.Барои чӣ баргҳои дарахтон зард мешаванд?

5.Дар ин фасл деҳқонон ба чӣ кор машғул мешаванд?

“Тирамоҳ се моҳ( сентябр, октябр,ноябр) давом мекунад.Аввали фасли тирамоҳ гарм аст.Бачаҳо бо либоси тобистона ба мактаб мераванд.Меваҳо: ангур, анор, себи тирамоҳӣ, нок,биҳӣ пухта мерасанд.Деҳқонон пахтаро ҷамъоварӣ мекунанд.Ғаллаи тирамоҳӣ мекоранд. Баъд шамоли хунук вазида, ҳаво хунук мешавад.Баргҳои дарахтон зард шуда мерезанд”.

Рушди неруи зеҳнии хонандагон ба қобилияти эҷодии фикрӣ вобастагии хоса дорад. Педагог, психолог С.Алиев дар мақолааш «Хусусиятҳои хоси давраи аввали ташкили таълими проблемавии имло» менависад: «Пайваста инкишоф додани қобилияти эҷодии фикрии насли наврас ва дар онҳо ҳосил кардани малакаҳои худмаълумотгирӣ вазифаи мактаби замони муосир мебошад» [352, с.47].

Бо ин мақсад, дар раванди таълим ба кори мустақилона диққати асоси дода, иҷрои самараноки он аз тарафи омӯзгор сари вақт арзёбӣ карда мешавад.

Иҷрои мақсадноки кори мустақилона асоси донишандӯзии хонандагон буда, қобилияти зеҳнии онҳоро рушд медиҳад. Масалан, зинаи аввали таълими забони модарӣ (давраи саводомӯзӣ) давраи масъулиятноктарини таълим буда, маҳз дар ҳамин давра нутқи мураттаби хонандагон ташаккул меёбад.

Барои ноил гардидан ба ин мақсадҳо омӯзгорро лозим меояд, ки аз чунин фаъолиятҳои таълимӣ самаранок истифода барад:

**1. Ба ҷумлаҳо ҷудо кардани матни яклухт.** Дар мавриди истифодаи усули ба ҷумлаҳо ҷудо кардани матнҳои яклухт омӯзгор имконоти зеҳнии хонандагони хурдсолро ба назар гирифта, ба доираи дониши

шогирдон такя ва амал мекунад. Машқи номбурдаро дар доираи овозу ҳарфҳое, ки бачаҳо омӯхтаанд, чун маводи иловагӣ гузаронидан ба мақсад мувофиқ мебошад. Масалан, омӯзгор ба аҳли синф лавҳаеро пешниҳод мекунад, ки дар он матни яклухти зерин навишта шудааст. «Самеъ, Саъдӣ ва Маъруф дар синфи мо мехонанд онҳо аз ҳамаи фанҳо баҳои аъло мегиранд Самеъ шеър мехонад овозаш бурро ва баланд мебошад» [174.С- 136].

Супориш: Матнро хомӯшона хонда, аз чанд ҷумла иборат будани онро муайян кунед. Дар охири ҳар ҷумла аломати мувофиқ гузоред.

**2. Тартиб додани матни мураттаб дар асоси калимаҳою ҷумлаҳои пароканда**

Аҳаммияти ин машқ дар он аст, ки хонандагон бошуурона амал карда, дар асоси иҷрои чунин машқҳо тартиби калимаю ҷумлаҳоро дар матн бо хубӣ дарк менамоянд. Иҷрои машқи мазкурро дар давраи алифбо ва баъди он бо ду роҳ гузаронидан ба мақсад мувофиқ аст:

**Тарзи якум**. Ҷумлаҳое интихоб карда мешаванд, ки аз се-чор калимаи номураттаби ба як мавзуъ бахшидашуда иборат бошанд. Маводи машқро омӯзгор метавонад аз саҳифаҳои китоб интихоб намояд ё худаш тартиб диҳад.

Калимаю ҷумлаҳои матни тартибдодашуда аз доираи мавзуъҳои омӯхтаи хонандагон гирифта мешавад.

Масалан, машқи 2. Мавзуи «Парчами мо» [303, с.39]. Аз калимаҳои пароканда ҷумла созед.

Омӯзгор диққати хонандагонро ба ҷумлаҳои калимаҳояш парокандаи поён, ки пешакӣ дар тахтаи синф навишта шудааст, ҷалб менамояд:

1. Дорад, се, парчам,Тоҷикистон, ранг.
2. Дӯст, Ватан, ман, худро, медорам.
3. Рӯз, 9-уми сентябр, Тоҷикистон, аст, истиқлолият.

Ҳамин тариқ, аз ин калимаҳои парокандаи пасу пеш додашуда хонандагон бошуурона амал карда, ҷумлаҳои зерин месозанд:

«Парчами Тоҷикистон се ранг дорад. Ман Ватани худро дӯст медорам. 9-уми сентябр рӯзи истиқлолияти Тоҷикистон аст».

**Тарзи дуюм.** Ба хонандагон матнҳое пешниҳод карда мешавад, ки ҷумлаҳои он ба тариқи пароканда дода шудаанд. Ин намуди машқ аз давраи баъди алифбо шуруъ ёфта, хонандагонро ба нақлу иншонависӣ тайёр мекунад. Масалан, матни «Ҳавз» (асл) [174, с.116.]:

«Мактаби мо ҳавлии калон дорад. Мо дар ҳавлии мактаб ҳавз сохтем. Оби ҳавз соф аст. Бачаҳо дар ҳавз оббозӣ мекунанд. Ҳабиб хеле нағз шино мекунад»

Баъди хондани матн бачаҳо бо супориши омӯзгор ин ҷумлаҳои парокандаи пешакӣ навишташударо хомӯшона аз назар гузаронида, ба матни аввал хондаашон муқоиса мекунанд:

«Бачаҳо дар ҳавз оббозӣ мекунанд. Ҳабиб хеле нағз шино мекунад. Мо дар ҳавлии мактаб ҳавз сохтем. Мактаби мо ҳавлии калон дорад. Оби ҳавз соф аст»

Пас аз иҷрои супориш матни китоб бо матни навакак пешниҳодшуда ин тавр муҳокима карда мешавад.

– Бачаҳо, матни хондаю муқоисакардаатон аз якдигар фарқ мекунад?

– Ҳа, фарқ мекунад.

– Фарқи онҳоро чӣ тавр ҳис кардед?

– Аз он ҳис кардем, ки ҷумлаҳои матни китоб пай дар пай буда, ҷумлаҳои матни тахтаи синф пароканда навишта шудааст.

– Хеле хуб.

Ҳамин тавр, дар асоси саволу ҷавоб ҷумлаҳои парокандаро бошуурона ҷо ба ҷо гузошта, матни алоқанок тартиб дода мешавад.

Ҳамин ки ба дуруст будани матн боварӣ ҳосил шуд, хонандагон бо кумаки омӯзгор ба он сарлавҳаи мувофиқ мегузоранд.

**3. Дар асоси бозӣ тартиб додани ҷумлаҳо.** Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки машқи мазкур роҳи осони ҷумласозӣ буда, фаъолияти зеҳнию фикрии бачаҳоро ташаккул медиҳад. «Тартиб додани ҷумлаҳои кутоҳ яке аз омилҳои асосии инкишофи нутқи хонандагон аст» [384, с.43]. Ҳангоми таълим чунин чумлаҳоро тартиб додан мумкин аст. (Калимаҳо барои истифода: Қалам, Қобил, баҳор, қоқу, Ҷамила, Эраҷ, пахта, қатора, гул,офтоб)







**Намунаи дигар:**




Омӯзгор диққати хонандагонро ба худ ҷалб карда, онҳоро ба ҷуфти калимаҳои дар тахтаи синф навишташуда шинос мекунад. Баъди шиносоӣ ба онҳо супориш медиҳад, ки аз ҷуфти калимаҳои додашуда ҷумла тартиб диҳанд. Барои омодагӣ дидан вақт муайян карда, сипас, хоҳишмандонро ба тахтаи синф даъват менамояд. Хонандагон аз ҷуфти калимаҳои дар сутунчаҳо навишташуда ҷумлаҳо тартиб медиҳанд. Ғолибият ба хонандае дода мешавад, ки зуд, бехато аз уҳдаи шарти гузошташуда баромада тавонад.

Ба эътибор гирифтани имконоти зеҳнии хонандагони хурдсол дар раванди ташкили фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ яке аз омилҳои асосии рушди тафаккури хонандагон буда, ба малакаҳои фарқ карда тавонистани хелҳои ҷумлаи сода аз ҷиҳати оҳанги талаффуз, дарк намудани тартиби калимаю ҷумла дар матн, ба мустақилона навиштани нақлу иншо замина мегузорад.

Вобаста ба рушди қобилияти зеҳнии хонандагон педагог В.П.Стрекозин навиштааст: «… таълим ҳанӯз аз рӯзҳои аввали ба мактаб қадам ниҳодани кӯдак бояд инкишофдиҳанда бошад. Ҳанӯз аз синфи 1 сар карда, ба хонандагон фикр кардан, муҳоқима ронданро омӯзонидан зарур аст» [273, с.8].

Аз тарафи хонандагон фақат такрор кардан ва баён кардани он чизеро ки омӯзгор дар дарс гузаштааст ё худи хонандагон аз китоби дарси хондаанд, талаб кардан кифоя набуда, бошуурона фаҳмондан ва исбот карда тавонистанро ба онҳо ёд додан зарур аст. Ба хонандагон бояд ҳамеша саволҳои «чаро?» ва « чӣ гуна?» дода шавад ва онҳо бояд ба ин саволҳо аввал сода, баъд торафт муфассал ҷавоб доданро ёд гиранд.

Нақши таъсири маҳорати омӯзгорро дар ташаккулу инкишофи қобилияти таълимии хонандагон ба назар гирифта, В.А. Сухомлинский зикр намудааст, ки «муносибатҳои ғайриэҳсосотии байни омӯзгор ва хонандагон бемаънӣ мебошанд, ҳангоми бо омӯзгор вохӯрдани хонандагон дар дарс, онҳо таъсири омӯзгорро ҳис мекунанд, кӯшиш мекунанд, ки ба вай тақлид кунанд» [277, с.114].

Аз ин лиҳоз, дар раванди дарсҳои забони модарӣ роҳу усулҳоеро интихоб ва истифода кардан лозим аст, ки худи хонандагон дар иҷрои он бошуурона ва мустақил амал кунанд. Мустақилона иҷро намудани фаъолиятҳо ба қобилияти фикр кардан, ҷустуҷӯ ва таҳлилу хулосабарории хонандагон тақвият бахшида, сатҳи донишандӯзии онҳоро мукаммал мегардонад.

«Агар раванди таълим аз тарафи омӯзгор идора карда шавад, ҳамон қадар имконияти омӯзишии хонанда маҳдуд гашта, малакаҳои худидоракунӣ, худназоратӣ ва худбаҳодиҳии онҳо рушд намеёбад.

Идоракунии пурраи раванди таълим аз ҷониби омӯзгор хонандаро барои “дар тули ҳаёт омухтан” омода намекунад. [215, с.32].

Аз ин лиҳоз, ҳангоми иҷрои кори мустақилона ба назар гирифтани омилҳои зеринро зарур мешуморем:

- қобилияти зеҳнии хонандагони хурдсол;
- синну сол ва хусусиятҳои психологии хонандагон;
- интихоби фаъолият аз мавзуъҳои таълимӣ;
- ҷавобгӯ будани фаъолият ба талаботи дарси замони муосир;
- характери таълимию тарбиявӣ доштани мавзуи таълимӣ.

Омилҳои пешниҳодшуда шароит фароҳам меоранд, ки ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона қобилияти зеҳнию нутқии хонандагон рушд дода шавад.

## 4.3. Самарабахшии технологияи ташаккули малакаи фаъолияти таълимии мустақилона ва рушди зеҳнию забонии талабагони синфҳои ибтидоӣ

Технологикунонии ҷараёни таълим – ин раванди инкишофест, ки баҳри баланд бардоштани самарабахшии ҷараёни таълим, кафолати ба натиҷаҳои чашмдошт расидани хонандагон равона шудааст.

1. Технология – ин усули пешакӣ банақшагирии натиҷаҳои таълимест, ки онро метавон тавассути роҳу воситаҳои гуногун ба даст овард.

2. Технология ва методика – баробарҳуқуқанд.

3. Методика – мафҳуми васеъ аст. Вай метавонад чанд технологияро дар бар гирад. Дар ин сурат, аксар вақт методика ба сифати системаи педагогии ягона дида мешавад.

4. Дар методикаи анъанавии таълим омӯзгор бештар нақши актёр (ҳунарманд)-ро мебозад. Вай расонандаи ахбор аз китоб ба шогирд аст. Дар технологияи таълим омӯзгор асосан ба режиссёрӣ (коргардонӣ) машғул аст. Вай намеомӯзонад, балки роҳнамоӣ мекунад, ҳавасманд мегардонад, фаъолияти таълимии хонандагонро ба танзим медарорад.

Нишондиҳандаҳои технологӣ будани таълим инҳоянд:

- аввал, таҳия кардани мақсадҳои таълим дар шакли натиҷаҳои чашмдошт (интизоршаванда)
- пешниҳоди мазмуни маводи омӯхташаванда дар шакли система (пайдарпайии мантиқӣ)-и вазифаҳои маърифатӣ.

Дар лексикаи забони тоҷикӣ як гурӯҳ калимаҳо вобаста ба маҳал ё минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон истеъмол мешаванд, ки онҳо хоси шева ё лаҳҷаи ҳамон маҳал буда, дар шакли калимаю ибораҳое, ки аз ҷиҳати фонетикӣ, морфологӣ ё лексикӣ хоси маҳалли истифодашавӣ мебошанд, зоҳир мегарданд. Калимаҳои шевагӣ ё лаҳҷавӣ аз доираи меъёрҳои забони адабии умумихалқӣ берунанд ва дар байни лексикаи фаҳмои умумихалқӣ истеъмол шуданашон ҳамчун калима ва ибораҳои номафҳуми бегона ба назар мерасанд.

Бо максади сермаъноии ҳаракати ашё шинос намудани хонандагон аз машқҳои нисбатан сода ва дастрас истифода кардан беҳтар аст.

Аз ҷумла, феъли "хӯрдан" чанд маъно дорад (хӯрок хӯрдан, пешпо хӯрдан, фиреб хӯрдан, афсус хӯрдан). Ибораи хӯрок хӯрдан ба маънии аслӣ омада бошад, ибораҳои пешпо хӯрдан, фиреб хӯрдан, афсус хӯрданба маънои маҷозӣ истифода шудаанд.

Ба ин монанд феъли "задан" ҳам ба маъноҳои гуногун меояд (ҷеғ задан, аккос задан, гап задан).

Дар дарсҳои забони модарӣ ҳангоми омӯхтани «Ҳаракати ашё» аз машқҳо ёфтани калимаи сермаъно, муқоиса кардан, шарҳи он бо

калимаи сермаъно, тартиб додани ҷумла, байни маънои аслӣ ва маҷозӣ фарқ гузоштан ва ғайра истифода кардан мумкин аст.

Намуна: **Супориши 1.** Калимаҳои зерашон хат кашидашударо муқоиса кунед. Чанд маъно доштани онҳоро фаҳмонед:

1.Асп гӯё парвоз мекард. 2. Уқоб баланд парвоз мекард. 3.Абрҳои сиёҳ аз Шарқ ба Ғарб медавиданд. 4.Собиру Аҳмад медавиданд. 5.Бача механдад. 6.Гули лола механдад.

Намуна:

1.Асп гӯё парвоз мекард.(парвоз ба маънои маҷозӣ истифода шудааст)

2.Уқоб баланд парвоз мекард. (парвоз ба маънои аслӣ истифода шудааст)

Ҷумлаҳои боқимондаро хонандагон шарҳ медиҳанд.

**Супориши 3.** Аз ин ҷумлаҳо калимаи ба маънои аслӣ ва маҷозӣ кор фармудашударо ҷудо кунед, маънои онро фаҳмонед:

1.Гул **шукуфт**. 2.Мақсуд якбора **шукуфт**. 3.Коғаз **сӯхт**. 4.Дилаш ба ҳоли бемор **сӯхт**.

Намуна: 1.Гул **шукуфт**.( маънои аслӣ)

2.Мақсуд якбора **шукуфт**. (маънои маҷозӣ)

Шаклҳои таълими беруназсинфӣ, ки ба фаъолияти мустақилонаи омӯзишии хонандагон, ба хотири рушди зеҳн ва нутқи хонандагон мусоидат мекунанд, инҳоянд:

- саёҳат ба маҳалҳо ва суҳбатҳо бо соҳибони забон, ки лаҳҷаашон аз забони модарӣ фарқ мекунад;
- дар дафтарҳои хотира қайд кардани унсурҳои шева ва лаҳҷаҳо;
- дар дафтари хотира қайди тарзи гуфтори волидайн, бобою бибӣ, ҳамсоягон;
- истифодаи қайдҳои дафтарҳои хотира дар дарс ва ислоҳи хатоҳои забонӣ;

- дар раванди саёҳатҳо ба табиат ва истифода аз гуфтори мардуми маҳалли саёҳат, ба хотир гирифтани номи гиёҳҳо, наҳру дарёҳо, мавзеъ-ҳои ҷуғрофӣ, муқоиса ва ёфтани муродифи онҳо дар луғату фарҳангҳо;

- таҳлили натиҷаи забонии сафару саёҳатҳо ба маҳалҳои гуногун.

Масалан, омӯзгор ҳангоми таълими мавзуи «Кабӯтар» Забони модарӣ барои синфи 2. [300, с.193] барои фаҳмидани шева ё лаҳҷаи гуфтори хонандагон диққати асосиро ба нақли хонандагон медиҳад. Матни «Кабӯтар» пешниҳод мегардад.

Сайёде барои рӯзгузаронӣ дом ниҳода буд.Ногоҳ кабутаре бо зоғон бар он дом нишастанд. Ҳангоме ки сайёд аз ҷой хест, зоғон фирор карданд,аммо кабӯтар ба дом афтод.

Чун сайёд ба сари дом омад, кабӯтар аз гирифтории худ дар изтироб будва барои наҷоти худ узрҳо хоста, мегуфт:

- Ман парандаи содаам, ҳамеша хайрхоҳи инсонам, хизмати падару модарро ба ҷо меорам. Рамзи сулҳу озодӣ ҳастам.

Сайёд гуфт:

- Он чи гуфти, рост аст, вале ин гирфторӣ аз ҳамсӯбати бадон ба ту расидааст.Агар ту насиҳати падар ва модаратро гӯш карда , бо бадон ҳамнишин намешудӣ, ин бало ба сарат намеомад.

Калимаҳои лаҳҷагӣ дар нақли хонандагон:

Тур-дом,

Ҳаяҷон, тарс-изтироб

Гурехтан –фирор кардан

Дар раванди саёҳат ба ба ноҳияҳои Данғара, Ховалиг, Шамсиддин Шоҳин ва шаҳру ноҳияи Кӯлоб рафта, ба тази гуфтор ва лаҳҷаи мардуми он як андоза ошноӣ пайдо намудем.

Хусусиятҳои низоми овозии забони шеваи ин мардумро омӯхта пай бурдем, ки дар гуфтори онҳо (дароз ё кӯтоҳ) талаффуз шудани садонокҳо, ба ҷойи овози маълуми калима омадани овози дигар, ҳодисаҳои ассимилятсия, диссимилятсия, метатеза ва ғайра). Ҳодисаҳои

фонетикӣ дар сохтори овозии калимаҳо зоҳир мегарданд ва ба ин восита худи ҳамин калимаҳоро аз шакли маъмулии забони адабии умумихалқӣ фарқ мекунонад. Масалан: чишм (чашм); декдӯн//дегдун, (дегдон); авҳол (аҳвол), гуфтмша (гуфтамаш), дидамша (дидамаш), қиртак (гулу) дар лаҳҷаи мардуми н. Данғара, моиндар (модарандар), пияндар (падарандар), бахчӣ (барои чӣ), клет (вайрон), усал (мазоҳ, масхара), туридан (рамидан), локӣ (ҳамён, миёнбанд) дар шеваи мардуми н.Ховалинг, гизала (асабӣ), доргӣ (наздикӣ), каштал (гиребон), ҳова (бале!) дар лаҳҷаи мардуми Кӯлоб, ҳеча (лонаи паранда), бехӣ (зардак, сабзӣ), ктидан (майда кардан) ва даҳҳо чунин калимаҳо дар шеваи мардуми ноҳияи Шамсиддин Шоҳин истифода карда мешавад.

Ҳангоми нақли шифоҳии ҳикоя, афсона кӯдакон бештар аз калимаҳои лаҳҷавӣ истифода мебаранд. Лекин дар вақти навиштан ба гуфтори адабӣ риоя мекунанд. Масалан, супориш дода шуд, ки бо номи “Мевачинӣ” ҳикояча тартиб диҳанд.

Ҳикояи хонандаи синфи 3”А” МТМУ №1 ш. Кӯлоб чунин аст.

*Мевачинӣ*

*Мо боғи калон дорем. Ҳар тобистон он ҷо рафта дам мегирем. Имсол меваҳои боғи мо ҳосили фаровон гирифтанд. Падарам, Аҳмад, акоям Шарифҷон, ман, Лола ва хоҳараконам Наргису Шаҳлоро барои мевачинӣ ба боғ бурд. Мо дар боғ ба падарамон дар мевачинӣ ёрӣ расондем. Падарамон аз кори мо хурсанд шуд.*

Супориш. Ба расм бо диққат нигоҳ кунед. Бо номи “Фасли зимистон” ҳикояча тартиб дода, ба дафтар нависед.

Ҳикояи хонандаи синфи 4”А” МТМУ №2 н.Шамсиддин Шоҳин

**Фасли зимистон**

*Фасли зимистон. Ҳаво хунук. Рӯйи замин ях баста лағжонак буд Шодию Зебӣ аз мактаб меомаданд. Пеш-пеши онҳо пиразане мерафт...*

*Ногоҳ пиразан лағжида ба замин афтод. Шодӣ дарҳол ба Зебӣ муроҷиат карда гуфт: –Ҷузвдони маро дошта ист, ман ҳозир... Шодӣ рафта аз дасти пиразан бардошт ва борхалтаашро бардошта то ханааш бурд. Пиразан ба Шодӣ миннатдорӣ баён карда, ба ӯ дуои нек дод....*



*Расми 7.Фасли зимистон.*

Расмро аз назар гузаронед. Гӯед, ки рафтори ин бача ба шумо маъқул шуд? Ҳамин хел ҳодиса ба шумо ҳам рӯй додааст? Аз расм истифода бурда, аз ҳаёти худатон ҳикояча нависед.

Ҳикояи хонандаи синфи 4"А" МТМУ №2 н.Муъминобод

**Рӯзи истироҳат**

*Собир бо ҳамроҳии падараш ба автобус савор шуда ба шаҳр рафт. Дар истгоҳи дуюм ба автобус як паразани солхӯрда савор шуд. Собир дарҳол аз ҷояш хеста: "холаҷон, марҳамат кунед" гуфта, ҷойи нишасташро ба ӯ нишон дод. Паразан ба Собир нигоҳи маънидоронае карду ташаккур гуфт. Падари Собир аз ин рафтори писараш хурдсанд шуд.*



Расми 8.Рӯзи истироҳат.

Расмро бодиққат аз назар гузаронда, якчанд ҷумла тартиб диҳед, ки мазмуни ин ҳикояро дар бар гирад.

Ҳикояи хонандаи синфи 4"А" МТМУ №9 ш.Кулоб.

**Дар истгоҳ**

*Мусофирон мунтазири омадани автобус буданд. Ногоҳ автобус омада монд. Насими хурдакак аз пеши модараш давида, ба автобус наздик шуд. Шариф ин ҳолро дида, дарҳол Насимро аз роҳи автобус ба зудӣ гирифт. Модари Насим ба Шариф дуои нек карда, ба ӯ миннатдорӣ баён кард.*

Истифодаи расмҳои мазмундор ба ташаккули малакаи фаъолияти омӯзиши мустақилона ва рушди зеҳнию забонии хонандагон мусоидат намуда, шавқу рағбати забондонии хонандагонро рушд бахшида, баҳри баланд бардоштани дараҷаи саводнокӣ, инкишофи нутқи шифоҳӣ, хаттӣ, корҳои эҷодӣ ва фаъолгардонии диққати хонандагон ба дарс, пурра аз худ кардани маводи омӯхташуда, дар рӯҳияи меҳнатдӯстию ватандӯстӣ тарбия кардани хонандагон мусоидат мекунад. Дар ин маврид Нозирии Нишопурӣ хеле олӣ фармудааст:

Дарси адиб, агар бувад замзамаи муҳаббате,

Ҷумъа ба мактаб оварад тифли гурезпойро [304, с.430].

Хонанда ҳангоми иҷрои супоришҳо ба фикр кардан одат карда, бе ёрии дигарон кӯшиш мекунад, ки мустақилона супоришҳоро иҷро намояд.

Таҷриба ва корҳои илмӣ-методии олимони ботаҷрибаи соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ошкор сохтаанд, ки хонандагони хурдсол тавассути рушди фикрӣ дар бораи овоз, ҳарф, ҳиҷо, калима, ибора, ҷумла, дониши худро ташаккул дода, ниҳоят асрори матнро "кашф" мекунад. Яъне, тавассути силсилаи фикр бедорсозии шавқу рағбати забондонии онҳо рушд ёфта, дар хонандагон ҳисси кунҷкобӣ, ҳозирҷавобӣ ва эҷодкорӣ пайдо мешавад. Ҳамин тавр, рағбати маърифатҷӯйӣ якчанд зинаи инкишофро аз сар гузаронида, дар хонандагон раванди фикр кардан рушд ёфта, онҳо бо нигоҳи тоза ва диди нав ба ҳаёт омода мешаванд.

# ХУЛОСАИ БОБИ ЧОРУМ

Мувофиқкунонии усулҳо ба мазмун, ташкил ва технологияи ҷараёни таълим бояд ҷараёнҳои амиқу алоҳидаи таълимро инкишоф диҳад, ки ҳангоми сиёсату таҷрибаи дуруст метавонад ба ҷараёни пурраю самараноки таълим мубаддал гардад.

Ташхиси адабиёт ва таҷрибаи педагогӣ оид ба масъалаи асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ моро ба хулосаҳои зерин овард:

1. Ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоиро дар шароити имрӯза ҳамчун масъалаи асосии баланд бардоштани сифати таълими муассиса ҳисобидан мумкин аст.

2. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мушкилиҳои муайян вуҷуд доранд. Ба ин сатҳи омодагии касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, натиҷаҳои имтиҳонҳои ҷорию хатмкунӣ дар мактаб, имтиҳонҳои дохилшавӣ ба муассисаҳои олии таълимӣ ва натиҷаҳои аттестатсияи донишҳои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва касбии ҷумҳурӣ, ки аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешаванд, шаҳодат медиҳанд.

3. Сатҳи маърифатнокии хонандагони хурдсол дар дарсҳои забони тоҷикӣ хеле кам инкишоф ёфта, дар назария ва таҷрибаи педагогӣ хусусиятҳои мазмунии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба таври пурра ошкор нагардиданд.

4. Норасоиҳо ва камбудиҳои фаъолияти гурӯҳӣ муайян карда намешудаанд, ки ин ба самаранок инкишоф ёфтани ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ монеа эҷод мекард.

5. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон стандартҳо ва барномаҳои нави давлатӣ оид ба фанни забони тоҷикӣ коркард шудаанд, ки ба ҳадафу мақсадҳои сатҳи ҳозираи таълим ва стандартҳои байналмилӣ ҷавобгӯ мебошанд.

6. Масъалаи асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ воқеият доранд.

7. Барои баланд бардоштани сифати таълим ва ба чорчӯбаи ҳозиразамони стандартикунонии мазмуни таҳсилот ворид кардани он шаклҳои нави самараноки воситаҳои таълим, санҷиши сифати дониш ва дигар чорабиниҳо равона карда шудаанд.

8. Дар ҷараёни таҳқиқот муайян кардем, ки дар солҳои мактабӣ дар баробари омӯхтани фанҳои таълимӣ хонандагони хурдсол асосҳои илмии аз худ кардани донишҳоро дар кори амалӣ, яъне дар самаранок гузаронидани фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ва инкишофи зеҳнӣ аз бар мекунанд.

9. Асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ танҳо дар ҷараёни ташкили фаъолияти мақсадноки таълим муяссар мегардад.

10. Бо мақсади муайян кардани ҳадафу вазифаҳои асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ (тоҷикӣ) ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба омӯзгорон зарур аст, ки дарки амиқи мафҳуми ин сифатҳо ва хусусиятҳои синнусолии хонандагонро дар назар дошта бошанд, чунки масъалаи мувофиқкунонии маҳоратҳо ба хусусиятҳои синнусолӣ дар назарияи педагогика ва психология мавқеи махсусро ишғол мекунад.

11. Ташхиси паҳлуҳои гуногуни психологӣ, педагогӣ ва методии масъала имконият дод, ки роҳҳои асосии ташкили фаъолияти

мустақилонаи хонандагонро дар синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни таълими забони модарӣ муайян кунем:

а) машғулиятҳо бо бозӣ ҳангоми ҳалли вазифаю масъалаҳо;

б) фаъолияти мустақилонаи хонандагон бо матни китобҳои дарсӣ.

12. Ташхиси натиҷаҳои кори таҷрибавию озмойишӣ ошкор намуданд, ки ҳақиқати фарзия нисбат ба самаранокии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ (тоҷикӣ) ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дуруст аст.

Мо мазмуни асосӣ, навовариҳо, меъёрҳои самаранокии он, роҳҳои ворид кардани усулҳои инноватсиониро, ки ба ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ равона шудаанд, муайян сохтем.

# ХУЛОСАҲОИ УМУМӢ ВА ТАВСИЯҲО

Самаранок ба роҳ мондани ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълиму тарбия барои ноил гардидан ба дониш, маҳорат ва малакаи зарурӣ марбут ба тарбияи миллӣ, фарҳангӣ ва расидан ба мақсадҳои олии таълиму тарбия заминаи устувор мегузорад.

Ҷалби хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ба рушди зеҳнии забон ва нутқи хаттию шифоҳии онҳо нақши муҳим бозида, асос мегузорад.

Ҳамзамон, истифодаи роҳ ва усулҳои таълиму тарбия, ки ба ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ вобаста мебошад, бояд омодасозии омӯзгорро ҳамчун симои асосӣ дар раванди омӯзиши воқеӣ ва ба насли наврас ба мерос мондани дониш, фарҳанг, ахлоқи ҳамида, ватандӯстию ифтихори миллӣ, ки бо адабиёт, фарҳанг, санъат ва таърихи ниёгони мо тавъам аст, таъмин намояд.

Айни замон, тарбияи насли наврас дар рӯҳияи тарбияи миллӣ дар маркази диққати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Ҳангоми кор бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ барои дарки муҳиммияти он диққати ҷиддӣ равона намудан ба ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат мекунад. Аҳаммияти он дар донишандӯзӣ, ахлоқи ҳамида, зебоипарастӣ ва ҷаҳони фарохи маънавии хонандагон зоҳир мегардад.

Дар таълими анъанавӣ набудани тадбирҳои ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ, додани донишҳои тайёр, набудани ҷустуҷӯи мустақилонаи донишҳо, хонандагонро ба фориғболӣ, андеша накардан, мустақилона амал накардан бурда мерасонад.

Азбаркунии бешуурона (қоидаҳо) бидуни маънидод ва шарҳи донишҳои азбарнамуда раванди таълими забони модариро душвор намуд. Омӯзгорон дар раванди дарсҳо аксар вақт масъулиятро бар души худ мегирифтанд ва ба кори мустақилонаи хонандагон чандон аҳаммияти ҷиддӣ намедоданд.

Дар таълими анъанавӣ бештар диққати асосӣ ба таълими назариявӣ нигаронида шуда буд, аз ин лиҳоз, мустақилияти хонандагон чандон равшан ба назар намерасид.

Айни замон фаъолияти эҷодии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ рушд ёфта, сатҳу сифати дониши хонандагон рӯз аз рӯз беҳтар гардида истодааст.

Вазъи ташкили фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ва инкишофи зеҳнӣ ва нутқи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар машғулиятҳои забони модарӣ рӯ ба беҳбудӣ овард. Истифодаи методҳои гуногун, воситаҳо ва маводи дидактикӣ ба рушди зеҳн ва нутқи хонандагон таъсири мусбат расонид.

Ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба дастрасӣ ва истифодаи самараноки аёнияту воситаҳои техникии муосир вобаста мебошад.

Тавассути воситаҳои техникӣ ва технологияи навин истифода намудани матнҳои таълимӣ ба ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ рушд бахшида, иҷрои фаъолияти мақсадноки машқҳо ба хотири рушди зеҳнии хонандагон корбаст гардиданд.

Яке аз роҳҳои вусъат бахшидан ба фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мустақилона иҷро намудани бозиҳои дидактикӣ аст. Нақши

онҳо дар иҷрои фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ дар мисоли байтбаракҳо, иҷрои нақши мутахассисони касбу кори гуногун, сафарҳои хаёлӣ ба минтақаҳои гуногуни диёр, иҷрои нақши қаҳрамонҳои асарҳои бадеӣ ва ғайра таҳлилу баррасӣ шуданд. Баҳсу мусоҳибаҳои гуногун, муҳокимаи натиҷаи фаъолияти мустақилонаи таълимии кӯдакон бо иштироки худи онҳо, хондани шеъру хикояҳои кӯдакони синф ва баҳодиҳии худи кӯдакон ба эҷодашон низ аз муҳимтарин шаклҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ба ҳисоб меравад.

Асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳниии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба маҳорати касбии омӯзгор вобаста буда, дар ташаккули сифатҳои маърифатии хонандагон нақши арзанда дорад.

Дар ҷараёни таҳқиқот муайян кардем, ки хонандаи хурдсол дар баробари омӯхтани асосҳои методии фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ, асосҳои илмӣ, ахлоқӣ, зебопарастӣ, дарккунӣ ва дигар намудҳои тарбиявиро аз худ мекунад. Аз руйи таҳлилҳо ва натиҷагирӣ мо ба хулосае омадем, ки самаранокии фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ба хотири рушди зеҳнию нутқии хонандагони хурдсол ба шавқу ҳавас, эҷодкорӣ, ҷустуҷӯ ва муқоисаву мушоҳидакории худи хонанда вобаста мебошад, ҳарчанд дар амалӣ гардидани ин намуди фаъолият, албатта, нақши омӯзгор дар мадди назари аввал меистад.

Барои ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони хурдсол, омӯзгор бояд барои фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ шароити мусоид фароҳам оварда, байни дигар фаъолиятҳои таълимӣ зарурат ва мавқеи онро муаайян кунад.

Омӯзиши корҳои илмии педагогони ватанию хориҷӣ моро ба хулосае овард, ки дар раванди донишандӯзӣ фаъолияти мустақилонаи

хонандагон ҷойгоҳи махсусро касб намуда, барои инкишофи ҳаматарафаи ҳар як шахс муҳим мебошад. Ба шахс имконият медиҳанд, ки маҳорати бомантиқ андеша кардан, дарёфт кардани ҳалли масъалаҳоро дар ҳолатҳои гуногун, ҷамъу ба тартиб овардани донишҳо ва ташхиси баланди худро дар худинкишофдиҳӣ ва худмуайянкунӣ доро бошад.

Мо дар таҳқиқоти худ асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоиро мавриди таҳқиқ қарор дода, ба хулосаҳои зерин омадем:

1. Дар раванди дарс набудани тадбирҳои ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи таълимӣ, додани донишҳои тайёр, набудани ҷустуҷӯи мустақилонаи донишҳо, дар хонандагон фориғболиро тарбия карда, сабаби асосии косташавии малакаи ҷустуҷӯӣ ва эҷодкории талабагон мегардад **[5-М].**

2. Азбаркунии бешууронаи қоидаҳо бидуни маънидод ва шарҳи донишҳои азбарнамуда раванди таълими забони модариро душвор мегардонад.

3. Истифодаи асбоби аёнӣ ва маҷмӯи маводҳои дидактикӣ ба дастрасии таълим мусоидат мекунад **[2-М].**

4. Омӯзгорон дар раванди дарсҳо аксар вақт масъулиятро бар души худ гирифта, ба кори мустақилонаи талабагон на ҳамеша аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд.

5. Дар раванди дарсҳо истифодаи методҳои гуногуни таълимӣ ва маводҳои дидактикӣ ба фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагон таъсири мусбӣ мерасонд.

6. Масоили қабулгардидаи Қонуни Ҷумҳурии Точикистон “Дар бораи маориф “, ки дар он самтҳои асосии фаъолияти миллӣ, бадеӣ, меҳнатӣ, илмӣ зикр гардидааст, барои дар рӯҳияи ватандӯстию

сифатҳои миллӣ таълим ва тарбия кардани талабагон мусоидат мекунад.

7. Дар хонандагон рушд додани қобилияти ҷустуҷӯи ва эҷодкорӣ.

8. Дар раванди машғулиятҳои забони модарӣ маҳорат ва малакаи тафаккури эҷодӣ ва мустақилонаи таълимии талабагон рушд ёфта, вусъати шавқу рағбати забондонӣ, инкишофи нутқи бошуурона, фикр карда хондан, навиштан, гӯш кардану фаҳмидан ва фаҳмида изҳори афкору ақида кардани онҳо ташаккул меёбад **[4-М].**

9. Ҳангоми иҷрои супориши фаъолияти мустақилонаи таълимӣ қобилияти зеҳнии талабагон ба ҳисоб гирифта мешавад.

10. Фаъолияти мустақилонаи таълимӣ давоми мантиқии фаъолияти умумӣ ё гурӯҳӣ буда, ба фаъолияти мустақилонаи инфиродӣ мусоидат мекунад. Ҳамзамон вақти муайян вобаста ба душворӣ ва содагии матну супоришҳои фаъолияти мустақилонаи таълимӣ барои талабагони аълохон, аълохону хубхон ва хубхону миёнахон муайян карда шуд.

11. Барои мушаххас шудани мақсаду вазифаҳои раванди ташаккули малакаи фаъолияти мустақилона дар омӯзиши забони модарӣ оид ба мафҳуми сифатҳои маърифатӣ хонандагон бояд фаҳмиши амиқ дошта бошанд, чунки масъалаи донистани хусусиятҳо, маҳоратҳо ва синну соли хонандаи хурдсол дар назарияи педагогика ва психология яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол мекунад **[6-М].**

12. Ба назар гирифтани душворӣ ва содагии супоришҳои фаъолияти мустақилонаи таълимӣ барои аълохонҳо, аълохонҳову хубхонҳо ва хубхонҳову миёнахонҳо.

13. Хусусияти синну солии кӯдакони синни мактаби он аст, ки онҳо барои амаликунонии орзуи ҳамеша дар ҷидду ҷаҳд мебошанд. Аз ин рӯ, фаъолияти мустақилона аҳамияти махсус дошта, ба ташаккулёбии сифатҳои маърифатӣ ва манфиатҳои шахсӣ, касбию иҷтимоии онҳо мусоидат мекунад.

14. Одат кунонидани талабагон барои иҷрои кори мустақилона **[7-М].**

15. Мо метавонем якчанд вазифаҳои усулҳои интерактивии таълимотро пешниҳод кунем, ки ба ташаккул ва рушди фаъолияти мустақилонаи таълимии хонандагони хурдсол равона шудаанд. Аз ҷумла:

а) ҳангоми истифодаи роҳу усулҳои интерактивӣ дар таълим, фаъолияти мустақилона ва кӯшишу ғайрати хонандагон меафзояд.

б) тафаккур мустақилона рушд карда, тавассути ҷустуҷӯ дар талабагон ҳисси масъулиятнокӣ ва худмуайянкунӣ инкишоф меёбад.

в) дар раванди таълим ба мустаҳкамшавии муносибатҳои байнишахсӣ ва фаъолияти мустақилонаи таълимӣ оварда мерасонад.

г) фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагон хурдсол яке аз вазифаҳои муҳими баланд бардоштани дараҷаи маърифатнокии талабагони хурдсол дониста шавад.

16. Ба омӯзгори кунунӣ танҳо интиқоли донишҳо ба хонандагон кофӣ нест.Пеш аз ҳама, зарур аст, ки ин донишҳоро омӯхта, онҳоро мустакилона дастрас карда, ба хонандагон интиқол диҳад **[11-М].**

17. Дар як дарс ё машгулият малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модариро ташаккул додан номумкин аст. Аз ин рӯ, ба омӯзгорон лозим меояд, ки технологияҳои наву усулҳои навро дар ҷараёни таълиму тарбия истифода баранд.

18. Барои ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модари дар ҷараёни таълиму тарбия истифода бурдани фаъолияти фардӣ, ҷуфтӣ ва гурӯҳии хонандагон самарабахш мебошад.

19. Истифодаи техникаву технологияи навини даврони муосир барои самаранок гардидани фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ мусоидат мекунад **[18-М].**

20. Самаранокии истифодаи технологияи таълими интерактивӣ дар фаъолияти мустақилонаи таълимӣ ба бедории фикр,

эҷодкорӣ,ҷустуҷӯӣ ва ташаккули рушди зеҳн ва нутқи талабагон боис мегардад.

Асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар фаъолияти амалӣ, таълимӣ ва таҷрбиявии муассисаҳои таълимӣ амалӣ карда мешавад.

Дар байни онҳо дарсҳои забони модарӣ мавқеи муҳим дорад, зеро таълими самараноки фанни мазкур боис ба азбаршавии фанҳои дигари таълимӣ мегардад **[20-М].**

Мазмуни таҳсилот метавонад ба самти инсондӯстӣ ва инсонпарварӣ, тафриқаю муҳоҷират, васеъшавию зиёдшавӣ, тезонидани самти инкишоф ва асосҳои назариявию амалӣ равона шуда бошад.

Консепсияи самти умумии дигаргуниҳо дар мазмуни таҳсилот бояд нисбат ба коркарди нақшаҳои таълимӣ, барномаҳо, китобҳои дарсӣ, инчунин, ҳангоми интихоб аз шаклҳои васеи гуногуни нақшаю барномаҳо, ки дар бозори таҳсилот вуҷуд доранд, асос шуда метавонанд. Роҳбарони мактабҳо ва омӯзгорон меъёрҳои ташхиси пешакии дохили ҳар як лоиҳаҳои инноватсиониро вобаста ба мазмуни таълимот коркард карда дар амалия татбиқ карда метавонанд.

# РӮЙИХАТИ АДАБИЁТ

## I.Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои расмӣ

[1]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 октябри соли 2010, № 475, дар бораи "Барномаи Давлатии тайёр кардани кадрҳои омӯзгорӣ барои солҳи 2011-2016:Душанбе: 2010, 8с.

[2]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-июни соли 2021, №268, ш.Душанбе. Дар бораи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ.

[3]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи "Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон". аз 3 майи соли 2002, №200, Душанбе: -33 с.

[4]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 1 ноябри соли 2006, № 484, Душанбе: 2006.

[5]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2009, №254, дар бораи "Барномаи Давлатии Рушди маорифи Ҷумхурии Тоҷикстон барои солҳои 2010-2015".Душанбе: 2009.-18 с .

[6]. Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми ҶТ аз 28 апрели соли 2016, № 6\37. Дар бораи тасдиқи Маҷмуи модулҳо оид ба низоми муносибати босалоҳият ба таълим. Душанбе: 2016, 226с.

[7]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №526. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.-90 с.

[8]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. аз 30 июни соли 2012, №334.

[9]. Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Текст]. – Душанбе: 2003. - 24 с.

[10]. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон [Текст]. Душанбе: Ирфон, - 2004. - 48 с.

[11]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», 22 июли соли 2013, № 1004. 51с.

[12]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забон». Душанбе: 1989.

[13]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.Душанбе: 26.12.2018. -47 с.

[14]. Стандарти давлатии таҳсилоти ибтидоии забони модарӣ ва математика // Душанбе: 2017. -110 с.

[15]. Эмомали Раҳмон. Маориф омили муҳимтарини таҳкими давлат ва наҷоти миллат.// Эмомали Раҳмон. Душанбе: 2006.

[16]. Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон».// Эмомали Раҳмон. – Душанбе: 2019. -47 с .

[17]. Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикстон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон».// Эмомали Раҳмон. – Душанбе: 2018. -47 с .

[18]. Эмомалӣ Раҳмон. Фарҳанг-ҳастии миллат // Эмомали Раҳмон. Душанбе: 2001.

**II.Китобҳо, монографияҳо**

[19]. Абдуллоев И “Забони модарӣ барои синфи 3” И. Абдуллоев, З.Абдуллоев, М.Ҷалилова. Душанбе: Маориф. 2020.- 275 с.

[20]. Абдуллоев И. Зарурати таълими ҳамгирои забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ. // Дастури илмию методӣ «Илми педагогика -пояи устувори мактабу маориф». Душанбе: 2004.

[21]. Абдуллоев И. Роҳнамои омӯзгор, “Забони модарӣ” барои синфи 3./ И.Абдуллоев, З.Абдуллоев, Б.Боронов, З.Дорағабеков .Душанбе: 2012. 79 с.

[22]. Абушакури Балхӣ. Ҳамасрони Рӯдакӣ./Душанбе: “Адиб” 2007. -142 с.

[23]. Азизи Азиз.Гулчини адабиёти бачаҳо 2.//А. Азиз., А. Байзоев,. Атоева Д.,Ҷумаева Ҳ.Душанбе: 2023,87 с.

[24]. Алиев А.Б. Дастури таълим барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. //А.Б. Алиев., М.Н.Зиёев.,Ф. Олимова (гурӯҳи мураттибон) Лоиҳа. Душанбе: 2010.51с.

[25]. Аникиева Н. П. Тарбия бо бозӣ./ Н.П. Аникеева –М.: 1987. -143 с.

[26]. Атоева Дилором. Гулчини адабиёти бачаҳо. /Д.Атоева, А.Байзоев, А.Азиз, Ҳ.Ҷумаева. Душанбе: 2023, 111с.

[27]. Афзалов Х., Раҳимов Б. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик.// Х.Афзалов, Б. Раҳимов. Душанбе: Маориф, 1994, 180 с.

[28]. Бабанский Ю. А. Оптимизация процеса обучения // Ю. А. Бабанский. М.: Педагогика. 1977. С. 254.

[29]. Бабанский Ю. К. Фаъолгардонии ҷараёни таълим.// Ю.К. Бабанский. –М.: Педагогика, 1977 с. 254 с.

[30]. Байдельдинова Г.К.Формирование познавательных интересов у младших школьников // Г.К.Байдельдинова -Алма-Ата,1976. С.176.

[31]. Байденко А.Компетенции в профессиональном образовании. //Высшее образование в России.-2004.-№11. С.3-13.

[32]. Байзоев А. Гулчини адабиёти бачаҳо//А. Байзоев., Азизи Азиз., Атоева Д.,Ҷумаева Ҳ.Душанбе: 2023, 52с.

[33]. Байзоев А. Забони модарӣ дар синфи 1.// А.Байзоев., А. Аҳмад-бекова, Г. Машокирова, Ҷ. Зубайдова, Ҷ. Абдуллоев Душанбе: Маориф, 2021.-191 с.

[34]. Байзоев А. Роҳнамои омӯзгор «Забони модарӣ, синфи 1//. А.Байзоев., А.Аҳмадбекова, Г.Машокирова, Ҷ. Зубайдова,Ҷ. Абдуллоев. Душанбе: 2012, С.103.

[35]. Барномаи синфҳои ибтидоӣ (1-3). Душанбе: Маориф, 1976 , 207 саҳ,

[36]. Барномаи синфҳои ибтидоӣ (1-3). Душанбе: Маориф, 1977, 159 саҳ.

[37]. Барномаи синфҳои ибтидоӣ (1-3). Душанбе: Маориф, 1980, 127 саҳ.

[38]. Барномаи синфҳои ибтидоӣ (1-3). Душанбе: Маориф, 1986,138 саҳ.

[39]. Барномаи синфҳои ибтидоӣ (1-4). Душанбе: 2012. 111 саҳ.

[40]. Барномаи синфҳои ибтидоӣ (1-4). Душанбе: 2007,142 саҳ.

[41]. Барномаи синфҳои ибтидоӣ (1-4). Душанбе: 2002,120 саҳ.
[42]. Барномаи синфҳои ибтидоӣ (1-4). Душанбе: Маориф, 1989, 191 саҳ.
[43]. Безруков В.С. Интеграционные проссесы в педагогической теории и практике.// В.С.Безруков. - Екатеринбург,1994,152с.
[44]. Белянкова Н.М. Интеграционный подход в обучении младших школьников//Н.М. Белянкова. -М.: Просвещение, 2008,128с.
[45]. Белянкова Н.М. Интегрированный подход в обучении младших школьников// Н.М. Белянкова -М.: Просвещение, 2008. С.128.
[46]. Берулава М.Н.Интеграция содержания общего и профессионального образования в профтехучилищах // М.Н.Берулаева. Теоретико-методологический аспект -Томск,1988.-222с.
[47]. Биддолф Стив. Как развивать мозг ребенка. Перевод с английского языка. //Стив Биддолф. М., 2011 – 160 с.
[48]. Блаугер В.И., Юдин Э.Г.Становление и сушность системного подхода.//В.И. Блаугер В.И., М.: Наука,1973. 270с.
[49]. Бобизода Ғ. Имомназаров Д. Исрофилниё Ш., А.Байзоев. Муносибати босалоҳият ба таълим.// Ғ.Бобизода., Д.Имомназаров., Ш.Исрофилниё., А.Байзоев. Душанбе:Ирфон, 2018, 70с.
[50]. Богоявленская Д.Б. Пути к творчеству.-М.: Знание, 1981.- 95 с.
[51]. Богоявленский Д.Н. Психология условия орфографии// Д.Н. Богоявленский. М., 1966.
[52]. Бозор Борон. Маҷмуаи имло, нақли хаттӣ ва иншо дар муносибат бо таълимии босалоҳият барои синфҳои ибтидоӣ. // Боронов Бозор. Душанбе: 2018,175с.
[53]. Болотов В. А. Компетентностная модель: от идеи к образовательной программе. //В.А. Болотов., В.В.Сериков. Педагогика -2003. №10.8-14с.
[54]. Бондаревская Е. В. Педагогика: шахсият дар назарияҳои инсондӯстию тартиботи тарбиявӣ.// Е.В.Бондаревская., С.В.Кулневич. Маркази эҷодии омӯзгор, 1999 с. 560 с.

[55]. Борисов П.П. Компетентностно-деятельностный подход и модернизация содержания общего образования.М.: 2003. №1. 58-61с.
[56]. Боронов Б. Асосҳои ташаккули малакаҳои хониши маъноӣ дар синфҳои ибтидоӣ.//Б. Бозор. Душанбе: 2000. 162 саҳ.
[57]. Буйдоқов Х. Асосҳои дидактика // Х. Буйдоқов / [Матн]. Душанбе: Маориф,1995.-180 с .
[58]. Виготский Л. С. Ашъори мунтахаб: // Л.С.Виготский. Дар 6 ҷилд. Ҷ. 3. –М.: Педагогика, 1983. 268 с.
[59]. Виготский Л. С. Психологияи кӯдакон. //Л.С. Виготский. – М.: Педагогика, 1983 с. – 368 с.
[60]. Виготский Л.С. Тафаккур ва нутқ. // Л.С.Виготский . Нашри 5.-М.: “Лабиринт”, 1999, 352 с.
[61]. Выготский Л. С. Собр. Соч. //Л.С. Выготский в 6-ти т. М., 1982. Т.2. 449 с.
[62]. Выготский Л.С. Воображение и творчество в детском возрасте//Л.С. Выготский Л.С. -М, 1930, 216с.
[63]. Выготский Л.С. Воображение и творчество в школьном возрасте.//Л.С. Выготский / [Текст]. – М.: Просвещение, 1967. –136 с.
[64]. Выготский Л.С. Мышление и речь // Л.С.Выготский. Собр. сочинений в 6 – ти томах. Т.2. Москва, Педагогика. 1982 – с.6 – 361.
[65]. Выготский Л.С. Проблемы обучения и умственного развития в школьном возрасте. В сб.: Избранные психологические исследования./ Л.С.Выготский /Текст/.-М.:Изд.-во АПН РСФСР,1967.
[66]. Выготский Л.С. Развитие детской речи. // Л.С. Выготский. Собр. соч. в 6 – ти томах. Т.3. – Москва, Педагогика, 1982 – С. 164 – 177.
[67]. Гальперин П. Я. Методы обучения и умственное развитие ребенка - //П.Я. Гальперин М.: МГУ, 1985 -44 с.
[68]. Ғаффоров А. Корҳои санҷишӣ аз фанни забони адабии ҳозираи тоҷик. Дастури методӣ барои шӯъбаи Методикаи таълими ибтидоӣ (ғоибоиа).//А. Ғаффоров. Душанбе: 2004.

[69]. Ғаффоров А., Аминов С., Барномаи забони тоҷикӣ барои шӯъбаи педагогика, психология ва олигофренопедагогика.//А. Ғаффоров., С. Аминов., Душанбе: 2003.
[70]. Ғаффоров А.Вазифа ва мазмуни таълими забони модарӣ дар шуъбаҳои методикаи таълими ибтидоӣ. Маҷмуаи ҷавонон ва ҷаҳони андеша. //А. Ғаффоров. Душанбе: 2004с.
[71]. Гвоздев А.Н.Очерк по стилистике русского языка//А.Н. Гвоздев А.Н. изд.2, М., 1955. 195 с.
[72]. Георге И.В. Формирование профессиональных компетннций студентов образовательных организаций высшего образования на основе организации самостоятельной работы. Тюмень.// И.В.Георге.ТИУ. 2016 г.
[73]. Гершунский Б.С.Философия образования//Б.С. Гершунский. М.:-Флинта189, 112 с.
[74]. Глязер.С.В. Бозӣ бо калимаҳо.//С.В. Глязер. -М.:- 1966.
[75]. Голант Е.Я.Китоби муаллим./ Е.Я.Голант, И.П. Гимельштейн, Ш.Ниёзӣ, Ф.Б.Безпальцев. Сталинобод: 1947.434 с
[76]. Гуревич К.М., Горбачева Е.И. Умственное развитие школьников: критерии и нормы // К.М.Гуревич, Е.И. Горбачева. М.: Знание, 1992. 80 с.
[77]. Давидов В. В. Назарияи таълимоти инкишофёфта// В.В.Давидов – М.: 1996.542с.
[78]. Давидов В. В., Элконин Д. Б., Маркова А. К. Масъалаҳои асосии психологияи муосири кӯдакони синни хурдсоли томактабӣ.// В.В. Давидов, Д.Б. Элконин, А.К. Маркова Н –М.: Педагогика, 1978. С.365.
[79]. Давлатмурод Расулов. Педагогика.// Р.Давлатмурод ,Л.Сайдаҳ-мадов,А. Ғафоров .Душанбе: 2009, С.267.
[80]. Давлатова Р. Материалҳои дидактикӣ оид ба грамматика, имло ва инкишофи нутқ дар синфи дуюм.// Давлатова Р., Мирзоев Р., Довудов Р. –Душанбе: Маориф, 1987, 119 с.

[81]. Давлатова Р. Материалҳои дидактикӣ оид ба грамматика, имло ва инкишофи нутқ, барои синфи 3. // Давлатова Р., Мирзоев Р. – Ду- шанбе: Маориф, 1988. С– 85.
[82]. Давлатова Р. Материалҳои дидактикӣ оид ба грамматика, имло ва иикишофи нуткдар синфҳои 1, 2, 3.// Р. Давлатова.Душанбе: Маориф, 1974.
[83]. Давлатова Р., Мирзоев Р. Материалҳои дидактикӣ оид ба грамматика, имло ва инкишофи нутқ, барои синфи 4.// Р.Давлатова., Р.Мирзоев. Душанбе: Маориф, с.1990, 104с.
[84]. Давыдов В. В. Теория развивающего обучения. // В.В. Давыдов -М.: ММ.: Знание, 1985.-64 с.
[85]. Давыдов В.В. Теория развивающего обучения / В.В. Давыдов. -М.: Интор, 1996.- 542 с.
[86]. Дастури методӣ: Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол// Дас- тури методӣ. Душанбе: 2007.С. 58.
[87]. Дистервег А. Дастурамал барои омӯзгорони забони немисӣ.//А. Дистервег –М.: 1965, 62с.
[88]. Дмитриева Е.Д. Методика родного языка// Е.Д. Дмитриева. Издательство «Просвещение», Москва 1968. С.135.
[89]. Довудов Р. Машғудиятҳо оид ба инкишофи нутқи алоқанок барои бачагони 6-сола.//Р.Довудов. Душанбе: Маориф,1984. с-48с.
[90]. Дубова М.В. О возможностях реализации компетентностного подхода в начальном общем образовании // М.В.Дубова. Современная педагогика. 2015, №3.
[91]. Дьюи Дж. Психология и педагогика мышления / Дж. Дьюи. - М.: Лабиринт, 1999. - 186 с.
[92]. Дюи Д. Психология ва педагогикаи тафаккур. // Д.Дюи.Тарҷума аз англисӣ. –М.: «Совершенство», 1997 с. 208с.
[93]. Ерастов Н.П. Методика самостоятельной работы. //Н.П. Ерастов М., Мысль, 1985. 79 с.

[94]. Завадская Т.Ф. Выразительное чтение в I-IV классах школы Сб. «Художественная литература в начальной школе»// Т.Ф.Завадская. изд. АПН.РСФСР М.,1956г.

[95]. Зборовский Г.Е.Образование: от XX к XXI веку. Екатеринбург, 2000, 301 с.

[96]. Зиёев М “Забони модарӣ барои синфи 4.”// М.Зиёев., Ф.Олимова., Б.Зоолишоева. Душанбе: Маориф, 2021. 279 саҳ.

[97]. Зиёев М. Роҳнамои омӯзгор. “Забони модарӣ дар синфи 4”// М.Зиёев., У.Эрматова, Б.Зоолишоева,М.Набиев, Ш.Қосимова. Душанбе: 2012. 131 саҳ.

[98]. Зиёев М., Мирзоматов Н., Олимова Ф., Тошбоева З.Усули ҳамкорӣ дар таълими забон ва адабиёти тоҷик//М. Зиёев., Н. Мирзоматов, Ф.Олимова., З.Тошбоева. Душанбе: 2010,63с.

[99]. Зиёев М.Н. Ташкили ҷараёни таълим дар синфҳои ибтидоӣ. //М.Н. Зиёев., Ф.Олимова., Б.Зоолишоева. Душанбе: 2010.С. 51.

[100]. Зимняя И.А. Педагогическая психология/ И.А.Зимняя.Учеб.для вузов -М.: Логос 2001. -384с.

[101]. Зимняя И.А. Педагогическая психология// И.А.Зимняя. Ростов-на Дону: Феникс 1997. 480с.

[102]. Зимняя И.А.Ключевые компетентности как результативно-целевая основа компетентностного подхода в образовании.Авторская версия.// И.А.Зимняя.-М.: Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов, 2004г.

[103]. Зимняя И.А.Педагогическая психология. Учеб. для вузов.// И.А. Зимняя -М.: Логос,2001.-384с

[104]. Зубайдов У. Таълими тафриқа ва мактаби муосир /У. Зубайдов.- Душанбе: 2013.- с.172,170.

[105]. Зубайдов У.З. Тафриқа ҳамчун қувваи ҳаракатдиҳандаи раванди таълим // У.З. Зубайдов / [Матн]. - Душанбе: Сарпараст,2003 -192 с.

[106]. Зубайдов У.З. Теоретико - практические основы дифференцированного обучения в школах Республики Таджикистан. // У.З. Зубайдов / [Текст]. – Душанбе: 1999. – 168 с.
[107]. Икромова Ф. Алоқаи кори луғавӣ бо инкишофи нутқи хонандагон. (дастури методӣ барои муаллимон). //Ф. Икромова. Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ИПДД ба номи Т.Г.Шевченко, Душанбе: 1978, саҳ 67-80.
[108]. Икромова Ф. Баъзе навъҳои кори мустақилона дар дарсҳои хониши синфҳои 1- 11. Роҳҳои баланд бардоштани самаранокии таълим дар синфхои ибтидоӣ (дастури методӣ). // Ф.Икромова Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. ИПДД ба номи Т.Г.Шевченко Душанбе: 1976. саҳ, 43-51.
[109]. Икромова Ф. Бой намудани захираи луғавии талабагони синфи як дар дарсҳои хониш. // Ф.Икромова. «Маҷмӯаи илмӣ ҷилди 79. ИПДД ба номи Т.Г.Шевченко Душанбе: 1971, саҳ. 37-48.
[110]. Икромова Ф. Дарсҳои хониш ва инкишофи нутқ дар синфи 2.// Ф.Икромова. Душанбе: Маориф, 1987.
[111]. Икромова Ф. Корҳои курсӣ ва контролӣ аз фанни методикаи таълими ибтидоии забони модарӣ. (Нишондодҳои методӣ). // Ф.Икромова. Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ДДОТ ба номи Қ.Ҷӯраев. Душанбе: 2006.
[112]. Икромова Ф., Галенкина К. Т.Дарсҳои хониш ва инкишофи нутқ дар синфи 1.//Ф. Икромова., К.Т.Галенкина. -Душанбе: Маориф, 1971.С.85.
[113]. Икромова Ф., Довудов Р. Материалҳои дидактикӣ оид ба таълими савод. //Ф.Икромова., Р.Довудов Р. Душанбе: Маориф, 1986.
[114]. Икромова Ф.Нишондодҳои методӣ оид ба инкишофи нутқи алоқаноки даҳонии талабагони синфи якум дар дарсҳои хониш. // Ф.Икромова. (Дастури методи барои муаллимон ва донишҷӯён).

Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ИТИИП Тоҷикистон. Душанбе: 1981.
[115]. Исмоилов Ш.Баъзе масъалаҳои забони тоҷикӣ дар мактаб.// Ш.Исмоилов.Душанбе: Маориф, 1984. 96 с.
[116]. Камолов Н.Методикаи тартиб додан ва истифода бурдани ҷадвали забони тоҷикӣ.// Н.Камолов -Душанбе: Маориф,1975,56с.
[117]. Капинос В.И. и др. Развитие речи: теория и практика обучения. //В.И.Капинос. и др. М.: Просвещение, 1991. -191с.
[118]. Каримов А. Оид ба таълими мавзуи сифат (ёри ба муаллимон)./А. Каримов.Сталинобод.Нашр. дав. Тоҷ.1949. 31 с.
[119]. Каримов А.Тартиби гузаронидани машқ аз забони модарӣ дар синфҳои 4-8.//А. Каримов .,С.Аминов.-Душанбе:1979.-80с.
[120]. Каримов А.Таълими калима ва таркибҳо дар синфи 5.// А.Каримов .Душанбе:1974.-42с.
[121]. Қодиров Б.Р. Межпредметные связи: инновация и творческое мышление учащихся. Монография / Б.Р. Кодиров. – Душанбе: 2006. – 192с.
[122]. Қозиҷонов М.Инкишофи нутқи даҳанакӣ ва хаттии хонандагон.// М.Қозиҷонов.-Душанбе:1969.-85с.
[123]. Колесов В.В. Культура речи – культура поведения. // В.В.Колесов. – Ленинград. Лениздат. 1988 – 271 с.
[124]. Коменский Я. А. «Великая дидактика». / Я. А. Коменский // [Текст]. – М.: - Просвещение, 1988. – 240 с.
[125]. Коменский Я. А.Таърихи педагогика. // Я. А. Коменский.М., 1982. 502 с.
[126]. Коменский Я.А. Учитель учителей («Материнская школа», «Великая дидактика»). //Я.А. Коменский. М.: Каапуз 2009. 288с.
[127]. Компетентностная модель: от идеи к образовательной программе// Педагогика. 2003-№ 10.
[128]. Кон И.С.Психология сташеклассников /И.С. Кон М. Просвеще-ние,1980, -101 саҳ.

[129]. Кононыкин Н.П. Методика преподавания русского языка в начальной школе. // Н.П. Кононыкин, Щербакова Н. А М.,1977.
[130]. Кононькин Н.П. Методика преподавания русского языка в начальной школе// Н.П.Кононькин, Н.А.Шербакова. Л.: 1955.
[131]. Кононькин Н.П. Методика русского языка в начальной школе. //Н.П. Кононькин.Н.А.Шербакова., М. 1947. 268с.
[132]. Константинов Н.А.Таърихи педагогика.// Н.А. Константинов., Е.Н.Медынский, М.Ф.Шабаева. Душанбе: Маориф, 1982, 502 с.
[133]. Котибова Шарифа. Рушди тафаккури эҷодии хонандагон дар синфҳои ибтидоӣ.// Котибова Ш. Душанбе: 2016.-195 с.
[134]. Крупская Н.К. Дар бораи тарбия ва таълим.// Н. К. Крупская. М.,1946.
[135]. Крупская Н.К. Пед. соч. // Н.К.Крупская. М. 1959г, Т-5, с-205; Т6. -204 с.
[136]. Крупская Н.К.Асарҳои мунтахаб, // Н.К. Крупская М.,1949, 263с.
[137]. Қурбонов М. Таълими забони тоҷикӣ дар синфи 5.// М.Курбонов.-Душанбе:Маориф,104с.
[138]. Қурбонов М., Воҳидов З.Таълими масъалаҳои душвори имло дар синфҳои 5-6//М. Курбонов. З.Воҳидов.-Душанбе: Маориф,1988.-131с.
[139]. Қурбонов Мадохир. Методикаи инкишофи нутқи мураттаб.// М.Курбонов.-Душанбе:1982.-28 с.
[140]. Қурбонов Мадохир.Асосҳои лингвистӣ ва методҳои таълими услубшиносии точик дар мактаби миёна.// М.Курбонов.-Душанбе: Маориф, 1988.-192с.
[141]. Қурбонов Мадохир.Инкишофи нутқ дар дарсҳои забони модарӣ.// М.Курбонов.Душанбе: Маориф, 1978, 72 с.
[142]. Қурбонов Мадохир.Методикаи забони тоҷикӣ дар мактабҳои миёна // М.Қурбонов. Душанбе: 1985.-96с.
[143]. Курбонов Р. Интеграционное обучение (Таълими муштарак) / Р. Курбонов.- Душанбе: Маориф, 2006. - 92 с.

[144]. Кустараев В.А. Методика грамматики и орфографии в начальных классах// В.А.Кустараев. М.: 1975, 237с.
[145]. Қаюмова О.Э. Асрори инкишофи зеҳн ва нутқи мактабиёни хурдсол. //О.Э. Қаюмова. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2006.147с.
[146]. Қаюмова О.Э. Нақши бозӣ дар таълим.//О.Э. Қаюмова -Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. 61с.
[147]. Қодиров Б. Муносибати нав ва таълими ҳамгиро / Б. Қодиров. // Таълими ҳамгиро. Падидаи педагогикаи миллӣ. Душанбе: 2010.- с.53.
[148]. Лаҳчаҳои забони тоҷикӣ. Дар китоби "Таджикская Советская Социалистическая Республика" (Энсиклопедияи якҷилда).-Душанбе: 1974.-288 с.
[149]. Левина М.М. Технологии профессионального педагогического образования //М.М. Левина. М., Academia, 2001. 270 с.
[150]. Леонтьев А. А. Язык и разум человека. //А.А. Леонтьев. М., Политиздат 1965. -128 с.
[151]. Леонтьев А.Н. "Инкишофи ақлонии кӯдак" // А.Н.Леонтьев А.Н. М.: Правда, 1950.
[152]. Леонтьев А.Н. Умственное развитие ребёнка. //А.Н. Леонтьев. М., 1950. 32с.
[153]. Леонтьев А.Н."Масъалаҳои инкишофи психика"// Леонтьев А.Н. М.: Нашриёти МРУ, 1981.
[154]. Леренр И. Я. Асосҳои дидактикии методҳои таълим. //И.Я. Лернер. М.:1981.-185 с.
[155]. Лернер И. Я. Таълимоти проблемавӣ//И.Я. Лернер . –М.: 1974 с. – 218 с.
[156]. Лернер И.Я. Дидактическая система методов обучения. М.: //И.Я. Леренр. Знание, 1976.-64 с.
[157]. Лернер И.Я. Процесс обучения и его закономерные основы. //И.Я. Леренр. - М.: Знание, 1980. -96 с.

[158]. Леснафт П. Ф. Ашъори мунтахаби педагогӣ: дар ду ҷилд: //П.Ф. Леснафт.-М.: Нашриёти АПН РСФСР. 1951 с. –Ҷ.1. -336 с.
[159]. Леттес Н. С. Психологияи истеъдоди кӯдакон ва наврасон. //Н.С.Леттес.–М.: Маркази нашриявии «Академия» 1996.- 416 с.
[160]. Липник В. Н. Тарбияи маҳнатӣ дар мактаб. //В.Т. Липник. –М.: Дониш, с.1987. – 31с.
[161]. Лихачев Б.Т. Педагогика.//Б.Т.Лихачев-М: Юрайт-издат, 2003.448 с.
[162]. Луначарский А.В. О народном образовании// А.В.Луначарский. М.,1958.
[163]. Лутфуллоев М, Таълими алифбо.// М.Лутфуллоев, Душанбе:Ирфон,1967 с.
[164]. Лутфуллоев М. Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ.// М.Лутфуллоев . -Душанбе, Собириён,2007.-463 с.
[165]. Лутфуллоев М. Банақшагирии тахминии дарсҳо дар синфи 1/ М. Лутфуллоев. Душанбе: 1970. 149 с.
[166]. Лутфуллоев М. Бозӣ ва инкишофи нутқ. // М. Лутфуллозода., Котибова Ш. Душанбе: 2009. -94 с.
[167]. Лутфуллоев М. Дарс. // М.Лутфуллоев Душанбе: Маориф,1995.-93 с.
[168]. Лутфуллоев М. Дарсҳои забони модарӣ дар синфи 4.// М.Лутфуллоев.,Р.Мирзоев.,Ф.Шарифов. Душанбе:Маориф,1990.-76 с.
[169]. Лутфуллоев М. Дарсҳои забони таҷикӣ дар синфи сеюм: дастури методӣ барои муаллимон ва методистҳо / М. Лутфуллоев, Р. Мирзоев, Р. Довудов // [Текст]. - Душанбе: Маориф, 1988. - 48 с.
[170]. Лутфуллоев М. Дарсҳои забони тоҷикӣ дар синфи дуюм: дастури методӣ барои муаллимон / М. Лутфуллоев, Р. Мирзоев, Р. Довудов // [Текст]. -Душанбе: Маориф, 1987. - 72 с.
[171]. Лутфуллоев М. Дастурамал оид ба таълими «Субҳи дониш», // М.Лутфуллоев, Душанбе: Маориф, 1983.-79 с.

[172]. Лутфуллоев М. Забони модарӣ (синфи 2). //М. Лутфуллоев, Душанбе: Маориф, 1972.
[173]. Лутфуллоев М. Забони модарӣ дар сиифи I. //М. Лутфуллоев, Душанбе: Ирфон, 1971.-162 с.
[174]. Лутфуллоев М. Китоби “Алифбо”// М.Лутфуллоев., Шарифзода Ф., Абдуллоев И. Душанбе:Полиграф Групп, 2013.-151с.
[175]. Лутфуллоев М. Мавқеи бозиҳои таълимӣ дар дарсҳои забони модар.// М.Лутфуллоев.,И. Абдуллоев. Душанбе: 2008.-64 с.
[176]. Лутфуллоев М. Маҷмӯаи нақлҳои хаттӣ. // М.Лутфуллоев, С.Тағоев. Душанбе: Маориф, 1980. -67с
[177]. Лутфуллоев М. Маҷмуаи имло дар синфҳои ибтидоӣ. // М.Лутфуллоев. Душанбе: 2006. -78 с.
[178]. Лутфуллоев М. Методикаи таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ.// М.Лутфуллоев, Душанбе: Маориф, 1985. -247 с.
[179]. Лутфуллоев М. Методикаи таълими ибтидоии забони модарӣ. //М. Лутфуллоев, И.Абдуллоев М.Ҷалилова. Душанбе.Матбаа, 2020.-265 с.
[180]. Лутфуллоев М. Нақшаи тақвимии дарсҳои забони модарӣ.//М. Лутфуллоев, Душанбе: 2000.-123 .с
[181]. Лутфуллоев М. Нишондодҳои методӣ оид ба китоби «Алифбо»//Лутфуллоев М. Довудов Р., И.Абдуллоев. Душанбе: Маориф,1986. -64 с.
[182]. Лутфуллоев М. Осор. Ҷ. 5.- Душанбе: Собириён,2003.-423 с.
[183]. Лутфуллоев М. Принцип интегральности в начальных классах (Услуби таълими муштарак дар синфҳои ибтидоӣ.) / М. Лутфуллоев, Р. Курбонов и др. – Душанбе: 1995. – 134 с.
[184]. Лутфуллоев М. Баъзе масъалаҳои таълими алифбо// М.Лутфуллозода Душанбе: Ирфон,1969, -79 с.
[185]. Лутфуллоев М. Дарсҳои забони тоҷикӣ дар синфи 2. //М. Лутфуллоев, Душанбе: Маориф, 1987.-78 с.

[186]. Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир.// М.Лутфуллоев Душанбе:Ирфон, 2001. -336 с.
[187]. Лутфуллоев М. Забони модари дар синфи 1// М.Лутфулоев Душанбе:Маориф, 2008.-143 с.
[188]. Лутфуллоев М.Мавқеи бозиҳои таълимӣ дар дарсҳои забони модарӣ. //М. Лутфуллоев., И.Абдуллоев.Норак: 2002.-47 с.
[189]. Лутфуллоев М.Маҷмуаи дастурҳои методӣ.// Лутфуллоев М. Душанбе: -2015.-280 с.
[190]. Лутфуллоев М.Меъёри баҳо ба дониш ва маҳорати талабагони синфҳои ибтидоӣ//М.Лутфуллоев.Таълими ибтидоӣ (материалҳои маҷлиси машваратии муаллимони синфҳои ибтидоии). Душанбе: 1971, 110 с.
[191]. Лутфуллозода М. Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо./ М.Лутфуллозода. Ғ.Бобизода. Душанбе: 2017-88 с.
[192]. Лутфуллозода М. Методикаи таълими ибтидоии забони модарӣ.// М.Лутфуллозода . Душанбе: 2018. -120 с.
[193]. Лутфуллозода М.Педагогикаи миллии халқи тоҷик.// М.Лутфуллоев.- Душанбе: Сифат, 2015. -128 с.
[194]. Лутфуллозода Маҳмадулло. Педагогикаи миллии халқи тоҷик// М.Лутфуллозода (Осори педагогӣ. Ҷилди 6).-Душанбе: Сифат, 2015.703 с.
[195]. Львов М.Р. Методика преподования русского языка в начальных классах//М.Р.Львов., В.Г.Горецкий., О.В.Сосновская. Москва. Издательский центр «Академия». 2007. 348 с.
[196]. Макаренко А. С. Асарҳои мунтахаби педагогӣ.//А.С. Макаренко. – М.: Учпедгиз, 1946 с. –Ҷ.1. -340 с.
[197]. Макарова, В.Н. Методика работы по развитию образной речи у старших дошкольников. Ч. 1. // В.Н. Макарова, Е.А. Ставцева, М.Н. Мирошкина. - М.: ЦПО, 2009. - 96 с.
[198]. Маҷидова Б. Лев Семёнович Виготский ва масалаҳои таълиму тарбия. //Б. Маҷидова. Душанбе: 2009. -96 с.

[199]. Маҳмудова М.Таҷрибаи ман оид ба таълими сесола.// М.Маҳмудова.Таълими ибтидоӣ.(материалҳои маҷлиси машваратии муаллимони синфҳои ибтидоии). Душанбе: 1971, 110 с.
[200]. Масъуми Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик.// Н. Масъумӣ. Сталинобод. Нашр.давл.Тоҷ.1959.-178 с
[201]. Махмутов М.И.Ташкили таълими проблемамавӣ дар мактаб: Китоб барои омӯзгорон.-М.:1977.- 240 с.
[202]. Маҳмудова М. Таълими савод дар синфи як.// М. Маҳмудова Душанбе: Маориф,1977.
[203]. Мединцева И. П. Компетентностный подход в образовании (г. Москва, декабрь 2012 г.) //И.П. Мединцева. М.: Буки-Веди, 2012.
[204]. Мирзоев Р. Кори мустақилона дар дарсҳои забони модарӣ.//Р. Мирзоев. Душанбе: Маориф, 1983.- 66 с.
[205]. Мирзоев Р. Таълими имло дар синфҳои ибтидоӣ.//Р. Мирзоев. Душанбе: 2005.
[206]. Мирзоев Р., Ҳомидов Ҳ. Дарсҳои хониш ва инкишофи нутқ дар синфи 3.//Р. Мирзоев., Ҷ. Ҳомидов.Душанбе: 1988.-52 с.
[207]. Муллоаҳмадов Мирзо “Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ, Андарзнома.//М. Муллоаҳмадов. Душанбе: 2007. -136 с.
[208]. Муҳаббат Маҳмудова. Материалҳои дидактикӣ доир ба грамматика, имло ва инкишофи нутқ. Барои синфҳои ибтидоӣ.//М. Маҳмудова. Душанбе: Маориф,1987, -71 с.
[209]. Набиев С.Оид ба таълими синонимҳо ваибораҳои синонимии феъл. Маҷ.“ Баъзе масъалаҳои актуалии таълими забони ва адабиёт”//С. Набиев.Душанбе: 1975.-68 с.
[210]. Назарова Л.П. Активизация обучения правописанию на основе учета индивидуальных особенностей учашихся 3 и 4 классов. //Л.П. Назарова. М., Изд. АПН РСФСР, 1962.
[211]. Насруллоева Н.Н. Влияние содержания и языковых средств народной сказки на образность и выразительность речи старших

дошкольников (на материале тадж.нар.сказок)./ Н.Н. Насруллоева. Автореф.кан. пед.наук. Киев.1982-26 с.
[212]. Ниёзов Ф. Муносибати босалоҳият ба таълим №1.//Ф. Ниёзов, М.Зиёев, А.Алиев, Б.Нусратов, Э.Ҷонмирзоев, Н.Қодиров, М.Иргашева, Зиёев Қ. Душанбе: 2016.-36 с.
[213]. Ниёзов Ф.Маҷмуи модулҳо оид ба низоми муносибати босалоҳият ба таълим./Ф. Ниёзов Ф.,М. Зиёев, А.Алиев, Б.Нусратов, Э.Ҷонмирзоев, Н.Қодиров, М.Иргашева, Зиёев Қ. Душанбе: 2016. -226 с.
[214]. Ниёзов Ф.Методика дар низоми таълими босалоҳият/ Ф.Ниёзов., М.Зиёев. А.Алиев, Б.Нусратов, Э.Ҷонмирзоев, Н.Қодиров, М.Иргашева, Зиёев Қ.Душанбе: 2016. №3.-139 с.
[215]. Ниёзов Файзиддин. «Роҳнамои омӯзгор оид ба истифодаии арзёбии ташаккуллдиҳанда/ Ф. Ниёзов., М Зиёев, А.Алиев, Б.Нусратов, Э.Ҷонмирзоев, Н.Қодиров, М.Иргашева, Зиёев Қ. Душаебе: 2019. -56 с.
[216]. Ниёзов Файзиддин.«Маърифати таълим: Ҷустуҷӯ ва бозёфт"// Ф. Ниёзов., М Зиёев, А.Алиев, Б.Нусратов,Э.Ҷонмирзоев, Н.Қодиров, М.Иргашева, Зиёев Қ. Душаебе: 2012. -93 с.
[217]. Общение и речь: развитие речи у детей в общении со взрослыми// Под.ред. М.И.Лисиной. М., 1985. – 208 с.
[218]. Олимов К. Китоби муллим/ К.Олимов., Н.Абдуллоев. Душанбе: Ирфон,1969.- 214с
[219]. Орлова А.М. Усвоение синтактических понятий учащимися- //А.М. Орлова. М., Изд. АПН РСФСР, 1961.
[220]. Петровский Е.И. Проверка и оценка знаний учащихся. //Е.И. Петровский. М: АПН РСФСР, 1960. -54 с.
[221]. Пиаже Ж. Речь и мышление ребенка //Ж. Пиаже Ж. -М., 1994.
[222]. Пидкасистый П.И. Самостоятельная деятельность учащихся //П.И. Пидкасистый. М., Педагогика, 1992. -181 с.

[223]. Пидкасистый П.И. Самостоятельная познавательная деятельность школьников в обучении: теоретико-экспериментальное исследование. / П.И. Пидкасистый // [Текст]. – М.: Педагогика, 1980. – 240 с.
[224]. Подьяков М.Н., Подьяков А.М. Проблемы обучения и развития творчества дошкольников. // М.Н.Подьяков, А.М.Подьяков Нижний Новгород, 1999. - 40 с.
[225]. Поташник М.М. Как развивать педагогическое творчество.М., 1987. 78 с.
[226]. Равен Дж. Компетентность в современном обществе. Выявление, развитие и реализация// Равен Дж. —М., 2002. (англ. 1984).
[227]. Рамзаева Т.Г. Методика обучения русскому языку в начальных классах//Т.Г. Рамзаева., М.Г.Львов. М. "Просвещение», 1979.
[228]. Рамзаева Т.Г., Львов М.Р. Методика обучения русскому языку в начальных классах //Т.Г. Рамзаева., М.Р.Львов. М.,1970.
[229]. Раҳимов А. Вазияти таълими феъл дар мактабҳои тоҷикӣ.//А. Раҳимов. (Дар маҷ. "Корҳои илмии аспирантони ИДПД ба номи Т.Г.Шевченко" ҷ.36,Душанбе,1961.-115 с.
[230]. Рахманкулова Н.Ф. Роль языка как средства общения и фактора формирования личности//Н.Ф. Рахманкулова. М.: Изд-во МГУ,1989. 95 с.
[231]. Редозубов С.П. Методика преподавания чтения и письма в начальных классах,//С.П. Редазубов. М.,1953.
[232]. Редозубов С.II. Методика русского языка в начальной школе //С.П. Редозубов. М., Учпедгиз, 1955.
[233]. Редозубов С.П. Картины по развитию речи в первом классе. //С.П. Редозубов. М., «Просвещение», 1967.
[234]. Редозубов С.П. Обучение грамоте//С.П. Редозубов. М, Учпедгиз, 1959,
[235]. Рождественский Н.Методика начального обучения русскому языку. //Н.Рождественский. С.Кустарева. -М.,1965.

[236]. Рождественский Н.С. (ред). Основы методики начального обучения русскому языку//Н.С.Рождественский М., «Просвещение», 1965.
[237]. Рождественский Н.С. Методика грамматики и орфографии в начальных классах //Н.С. Рождественский. М., 1975. 237 с.
[238]. Рождественский Н.С.Обучение орфографии в начальных школах //Н.С. Рождественский: М.,1960.
[239]. Рождественский Н.С: Очерки по истории методики начального обучения правописанию //Н.С. Рождественский: М.,1961.
[240]. Роҳҳои баланд бардоштаии самаранокии таълим дар синфҳои ибтидоӣ. (Дастури методӣ). Матбааи Вазорати маорифи РСС Тоҷикистон. Душанбе: 1976.
[241]. Рубинштейн С.Л. Масъалаҳои психологияи умумӣ. /С.Л. Рубинштейн. М.:Нашрёти АПИ РСФСР, 1973.
[242]. Рубинштейн С.Л. Ҳастӣ ва шуур.//С.Л. Рубинштейн М.:Нашриёти АПИ РСФСР, 1975.- 328 с.
[243]. Рӯдакӣ А. Шеърҳо: // А. Рӯдакӣ.-Душанбе: Ирфон, 2018.- 116 с.
[244]. Рустамов Қ. Дарсҳои забони тоҷикӣ дар синфи 6 //Қ. Рустамов Душанбе: Ирфон,1981. -60 с.
[245]. Рустамов Қ. Омӯзиши забони тоҷикӣ дар мактаб//Қ. Рустамов Қ.Душанбе: Маориф,1993.-78 с.
[246]. Рустамов Қ. Таърихи методикаи таълими забони тоҷикӣ дар мактаб//Қ. Рустамов. Қисми 2.Душанбе: 2003.-389с.
[247]. Рустамов Қ., Давлатзода И.Таълими феъл дар синфҳои V-VI//Қ Рустамов., И.Давлатзода. (Дастури методӣ).Кӯлоб:-78 с.
[248]. Рустамов Қ. Таърихи методикаи таълими забони тоҷикӣ дар мактаб//Қ. Рустамов. Душанб: 2001.- 280 с.
[249]. Рустамов Ш. Исм. Грамматикаи забони адабии ҳозираи точик, Қ.1.Фонетика ва морфология//Ш. Рустамов Ш. Душанбе: Дониш,1985.-137 с.

[250]. Рыбинкова М.А. Избранные труды//М.А. Рыбинкова изд. ИАП РСФСР, М.,1958.
[251]. Сабуров Х.М.Таҳсилоти ибтидоӣ: мазмун, вазифа ва талаботи ҷомеа.//Х.М. Сабуров. Хуҷанд: Меҳроҷ, 2014.-260 с
[252]. Саидов И. Методикаи таҳлили фонетикӣ дар синфҳои 5-6.// И.Саидов. Душанбе.Ирфон,1965.-46 с.
[253]. Саидов Нуриддин. Рушди маориф ва илм дар даврони истиқлолияти давлатӣ.//Н.Саидов. Душанбе: Маориф, 2016. -192 с.
[254]. Саломиён М. Барномаи таълими фанни “Хониши бадеӣ” барои синфҳои 1-4-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.// Абдуллоев Абдухолиқ. Душанбе: 2022-.40 с.
[255]. Саломиён М. Стандарти фанни “Хониши бадеӣ” барои синфҳои 1-4-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ// СаломиёнМ,Аминов С., Байзоев Азим,Ёрмуҳаммадзода Шермуҳаммад. Душанбе: 2022.-40 с.
[256]. Саломиён М.Барномаи таълими фанни “Забони тоҷикӣ” барои синфҳои 1-4-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ// Саломиён М., Аминов С., Байзоев Азим, Ёрмуҳаммадзода Шермуҳаммад, Зиёев Муҳиддин Душанбе: 2022.-36.
[257]. Саломиён М.Стандарти фанни “Забони тоҷикӣ” барои синфҳои 1-4-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.// М.Саломиён,С.Аминов, А.Байзоев, Ш.Ёрмуҳаммадзода, М.Зиёев. Душанбе:2022.-40 с.
[258]. Сангинов И. Дидактика.// И.Сангинов И. Душанбе: 1992.-81с.
[259]. Сангов Қаюм. Алоқамаандии таълими лексика бо мофология. // Сангов Қ. Душанбе: 2005.-133 с.
[260]. Сангов Қаюм.Таълими лексикаи забони тоҷикӣ дар синфҳои –V-VI. (дастур барои муалимон).// Сангов Қ. Душанбе: Маориф,1980.-80 с.
[261]. Сафин Д. Роҳбаладӣ ва дастгирии методи омӯзгорон.// Д.Сафин., М.Раҷабов., А.Ҳалимов., З.Мухторов, М.Зиёев. –Душанбе: 2009.-101с.
[262]. Саъдии Шерозӣ.Мунтахаби куллиёт.// Саъдии Ш. Нашриёти давлати Тоҷикистон,Сталинобод, соли 1956,-429 с.

[263]. Селевко Г.К. Современные образовательные тенхнологии: Учебное пособие //Г.К. Селевко. -М.: Народное образование,1998. -61с.
[264]. Серебренников Б. А. Роль человеческого фактора в языке. //Б.А. Серебренников. М., 1988. -244 с.
[265]. Сериков В. В. Таълимот ва шахсият. Назария ва таҷрибаи лоиҳакунонии тартиботҳои педагогӣ. //В.В. Сериков –М.: Ширкати нашриётии «Лотос,» 1999.- 272 с.
[266]. Скаткин Л.П. Воспитание навыков самостоятельной работы учащихся при выполнении ими домашних заданий.//Л.П. Скаткин М., АПН, 2003. 39 с.
[267]. Скаткин М.Н. Совершенствование проссеса обучения. //М.Н. Скаткин. М.,1971.
[268]. Славина Л. С. Усули фардӣ ба хонандагони беинтизом ва қафомонда.//Л.С. Славина –М.: Нашриёти Академияҳои илмҳои педагогии РСФСР, 1958. -214 с.
[269]. Сластенин В.А. и др. Педагогика.Учебное пособие для вузов// В.А.Сластенин и др. -М.: Академия,2002. -576с.
[270]. Сорокина А. И. Бозиҳои дидактикӣ дар боғчаи кӯдакон // А.И.Сорокина –М.: 2006. -190 с.
[271]. Спенсер Г. Таълимоти ақлонӣ, маънавӣ ва ҷисмонӣ.// Г.Спенсер. М.: 1861. 180 с.
[272]. Срезневский И.И.Учебник по родному языку вообще и особенно в детском возрасте//И.И. Срезневский Санкт –Петербург, Изд-во АН. 1899, -217 с.
[273]. Стрекозин В.П. О совершенствовании начального образования. Начальная школа// В.П.Стрезикозин. «М., «Просвешение», 1970. - 78 с.
[274]. Стрекозин В.П. Руководство учебным процессом в школе. Планирование и организация работы//В.П. Стрекозин. М., Просвещение, 1972. -271 с.

[275]. Суворова Г.Ф. Методика грамматики и орфографии в начальных классах//Г.Ф. Суворова. М. 1975. 237 с.
[276]. Сухаревская Е.Ю. Технология интегрированного урока // Е.Ю.Сухаревская. Ростов –на Дону: М.:-Учитель, 2003.
[277]. Сухомлинский В. А. Диламро ба кӯдакон медиҳам // В.А.Сухомлинский. – Киев: Мактаби Радянска, 1974. -228 с.
[278]. Талызина Н. Ф. Ташаккули фаъолияти азхудкунии хонандагони хурдсол: китоб барои омӯзгор.//Н.Ф. Талызина. –М.: Просвещенис, 1988 с. -175с.
[279]. Талызина Н.Ф. Формирование познавательной деятельности учащихся // Н.Ф.Талызина [Текст]. - М.: Знание, 1983. - 112 с.
[280]. Татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таълимӣ. Маводи конференсияи Ҷумхуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба рӯзи Ваҳдати миллӣ.Душанбе: 29 июни соли 2018.
[281]. Текучев В.А.Методика русского языка в школе.// В.А.Текучев.-М.:Просвешение 1980.-414 с.
[282]. Тошбева З. Рушди қобилияти эҷодии хонандагон тавассути технологияи педагогии таълим. / З. Тошбева // [Текст]. – Душанбе: Ирфон, 2015. 352 с.
[283]. Троянская С.Л. Основы компетентностного подхода в высшем образовании//С.Л. Троянская Учебное пособие для студентов магистратуры психолого-педагогических направлений подготовки. Издательский центр «Удмуртский университет». –2016. -176 с.
[284]. Ушакова Т.Н. Речь человека в общении.//Т.Н. Ушакова. М., 1989 – 191 с.
[285]. Ушинский К.Д. Избран.пед. соч.т.11, // К. Д. Ушинский. М.,1954.
[286]. Ушинский К.Д. Инсон ҳамчун предмети тарбия. // К.Д.Ушинский Таҷрибаи педагогии аттропологӣ. –М.: 1868.
[287]. Ушинский К.Д. Педагогические сочинения в 6-ти томах.Т.5/Сост.С.Ф.Егоров.-М.:Педагогика, 1990.-528с.

[288]. Ушинский К.Д. Руководство к преподаванию по «Родному слову»// К. Д. Ушинский. М., из 18ч.,1,1893.
[289]. Ушинский К.Д. Собр. Сочинений. //К.Д. Ушинский. Том 6, М., 1949.
[290]. Файзулоева М.М., Чариева С.А. Аҳамияти кори мустақилона дар ташаккули маҳорату малакаҳои хонадагон дар омӯзиши химия.// М.М.Файзулоева. С.А.Чариева. Паёми ДДОТ ба номи С.Айнӣ.Серияи 2 (12)2022. 64 с.
[291]. Фоменко В.Т. Н.К.Крупская дар бораи таълими дидактикӣ. //В. Т. Фоменко. Душанбе 1969. -22 с.
[292]. Фрейд З. Психологияи бешуур: // З. Фрейд. Ашъори мунтахаб. Ташкил шуд, роҳбари илмӣ. М. Г. Ярошевский. –М.: Просвещение, 2000. -448 с.
[293]. Холиқназаров Ҷ.Оид ба таълими феъл дар синфҳои V-VI,(дар маҷалаи "Аз таҷрибаи муаллимони пешқадами забон ва адабиёти тоҷик"// Ҷ.Холиқназаров. Душанбе: 1958. -78 с.
[294]. Хоҷаев Икром. Методикаи мухтасари забони тоҷикӣ (барои ғоибхонони омӯзишгоҳи педагогӣ)// Хоҷаев И. Сталинобод: 1945.
[295]. Ҳоҷиев С. Масъалаҳои муҳими таълими забони модарӣ дар синфҳи 4-8.// С.Ҳоҷиев . –Душанбе:1987.-120 с.
[296]. Хуторский А.В.Соременная дидактика: учеб.//А.В. Хуторский. Пособие/ А.В.Хуторской.-М.:Высшая школа,2007.
[297]. Чередов И. М. Шаклҳои фаъолияти таълимӣ дар мактаби миёна.// И.М.Чередов. –М.:»Просвещение», 1988.
[298]. Ҷумаева Ҳадиса. Гучини адабиёти бачаҳо 4. /Ҳ.Ҷумаева., А. Байзоев., А.Азиз., Д.Атоева, соли 2023,126 с.
[299]. Шарипов Э .Алифбои шавқовар.//Э. Шарипов -Хӯҷанд: Нури маърифат, 2006,-147 с.

[300]. Шарифзода Ф. “Забони модарӣ барои синфи 2”//Ф. Шарифзода.,М.Лутфуллоев.,Б.Ғаниева.,С.Қуйбекова. Душанбе:Маориф, 2021.-319 с.
[301]. Шарифзода Ф. Бозоров Хушвахт. Дар талоши накуӣ // Ф. Шарифзода,Х.Бозоров .Душанбе: Ирфон, соли 2019.- 263 с.
[302]. Шарифзода Ф. Методикаи таълими забони модарӣ дар синф 2.// Ф.Шарифзода., М.Лутфуллоев., Б.Ғаниева.,С.Қуйбекова. Душанбе: Ирфон,2014.- 355 с.
[303]. Шарифзода Ф. Роҳнамои омӯзгор. “Забони модарӣ барои синфи 2”//Ф. Шарифзода, Лутфуллоев М., Б.Ғаниева., С.Қуйбекова (гурӯҳи муаллифон). Душанбе,ҶДММ.Алмина, 2010. 67 с.
[304]. Шарифзода Ф. Таҳқиқи асрори таҳсилот ва таълим.// Ф. Шарифов.Душанбе:Ирфон, 2020, 463 с.
[305]. Шарифзода Ф. Ҳадафи фикр –кашфи асрор.//Ф. Шарифзода Ф. Хуҷанд: Нури маърифт, 2021.250 с.
[306]. Шарифзода Ф.,Сабури Х.М. Қаюмова О.Э. Фикр карданро бояд омӯхт.// Ф.Шарифзода., Х.М.Сабури. ,О.Э.Қаюмов Хуҷанд, СИ.Файзибоев М.М. Меҳроҷ,2020.- 268 с.
[307]. Шарифзода Ф.Педагогика: назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ.//Ф. Шарифзода.-Душанбе: Ирфон,1995.-544с.
[308]. Шарифзода Ф.Таълими муштарак асоси инкишоф ва тарбия. //Ф. Шарифзода. Душанбе: Ирфон,1995.-202 с.
[309]. Шарифзода Файзулло. Доктринаи таҳсилоти насли бомаърифатиояндасоз.//Ф. Шарифзода. Душанбе: 2022.-14 с.
[310]. Шарифов Ҷ. Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ. Осор. / Ҷ. Шарифов. Душанбе: Ирфон, 2008.-169 с.
[311]. Шарифов Ф. Назария ва амалияи таълими ҳамгиро дар марҳилаи ибтидоии мактаби миёна.//Ф. Шарифов. Душанбе: Маориф, 1997.
[312]. Шарифов Ф. Педагогикаи ҳамгиро.//Ф. Шарифов Душанбе: Ирфон,2011.-511с.

[313]. Шарифов Ф. Таълими лексика дар синфи 2.//Ф. Шарифзода. Душанбе: Ирфон, Душанбе. 1982.

[314]. Шарифов Ф. Таълими ҳамгиро: проблема, таҳқиқ ва андешаҳо.//Ф. Шарифов . Душанбе: Маориф,1999. 454с.

[315]. Шарифов Ф. Таълими ҳамгиро: проблема, таҳқиқ ва андешаҳо.қ 1.//Ф. Шарифов .Душанбе: Маориф,1999.

[316]. Шарифов Ф.Педагогика.//Ф. Шарифов .-Душанбе: Ирфон, 2008. - 284с.

[317]. Шарифов Э Давраи савод ва баъзе паҳлӯҳои инкишофи нутқи баёни хурдсол. // Э. Шарипов.Хуҷанд: 2004.

[318]. Шарифов Э. Воҳидҳои фразеологӣ ва усули таълими онҳо дар синфҳои ибтидоӣ.// Э. Шарипов. Хуҷанд: 2006.

[319]. Шарифов Э. Нақли шифоҳӣ ва инкишофи нутқи хонандагони хурдсол.// Э. Шарифов. Хуҷанд: 1998. 68 с.

[320]. Шарифов Э. Таълими муштарак (синфи 1).// Э. Шарипов. Хуҷанд: 1999.

[321]. Шарифов Э. Таълими нақл ва хониши ифоданоки хонандагони синни хурди мактабӣ.// Э. Шарипов. Хуҷанд: 1997.

[322]. Шарифов Э. Таълими ҳамгиро (синфи 2).// Э. Шарипов. Хуҷанд: 1999.

[323]. Шарифов Э. Таълими ҳамгиро (синфи 3, давраи савод).// Э. Шарипов. Хуҷанд:1999.

[324]. Шарифов Э. Усули таълими нақл ва хониши ифоданок дар синфҳои ибтидоӣ (синфҳои 1-4). // Э. Шарипов. Хуҷанд: 2004.

[325]. Шарифов Э.Луғати мухтасари тафсири калима ва иборахои душвори китоби забони модарии синфҳои ибтидои. // Э. Шарипов. Хучанд: 2001.

[326]. Шербоев С. .Методикаи таълими забони тоҷикӣ./С.Шербоев С.Душанбе: 2016.-487с.

[327]. Шербоев С.Таълими баъзе масалаҳои синтаксии забони тоҷикӣ.// С.Шербоев С.-Душанбе: Маориф,1992.С. 58-59.
[328]. Шукурова М.Ш. Фарҳанги забони тоҷикӣ// М.Ш.Шукурова, В.А.Капранова. Р.Хашима, Н.А.Масуми. М.: Советская энциклопедия, Москва.1969.- 949 с.
[329]. Щукина Г.И.Педагогические проблемы формирования познавательных интересов учащихся//Г.И.Щукина.-М.: Педагогика, 1988.-208 с.
[330]. Элконин Д. Б. Хусусиятҳои синну соли наврасони хӯрдсол. // Д.Б.Элконин –М.: 1967.
[331]. Элконин Д. Б., Запорожете А. В. Психологияи кӯдакони сини томактабӣ. //Д.Б. Элконин . – М.: 1964 с.
[332]. Эльконин Д.Б. и Давидов В.В. Возрастные возможности усвоения знаний / Д.Б. Эльконин, В.В. Давидов // [Текст]. – М.: Просвещение, 1966. – 234 с.
[333]. Эльконин Д.Б. Развитие речи в дошкольном возрасте. // Д. Б Эльконин. – Москва, Просвещение, 1966 – 96 с.
[334]. Эшонҷонов А. Баъзе масъалаҳои методии таълими забони модарӣ дар мактабҳои ибтидоӣ.// А.Эшонҷонов. Душанбе: 1958.-79 с.
[335]. Эшонҷонов А. Нишондодҳои методӣ оид ба таълими китоби хониши синфи II.//А. Эшонҷонов. Душанбе: Маориф, 1977.
[336]. Эшонҷонов А., Шукуров М., Раҳмопов М. Методикаи таълими забони тоҷикӣ дар мактабҳои ибтидоӣ. //А. Эшонҷонов., М.Шукуров., М.Раҳмонов. Душанбе: Ирфон, 1964.-263 с.
[337]. Юнусов Юлдошбой. Педагогика //Ю. Юлдошбой. Душанбе: Маориф ва фарҳанг. 2005.-327 с.
[338]. Яворук О.А.Теория и практика интерактивных курсов (в системе школьного естественно-научного образования)//О.А. Яворук Челябинск: Факет. 1998.-185 с.

[339]. Якиманская И. С. Таълимоти инкишофӣ. //И.С. Якиманская. -М.: Педагогика, 1979. –144 с.

[340]. Якиманская И.С. Знания мышление школьника / И.С. Якиманская // [Текст]. – М.: Педагогика, 1985. – 76 с.

[341]. Якиманская И.С. Таълимоти шахсӣ дар мактаби ҳозиразамон. // И.С.Якиманская –М.: сентябри соли 1996. 96 с.

[342]. Якобсон П.М. Чувства, их развитие и воспитание //П.М. - Якобсон М.:Знание, 1976. - 64 с.

[343]. Яковлев В. Г. Бозиҳо дар мактаби ибтидоӣ. //В.Г. Яковлев –М.: Учпедниз, с.1952

[344]. Янг М., Мирзораҳмадов Ф. Татбиқи усулҳои фаъоли таълим. / М. Янг, Ф. Мирзораҳмадов // [Текст]. - Душанбе, 2002. – 87 с.

[345]. Янковская М.Г. Бозии эҷодӣ дар тарбияи хонандаи хӯрдсол. //М.Г. Яновская –М.: Просвещение, 1974.-128 с.

[346]. Ярошевский М. Г Таърихи психология аз қадим то миёнаи асрҳои XX: //М.Г Ярошевский. Китоби дарсӣ. М.: 1996. 416 с.

[347]. Ярославцева Е.Ю. Кризиси детского возраста. Воспитываем самостоятельность. // Е.Ю.Ярославцева – Ростов на Дону: Феникс, 2013 – 139.

## III. Маҷаллаҳо

[348]. Абдуллоев И.Мирзоев М. Таълими хат дар синфи якуми шашсолаҳо./ Маҷаллаи Мактаби Советӣ, №7, 1988.64 с.

[349]. Акбаров Исмоил. Самараи корҳои мустақилона дар ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон аз фанни таърих./ И. Акбаров. Маҷаллаи Маърифати омӯзгор, №4. 2021.64 с.

[350]. Алиев С. Талаботи замон ва баъзе масъалаҳои психологии назарияи таълими проблемавӣ/С.Алиев. Маҷаллаи Мактаби Советӣ, 1975, №2. -64 с.

[351]. Алиев С. Таълими проблемавӣ-воситаи фаъол- гардонии тафаккури хонандагон./ С.Алиев. Маҷаллаи Мактаби Советӣ, №11,1969.-64 с.
[352]. Алиев С. Хусусиятҳои психологии қафомонии талабагон дар таълим./ С.Алиев. Маҷаллаи Мактаби Советӣ, №1,с.1990.-64 с.
[353]. Алиев С. Хусусиятҳои хоси давраи аввали ташкили таълими проблемавии имло. / С.Алиев. Маҷаллаи Мактаби Советӣ, №10. 1976. – 64 с.
[354]. Атахонов Р.Хусусиятҳои синнусолӣ: фаъолияти таълимии мактаббачагони хурдсол./ Р.Атахонов, Репкин В, Маҷаллаи Мактаби Советӣ, №2,с.1980.-64 с.
[355]. Бойзода Б. Педагогика ва интегратсия./ Б.Бойзода, Р. Қурбонов. Маҷаллаи Мактаби Советӣ, №1, 1992. С-64.
[356]. Иматзода Лутфия Махмадулло. Инкишофи нутқ ва аҳамияти он дар омӯзиши ибтидоии забони // Л.М.Иматзода. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ. №2 (67) Душанбе, 2021. С.190.
[357]. Исломов С. Кори мустақилонаи донишҷӯ. / С.Исломов. Маҷаллаи Мактаби Советӣ, №6,1985.64 .
[358]. Исмоилов Ш.Истифодаи лексикаи шеваҳои маҳаллӣ дар таълими забони адабӣ.// Ш.Исмоилов. Маҷаллаи Мактаби Советӣ, №2, С.22-24.
[359]. Қодирова М. Кори мустақилонаи хонандагон/ М.Қодирова. Маҷаллаи Мактаби Советӣ, №11,1987, 64с.
[360]. Кошкина И.В.Интеграция в начальной школе/ И.В.Кошкина Начальная школа,2003, №10. -86 с.
[361]. Қурбонов Р. Мулоҳизаҳо доир ба методикаи таълими шашсолаҳо./Р.Қурбонов. Маҷаллаи Мактаби Советӣ, №6,1985, 64с.
[362]. Қурбонов Р.Баъзе масъалаҳои таълими овозу ҳарфҳо (барои шашсолаҳо) / Р.Қурбонов. Маҷаллаи Мактаби Советӣ, №11,1987, 64с.
[363]. Липкина А.И. Роҳҳои инкишоф додани фикри кӯдакони мактабӣ./ А.И.Липкина, А.Қувватов. Маҷаллаи Мактаби Советӣ, № 12, 1964, -64 с.

[364]. Лутфуллоев М. דониш, маҳорат ва малакаҳои мактаббачагони хурдсол доир ба забони модарӣ./ М. Лутфуллоев. Маҷаллаи Мактаби Советӣ, №6, 1985.- 64 с.
[365]. Лутфуллоев М. Тадриси муштараки фанҳо.// М.Лутфуллоев. Маҷаллаи Маърифат, №5.Соли 1991. -61с.
[366]. Лутфуллоев М.Барномаи забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ чӣ гуна бояд шавад?// М.Лутфуллоев. Маҷаллаи Мактаби Советӣ, №4, 1985. -56 с.
[367]. Лутфуллоев М.Мулоҳизаҳо оид ба такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ. /М.Лутфуллоев. Маҷаллаи Мактаби Советӣ, №6,1976. -64 с.
[368]. Ҷаҳонгирова В.Баъзе проблемаҳои кори мустақилонаи студентон.// В. Ҷаҳонгирова. Маҷаллаи Мактаби Советӣ, №5,1985.64 с.
[369]. Ҷураев Б. Бозиҳои грамматикӣ дар дарсҳои забони модарӣ. //Б.Ҷураев. Маҷаллаи Мактаби Советӣ, №7. 1988. С.34-37с.
[370]. Мирзоев Н. Базе роҳҳои алоқаманд намудани дарси хониш бо забони тоҷикӣ.//Н. Мирзоев. Маҷаллаи Мактаби Советӣ, №10, 1966. -60с.
[371]. Мирзоев Н.Роҳи ислоҳи ғалатҳои лаҳҷавии хонандагон ҳангоми омузиши феъл (аз таҷриба)//Н. Мирзоев. Маҷаллаи Мактаби Советӣ, №7. 1975.64 с.
[372]. Муродзода Х. “Таълими сиғаҳои феъл дар синфи VI” // Х.Муродзода. Маҷаллаи Маърифат, №4.Душанбе 1992. -64 с.
[373]. Мустафоқулов Т.Хусусиятҳои психологии ҳиссӣ маънавии бачагони синни хурди мактабӣ./ Т.Мустафоқулов. Маҷаллаи Мактаби советӣ, №10, с1983,-64с.
[374]. Нилобеков А. Роҳҳои пешгирии қафомонии хонандагон. //А.Нилобекова. Маҷаллаи Мактабти советӣ, №6.1976. -64 с.
[375]. Ҳомидов Ҷ. Намунаи банақшагири мавзуъҳои хониши синфи II.//Ҷ. Ҳомидов. Маҷаллаи Маҷаллаи Мактаби советӣ, №7. 1983. С.47-53.

[376]. Ҳомидова А. Вазифаи хонагӣ ва санҷиши он. //А.Ҳомидова. Маҷаллаи Мактаби советӣ, №4.1981.-64 с.
[377]. Раҷабов К. Машғулияти ибратбахш дар проссеси таълим. /К.Раҷабова. Маҷаллаи Мактаби советӣ, №1.1988.-64 с.
[378]. Роҳҳои асосии ислоҳоти мактаби маълумоти умумӣ ва касбӣ. Маҷаллаи Мактаби советӣ, №6, 1984.- 60 с.
[379]. Рустамов Қ., Мирзоев А. Таълими асосҳои феъл дар синфи V.//Қ. Рустамов, А.Мирзоев. Душанбе: Маҷаллаи Мактаби Советӣ, №7,1987.20 с.
[380]. Сангов Қ. Нашри тозаи "Забони тоҷикӣ" барои синфҳои V// Сангов Қ. Маҷалаи Маърифат, №5,1991.С.61-62.
[381]. Сангов Қ.Таълими мавзӯи "Замони гузаштаи сиғаи хабарии феъл"дар синфи VI.// Қ.Сангов.З. Муҳсиддинов. Маҷаллаи Мактаби Советӣ, №10,1977. 64 с.
[382]. Сангов Қаюм. Алоқамандии таълими лексика бо мофология. (дар асоси материали исм)// Сангов Қ. Маҷаллаи Мактаби Советӣ, №12, 1983. - 64 с.
[383]. Сангов Қаюм. Кор бо калимаҳои омонимӣ дар рафти таълими исм, сифат, ва феъл// Сангов Қ. Маҷаллаи Мактаби Советӣ, №3,1973.64 с.
[384]. Соколов А.А. Мозговой штурм. //А.А. Соколов. Директор школы, 2006, №1. - С. 30-34.
[385]. Тағоев С. Баъзе роҳҳои инкишофи нутқи мураттаби хонандагон дар дарсҳои забони модарӣ//С.Тағоев. Маҷаллаи Мактаби Советӣ, №7,1983. -60 с.
[386]. Тағоев С. Машқҳо доир ба ташаккули нутқи мадании хонандагон//С. Тағоев. Маҷаллаи Мактаби Советӣ, № 6, соли 1988.- 64 с.
[387]. Тағоев С. Нақли хаттӣ бо супориши грамматикӣ//С. Тағоев. Маҷаллаи Мактаби Советӣ, №10, 1989. -60 с.
[388]. Тағоев С. Таълими аъзоҳои чидаи ҷумла дар синфи сеюм//С. Тағоев. Маҷаллаи Мактаби Советӣ, №4. 1979, 64 с.

[389]. Тағоев С.Машқҳо оид ба инкишофи нутқи мураттаб ҳангоми таълими ҷумла.//С. Тағоев. Маҷаллаи Мактаби Советӣ, №12, 1980,- 64 с.
[390]. Тағоев С.Намудҳои кор бо калимаҳои муқобилмаъно./С. Тағоев. Маҷаллаи Мактаби Советӣ, № 12, 1976. 64 с.
[391]. Ҷӯраев Р.Баъзе навъҳои бозиҳои шавқовар дар дарсҳои таъ- лими савод.//Р. Ҷӯраев. Маҷаллаи Мактаби Советӣ, №11,1989.60 с
[392]. Ҷӯраев Р.Бозиҳо дар дарси грамматика.// Р.Ҷӯраев. Маҷаллаи Мактаби Советӣ, №11, 1981. 60 с.
[393]. Шарифзода Ф. Ташаккули маданияти зеҳнӣ ва рушди тафаккури хонандагон//Ф. Шарифзода Паёми ДМТ №3/1. 2017. -174 с.
[394]. Шарифов Ф. Шинос намудани хонандагон бо калимаҳои сермаъно ҳангоми таълимӣ мавзуи «Ҳаракати предметҳо» //Ф. Шарифзода. Маҷаллаи Мактаби Советӣ, №10, 1987. 60 с.
[395]. Шаҳобиддинов М. Иншо дар асоси мушоҳида// М.Шаҳобиддинов. Маҷаллаи Мактаби Советӣ, №9, соли 1986.- 60 с
[396]. Ярошевский М.Г. Хотираи бачаи синнусоли хурди мактабӣ. //М.Г. Ярошевский.,Сафаров Н. Маҷаллаи Мактаби Советӣ, №6. 1964.-64 с.

**IV.Сомонаҳои электронӣ**

[397]. Агапова Г.Х. Особенности организатции самостоятельной работы при обучении русскому языку // Г.Х.Агапова., В.А.Хопренинова Научно-методический электронный журнал «Концепт». – 2017. – Т. 13. – С. 1–5. – URL: http://e-koncept.ru/2017/770274.htm.
[398]. Пуйлова Марина Алексеевна. Интеллектуальное развитие младших школьников на уроках гуманитарного цикла// Концепт. 2015. №09 (сентябрь).–ART15326. –0,4п.л. –URL: http://ekoncept. ru/2015/ 15326.htm.–ISSN 2304120X.
[399]. Севрюкова И.О. Формирование у обучающихся навыков самостоятельной работы на урок. //И.О.Севрюкова. http://ext.spb.ru/2011-0329090314/7correctional/17827Formirovanie_u_obuchayushchikhsya_

navykov _samos-toyatelnoy_ raboty_ na_ uroke. html(дата обрашения 12.02.2023).
[400]. Хуторской А.В. Технология проектирования ключевых и предметных компетенций // Интернет-журнал "Эйдос". 2005. 12 декабря. http://www.eidos.ru/journal/2005/1212.htm.

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

**[1-М]. Бозоров Хушвахт.** Афкори методистони тоҷик нисбати фаъолияти мустақилонаи таълимӣ дар рушди зеҳну нутқи кӯдакон /Х. Бозоров.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.Бахши илмҳои педагогӣ - 2023, №1.С.228-234.

**[2-М]. Бозоров Хушвахт.** Истифодаи фаъолияти мустақилонаи таълимӣ бо дарназардошти имконоти зеҳнию нутқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ /Х. Бозоров.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ - 2023, №6. С. 225-232.

**[3-М]. Бозоров Хушвахт.** Нақши кадрҳои педагогӣ дар рушди имконоти зеҳнию нутқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ /Х. Бозоров.// Паёми Донишгоҳи милли Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ - 2023, №7.С. 210-218.

**[4-М]. Бозоров Хушвахт.** Муайян кардани мақсад ва вазифаҳои фаъолияти мустақилонаи таълимӣ дар раванди таълими забони модарии синфҳои ибтидоӣ. /Х.Бозоров.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ - 2022, №2. С.197-203.

**[5-М]. Бозоров Хушвахт.** Фаъолияти мустақилонаи таълимӣ омили рушди нерӯи ақлию зеҳни талабагони хурдсол /Х.Бозоров// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ. 2022, №4. С.264-270.

**[6-М]. Бозоров Хушвахт.** Ташкили фаъолияти мустақилонаи таълимии талабагони синфҳои ибтидоӣ дар машғулиятҳои забони модарӣ. /Х.Бозоров Х.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ - 2022, №5. С.306-312.

**[7-М]. Бозоров Хушвахт.** Мақсад ва вазифаҳои фаъолияти мустақилона таълимӣ дар раванди таълими забони модарии синфҳои ибтидоӣ. /Х.Бозоров.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ -2022, №6. С.158-168.

**[8-М]. Бозоров Хушвахт.** Ба кори мустақилонаи таълими забони модарӣ одат кунонидани талабагони синфҳои ибтидоӣ. /Х.Бозоров.// Паёми Донишгоҳи Омӯзгории Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ -2022. №2 (12).С.194-200.

**[9-М]. Бозоров Хушвахт.** Мусоидати методикаи ибтикории ташкили фаъолияти таълимии мустақилонаи хонагӣ дар рушди зеҳнию забонии талабагони хурдсол. /Х.Бозоров.// Паёми Донишгоҳи Омӯзгории Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ - 2022.№4 (14). С.183-190.

**[10-М]. Бозоров Хушвахт,** Ҳамроева Қ. Ба кори мустақилонаи таълими забони модарӣ одат кунонидани талабагони синфҳои ибтидоӣ. /Х.Бозоров// Паёми Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб. Бахши илмҳои педагогӣ. - 2022, №1 (26) С.123-130.

**[11-М]. Бозоров Хушвахт.** Арзёбии ташаккулдиҳанда омили рушди қобилияти зеҳнию нутқии талабагони хурдсол дар раванди фаъолияти мустақилона таълимӣ. /Х. Бозоров.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ - 2021, №8. С. 234-239.

**[12-М].** Бозоров Хушвахт. Методҳое, ки ба рушди қобилияти зеҳнию нутқии талабагон мусоидат мекунад. /Х.Бозоров. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- Душанбе, 2021, №6. Саҳ.251-256. (-ISSN 2074-1847)

**[13-М]. Бозоров Хушвахт.** Ташкили фаъолияти мустақилонаи талабагони синфҳои ибтидоӣ дар машғулиятҳои забони модарӣ./Х. Бозоров.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ - 2021, №2. С.271-279.

**[14-М]. Бозоров Хушвахт,** Ҳамроева Қ. Мавқеъ ва мақоми фаъолияти мустақилонаи талабагони синфҳои ибтидоӣ дар машғулиятҳои забони модарӣ. /Х. Бозоров.// Паёми Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб. Бахши илмҳои педагогӣ. -2021, №1, (25) С.79-89.

**[15-М]. Бозоров Хушвахт.** Фаъолияти мустақилонаи таълимӣ, омили асосии рушди зеҳнию нутқии талабгон дар дарсҳои забони модарӣ. / Х.Бозоров.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ -2020, №1, С.254-260.

**[16-М]. Бозоров Хушвахт.** Аҳамияти бозиҳои таълимӣ дар рушди зеҳни ва нутқии навомӯзон (давраи таълими савод)./ Х.Бозоров.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ.-2019.№1,С.208-213.

**[17-М]. Бозоров Хушвахт.** Дар талоши накӯӣ. / Х.Бозоров.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ. -2018. №7, С. 308-312.

**[18-М]. Бозоров Хушвахт,** Ҳамроева С. Таъсири тарбиявӣ ва рушддиҳандаи бозиҳо ба тарбияи кӯдакони синни хурди мактабӣ. /Х. Бозоров// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ. Душанбе, 2017. №3/4, С.314-316.

**[19-М]. Бозоров Хушвахт.** Ташаккули тарбияи маънавии кӯдакон./ Х.Бозоров. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе, 2016, №3\3( 202). Саҳ.226-229. (ISSN 2074-1847)

**[20-М]. Бозоров Хушвахт.** Ташаккули ҷаҳони маънавии хонандагон дар муҳити хонавода. / Х.Бозоров. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе, 2016, №3\4( 206) Саҳ.249-253. (ISSN 2074-1847)

**[21-М]. Бозоров Хушвахт.** Марҳилаҳои ташаккӯлёбии малакаҳои ахлоқии кӯдакон. /Х. Бозоров. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе, 2015, № 3\8( 182). Саҳ.253-256. (ISSN 2074-1847)

**[22-М]. Бозоров Хушвахт.** Марҳилаҳои ташаккӯлёбии малакаҳои ахлоқии кӯдакон. /Х. Бозоров. Паёми Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб. Кӯлоб 2015, № 2(13). Саҳ.135-138. (ISSN 2616-5260)

**[23-М]. Бозоров Хушвахт.** Позитивное отношение, как составная часть нравственных качеств детей и подростков. /Х. Бозоров// Вестник Таджикского национального университета. 3\6(96), 2012. С.227 -230. (ISSN 2074-1847).

**II. Мақола ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаи маводи конференсияҳо:**

**[24-М]. Бозоров Х.** Низоми баҳогузорӣ омили беҳтар гардидани сифати курсҳои такмили ихтисос. /Х. Бозоров. Конференсияи Ҷумҳуриявӣ бахшида ба моҳи «Илм». Душанбе, ДҶТИБКСМ, апрели 2014. 5 с.

**[25-М]. Бозоров Х.** Истифодаи усулҳои дидактикӣ дар давраи таълими савод. /Х. Бозоров. Конференсияи Ҷумҳуриявӣ бахшида ба моҳи илм. Душанбе,ДҶТИБКСМ 15.04.2015.5с.

**[26-М]. Бозоров Х.** Нақши рӯзи иттиҳодияи методӣ дар рушди малакаҳои хониши хонандагони синфҳои ибтидоӣ. /Х. Бозоров. Семинар машварти Ҷумҳуриявӣ (бо мудирони кабинетҳои методии назди шуъбаҳои маорифи Ҷумҳурӣ) Душанбе,7-8.10.2016.9 с.

**[27-М]. Бозоров Х.** Ташаккули тарбияи манавии кӯдакон»Конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Тарбияи арзишҳои маънавӣ- ахлоқии насли наврас: Мушкилот ва роҳҳои ҳаллӣ он». /Х. Бозоров. Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Кӯлоб,15 майи соли 2019. 6с.

**[28-М]. Бозоров Х.** Муносибати босалоҳият ба таълим омили асосии рушди зеҳнию нутқии талабагони синфҳои ибтидоӣ дар таълими забони модарӣ. Маводи конференсияи Ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Масъалаҳои тамоили салоҳиятнокӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусии синфҳои ибтидоӣ”/ Х.Бозоров. ДДОТ, 7 .12 2019. С. 304-308.

**[29-М]. Бозоров Х.** Дар раванди ташкили фаъолияти мустақилонаи таълимӣ ба эътибор гирифтани имкониятҳои зеҳни талабгони хурдсол. /Х.Бозоров. Конференсияи илми-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷуён оид ба натиҷагирии корҳои илми тадқиқоти

дар соли 2019, бахшида ба “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ” солҳо 202-2040). Кӯлоб, апрели 2020. с.295-297.

**[30-М]. Бозоров Х.** Аҳамияти бозӣ ва инкишофи нутқ дар давраитаълими савод./ Х.Бозоров. Конференсияи илми-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷуён оид ба ҷамъбасти корҳои илми тадқиқоти дар соли 2018. Кӯлоб, апрели 2019. с.174-176.

**[31-М]. Бозоров Х.** Касбу ҳунарҳои мардуми аз нигоҳи ниёгони тоҷик. /Х.Бозоров. Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмӣ- амалии Ҷумҳуриявии” Омӯзиш ва татбиқи афкори педагогии ниёгон дар таҳсилоти муосир” Душанбе 2021.с72-76.

**[32-М]. Бозоров Х.** Фаъолияти якҷоя омили асосии рушди зеҳнию нутқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ / Х.Бозоров.Конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷуён оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ тадқиқотӣ дар соли 2021-2022 ва вазифаҳо барои соли 2022 (Ҷ.2) .Кӯлоб, апрели 2022. с.49-53.Бахшида ба эълон гардидани солҳои 2022-2026 “Солҳои рушди саноат” ва Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқ” ( Солҳои 2020-2026).

**[33-М]. Бозоров Х.** Фаъолияти якчоя (интерактив) омили рушди зеҳнию нутқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ.(Маводи конференсияи ҷуҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Рисолати касбӣ ва миллии омӯзгор дар замони муосир” Бахшида ба 80 солагии н.и.п.,дотсент Иброҳимов Грез/ Х.Бозоров .Кӯлоб,2022,-228 с.

**[34-М]. Бозоров Х.** Технология ва усулҳои умуми таълими салоҳиятнокӣ. (Маводи конференсияи ҷуҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Рисолати касбӣ ва миллии омӯзгор дар замони муосир” Бахшида ба 80 солагии н.и.п.,дотсент Иброҳимов Грез/ Х.Бозоров .Кӯлоб,2022,-228 с.

### III.Воситаҳои таълимию методӣ:

**[35-М]. Бозоров Х.** Материалҳои дидактикӣ оид ба таълими савод. / Х.Бозоров. Кӯлоб 1989, 34 с.

[36-М]. **Бозоров Х.** Ташкили машғулият дар синфҳои дукомплекта. / Х.Бозоров. Кӯлоб, 2007, 24 с.

[37-М]. **Бозоров Х.** Истифодаи усулҳои нави таълим дар дарс. / Х.Бозоров. Кӯлоб, 2010,14 с.

[38-М]. **Бозоров Х.** Ташкили иттиҳодияи методии фанни дар мактаб. / Х.Бозоров. Кӯлоб, 2011, 34с.

[39-М]. **Бозоров Х.** Дастури таълимӣ- тарбиявӣ “Нек дарёбу бад макун зинҳор...”. / Х.Бозоров. Душанбе, “Ирфон” с. 2016. - 162 с.

[40-М]. **Бозоров Х.** Дастури таълимӣ- тарбиявӣ “Дар талоши накуӣ”. [Матн]. / Бозоров. Душанбе, “Ирфон” с. 2019. - 264 с.

[41-М]. **Бозоров Х**. Дастури методӣ. “Аҳамияти усули ҳамкорӣ (интерактивӣ) дар таълими фанни “ Забони модарии синфҳои ибтидоӣ”. / Х.Бозоров. Душанбе: “Матбаа” 2019. – 71 с.

[42-М]. **Бозоров Х.** Дастури методӣ. “Ташкили дурусти фаъолияти мустақилонаи таълимӣ- яке аз востаҳои асосии рушдиҳандаи зеҳн ва нутқи хонандагони синфҳои ибтидоӣ” /Х.Бозоров - Душанбе: “Матбаа” 2020.-103 с.

[43-М]. **Бозоров Х.** Монография. **“**Асосҳои методии ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳни хонандагони синфҳои ибтидоӣ**”** /Х.Бозоров - Душанбе: “Матбаа” 2023.-240 с.

### IV.Таҷрибаи пешқадам

[44-М]. **Бозоров Х.** Мероси падар хоҳӣ касби падар омӯз (Аз таҷрибаи омӯзгори синфҳои ибтидоии Гимназияи «Муъминобод» Шоҳбозов Шерназар. / Х.Бозоров. Кӯлоб, 2008, 18 с.

[45-М]. **Бозоров Х.** Шавқ агар роҳбар шавад…(Аз таҷрибаи омӯзгори синфҳои ибтидоии МТМУ №2-и ш.Кӯлоб Ҷ. Зубайдова). / Х.Бозоров. Кӯлоб, 2010, 22 с.